ISSN 2790-7198

**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАҲОИ**
**ДАВЛАТҲОИ ОСИЁ ВА АВРУПО**

**НАЦИОНАЛЬНАЯ АКАДЕМИЯ НАУК ТАДЖИКИСТАНА**
**ИНСТИТУТ ИЗУЧЕНИЯ ПРОБЛЕМ**
**СТРАН АЗИИ И ЕВРОПЫ**

**NATIONAL ACADEMY OF SCIENCES OF THE TAJIKISTAN**
**INSTITUTE OF STUDYING OF THE PROBLEMS**
**OF ASIAN AND EUROPEAN COUNTRIES**

# ОСИЁ ВА АВРУПО

**(маҷаллаи илмӣ)**

# АЗИЯ И ЕВРОПА

**(научный журнал)**

# ASIA AND EUROPE

**(Scientific Journal)**

**№ 1 (13), 2023**

**Душанбе - 2023**

**Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо** – сармуҳаррир, директори Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо;
**Раҳмонзода Азимҷони Шералӣ** – муовини сармуҳаррир;
**Одинаев Нурмуҳаммад** – муҳаррири масъул;
**Ҳабибов Абдураҳмон** – котиби масъул.

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**

**Фарҳод Раҳимӣ** – академик, Президенти АМИТ;
**Муҳаммад Абдурраҳмон** – ноиби Президенти АМИТ;
**Акбар Турсон** – доктори илмҳои фалсафа, академики АМИТ;
**Мирзо Муллоаҳмад** – доктори илмҳои филологӣ, узви вобастаи АМИТ;
**Шодимуҳаммад Суфизода** – доктори илмҳои филологӣ;
**Ҳабибулло Раҷабов** – доктори илмҳои филологӣ;
**Тоҷиддин Мардонӣ** – доктори илмҳои филологӣ;
**Санавбар Воҳидова** – доктори илмҳои таърих;
**Қосимшо Искандаров** – доктори илмҳои таърих;
**Ниёз Мирзоев** – доктори илмҳои таърих;
**Шамсиддин Каримов** – доктори илмҳои сиёсӣ;
**Раҳмон Улмасов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ҳисайн Исайнов** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Баҳовиддин Ҷумъаев** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Фирдавс Муқаддасзода** – доктори илмҳои иқтисодӣ;
**Ғиёсиддин Қодиров -** номзади илмҳои филологӣ;
**Ҳусенбой Қиёмидинов -** номзади илмҳои иқтисодӣ;
**Муҳаммадамин Оймаҳмадов** – номзади илмҳои иқтисодӣ;
**Субҳиддин Зиёев -** номзади илмҳои филологӣ.

**Муассиси маҷалла: Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо.**

Дар маҷалла мақолаҳою фишурдаҳои илмӣ, тақризҳо ва ахбор дар бахши муносибатҳои байналмилалӣ, сиёсати беруна, иқтисодиёти ҷаҳонӣ, забон ва адабиёти кишварҳои хориҷа ба табъ мерасанд.

Маҷалла соли 2019 таъсис ёфта, дар як сол чор шумора нашр мешавад.

**Маҷаллаи илмии «Осиё ва Аврупо» таҳти рақами 154/РЗ – 97 санаи 12 июни соли 2020 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.**
**Индекси обунавӣ: 77731**

**Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯчаи Рӯдакӣ-33.
Тел.: (+992 37) 221 05 72. Сомонаи мо: www.osiyoavrupo.tj.

Осиё ва Аврупо/Маҷаллаи илмӣ. – 2023 – № 1 (123). ISSN 2790-7198.

**Ниёзи Ёрмахмад Бобо** – главный редактор, директор Института изучения проблем стран Азии и Европы;
**Рахмонзода Азимджони Шерали** – заместитель главного редактора;
**Одинаев Нурмухаммад** – ответственный редактор;
**Хабибов Абдурахмон** – ответственный секретарь.

## РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ

**Фарход Рахими** – академик, Президент НАНТ;
**Мухаммад Абдуррахмон** – вице-президент НАНТ;
**Акбар Турсон** – доктор философских наук, академик НАНТ;
**Мирзо Муллоахмад** – доктор филологических наук, член-корр. НАНТ;
**Шодимухаммад Суфизода** – доктор филологических наук;
**Хабибулло Раджабов** – доктор филологических наук;
**Тоджиддин Мардони** – доктор филологических наук;
**Санавбар Вохидова** – доктор исторических наук;
**Косимшо Искандаров** – доктор исторических наук;
**Ниёз Мирзоев -** доктор исторических наук;
**Шамсиддин Каримов**– доктор политических наук;
**Рахмон Ульмасов** – доктор экономических наук;
**Хисайн Исайнов** – доктор экономических наук;
**Баховиддин Джумъаев** – доктор экономических наук;
**Фирдавс Мукаддасзода** – доктор экономических наук;
**Гиёсиддин Кодиров** – кандидат филологических наук;
**Хусенбой Киемидинов** – кандидат экономических наук;
**Махмадамин Оймамадов** – кандидат экономических наук;
**Субхиддин Зиёев -** кандидат филологических наук.

**Niyozi Yarmahmad Bobo** – Chief Editor, director of Institute of studying of the problems of Asian and European countries;
**Rahmonzoda Azimjoni Sherali** – Deputy of Chief Editor;
**Odinaev Nurmuhammad** – Executive Editor;
**Habibov Abdurahmon** – Executive Secretary.

## EDITORIAL TEAM

**Farhod Rahimi** – President of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST);
**Muhammad Abdurahmon** – Vice-President of the NAST;
**Akbar Turson** – Academician of the NAST, doctor of philosophy sciences;
**Mirzo Mulloahmad -** Corresponding Member of the NAST, doctor of philology sciences;
**Shodimuhammad Sufizoda** – doctor of philology sciences;
**Habibullo Rajabov** – doctor of philology sciences;
**Tojiddin Mardoni**– doctor of philology sciences;
**Sanavbar Vohidova** – doctor of historical sciences;
**Qosimsho Iskandarov** – doctor of historical sciences;
**Niyoz Mirzoev** – doctor of historical sciences;
**Shamsiddin Karimov -** doctor of political sciences;
**Rahmon Ulmasov** – doctor of economic sciences;
**Hisain Isainov** – doctor of economic sciences;
**Bahoviddin Jumaev** – doctor of economic sciences;
**Firdavs Muqaddaszoda** – doctor of economic sciences;
**Giyosiddin Qodirov** – candidate of philology sciences;
**Husenboy Qiyomidinov** – candidate of economic sciences;
**Mahmadamin Oymahmadov** – candidate of economic sciences;
**Ziyoev Subhiddin** - candidate of philology sciences.

# МУНДАРИҶА

Акбар Турсон. Дипломатия: бо дӯстон мурувват, бо душманон мудоро 7

## МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛХАЛҚӢ

Раҷабов Ҳ. Нарендра Модӣ – сарвазири Ҳиндустон аз Ҳизби халқии Ҳиндустон 13
Воҳидова С. Назаре ба таърихи Италия ва ташаккули муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин кишвар дар замони муосир 21
Қудратзода К.А. Ҳамгироии иқтисодӣ дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар доираи фаъолияти АСЕАН 26
Ашуров А.М. Ташаккули фазои ягонаи иктисодӣ ҳамчун омили ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ 43
Зиёев С.Н., Мирова М. Аҳзоби сиёсӣ ва нақши онҳо дар инкишофи моҷароҳои дохилии Афғонистон то замони ғасби ҳукумат аз ҷониби Толибон 47
Қудратзода К.А., Кушо Ф.М. Кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ ва нашри адабиёти таълимӣ-методӣ дар Афғонистон (солҳои 2001-2016) 53
Мирзоев Ҳ.Т., Азизов С.Ҷ. Муносибатҳои дуҷонибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой 65
Нигораи Нарзӣ. Ҷанбаҳои муҳими ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо 75
Файзуллаева Н.Н. Таҳлили муқоисавии ҳамкориҳои иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Тоҷикистон ва Ӯзбекистон 82

## ШАРҚШИНОСӢ

Мардонӣ Т.Н. Арабҳо дар шеъри Муҳаммад Иқбол 94
Раҳмонов М. Нигоҳе ба макону мақоми тоҷикони Покистон 106
Қурбонова М. Тӯрақул Зеҳнӣ муҳаққиқ ва мунаққиди забони рӯзномаи «Овози тоҷик» 117
Каримова Ш.Т. Заминаҳои густариши равобити фарҳангӣ ва адабӣ дар давраи Истиқлолият 125
Баёнов М.Б. Аввалин пажӯҳиши осори Саҳобии Астарободӣ 134

## ИҚТИСОДИЁТИ ҶАҲОНӢ

Қиёмидинов Ҳ., Ашуров Б. Амнияти озуқаворӣ дар давлатҳои АвруОсиё: мушкилот ва роҳҳои ҳалли он 143
Ҳабибов А.Ҳ. Дурнамои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои муосири ҳамгироии Осиёи Марказӣ 150
Набиҷонова М.Р. Соҳибкорӣ - ҳамчун шакли шуғли занон 156
Каримова М.М. Нақши унсурҳои иттилоотӣ дар инфрасохтори минтақавии бизнеси хурд 163

## ТАҚРИЗ, КИТОБИЁТ, ТАРҶИМА ВА ТАҲИЯ

Раҳмонов М. Ҳабибулло Раҷабов - симои илмии Тоҷикистону Ҳиндустон 172
Ҳамидова С.Ф. Таърихи барқарорсозӣ ва рушди муносибатҳои сиёсӣ-дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон 177
Абдуллозода М. Рушди муносибатҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистон бо Чин дар солҳои соҳибистиқлолӣ 188
Олимова Н. Муносибатҳои илмӣ - фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон 195

# СОДЕРЖАНИЕ

Акбар Турсон. Дипломатия: милосердие с друзьями, милость к врагам **7**

## МЕЖДУНАРОДНЫЕ ОТНОШЕНИЯ

Раджабов Х. Нарендра Моди — премьер - министр Индии от Индийской народной партии **13**
Вохидова С. Взгляд на историю Италии и формирование двусторонних отношений Таджикистана с этой страной в современном мире **21**
Кудратзода К.А. Экономическое сотрудничество в Юго-Восточной Азии в рамках деятельности АСЕАН **26**
Ашуров А.М. Формирование единного экономического пространства как фактор обеспечения региональной интеграции в Центральной Азии **43**
Зиёев С.Н., Мирова М. Политические партии и их роль в развитии внутренних конфликтов в Афганистане до времени захвата власти Талибаном **47**
Кудратзода К.А., Кушо Ф.М. Помощь международных организаций в обеспечении материально-технической базы и издании учебно-методической литературы в Афганистане (2001-2016 гг.) **53**
Мирзоев Х.Т., Азизов С.Дж. Двусторонние отношения Республики Казахстан и Китайская Народная Республика **65**
Нигораи Нарзи. Важные аспекты сотрудничества Республики Таджикистан и Европейского Союза **75**
Файзуллаева Н.Н. Сравнительный анализ экономического сотрудничества Южной Кореи с Таджикистаном и Узбекистаном **82**

## ВОСТОКОВЕДЕНИЕ

Мардони Т.Н. Арабы в стихах Мухаммада Икбала **94**
Рахмонов М. Взгляд на место и статус таджиков Пакистана **106**
Курбонова М. Туракул Зехни исследователь и критик языка газеты “Овози тоджик” **117**
Каримова Ш.Т. Предпосылки развития культурных и литературных связей в период независимости **125**
Баёнов М.Б. Первое исследование произведений Сахоби Астарободи **134**

## МИРОВАЯ ЭКОНОМИКА

Киёмидинов Х., Ашуров Б. Продовольственная безопасность государств ЕврАзЭС: проблемы и пути решения **143**
Хабибов А.Х. Перспективы экономического развития Республики Таджикистан в современном интеграционном пространстве Центральной Азии **150**
Набиджонова М.Р. Предпринимательство как форма женской занятости **156**
Каримова М.М. Роль информационного элемента в региональной инфраструктуре малого бизнеса **163**

## РЕЦЕНЗИИ, БИБЛИОГРАФИЯ, ПЕРЕВОД И РАЗРАБОТКА

Рахмонов М. Хабибулло Раджабов - литературный деятель Таджикистана и Индии **172**
Хамидова С.Ф. История становления и развития политико-дипломатических отношений Таджикистана и Индии **177**
Абдуллозода М. Развитие разнообразия отношений Таджикистана с Китайем в годы независимости **188**
Олимова Н. Научно-культурные отношения Таджикистана и Индии **195**

# CONTENTS

Akbar Turson. Diplomacy: mercy with friends, good treatment of enemies **7**

**INTERNATIONAL RELATIONS**

Rajabov Kh. Narendra Modi - prime minister of India for the Indian people's party **13**

Vohidova S. A look at the history of Italy and the formation of bilateral relations of Tajikistan with this country in the modern world **21**

Kudratzoda K.A. Economic cooperation in the region of South-East Asia in the framework of ASEAN **26**

Ashurov A.M. Formation of a single economic space as a factor of regional integration in Central Asia **43**

Ziyoev S.N., Mirova M. The political parties and their role in afghans' conflict since Taliban regimes **47**

Kudratzoda K.A., Kusho F.M. Assistance of international organizations in providing the material and technical base and publishing educational and methodological literature in Afghanistan (2001-2016) **53**

Mirzoev Kh.T., Azizov S.J. Bilateral relations of the Republic of Kazakhstan and the People's Republic of China **65**

Nigorai Narzi. Important aspects of cooperation between the Republic of Tajikistan and the European Union **75**

Faizullaeva N.N. Comparative analysis of South Korean economic cooperation with Tajikistan and Uzbekistan **82**

**ORIENTAL STUDIES**

Mardoni T.N. The arabs in the poems of Muhammad Ikbal **94**

Rahmonov M. An overview about place and status of tajiks of Pakistan **106**

Kurbonova M. Turakul Zehni researcher and language critic of the newspaper "Ovozi Tojik" **117**

Karimova Sh.T. Grounds for development of cultural and literary relations during independence **125**

Bayonov M.B. The first search on Sahobi Astarobodi's works **134**

**WORLD ECONOMY**

Kiyomidinov H., Ashurov B. Food security of the EURASEC states: problems and solutions **143**

Habibov A.H. Prospects for the economic development of the Republic of Tajikistan in the modern integration space of Central Asia **150**

Nabijonova M.R. Entrepreneurship as a form of women's employment **156**

Karimova M.M. The role of informational element in the regional infrastructure of small business **163**

**REVIEWS, BIBLIOGRAPHY, TRANSLATION AND DEVELOPMENT**

Rahmonov M. Habibullo Rajabov - literary figure of Tajikistan and India **172**

Hamidova S.F. History of formation and development of political and diplomatic relations of Tajikistan and India **177**

Abdullozoda M. Development of the diversity of relations of Tajikistan with China in the years of independence **188**

Olimova N. Scientific and cultural relations between Tajikistan and India **195**

***САҲИФАИ МУҲАРРИР***

# ДИПЛОМАТИЯ: БО ДӮСТОН МУРУВВАТ, БО ДУШМАНОН МУДОРО

**АКБАР ТУРСОН**
академики АМИТ

*Ду чиз тираи ақл аст: лаб фурӯ бастан*
*Ба вақти гуфтану гуфтан ба вақти хомӯшӣ!*
Саъдии Шерозӣ

**1**

Бузургони мо меандешиданд, ки сиёсат илм бошад ё ҳунар? Боре ман аз сиёсатмадори маъруфи тоҷик, дипломати оламдидаю одамшинохта Эркинхони Раҳматуллозода хостам, ки ақидаашонро перомуни ин муаммо гӯянд. Чаро ки соҳибҷашни мӯҳтарами мо, сиёсатро бо илм пайваста дар ҳар ду ҷабҳа комраво гаштаанд. Лекин барои ин фурсати муносиб нарасид. Бинобар ин ҳоло ҷашнвораи Эркинхонро фоли нек дониста дар ҳошияи андешаи илмии корномаи дипломатии эшон баъзе андешаҳоямро андар ин мавзӯъ дар қалами электронӣ меорам.

Дипломатия дахолату далолатест дар равобиту муносибатҳои байналмилалӣ: аз барқарор кардани муносибатҳои мусолиҳатомези дуҷониба гирифта, то гуфтушуниди бисёртарафа барои таъмини бехатарии ҷаҳоншумул, ба хусус, пешгирӣ кардани бархӯрди мусаллаҳонаи давлатҳои бузург бо истифода аз яроқи атомӣ – пуриқтидортарин аслиҳае, ки қуввату қудраташ на фақат барои қатли оми тамоми инсоният ба унвони бунёдкори яке аз тамаддунҳои мутараққии кайҳонӣ, балки барои несту нобуд карда партофтани умуман тухми ҳаёти зинда дар сайёраи Замин ҳам мерасад, ки дар сурати амалӣ шуданаш ҷинояте мебуд, ки дар ягон тарозуи ақлу адл арзёбӣ кардан ҳеҷ мумкин нест! Чунки дар натиҷа иқдоми якҷоя ва бефосилаи ҳеҷ набуд панҷмиллиардсолаи татаввур (эволутсия)-и моддию маънавии Коинот барҳам мехӯрад, ки такрор шудани он ба куллияти хеш амри муҳол бувад! Ин ҳақиқати фавқулодда ваҳшатнокро маҳз дар айни ҳол, ки як замони масъулиятситезиҳои сиёсатмадорони ҷаҳолатпешаву худнамост, талқину таъкид кардан ҳам фарзи ахлоқисту ҳам қарзи таърихии аҳли ақлу хирадест, ки буду шудаш аз нури судманди ахлоқи воло низ мунаввар шудаст! Ку нерӯи ваҳшатниҳеби муъҷикоре, ки банӣ-Одамро аз дасти қалби ваҳшиёни одамисурати кунунӣ наҷот дода тавонад?!..

Лекин баргардем ба асли матлаб. Мафҳуми умдае, ки баъди Ҷанги Ҷаҳонии Дувум ба категорияи меҳварии дипломатия табдил ёфт, *манфиати миллӣ* унвон шудаст. Дар байни масъалаву вазифаҳое, ки ба ӯҳдаи дипломатҳо вогузор шудаст, муҳимтарин ва пурмасъулияттарин вазифа ҳимояи ҳамин манфиати миллист, ки бисёрбӯъдаву истидлолталаб бувад.

Куллан бигирем, кори дипломатӣ сириштан аз навъи ихтисосу пешаҳоест, ки онҳоро *шахсиятмеҳварона* унвон кардан ҷойиз аст. Дар муносибатҳои байналхалқӣ маҳз саъю кӯшиши пайваста ва пурсабронаи шахсиятҳое, ки аз иродаи қавии дур аз якравию ман-манӣ бархурдоранду аз як сӯ бо факту санадҳои боварибахш дар даст ва аз сӯи дигар бо риояи одоби музокира ва муошират мавқеи ҷаҳоншинохти роҳбарони давлатшон ва ақидаи мушаххаси худашонро вобаста ба воқеияти ҳол (аз ҷумла, хусусияти менталитети мусоҳиб ё рақибро ба назар гирифта) куллан ва ҷузван собит карда метавонанд, дар мизи гуфтугӯ ба ҳусни тафоҳум мерасанд: ҳам лаъл ба даст меояду ҳам ёр (ё ағёр!) намеранҷад! (Албатта ба шарти он ки ҷонибайн ҳусни ният, ки акнун миёни давлатҳои бузурги пуриддао ба сони тухми Анқост, хусусан ки ҳомилу ҳомии манфиати миллӣ дар ғарбзамин инвақтҳо сиёсатмадороне ҳастанд аз анвои *одамони ношуд*; ин қабил ашхос, ки ба маънии маъмулӣ симои миллии вежа ҳам надоранд ва маълум ҳам нест, ки дар арсаи сиёсати ҷаҳонӣ мушаххасан чию киро намояндагӣ мекунанд, чунки барояшон

ягона меъёру маҳаки одамшиносию одамгарӣ фақат пул ҳисоб мешаваду "*дигарҳо ҳама фан*"!)

Хулоса, дипломати собиқадору моҳир шахсияти рушдёфтаест, ки аз ду рукни муҳими фаъолияти дипломатӣ баробар бархурдор мебошад: яке ба *дараҷаи баланди кордонию кордорӣ* (салоҳияти ихтисосӣ ва ҳунари идораи ҷараёни кор) расидан ва дигаре – *парвардаи одоби волои миллӣ будан.* Зимнан, манзур танҳо одоби кирдор нест; *самимияти гуфтору покизагии пиндор* низ муҳим аст. Хусусан ки ин ду омил дар ҷараёни робитаи мутақобил қарор дорад.

Ман ин ҷо ба тавсифи фаъолияти мушаххаси Эркинхон дар дипломатияи муосири тоҷик намепардозам, гарчанде, ки эшонро аз худи соли аввали корашон дар Вазорати умури хориҷии Ҷумҳурияти Шӯравии Тоҷикистон мешиносам ва аз ҳамон вақт инҷониб бо эшон дар тамос ҳастам. (Гуфтугӯҳои мо басе ба муколама ё диалоги барои тарафайн судманд табдил меёбад, ки мавриди қаноатмандиҳои дуҷониба бувад.)

Муҳимтар аз ҳама ин аст: тараддуду заҳмати чандинсолаи Эркинхон, ки дар ғояти кордонию кордорӣ ва садоқати давлатию масъулиятшинохтии шахсӣ сурат мегирад, аз тарафи ҳам давлату ҳам ҷомеа баҳои мусбат гирифтааст. Хосса, аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки солҳои тӯлонӣ адаряк 15 сол бо Раҳматуллозода ҳамроҳ кор карданду фаъолияти ҳалолу поки эшонро ба сифати Мушовири давлатӣ, ба вежа, дар таъйиду таҳкими манфиати миллии Ватани дар гузаштаи дуру наздик азият кашидаамон, ҳамаҷиҳата қадр мекунанд.

Афзун бар ин, дар хориҷи кишварамон ҳам Эркинхонро нағз мешиносанду ҳурмат мекунанд ва бад-ин сабаб фаъолияти байналхалқии эшонро ба андозаи сазовор қадрдонӣ менамоянд. Чунончӣ, дар Фаронса Раҳмаллозодаро бо Ордени олии давлатии кишвар, ки мавсум ба **Le Merite** ("*Барои хидматҳои шоён")* қадр карданд.

Муассасаи байналмилалие, ки дар дунёи мусулмони арабизабон дар мартабаи байналмилалии ЮНЕСКО қарор дораду ИСЕСКО унвон шудааст, хидматҳои намоёни Раҳматуллозодаро дар тавсифу тарғиби нақши банури уламо, фуқаҳо ва ҳукамои Осиёи Марказӣ (ба вежа, зодагони Тоҷикистону Ӯзбекистони кунунӣ) дар рушду камоли тамаддуни исломӣ, инчунин ҳифзи осори мондагори он дар замони шӯравӣ, ки оганда аз зулму ситами иделогияи атеистӣ буд, махсус қайд карда эшонро ду маротиба бо медали тиллоӣ сарфароз намудааст.

Вақте ки андар истидлоли расмии ин ду тасмими ИСЕСКО аз худи Раҳматуллозода пурсидем, эшон фурӯтанона фақат гуфтанд: дар мутуни сарфарозгардонии ҳарду нишонаи ифтихорӣ ҳам «*барои хидматҳои бедареғ ҷиҳати тақвияти равобити Созмон бо кишварҳои аъзо*» гуфта шудааст. Ва дар шарҳи гуфтаашон як ҷузвияти муҳимро низ афзуданд: 22 сол (солҳои 1994-2016) узви Шӯрои иҷроияи ИСЕСКО буданд ва ду бор дар вазифаи Ноиб-Президент низ кор карда аз номи он созмони бонуфузи шарқӣ дар конфренсҳои умумиҷаҳонӣ суханронӣ низ кардаанд. Манзурам маърӯзаи алоҳидаи Раҳматуллозода (шарҳи назари вижаи ИСЕСКО ба масъала) дар Конфронси умумиҷаҳоние оид ба таълими маълумоти олӣ (World Conference on higher education) мебошад, ки моҳи июли соли 2009 дар Порис баргузор шуда буд.

Ба фикрам, дар тасмими ИСЕСКО ҳиссаи Эркинхон дар таъйиду тарғиби дастовардҳои таърихии тамаддуни исломӣ низ ба назар гирифта шудааст. Дар вақташ ровиёни ахбори илмӣ ба муҳити ховаршиносони академӣ иттилоъ дода буданд, ки собиқ корманди Институти шарқшиносии мо Абдулло Йӯлдошев дар ҳаммуаллифӣ бо Эркинхон Раҳматуллозода «*Тамаддуни исломӣ дар Тоҷикистон*» ном китоби ҷолибе тасниф карда, онро дар чорчуби силсилаинтишороти ИСЕСКО ба се забон – инглисӣ, фаронсавӣ ва арабӣ чоп кунонидааст (Ниг.: Islamic Civilization in Tajikistan, Rabat, Maroc, 2003).

Зимнан, китоби мазкурро ба тоҷикӣ гардонда дар ватани муаллифон низ интишор додан айни муддао мебуд. Ман аз таҷрибаи худам, аз бозе, ки китоби таърихию фарҳангиам “***Эҳёи Аҷам***” дар даврони шӯравӣ бо тирожи 14 ҳазор нусха чоп шуда ба зудӣ паҳн шуд, медонам, ки мавзӯъи ташаккул ва тараққии тамаддуни исломӣ ба хонандаи тоҷикзабон басе фахровару илҳомбахш аст. Чаро ки ҳадди аксари муҳаррику муаллифи дастовардҳои таърихии ин тамаддуни ҷаҳонзеб аҷдоди тоҷикон ва эрониёни кунунӣ буданд.

**2**

Аз кунҷи назари арзёбии сирф илмӣ як хислати Эркинхон ҳамчун пажӯҳишгар ҷолиб бувад, ки ба ҳамаи олиму олимшавандагон баробар хос нест. Манзурам, *эҳсоси навҷӯию тозакориҳост.*

Дар ин бора мавзӯйи рисолаи доктории Эркинхон ва ҳимояи матни илмии он дар Академияи дипломатии Вазорати умури хориҷии Федератсияи Россия (Москва, 2008) гувоҳӣ медиҳад. Вай “***Дипломатияи пешгирикунанда: назария, амалия ва дурнамои он дар Осиёи Марказӣ***” ном дошт, ки ҳам аз назари улуми сиёсӣ ва ҳам аз лиҳози амалияи муносибатҳои байналхалқӣ муҳиму мубрам бувад.

“*Дипломатияи пешгирикунанда* (превентивӣ)” ба унвони мафҳуми сиёсӣ дар доираҳои Созмони Миллатҳои Муттаҳид аз аввалҳои солҳои шастуми асри гузашта инҷониб маълум аст. Вай бори нахуст дар ҳисоботи солонаи (16-уми июни соли 1959 то 15-уми июни соли 1960) ҳамонвақта Дабири Кулли созмони мазкур Даг Ҳамаршелд сабт шуда буд, вале он замон, чандон ки мебоист, мавриди эътибори ҷавомеи ҷаҳонӣ қарор нагирифт. Сабаш ин нест, ки Ҳамаршелд онро ҳамчун як фикри ҷудогона баён карда буд.

Сабаби асосӣ ин аст, ки он замон давлатҳои бузург саргарми ҷанги сард буданд, ки иқлими сиёсӣ ва маънавии ҷаҳонро басе заҳролуд мекард. Аз ин ҷост, ки *консепсияи* “Дипломатияи превентивӣ” соли 1992, яъне пас аз анҷом ёфтани ҷанги сард, бо забони Дабири Кулли СММ Бутрос Бутрос-Гали эълом шуд.

Дар робита бо ин воқеияти таърихӣ дигар як нуктаи муҳимро низ гуфта гузаштан даркор аст, ки аз аҳамияти таърихӣ холӣ нест. Мақсаду мароми дипломатияи превентивӣ ҳамчун тадбири мубрами байналхалқӣ бо вазифаи аслӣ ва азалии Созмони Миллатҳои Муттаҳид пайванди узвӣ дорад. Маълум аст, ки СММ-ро давлатҳои ғолиби Ҷанги Ҷаҳонии Дуюм СССР, Британияи Кабир, ИМА ва Фаронса ба умеди пешгирӣ аз ҷангҳои ҷаҳонии нав ва низоъҳои маҳаллию ноҳиявии билқувва ҷангсоз барпо карда буданд.

Роҳандозии дипломатияи превентивӣ кори маъмулие набувад, ки ба вай ҳар дипломати қаторӣ пардохта ба натиҷаи матлуб расида тавонад. Бад-ин сабаб дар маърӯзаи Дабири Кулли СММ Пан Ги Мун (2011) андар нақлу нақди тадбирҳои СММ дар ин ҷабҳаи мубрами кори дипломатӣ махсус омада, ки сабаби умдаи норасоиҳо дар бахши мазкур кам будани миқдори дипломатҳои доною пуртаҷрибаест, ки дар рафъ ё хунсо кардани заминаи низоъҳои байналмилалӣ аз тариқи мусолиҳа ва дар баъзе мавридҳои ахлоқан мусоид ҳатто гузашти тарафайн малакаи расо доранд...

Аз ин маънӣ мақсаду мароми умдаи СММ ба унвони муассисаи ҳақиқатан ҷаҳоншумул аз худи оғози вуҷудаш сар карда ин буд, бо роҳи *гуфтушуниди мусоламатомез* пеши ҷанги имконпазирро миёни давлатҳои миллиро бигирад. Баъди фурӯпошии СССР бошад, вазифаи нав – пешгирӣ кардани ҷангҳои шаҳрвандӣ ба мадди назар баромад, ки хусусан, ҷиҳати иштироки нерӯҳои ғаразманди берунӣ хатарзо буд. Мисоли чунин дурнамои фоҷиабори ҷанги шаҳрвандӣ миёни ду бародархалқи славонӣ (русҳо ва уроинҳо) мебошад, ки бо иғвою дасисаҳои НАТО ном иттиҳоди ба сурат мудофиавӣ, вале ба ботин ҳомилу ҳомии сиёсати зӯроварию ҷангсозӣ бо сарварии ИМА амал пазируфт

Дар муносибатҳои байналхалқӣ дипломатияи превентивӣ ҳамчун усулу услуби аз тариқи осоишта, вале аксаран муассири ҳаллу фасл кардани мушкилоти шиддатноки олуда ба идеологияи ҷангара *чаҳор* ҳадафи асосӣ дошта метавонад: (1) роҳ надодан ба

эҳёи кинаю адоватҳои кӯҳнаи байналмилалӣ ё таҳтулмиллӣ, ки ҳарбу зарбҳои мусаллаҳонаро эҷод карда метавонад, (2) пешгирӣ кардани он ки низоъҳои мавҷуда то дараҷаи бархӯрдҳои низомӣ тезу тунд шуда нараванд, (3) ҳаматарафа мусоидат кардан ба расидан ба тавофуқу муросои сиёсӣ ва (4) дар миёни тарафайни даргир барқарор кардани боварию эътимоди пасоҷангӣ (ба истилоҳи вежаи ЮНЕСКО: ***confidence building***), ба умеди барҳам додани худи заминаи бархӯрдҳои хатарноки оянда (аввал дар фикру зикр, сонӣ дар арсаи иттифоқ).

Дар тафсиру таъбири ин тадбирҳо мо метавонистем дар заминаи таҷрибаи миёнҷигариҳои худ байни Ҳукумати Президент Набиев ва мухолифини ба истилоҳ "демократию исломӣ" ҳангоми бӯҳрони сиёсие, ки моҳҳои апрел-майи соли 1992 сурат гирифт, рӯ оварам, ки сарахбори ҷанги шаҳрвандӣ буд. Хусусан саъю кӯшиши миёнҷигарӣ натиҷаи матлуб овард (ба туфайли гузаштҳои сиёсӣ ва бо ширкати намояндагони мухолифин "*Ҳукумати муросои миллӣ*" таъсис шуд). Вале онвақт ман аз қавли шоиронаи Бедил гӯям, дуди тараддудамро ба димоғ доштам ва он чунон тез буд, ки талхиву тундиҳояш ҳанӯз ҳам аз машомам нарафта. Бинобар ин ба нақлу нақди воқеаи мазкура маро ҳавсалае намонда...

**3**

Як унсури таваҷҷуҳангези хулқи фардию иҷтимоии соҳибҷашни мо ***хоксории тоҷикона*** бувад, ки бароямон аз азал ***суннат*** шудаст. Ба ин маънӣ, хоксории Эркинхон ба мушоҳидаи ман рӯякӣ нест, ***самимист!*** Вақте ки соле чанд пеш дар Академияи миллии илмҳо интихоботи навро эълон намуданд, баъзе кормандони давлатии унвони илмӣ дошта ҳам хостанд, ки дар озмун иштирок кунанд. Аммо дар ҷумҳурии мо ва баъзе ҷумҳуриҳои дигари пасошӯравӣ барои чунин иқдом ягон монеаи расмӣ, академӣ ё ҳатто ахлоқӣ нест.

Баъди мутоила карда баромадани мақолаатон (ишора ба мақолаи ман дар мавриди А.Дониш) – дар идомаи нақли мушоҳидаҳояшон гуфтанд Эркинхон, – ман "*Наводир-ул-вақоеъ*"-и Аҳмади Донишро ёфта варақ зада баромадам. Дар ҳошияаш чашмам ба васиятномаи эшон ба фарзандонашон афтод. Аз ҷумлаи фармудаҳояшон махсусан яктояш бароям ҷолиб буд. Он ҷо омада: "*Чун Шуморо барои таъмири дунё овардаанд, бар фавр шуморо пеши худ наталабанд, то фавоиде, ки аз шумо манзур доранд, истифода накунанд*". Вақте ки банда ба бемории дил гирифтор шудам, ҳамин гуфтаи Аҳмади Дониш маро дилбардорӣ менамуд...

Барои худи ман мавриди таҳайюри илмию таърихӣ ин буд, ки намояндаи барҷастаи фалсафаи Аврупо Ҳегел низ ба як хулосаи фалсафию диние омада будаст, ки ба фикри Аҳмади Дониш монанд аст. Вале ин бозёфти фалсафии худи ман нест; дар ин бора ман дар рафти гуфтугӯям бо классики адабиёти Гурҷистон Чабуа Амирэҷибӣ дарак ёфтам: файласуфи олмонӣ, ки бо вусъати донишу амиқрафти тафаккураш машҳур аст, дар "*Феноменологияи Руҳ*" ном китобаш фикри зеринро дар қалам оварда будаст: ҳар як фарди одамӣ ба ин дунё бо рисолати азалие меояд, ки барои иҷрояш аз ҷониби Руҳи Мутлақ муҳлати муайян ҷудо карда шудаст. Ва то пурра адо кардани ин супориши маънавӣ фарди одамиро ба ҳоли худ мегузоранд, яъне ки ӯро ба манбаъи атои умраш даъват намекунанд!..

Дар радифи ёддошти Эркинхон, ки дар робита бо бемории қаблиашон нақл карданд, ин ҷо баъзе ҷузвиёти ҳаёти пурфоҷиа, вале некфарҷоми Амирэҷибиро дар қалам меорам, ки низ ёде аз бемории сангин дорад.

Тирамоҳи соли 1976, замоне, ки дар Москва мезистам, дӯстам Чингиз Айтматов занг зада таклиф кард, ки дар тарабхонаи табақаи ҳафтуми меҳмонсарои "Москва" наҳори шомгоҳӣ хӯрем. Ва зимнан гуфт: ман танҳо не, ҳамроҳи Амирэҷибӣ меоям. Ту ӯро албатта мешиносӣ, лекин намедонӣ, ки Чабуа як саргузашти аҷибу фоҷианоки фалсафӣ дорад, ки боби шуниданист. Агар ту онро аз забони худаш шунавӣ таассуротат бештару амиқтар хоҳад буд ва шояд туро ба ягон андешаи ҷолиби фалсафӣ водор созад...

Бино ба нақли Амирэҷибӣ, соли 1973 ташхиси тиббӣ ногаҳон ошкор кардааст, ки гулӯяш гирифтори касалии саратон буда, беморӣ ба охирин марҳилаи фасодаш расида... Пизишкони Тифлис ҳукми қатъӣ баровардаанд, ки расо пас аз се моҳ умри ӯ ногузир ба поён мерасад... Дӯстони наздикаш ӯро бо ҳавопаймо шинонда ба Москва burданд. Мутахассисони маркази онкологии Москва низ ҳукми ҳамгинони тифлисиашонро тасдиқ кардаанд: илму амали ҷарроҳӣ чораи муассире надорад, се моҳ мондагӣ...

Аммо дар ҷавоби ин ҳукми қатъии тиббӣ нависанда ҳукми қатъии худашро эълон кардааст: "*Ман се моҳ не, балки ҳеҷ набуд, боз се соли дигар зиндагӣ хоҳам кард!*"

Сартабиби москвагӣ киноямезона пурсидааст: "*Батоно Чабуа, чаро даҳ сол нею ҳамаги се сол?!*" Амирэҷебӣ ҷавобашро аз қисса кардани як пораи саргузашти муташанниҷаш оғозида гуфта аст: ман аз худи синни ҷавонӣ сар карда ба фаъолияти сиёсӣ шурӯъ карда будам. Соли 1944 мо, як гурӯҳ ҷавонони Тифлис ташкилоти махфие сиёсие созмон дода будем. Ба фаъолияти зиддишӯравӣ гунаҳкор дониста ҳамаамонро дастгир карданд. Маро ҳамчун ширкаткунандаи фаъол ба муддати 25 сол зиндонӣ карданд. Ана аз ҳамон вақт ҳадиси таъқибҳои сиёсии банда сар мешавад. Ман чандин бор аз зиндон ё ҷойи бардарға гурехта гуноҳи сиёсиамро бо ҷинояти қонуншиканӣ омехтаам. Бино бар ин дафъаи савум маро ба як ҷойи дурдасти Сибир бардарға карданд, ки он ҷо ҳатто китоби хонданӣ набуд. Дар як рафи ғарибі китобхонаи маҳаллӣ бошад, китоби кӯҳнаи чангзеркардаеро пайдо кардам, ки мисли нони кӯҳнаи мағорзада бадбӯй буд. (Ҳангоми дар зиндону бардарға будан ман ; "*Феноменологияи Руҳ*" ном навиштаи Ҳегели дар Шӯравӣ машҳур будаст. Он ҷо як фикри ҷолиби динию фалсафӣ ба чашмам бархӯрда буд: ҳар як фарди одамӣ ба ин дунё бо ваколату рисолати маънавӣ меомадааст, ки иҷрояш барои ӯ воҷиб будаст. Барои иҷро кардани ҳамон воҷиботи азалӣ бошад, Руҳи Мутлақ муҳлати муайян ҷудо карда будаст. Ва то лаҳзаи охирини пурра адо кардани ин рисолати қудсӣ ҷони одамӣ аз колбади ҷисмониаш берун намебаромадааст!..

Баъд, нависандаи пурҳарорати гурҷӣ роҳи эҷодии худро дар сояи ҳамин тахмини муҷарради динию фалсафӣ таъбир намуда зимнан афзуд: худи ҳамон соле, ки қиссаи бемории сангину хатарнокам сар шуд, ба навиштани "*Дата Туташхия*" ном романе сар карда будам. Ман боварии комил доштам, ки қиссаи бадеии навам асари таърихан мондагоре хоҳад буд: аз ин рӯ банда навишта тамом кардани романро айнан аз ҷумлаи ҳамон рисолатҳои худофармудаи ҳегелигуна ҳисоб мекардам! Лекин барои анҷоми ин кори бузурги бароям муқаддасу барои Ватанам ифтихорӣ маро мебоист боз се соли дигар заҳмати эҷодӣ кашидан! Ва ман дар камоли ихлоси динӣ хулоса баровардам, ки нерӯҳои руҳонӣ ба ман ин фурсату имконро фароҳам хоҳанд овард, яъне ҳеҷ набуд се соли дигар зиндаву саломат хоҳам буд! Ба ҳар ҳол хосту омили Ҳегел ишоракардагӣ асар кард ё ихлосу иродаи динии худам, ки таҳтушшуурамро таҳкиму таҳрик мекард, ногаҳон воқеаи муъҷизасоне рух дод: вақте ки пас се моҳ ба ташхиси нави тиббӣ рафтам, духтурони омосшинос нишоне аз дарди пешинаам наёфтанд!

Ба мани файласуф иттилооти Амирэҷебӣ дар бораи фармудаи Ҳегел аз дигар ҷиҳат ҳам шавқангез аст: *таворуди тафаккури бузургон*ро дар назар дорам, ки муаммоҳои психологӣ ва ҳатто теологӣ дорад...

Дар воқеъ, Ҳегел мисли Аҳмади Дониш зода ва парвардаи асри нуздаҳум буд, вале онҳо ба ҷуз ҳамзамон будан, дигар ягон умумияте надоштанд; бо осори якдигар ҳам ошно набуданд: ақаллан динашон яксон набуд! Пас, ин таворуди боварнакардании фикру зикри ду донишманди тамоман гуногун доир ба як масъалаи мушаххас, аммо дорои аҳамияти хоси динию фалсафӣ худаш аз куҷост?! Бо вуҷуди ин ҳама тафовуту хусусиятҳое, ки миёни Аҳмади Дониши ховарпарвард ва Ҳегели бохтарпарвардро аз ҳам ҷудо ва ба ҳам бегона мекунад, он ду мутафаккири нодирафикр як умумияти мусаллам доранд: ҳар ду НОБИҒА ҳастанд!

Шоири маъруфи англис Ҷейм Ҷойс мегуфт, ки нобиға хато намекунад ва агар ба хатое роҳ диҳад, онро дидаю дониста мекунад! Ба ҳавои ҳамин қайди аҷобатангез

метавон низ гуфт, ки дилу хиради нобиғагон бо ҳам робитаи руҳонию равоние доштагистанд, ки ба худи онҳо низ ноаён мемонад. Вагарна чӣ тавр ба амал омадани кашфиётҳои бузурги илмиеро, ки дар *як вақт* содир шудаанд, куллан маънидод кардан душвор хоҳад буд.

Аммо бармегардам ба зикри давоми ёддоштҳои худи қаҳрамони ин очерки ҷашнӣ. Дар ҳамон гуфтугӯе, ки дар атрофи андешаи динии Аҳмади Дониш дар бораи умри индунёии инсон дар робита бо асолату рисолати азалии ӯ гап рафт, Эркинхон афзуданд: қиблагоҳии ман, ки яке аз эшонзодагони Исфара буданд, низ шифоҳӣ насиҳатҳое мекардаанд, ки ҷо-ҷо ба фармудаҳои Аҳмади Дониш ҳамоҳанг буд...

Як дафъа, вақте ки сухан аз интихоби касбу косибӣ рафт, раҳматӣ падарам як байтро хонданд, ки фаҳмам, аслан моли Ҷалолиддини Румӣ будаву баъд ба ҳикмати мардумӣ табдил ёфтааст:

*Ҳар киро аз баҳри коре сохтаанд,*
*Меҳри ӯро бар дилаш андохтаанд...*

Ва ҳамзамон эшон аз худ афзуданд: хушбахту батолеъ касе аст, ки худаш ё бо кӯмаки хонавода ва ё муаллими мактаб дарёфтаст, ки кадоме аз касбу ҳунарҳо барояш *кори худофармуда* бошад? Вале ин ҳам фақат оғози фаоълияти иҷтимоию фарҳангии авлоди Одам асту бас. Охир, басе омада, ки майли дил яксӯ мондаву воқеияти зиндагӣ ба дигар сӯ кашидааст!

Бо вуҷуди ин меандешидам, ки хушбахтона ман касбу кори дар пешониам навишташударо ёфтаам; дипломатия бо майлу хости дилам рост омада завқу шавқамро ба ҷӯш меоварад ва бад-ин тариқ ба самарабахшии кори ихтисосиам мусоидат мекунад. Ва ин ҳама боиси қаноатмандии руҳонию равонии ман мегардад. Бино ба далолати ҳозира илми тиб, ба ҳам рост омадани қобилияти табиию воқеияти иҷтимоӣ яке аз омилҳои муассири рушду камоли маънавии *шахсият* будаст.

Ҳазрати Рӯдакӣ барҳақ гуфта буданд, ки ба як даст натавон ду харбузаро бардоштан! Ҳикмати халқии русӣ огоҳ мекунад, ки натавон баробар дар ду курсӣ нишастан!

Ва ин эътирофи ҳадду ҳудуд доштани қобилияти худододи фарди одамӣ ба куллияти асли хеш айбу аҷаб набудагист! "*Муддаӣ гар накунад фаҳми сухан, гӯ: сару хишт!*" (Ҳофиз)

Вобаста ба ин тааммули салими Эркинхони Раҳматуллозода дар хотимаи сухан иқтибос кардани боз як хулосаи Аҳмади Донишро айни муддао медонам, ки дар заминаи суннатҳои фарҳангии панҷҳазорсолаамон дарёфтаанд: "*Адл аз камоли ақл хезад!*"

***МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ***

# НАРЕНДРА МОДӢ – САРВАЗИРИ ҲИНДУСТОН АЗ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ҲИНДУСТОН (BHARATIYA JANATA PARTY)

**РАҶАБОВ ҲАБИБУЛЛО**
доктори илмҳои филологӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқии ИОМДОА АМИТ. Суроға: ш. Душанбе, кӯчаи Лоиқ Шералӣ 83. Тел.: 907-96-30-00. E-mail: rajabov_h@yahoo.com

*Пӯшида нест, ки сарварии давлатро ба уҳда гирифтан корест басо душвор ва маъулиятнок, новобаста аз он ки вазъи замона ва вазъи мамлакати таҳти сарварӣ мусоид аст, ё не. Зери давлатдории шахси оқилу дурандеш ва ҷасуру одил ва ба халқу ватани худ содиқ, ҳалли ҳатто мушкилтарин масъалаҳову бартараф намудани садҳо монеаҳо бештар имконпазир мегардад. Чаро ҳазорсолаҳост, ки мардуми Ҳинд бо муҳаббати беандоза шоҳи афсонавӣ Рамаро парастиш мекунад ва аз вай то имрӯз имдод меҷӯяд? Пеш аз ҳама барои он ки шоҳ Рама ниҳоят хайрхоҳу адолатпарвар ва барои халқи худ ҷоннисор буд. Дар замони мо халқи ҳинду ҳар вақте ки сарвари худро интихоб мекунад, маҳз ҳамин гуна хислатҳоро дар симои ӯ дидан мехоҳад. Агар мо ба зиндагӣ ва фаъолияти сиёсии сарвазири кунунии Ҳиндустон Нарендра Модӣ пурратар шинос шавем, бараъло дарк мекунем, ки интихобкунандагони Ҳиндустон дар интихоби сарварашон дар ду дафъаи охир иштибоҳ накардаанд. Онҳо шахсеро интихоб кардаанд, ки бе муболиға ватандӯсти воқеии Ҳиндустон аст. Вай талошҳои зиёд барои пешравии Ҳиндустон ва накӯаҳволии мардуми он карда истодааст. Дастовардҳои бемисли Ҳиндустон дар соҳаҳои гуногун дар ҳашт соли давлатдории Нарендра Модӣ ин гуфтаҳоро тасдиқ карда метавонанд. Нарендра Модӣ раҳбарест, ки ба қавли худ устувор аст ва ҳамаи чораҳоро меандешад, ки ҳар он чи ба халқи худ пеш аз интихоб шуданаш ба ин мансаб ваъда кардааст, онро иҷро намояд. Мақолаи мазкур кӯшишест, то чанд сухане аз зиндагӣ ва фаъолияти ин сиёсатмадори намоёни асри XX I-и Ҳиндустон гуфта шавад.*

***Калидвожаҳо**: Нарендра Модӣ, сарвазир, Ҳиндустон, Ҳизби Халқии Ҳиндустон, интихобот, Музофоти Гуҷарат, Конгресси Миллии Ҳиндустон, иқтисодиёт.*

Дар Ҳиндустон, дар мамлакате, ки демократияи воқеӣ дар амал дида мешавад ва ҷаҳониён, аз ҷумла, сиёсатмадорони гуногунақида инро дар амал дидаанду эътироф мекунанд, ҳизбҳои гуногуни сиёсӣ ба мисли Ҳизби Халқии Ҳиндустон (Bharatiya Janata Party), Конгресси Миллии Ҳиндустон (Bhratuya Rashtriya Kongress, Ҳизби Коммунистии Ҳиндустон. Марксистӣ (Communist Party of India (Marxist), Ҳизби Коммунистии Ҳиндустон **(Communist Party of India) ва ғайра** фаъолият доранд. (Конгресси Миллии Ҳиндустон (भातुय राष्ट्रीय कोन्ग्रेस्स Indian National Congress) яке аз аввалин ҳизби сиёсии Ҳиндустон мебошад, ки 28-уми декабри соли 1885 таъсис ёфтааст).

Мутобиқи охирин маълумоти Комиссияи интихоботии Ҳиндустон, шумораи умумии ҳизбҳое, ки дар ин мамлакат ба қайд гирифта шудаанд 2698 –то мебошанд. Аз ин ҳизбҳо 8 ҳизб миллӣ ва 51 ҳизб минтақавӣ буда, боз 2638 ҳизбҳое ҳастанд, ки расман шинохта нашудаанд. Ҳизби Халқии Ҳиндустон (Bharatiya Janata Party (BJP) - ҳоло ҳизби ҳоким, яке аз ду ҳизби калонтарини Ҳиндустон мебошад, ки дар мамлакат нақши муҳими

пешбарӣ дорад. Ин ҳизб бо ҳамин ном 6-уми апрели соли 1980 таъсис ёфтааст ва дар сафҳои худ бештар аз 180 миллион аъзоро шомил мекунад [5]. «Бҳаратия Ҷаната Парти соли 1980 аз созмонҳои сиёсии қаблан вуҷуддошта ҳамчун рақиби аслии Ҳизби Конгресси Миллии Ҳинд таъсис ёфтааст» [7,88]. Бояд зикр кард, ки дар давоми ҳамагӣ 42 сол ба 180 миллион расидани аъзоёни ин ҳизб ва эътибори зиёд пайдо кардани он далели содаю маъмулӣ нест. Маълум аст, ки ин ҳизб барномаҳои боманфиати зудамалкунанда дорад. Дар интихоботи солҳои охир маҳз ҳамин ҳизб пирӯз шуда, ба вазифаи сарвазири Ҳиндустон ҷаноби Нарендра Модиро пешниҳод кардааст. Интихоботи парламентии соли 2014 аз 7-уми апрел то 12-уми май давом ёфта буд. Дар он ширкати интихобкунандагон 66,4 дар садро ташкил намудааст. Он вақт ҳизби Конгресси Миллии Ҳиндустон номзадии Раҳул Ганди (тав. 1970) – набераи Ҷавоҳирлол Неҳру, президенти Конгресси Миллии Ҳиндустон ва Ҳизби Халқии Ҳиндустон (BJP) номзадии Нарендра Модиро (тав. 1950) барои ишғоли мансаби сарвазирӣ - баландтарин вазифаи давлатӣ пешниҳод карда буданд. Нарендра Модӣ дар Музофоти Гуҷарат солҳои 2001-2014 борҳо ҳамчун сарвазири ин музофот интихоб шуда, чун сиёсатмадори қавӣ шинохта шуда, эътибор пайдо карда буд. Вай сарварии Ҳизби Халқии Ҳиндустонро аз 26-уми майи соли 2014 ба ӯҳда дошт. Дар ин интихобот Ҳизби Халқии Ҳиндустон (BJP) пирӯз шуд ва Нарендра Модӣ сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон интихоб гардид.

Интихоботи навбатии парламентӣ аз 11-уми апрел то 19-уми майи соли 2019 ҷараён дошт. 23-юми май натиҷаҳои интихобот ҷамъбаст ва худи ҳамон рӯз эълон карда шуд. Дар ин интихобот ҳозиршавии интихобкунандагон 67 дар садро ташкил кардааст. Дар таърихи интихоботи Ҳиндустон аз ин пеш чунин фоизи баланди ҳозиршавии интихобкунандагон мушоҳида нашудааст. Иштироки занҳо нисбат ба солҳои пеш фаъолтар ва шумораашон низ бештар шуда буд. Ҳамин тариқ, Нарендра Модӣ бори дувум ба гирифтани ҷой дар курсии олитарин вазифа дар ҳукумати Ҳиндустон ноил гардид. Албатта, андешаҳо оид ба фаъолияти ин сиёсатмадор, мисли ҳамаи дигар сиёсатмадорони Ҳиндустон ва дигар давлатҳои дунё як хел нестанд, лекин чун бештари мардум бори дувум ба тарафдории Ҳизби Халқии Ҳиндустон овоз додаанд, пас душвор нест тасдиқ кардан, ки барномаи амали ин ҳизб, ки Нарендра Модӣ ҳамчун аъзои он асту дар он фаъолияти босамар дорад, барои мардум натиҷаҳои дилхоҳ дода истодааст. Бо назардошти ҳамин андеша чанд нуқтаро оид ба ҷараёни зиндагӣ ва фаъолияти сиёсии Нарендра Модӣ гуфтанро муносиб донистем.

Сарвазири имрӯзаи Ҳиндустон Нарендра Дамодарас Модӣ 17-уми сентябри соли 1950 дар шаҳри Ваднагари ноҳияи Меҳсанаи музофоти Гуҷарат ба дунё омадааст [7]. Ин сеюмин якшанбеи (ravivar) моҳи сентябр мебошад. Рӯзи якшанберо ба забони ҳиндӣ **“Равивар”** мегӯянд. **“Рави”** – маънои офтоб ва **“вар”** маънои рӯзро дорад. Дар дини ҳиндуия одамон ба рӯзҳои ҳафта муносибати махсус доранд, зеро ҳар як рӯзи ҳафта ба худоҳои муайян алоқаманд мебошад, барои ҳамин ҳам таъкид аст, ки одамон бояд дар фаъолияти ҳаррӯзаи худ инро ҳатман ба инобат гиранд ва ҳамеша дар хотир дошта бошанд, ки дар кадом рӯзи ҳафта таваллуд шудаанд.

Соли 2020 дар Ҳиндустон 70 - солагии Нарендра Модӣ ҷашн гирифта шуда буд. Вобаста ба ҳамин ҷашн мақола ва китобҳои ҷудогона ба нашр расида, таҷрибаи дар саҳнаи сиёсат ҳосил кардаи Нарендра Модӣ таҳлил шуда баҳо гирифтааст. Яке аз китобҳое, ки шояд фарорасии ҳамин муносибатро дар назар дошта навишта шудааст у дар шаҳри Деҳлӣ ба ба забони ҳиндӣ ба табъ расидааст “Сафаре аз чойфурӯшӣ то

сарвазирӣ” (Chay bechnevala se lekar pradhanmantri tak safar) унвон гирифтааст, ки муаллифи он Лав Кумар Сингҳ мебошад [3]. Ин асар бо далелҳои бисёр аҷоиб, ки ба тарҷумаи ҳол ва фаъолияти сиёсии Нарендра Модӣ дахл дорад, таъмин карда шудааст. Китоби дигар ин китоби Аҷай Сингҳ ба забони англисӣ “Меъмори BJP –и нав: Чӣ тавр Нарендра Модӣ ҳизбро дигар кард” (The Architect of the New BJP: How Narendra Modi Transformed the Party”) мебошад. Аҷай Сингҳ дар ин китоб ба он диққат додааст, ки сирри муваффақ шудани BJP дар чӣ бошад. Ҳиндшиноси рус, муаррих Кашин Валерий Петрович низ бахшида ба 70-солагии Нарендра Модӣ китоберо бо номи “Наредра Модӣ. Роҳбари Ҳиндустони муосир” (“Нарендра Моди. Лидер современной Индии”) чоп намуда, дар он кӯшиш кардааст, то симои ин арбоби намоёни сиёсии асри XXI –и Ҳиндустонро бо мисолу далелҳо нишон диҳад. [2]. Монографияи В.П. Кашин дар жанри портрети сиёсӣ навишта шудааст. Муаллиф ба ташаккули Нарендра Модӣ ҳамчун шахсият ва пешвои ҷамъиятии кишвар ва услуби роҳбарии ӯ таваҷҷуҳи хоса зоҳир кардааст. Муҳаққиқи номбурда ҳанӯз соли 2014 дар мақолаи “Ҳиндустон. Мусобиқаи пеш аз интихоботӣ оғоз ёфт” шахсияту кордонии Нарендра Модиро махсус зикр карда гуфта буд, ки “Нарендра Модӣ роҳбари пурарзиш, маъмури серғайрат ва меъмори “муъҷизаи иқтисодӣ”-и Гуҷарат мебошад. [1,13].

Албатта, бахшида ба шахсиятҳои маълуми ҷомеа навиштани китобҳо асрҳо боз ба ҳукми анъана даромадааст, вале ин шарт низ маълум аст, ки фаъолияти ҳар як чунин шахсият аз чандин паҳлӯ бояд арзишҳои назаррас ва судманд дошта бошад, то ин ки аз он хонанда ягон чизи муфиде барои худ прайдо карда тавонад. Чигунагии фаъолияти шахсони бузург, хусусан агар онҳо сарвари давлат бошанд, пеш аз ҳама дар таъмини ободиву озодӣ ва оромиву некуаҳволии мамлакату халқ ифшо мегардад.

Номи падари Нарендра Модӣ Дамодарда Мулчанд Модӣ мебошад. Вай як дӯкони чойфурӯшӣ дошт. Нарендра Модӣ дар корҳои дӯкондорӣ ба падар ёрӣ мерасонд ва баъдтар худ низ чунин дӯкон кушодааст. Модараш Ҳираба Модӣ шаш фарзанд таваллуд кардааст, ки фарзанди сеюмаш ҳамин Нарендра Модӣ мебошад. Нарендра Модӣ соҳиби дӯкони ҷудогона шуда бошад ҳам, ба тиҷорат чандон таваҷҷуҳи зиёд надошт, зеро таваҷҷӯҳи ӯро бештар масоили сиёсат ба худ ҷалб карда буд. Вақте вай дар ин самт муваффақ шудан гирифт, модараш, ки ба шахсияти писараш сахт таъсир карда буд, чунин мегуфт: “Ҳамин писарам ҳатман сарвазир мешавад” [3, 9].

Нарендра Модӣ дар мактаб бо баҳои аъло таҳсил мекард ва зарур ба таваҷҷуҳ аст, ки аз ҷумлаи мусулмонҳо якчанд ҷӯра дошт. Яке аз онҳо бо номи Аббосҳай Мумин дар хонаи Нарендра Модӣ як соли пурра зиндагӣ кардааст. Нарендра Модӣ пас аз хатми мактаб , вақте волидайн барояш ҳамсар кофта меёбанд, бо кадом сабабе, шояд бисёр хурдсол будани худашу арӯсшавандааш бошад вай аз оиладор шудан даст мекашад ва ҳамчун эътироз аз хона баромада меравад. Акнун вай ҳамчун шахси комилан озод дар ватани худ бемалол сайр карданро ихтиёр мекунад. Ҳангоми ин сафарҳо Модӣ, аслан аз марказҳои динӣ дидан мекард. Пас аз дидани бисёр чунин ҷойҳо вай боз бо нияти идома додани таҳсил ба Донишгоҳи Деҳлӣ дохил шуда, онро соли 1978 бомуваффақият хатм менамояд ва соҳиби унвони бакалаври санъат мешавад. Модӣ пас аз ин боз таҳсилро идома дода, соли 1985 шуъбаи магистратураи Донишгоҳи Гуҷаратро хатм менамояд ва соли 1985 ба ӯ гирифтани унвони магистри санъат дар бахши сотсиология муяссар мешавад (M. A., яъне Master of Art,).

Нарендра Модӣ аз соли 1971 ба таври доимӣ дар “Итифоқи хизматгорони миллат” (RSS, Rashtriya Svayamsevak Sangh) фаъолият мекард. Дар ин ҷо вай то соли 2001 кор карда то вазифаи котиби генералии он расидааст. Соли 1975, азбаски дар Ҳиндустон бисёр нооромиҳо ва нохушиҳо рӯй додан гирифтанд аз ҳамин сабаб дар мамлакат сарвазири ҳамонвақтаи Ҳиндустон Индира Ганди (1917-1984) вазъияти фавқуллода эълон намуд ва бисёр мухолифони сиёсӣ (опозитсия)-ро ба зиндон кашида шуданду фаъолияти чандин гурӯҳҳои мухолифони сиёсӣ манъ карда шуд. Ҳамон вақт мухолифин дучори вазъияти мушкил шуданд ва Нарендра Модӣ котиби генералии “Комитети Ҳаракати Ҷамъиятии Гуҷарат” (Gujarat lok Sangharsh Camiti) (як комитете дар RSS) ва ҳамоҳангсози мухолифин оид ба вазъияти фавқуллода буд. Дар ҳамин асно фаъолияти RSS маън карда шуд. Вазъияти ба амал омада ва мутобиқ ба ин чорабиниҳои ҳукумат оид ба ин вазъият то андозае боиси он шуд, ки имкон дошт Нарендра Модиро ба ҳабс кашанд. Барои ҳамин ҳам Нарендра Модӣ ба хулосае омад, ки бояд ба пинҳонкорӣ гузарад. Ба пинҳонкорӣ гузаштан маънои онро надошт, ки вай тарки фаъолияти сиёсӣ мекунад. Нарендра Модӣ воситаҳои гуногуни муборизаро алайҳи ҳукумати марказӣ идома медод. Дар ташкил намудани ҳар навъ эътирозҳо муқобили баъзе паҳлӯҳои сиёсати ҳукумат саҳм мегузошт. Дар ҳамин муддат Нарендра Модӣ китоберо бо номи “Гуҷарат дар роҳи мубориза” (“Sangharsh men Gujarat”) навишта, дар вақти “Вазъияйти фавқуллода” чӣ гуна вазъ доштани музофоти Гуҷаратро он ҷо нишон додааст. Ин аввалин китоби Нарендра Модӣ мебошад, ки онро муаллиф дар давоми 23 рӯз иншо намудааст. Вақте ки соли 1998 “Бҳаратия Ҷаната Парти” бо сардории Лал Кришна Адвани маъракаи интихоботиро дар музофотҳои Гуҷарат ва Ҳимачал Прадеш сарварӣ мекард, аллакай маълум буд, ки ин ҳизб намоёнтарин ҳизбе мебошад, ки дар воқеъ бо ҳизбҳои дигар, аз ҷумла бо Ҳизби Конгресси Миллӣ пурра рақобат карда метавонад. (Лал Кришначанд Адвани (тав.1927) собиқ вазири корҳои дохилии Ҳиндустон, арбоби сиёсиву давлатии Ҳиндустон, собиқ президенти Бҳаратия Ҷаната Парти –ҳизби мухолиф дар Парламенти Ҳиндустон).

Нарендра Модӣ 7-уми октябри соли 2001 сарвазири (Chief Minister) музофоти Гуҷарат интихоб шуд. (Дар Ҳиндустон дар музофотҳои ҷудогона вазифаи вазирони гуногун муқаррар шудааст ва ҳар як музофот дар соҳаҳои гуногун вазир доранд. Сарвари вазирони музофотҳоро “мукҳямантрӣ” мегӯянд, ки ба забони англисӣ “Chief Minister” ва русӣ “Главный министр” меӯянд). Ӯро барои дар ин вазифа кор кардан то соли 2014 чор маротиба интихоб намудаанд. Вақте вай бори аввал соҳиби ин вазифа шуд, хеле дар азият буд ки таҷрибаи кофӣ надорад. Лекин вай эҳсоси парешонӣ накарда, қарор медиҳад, ки аз бисёр корҳои дигари дуюмдараҷа даст кашида, ду моҳи тамомро барои омӯхтани масъалаҳои сиёсату давлатдорӣ сарф мекунад. Ҳамин тариқ, фаъолияти сиёсии Нарендра Модӣ аз назари шахсони намоёни ҳизби “Бҳаратия Ҷаната Парти” баҳои баланд гирифт ва вай ҳамчун сиёсатмадори болаёқат эътироф карда шуд. Ҳамин буд, ки номзадии ӯ аз ҳизби “Бҳаратия Ҷаната Парти” барои ишғоли вазифаи сарвазири мамлакат 13-уми сентябри соли 2013 пешниҳод карда шуд ва Нарендра Модӣ соли 2014 маъракаи пешазинтихоботии парламентиро сарварӣ намуд. Ин вазифаро истифода намуда, вай дар саросари мамлакат бо интихобкунандагон, тавре худаш гуфтааст, 440 маротиба вохӯрӣ гузаронидааст. Нарендра Модӣ дар суханрониҳои худ ба интихобкунандагон чандин шиорҳо, аз ҷумла шиори “Инкишоф ва идоракунии хуб – ҳадафи мо”-ро таъкид менамуд. Чун маъракаи пеш аз интихобот ва худи интихобот ба

анҷом расид, маълум шуд, ки “Бҳаратия Ҷаната Парти” бо ҳарифи худ дастболо шудаст ва шумораи номзадҳои ин ҳизб дар парламенти Ҳиндустон аксарияти мутлақро ташкил медиҳанд. Ҳамин тариқ, 26-уми майи соли 2014 Нарендра Модӣ ба гирифтани вазифаи сарвазири Ҳиндустон ноил шуда, қасам ёд намуд. Интихоботи навбатии парламентии Ҳиндустон аз 11-уми апрел то 19-уми майи соли 2019 ҷараён дошт. Натиҷаҳои ин интихобот рӯзи 23-юми май ҷамъбаст ва ҳамон рӯз ба воситаи ахбори омма эълон карда шуд.

Нарендра Модӣ дар солҳои ҳамчун сарвазири музофоти Гуҷарат фаъолият карданаш, қабл аз ҳама кӯшиш кардааст иқтидори иқтисодии музофотро қавӣ гардонад. Чун ин кор ба ӯ муяссар мешавад, ҳамзамон бо ин баробар эътибораш низ миёни мардуми музофоти Гуҷарат афзоиш меёбад. Болоравии нуфузи ӯро дар мисолҳои зерин дидан мумкин аст: Мутобиқи баҳодиҳии хонандагони маҷаллаи бонуфузи мамлакат “Ҳиндустони имрӯз” (India Today. Ин маҷаллаи бонуфуз ҳафтавори ҳиндустонии паҳнкунандаи хабарҳои нав ба забони англисӣ мебошад, ки соли 1935 таъсис ёфтааст) дар давоми солҳои 2006-2011 Нарендра Модӣ миёни сарвазирони музофотҳо беҳтарин сарвазир шинохта шудааст. Маҷаллаи “Time” бошад дар солҳои 2014, 2015 ва 2017 ӯро дар шумори 100 бонуфузтарин одамони ҷаҳон шомил кардааст. Ҳамин маҷалла дар натиҷаи раъйпурсии солҳои 2014 ва 2016 Нарендра Модиро “Шахси сол” номидааст. Ин нуқтаро низ бояд ёдовар шавем, ки дар шаҳри Лондон дар осорхонаи мадам Тюссо ҳайкали мумии Нарендра Модӣ дар қатори маъруфтарин шахсиятҳои ҷаҳон гузошта шудааст. Намоиши фигураҳои мумии одамони машҳури осорхонаи Мадам Тюссо соли 1835 ташкил карда шудааст. Бунёдгари он Мария Тюссо (1761-1850) мебошад. Фигураҳои машҳуртарин шахсиятҳои таърихӣ ба андозаи як бар як сохта шудаанд. Ҳар сол аз ин осорхонаи машҳур ҳазорҳо одамон дидан мекунанд.

Ин далел ҳам шоҳиди он аст, ки Нарендра Модӣ яке аз намоёнтарин шахсияте аз сиёсатмадорони Ҳиндустон мебошад. Бахшида ба Нарендра Модӣ, тавре болотар ишора шуд, як силсила китобҳо иншо шудаанд, ки аз тариқи онҳо боз бисёр паҳлӯҳои фаъолияти сиёсӣ ва зиндагии шахсии ин сарвазир, ин сиёсатмадори BJP ифшо мегардад.

Нарендра Модӣ мисли яке аз собиқ сарвазирони Ҳиндустон Ваҷпейи ба адабиёт шавқи махсус дорад. (Атал Биҳари Ваҷпейи (1924-2018) –арбоби давлатию сиёсии Ҳиндустон. сравазири ёздаум (1996) ва чордаҳуми (1998-2004) Ҳиндустон мебошад) Ӯро ҳам шоир мегӯянду ҳам нависанда. Шеърҳояшро ба забони гуҷаратӣ (яке аз забонҳои Ҳиндустон) иншо кардааст. Ёдовар мешавем, ки гӯяндагони забони гуҷаратӣ дар Ҳиндустон бештар аз 45 миллион нафаранд. Дар худи музофоти Гуҷарат забони гуҷаратӣ забони модарии 42,2 миллион одамон мебошад.

Ба қалами Нарендра Модӣ якчанд асарҳои бо назму наср иншошуда мансубанд, ки яке аз онҳо маҷмӯаи шеърҳои “Дуои чашм” ба забони гуҷаратӣ бо номи “Aankh Aa Dhanya Che”) ба табъ расидааст. Ин маҷмӯа аз 67 шеър иборат мебошад, ки аксарияти онҳо мавзӯи ватандӯстиро дар бар гирифтаанд. Аввалин китоби Нарендра Модӣ, тавре болотар номбар кардем, “Гуҷарат дар роҳи мубориза” мебошад. Ба қалами ӯ як маҷмӯаи ҳикояҳо бо номи “Муҳаббат” (Prematirtha) низ тааллуқ дорад. Чунин далел ҷолиб аст, ки Нарендра Модӣ ҳанӯз дар синни дувоздаҳсолагӣ як пийесае навиштааст, ки “Гули кирмхӯрда” (Pilu phul) ном дорад. Ин пийесаро ӯ худ ба саҳна гузошта, дар он нақшеро низ иҷро намудааст. Мазмуни ин пийеса мазмуни ҳикояи Премчанд “Ибодатхона” (Mandir)-ро ба ёд меорад. Дар ҳар ду маврид сухан дар бораи он меравад, ки модаре аз

кастаи поёнӣ (далит) ба хотири шифои писари бемораш бояд ба ибодатхона рафта маслиҳат пурсад, вале ба ӯ иҷозати ворид шудан намедиҳанд, зеро вай аз кастаи поёнӣ аст. Дар ҳикояи “Ибодатхона” дар охир ҳам модар ва ҳам писар аз дасти бадхоҳон ҳалок мешаванд. Дар пиесаи “Гули кирмхӯрда” бошад писарчаи бемор вафот мекунад. Адиби ҷавон мисли Премчанд дар андешаи он аст, ки чи гуна одамон бо ҷоҳилии худ боиси марги касоне мешаванд, ки на ҳуқуқ доранду на ҳимоягар. Аз ин ҷо маълум мешавад, ки ҳикояҳои Премчанд, аз ҷумла ҳикояи “Ибодатхона” ба нависандаи ҷавон, нависандаи адолатхоҳ таъсири муайяне расонидааст.

Бисёр шахсони хориҷӣ ки аз Ҳиндустон дидан кардаанд, баробари бо муъҷизаҳо рӯ ба рӯ шудану пас таърифи онҳоро кардан, боз аз як чизи дигар низ ёдовар мешаванд, ки диданашон чандон мақбул нест. Ин ҳамон ҷойҳое мебошанд, ки он қадар тозаю пок нестанд, яъне он ҷойҳоро муддатҳо аз партовҳо тозаю пок намекунанд. Ин нопокӣ гарчанде машҳур будани муъҷизаҳои Ҳиндустонро халалдор намекунад, лекин ба ҳар ҳол аз дидани ҷойҳои нопок табъи сайёҳон хира мешавад. Аз ин ҷост, ки ашхоси дар ҷомеаи Ҳиндустон нуфуз дошта талош мекунанд давои ин дардро ёбанд. Ҳанӯз Маҳатма Ганди орзу дошт ва таъкид мекард, ки мамалакатро пурра аз партовҳо тозаву озода бинад. Иҷрои ин кор вақт ва аз ҳама муҳимаш маблағи хеле зиёдро талаб мекунад. Инчуни ҳалли бисёр масъалаҳои мубрами дигар масъалаи тозагии муҳитро ҳамеша ба вақтҳои дигар мегузошт. Нарендра Модӣ ба хотири амалӣ кардани ин орзуи пешвои мардуми ҳинд барномаи панҷсолаи “Тозагии Ҳиндустон”-ро («Clean India») **эълон кардааст.** Ба хотири иҷрои ин барнома ҳазорҳо шаҳрвандони Ҳиндустон ӯҳдадор шудаанд, ки дар давоми ҳар як сол бештар аз 100 соатро барои тозакардани маҳали худ аз партовҳо ҷудо мекунанд. Инчунин қарор ҳаст, ки агар шаҳрвандон партовҳоро дар ҷойҳои муайяннашуда партоянд то 80 доллари амрикоӣ ҷарима месупоранд.

Дар ин барнома баробари саросари Ҳиндустогнро аз партовҳо тоза нигоҳ доштан боз таъкид аст, ки аҳолӣ бояд пурра ба оби тозаи нӯшокӣ таъмин карда шавад. Иҷрои ин барнома, бешак, боиси дигаргуниҳои назаррасе дар ҳусни Ҳиндустон хоҳад шуд.

Бо зиёд шудани аҳолии рӯи Замин ва дахолати бемаъсулятона ва беандешаи бисёр одамон ба қонунҳои табиат, ки дар натиҷа ифлос ва ҳатто заҳролуд шудани обҳо имрӯзҳо мушоҳида мешавад, масъалаи нигоҳ доштани оби тозаи нӯшиданӣ яке аз масъалаҳои муҳими тамоми дунё шудааст. Аз ҷумла, аҳолии Ҳиндустон ҳоло ба мушкилоти нарасидани оби нӯшокӣ рӯ ба рӯ шудааст. Сарвазири Ҳиндустон Нарендра Модӣ дар моҳи сентябри соли 2019 ба мардуми кишвараш ваъда дода буд, ки тамоми чораҳоро меандешад, то ин ки дар чорчӯбаи барномаҳои федералии инкишоф, тамоми шаҳрвандони Ҳиндустон бо оби тозаи ошомиданӣ таъмин карда шавад. Сарвазир таъкид кардааст, ки: “Аз ҳамон вақте ки ҳукумати мо ба сари қудрат омад, мо ба хотири таъмин кардани ҳар як деҳа бо нерӯи барқ чораҳои зиёд андешидаем. Дар тамоми мамлакат ташнобҳои нав бунёд хоҳанд шуд. Мо акнун бояд коре кунем, ки дар ҳар як хонадон бо оби тозаи нӯшокӣ таъмин гардад” [4]. Мутобиқи хабари агентии хабарҳои нави ҳиндустонӣ Ҷагран (Jagran) барои иҷрои ин ҳадаф ҳукумат аллакай якчанд барномаро пиёда кардааст.

Ин ҷо боз оид ба баъзе паҳлӯҳои шахсияти Нарендра Модӣ чанд сухан гуфтан ҷоиз аст. Нарендра Модӣ бо вуҷуди дар вазифаи баландтарини Ҳиндустон кор ва фаъолият карданаш шахси хоксор ва дорои хислатҳои аҷиб мебошад, аз ҷавонӣ шароб ва гӯшт истеъмол намекунад, яъне аз ҷумлаи гиёҳхӯрон (вегетарианҳо) аст. Вай модараш

Ҳирабаро тез-тез хабар мегирад ва дуои неки модарро хеле қимат мешуморад. 18-уми майи соли равон модари Нарендра Моди̅ 100 сола шуд. Дар рӯзи ҷашни модар сарвазир назди ӯ  рафта, ӯро ба ин муносибат бисёр боэҳтирому боиззат табрик намуд. Ба мутолиаи китобҳо рағбати зиёд дорад. Асарҳои Вивекананда ба ӯ таъсири зиёд расондаанд. Бобо Соҳиб Амбеткарро  пешвои ғоявии худ мешуморад. Амбеткар (1891-1956) - ҳуқуқшиноси маъруфи Ҳинд, арбоби сиёсӣ, пешвои махавҳо Бҳимрао Рамҷӣ Амбедкар, бо тахаллуси Бобосоҳиб низ маъруф аст. Аввалин конститутсияи Ҳиндустни озод бо роҳбарии ӯ гнавишта шудааст. Барои дарёфти нерӯ ва равшану саҳеҳбаёнӣ назараш ба тарафи ақидаҳои Сардор Пател  аст (Валлабҳаи Пател (1875-1950) – арбоби давлатии Ҳиндустон, яке аз муаллифони конститутсияи нави Ҳиндустон мебошад).

Он чи имрӯз Нарендра Модӣ барои пешравии иқтисоди Ҳиндустон ва барои баланд бардоштану нигоҳ доштани мақому эътибори Ҳиндустон дар миқёси ҷаҳонӣ карда истодааст, боиси шуҳратёбии худи Нарендра Модӣ шуда истодааст.

Сарвазири Ҷумҳурии Ҳиндустон Нарендра Модӣ дувоздаҳуми июли соли 2015 ба Тоҷикистон омада, рӯзи сенздаҳум дар шаҳри Душанбе бо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот дошт. Ҳангоми ҳамин боздид сарвазири Ҳиндустон изҳори умедворӣ намуд, ки ҳамкориҳои минбаъдаи ин ду кишвар боз ҳам қавитар хоҳанд шуд.

Дар охири моҳи декабри соли 2019 рӯзномаи бритониёии “Financial Times” Нарендра Модиро ба рӯйхати  50 нафаре дохил кард, ки онҳо "зуҳури даҳсоларо муайян кардаанд. Нарендра Модӣ ба хотири хизматҳои шоистааш барои мардуми Ҳинд  ва саҳми назаррасаш дар қавитар намудани муносибатҳои Ҳиндустон бо мамлакатҳои дигар сазовори чунин мукофотҳои давлатӣ шудааст:

- Ордени “Шоҳ Абдулазиз” (3-юми апрели 2016, Арабистони Саудӣ).
- Ордени “Ғозӣ Амонуллоҳхон” (4-уми июни 2016, Афғонистон).
- Ордени “Зайд” (4-уми апрели 2019, АМА).
- Ордени  “Расули Муқаддаси Андрейи аввалхонда” (12-уми апрели 2019, Русия) - барои хизматҳои барҷаста дар рушди шарикии стратегии махсусан имтиёзноки Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Ҳиндустон ва робитаҳои дӯстонаи байни халқҳои рус ва ҳинд. (Россия)
- Ордени “Ҳокими барҷаста - Нишон Иззуддин” (8-уми июни 2019), Ҷумҳурии Малдив..
- Ордени “Баҳрайн”, дараҷаи 1 (24-уми августи 2019, Баҳрайн).
- Ордени “Подшоҳи аждаҳо” (17-уми декабри 2021, Бутан).

Шахсияту фаъолияти  сиёсии Нарендра Модӣ   имрӯзҳо дар ҳаёти мардуми  Ҳинд нақши муҳим дорад. Таваҷҷуҳи  ӯ ба хотири рушд ва ба даст даровардани  натиҷаҳои наззаррасу дилхоҳ ҳосили фаровон  дода, ӯро ба ҳайси як шахсияти  бузурги милливу ҷаҳонӣ машҳур кардааст. Ба гуфтору амали ӯ такя карда, ҳар сокини ин сарзамини куҳанбунёд  метавонад бо дили пур умед ба рӯзгори шоиста бандад, метавонад ифтихор кунад, ки чунин  сарвари тавоное дорад ва ин сарвари тавоно ғамхори воқеии ӯст.

## АДАБИЁТ:


1. Кашин В. П. Индия. Предвыборная гонка началась // Азия и Африка сегодня. 2014. № 1. С. 13. // Азия и Африка сегодня. 2014. № 1. С. 13.
2. Кашин В.П. Нарендра Моди. Лидер современной Индии. М. 2020, 264 с.

3. Лав Кумар Синҳ. “Сафаре аз чойфурӯшӣ то сарвазирӣ”. Деҳлӣ, 2017, 216 с. (लव कुमार सिंह I चाय बेचनेवाला से लेकर प्रधानमंत्री तक सफर I नाई दिल्ली, अगस्त, 2017.

4. Нарендра Моди: Обеспечим чистой водой каждого в Индии. https://regnum.ru/news/society/2725090.html

5. Меъмори BJP-и ҷадидро бихаред. https://www.amazon.com/Architect-New-BJP-Narendra-Transformed/dp/0670096962

6. Тарҷумаи ҳоли Нарендра Модӣ.https://svpressa.ru/persons/narendra-modi

7. Шлыкова Н. Б. Политические партии Индии: История развития и првовое положение. Журнал Российского права. № 11/2011.

## НАРЕНДРА МОДИ — ПРЕМЬЕР - МИНИСТР ИНДИИ ОТ ИНДИЙСКОЙ НАРОДНОЙ ПАРТИИ

**РАДЖАБОВ ХАБИБУЛЛО**

доктор филологических наук, профессор, главный научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии НАНТ ИИПСАЕ. Адрес: ш. Душанбе, улица Лоик Шерали, 83. Тел.: 907-96-30-00. Электронная почта: rajabov_h@yahoo.com

*Не секрет, что принятие на себя руководства государством - очень сложная и ответственная задача, вне зависимости от того, благоприятна ли текущая ситуация и положение страны под руководством или нет. Под руководством мудрого, дальновидного, смелого, справедливого и верного своему народу и стране решение даже самых сложных задач и преодоление сотен препятствий становится более возможным. Почему народ Индии по сей день с огромной любовью поклоняется легендарному царю Раме и ищет у него помощи? Прежде всего потому, что король Рама был чрезвычайно благожелателен, справедлив и предан своему народу. В наше время всякий раз, когда индийский народ выбирает себе вождя, он хочет видеть в нем именно такие качества. Если мы познакомимся с жизнью и политической деятельностью нынешнего премьер-министра Индии Нарендры Моди, то ясно поймем, что избиратели Индии не ошиблись в выборе своего лидера. Они выбрали человека, который без преувеличения является истинным патриотом Индии. Он прилагает много усилий для прогресса Индии и благосостояния ее народа. Подтверждением этого утверждения могут служить беспрецедентные достижения Индии в различных областях за восемь лет правления Нарендры Моди. Нарендра Моди — лидер, который верен своему слову и принимает все меры для выполнения того, что он обещал своему народу до того, как был избран на эту должность. Данная статья является попыткой сказать несколько слов о жизни и деятельности этого выдающегося политика XXI века Индии.*

***Ключевые слова:*** *Нарендра Моди, премьер-министр, Индия, Индийская народная партия, выборы, провинция Гуджарат, Индийский национальный конгресс, экономика.*

## NARENDRA MODI - PRIME MINISTER OF INDIA FROM THE INDIAN PEOPLE'S PARTY

**RAJABOV KHABIBULLO**

Doctor of Philology, Professor, Chief Researcher of the Department of Southeast Asia Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences

of Tajikistan. Address: Dushanbe, Like Sherali street, 83. Tel.: 907-96-30-00. Email: rajabov_h@yahoo.com

*It is no secret that taking over the leadership of the state is a very difficult and responsible task, regardless of whether the current situation and the position of the country under leadership are favorable or not. Under the leadership of a wise, far-sighted, courageous, just and loyal to his people and country, the solution of even the most difficult tasks and overcoming hundreds of obstacles becomes more possible. Why do the people of India to this day worship the legendary King Rama with great love and seek his help? First of all, because King Rama was extremely benevolent, fair and devoted to his people. In our time, whenever the Indian people choose their leader, they want to see in him just such qualities. If we get acquainted with the life and political activities of the current Prime Minister of India, Narendra Modi, we will clearly understand that the voters of India did not make a mistake in choosing their leader in the last two times. They have chosen a man who, without exaggeration, is a true patriot of India. He makes great efforts for the progress of India and the well-being of her people. India's unprecedented achievements in various fields during the eight years of Narendra Modi's rule can serve as confirmation of this statement. Narendra Modi is a leader who is true to his word and takes every measure to fulfill what he promised his people before he was elected to this position. This article is an attempt to say a few words about the life and work of this outstanding politician of the 20th century in India.*

***Keywords:*** *Narendra Modi, Prime Minister, India, Indian People's Party, elections, Gujarat province, Indian National Congress, economy.*

## ТАЪРИХИ ТАШАККУЛИ МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ТОҶИКИСТОН БО ИТАЛИЯ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

**ВОҲИДОВА САНАВБАРБОНУ**
доктори илмҳои таърих, профессор, мудири шуъбаи Аврупо ва Амрикои Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ. Суроға: 734035 ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33, почтаи электронӣ: тел; +(992) 935008732.
sanajanvohidova@gmail.com

*Мақола ба омӯзиш ва таҳқиқи таърихи Италия ва ташаккули муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин кишвар дар замони муосир бахшида шудааст.*

*Дар мақола қайд гардидааст, ки халқиятҳои муосир тақрибан 40 000 сол пеш дар Италия маскан гирифтанд. Яъне, пеш аз румиён, лотинҳо (воқеан, аҷдодони румиён), самнитҳо, келтҳо ва бисёр қабилаҳои дигар дар ин ҷо зиндагӣ мекарданд. Тахминан дар асрҳои VIII-VII -и пеш аз милод дар ҷануби Италия ва дар Сицилия якчанд шаҳрҳои мустамликавии онҳоро юнониёни қадим бунёд кардаанд.*

*Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба роҳандозӣ гардидаанд. Аз ҷумла, ҳамкориҳо дар самти иқтисодиёт нисбатан рушд ёфтаанд. Масалан, дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон чандин ширкатҳои итолиёвӣ фаъолият мекунанд, ки ин бозгӯи тавачҷуҳи ҷонибҳо аз рушди ҳамкориҳои дуҷониба шуда метавонад.*

***Калидвожаҳо:*** *Тоҷикистон, Италия, таърих, ҳамкорӣ, дипломатия, иқтисодиёт, ширкат, таваҷҷуҳ, дуҷониба.*

Таърихи чанд кишварро бо таърихи Италия муқоиса кардан мумкин аст. Шояд танҳо Юнон аз ҷиҳати миқдори ёдгориҳои таърихӣ бо Италия ба як катор гузошта шавад. Халқиятҳои муосир тақрибан 40 000 сол пеш дар Италия маскан гирифтанд. Пеш аз румиён, лотинҳо (воқеан, аҷдодони румиён), самнитҳо, келтҳо ва бисёр қабилаҳои дигар дар ин ҷо зиндагӣ мекарданд. Тахминан дар асрҳои VIII-VII -и пеш аз милод дар ҷануби Италия ва дар Сицилия якчанд шаҳрҳои мустамликавии онҳоро юнониёни қадим бунёд кардаанд. Финикиён мустамликахои худро дар сохилҳои Сицилия ва Сардиния сохтанд.

Рими Қадим аслан як ҷомеаи хурди кишоварзӣ буд, ки дар асри VIII пайдо шудааст, вале тадриҷан нуфузи худро ба кишварҳои дуру наздик паҳн кард.

Дар охири асри VIII мелод як кисми сарзамини Италия ба хайати шоҳигарии императори франкҳои Карл дохил карда шуд. Подшоҳони франкӣ ба таъсиси давлатҳои папа дар Италияи Марказӣ, ки ба попҳо тааллуқ доштанд, кӯмак карданд [12, 126].

Дар асрҳои миёна императорони Империяи муқаддаси Рим кӯшиш мекарданд, ки давлатҳои шаҳрҳои Италияро тобеъ кунанд, аммо онҳо ба ин нақшаҳо фаъолона муқобилат мекарданд. Аз ин давра марҳилаи гул-гулшукуфии ҷумҳуриҳои баҳрии Италия — Венеция, Пиза, Генуя ва Амальфи оғоз меёбад. Дере нагузашта Венетсия ва Генуя тоҷирони асосии Аврупо бо Шарқ гардиданд, ки ба шарофати ин сарват ва қудрати онҳо боз ҳам бештар афзоиш ёфт.

Аз соли 1559 Италия дар зери хукмронии Испанияи Габсбург қарор дошт ва аз соли 1713 онро Австрия забт кард.

Дар давраи ҷангҳои Наполеон як қисми заминҳои Италия ба Фаронса ҳамроҳ карда шуд ва дар қаламрави боқимонда салтанати Италия эълон карда шуд.[12, 123]

17-уми марти соли 1861 баъд аз маъракаҳои артиши Италия бо сардории Ҷузеппе Гарибалди Подшоҳии муттаҳидаи Италия эълон карда шуд. Аммо танҳо пас аз соли 1866 Венетсия ба салтанати Италия ҳамроҳ гардид. Дар охири солҳои 1920 ва аввали солҳои 1935 Бенито Муссолини дар Италия ба сари қудрат омад. Соли 1939 Италия Албанияро ишғол кард ва дар Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ дар канори Олмон ва Ҷопон ҷангид. Мохи сентябри соли 1943 Италия таслим шуд.

Дар соли 1946 Италия ба ҷумҳурӣ ва соли 1949 ба блоки харбии НАТО дохил шуд. Дар соли 1957, Италия дар байни аъзои муассисони Иттиҳоди иқтисодии Аврупо буд, ки баъдтар Иттиҳоди Аврупо шуд.

Забони расмӣ итолиёӣ аст. Марказҳои сайёҳӣ забонҳои инглисӣ ва фаронсавиро истифода мебаранд. Илова бар ин, дар Тироли Ҷанубӣ ва Болзано забони олмонӣ расман эътироф шудааст, ки бо забони итолиёвӣ баробар амал мекунад. Дар Горизия ва Триест, словенӣ мақоми минтақавӣ дорад, дар водии Аоста - фаронсавӣ.

Ахолиаш 60 миллиону 796 хазор нафар аст, ки 93 дар садашро италянҳо, зиёда аз 1 дар садашро румиҳо ва Африкаи Шимолӣ, камтар аз 1 дар садашро албанҳо, хитоиҳо ва украинҳо ташкил медиҳанд. Дар мамлакат намояндагони миллатхои махаллӣ — сицилияхо, сардинхо, тусканхо, калабрияхо, лигуриён ва ғайра зиндагӣ мекунанд [7, 34].

Муносибатҳои дипломатӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия 15-уми майи соли 1992 барқарор шудааст.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Италия Ҷамолиддин Убайдулло (бо қароргоҳ дар Париж, санаи супоридани эътимоднома 8-уми марти 2019) мебошад.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Италия дар Тоҷикистон Агостино Пинна 18-уми феврали соли 2021 эътиборномаи худро ба Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супорид [13, 11].

2-юми апрели соли 2009 Котиби давлатии Вазорати корҳои хориҷии Италия, сенатор Алфредо Мантика ба Тоҷикистон ташриф овард. Дар ҷараёни ин мулоқот ҷонибҳо 2 созишнома ба имзо расониданд: Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Италия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаҳои саноати техникӣ ва иқтисодӣ. Протоколи ҳамкорӣ байни Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати корҳои хориҷии Италия ба имзо расид [14].

1-уми июли соли 2016 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳбари ширкати итолиёвии “Salini Impregilo” S.p.A. Пиетро Салини, ки дар натиҷа як тендери байналмилалӣ сохтмони сарбанди нерӯгоҳи Роғунро дар Тоҷикистон ба уҳда гирифт. Миёни Тоҷикистон ва як ширкати итолиёвӣ созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид, ки бар асоси он ҷониби Тоҷикистон барои тарҳрезӣ, харидории таҷҳизот ва сохтмони нерӯгоҳи Роғун 3,9 миллиард доллар ихтисос дода, ширкати итолиёвӣ ба ҳайси пудратчӣ (кӯтарагир)  фаъолият хоҳад кард.

13-уми декабри соли 2019 дар Рим дар доираи Конфронси байналмилалии “Италия ва Осиёи Марказӣ: таҳкими ҳусни тафоҳум, ҳамкорӣ ва шарикӣ” мулоқоти Вазири корҳои хориҷӣ Сироҷиддин Муҳриддин бо Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Италия Луиҷи Ди Майо  баргузор гардид. Зимни мулоқот ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ ва фарҳангиро баррасӣ намуда, оид ба амният, муҳити зист ва дигар масъалаҳои мубрами минтақа ва ҷаҳон табодули афкор намуданд [3, 187].

4-уми сентябри соли 2021 вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин Вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Италия Луиҷи ди Майоро ба ҳузур пазируфт. Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба мавзуъҳои асосии рӯзномаи дуҷониба табодули афкор намуда, робитаҳои сиёсииояндаро баррасӣ намуданд. Ба густариши ҳамкорӣ бо Италия дар соҳаҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ ва амниятӣ таваҷҷуҳи хоса зоҳир гардид [14]. Мусоҳибон ҳамкориҳои созандаи Тоҷикистону Италияро дар чаҳорчӯби созмонҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои асосии рӯзномаи ҷаҳонӣ қайд намуданд. Ҷонибҳо ҳамчунин вазъи Афғонистон ва минтақаро баррасӣ намуда, ягонагии бархӯрдҳоро дар мубориза бо терроризм, ифротгароӣ, қочоқи маводи мухаддир, ҷиноятҳои фаромиллӣ ва дигар таҳдидҳои амниятӣ таъкид карданд. Вазирони корҳои хориҷӣ омодагии худро барои идомаи тамос ва машваратҳо дар ҳама сатҳҳо оид ба масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои Тоҷикистону Италия ва минтақавӣ изҳор доштанд.

8-уми декабри соли 2021 дар Тошканд вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин дар Конфронси дуюми вазирони «Италия – Осиёи Марказӣ» дар формати C5+1 иштирок намуда, дар ҷараёни конфронс масъалаҳои марбут ба таҳдидҳои ҷорӣ ва мушкилот, аз ҷумла вазъи Афғонистон, мавзӯъҳои кунунии ҳамкориҳои минтақавӣ дар бахшҳои иқтисод ва тандурустӣ, инчунин дурнамои рушди ҳамкориҳои илмии Италия ва Осиёи Марказӣ баррасӣ шуданд. Дар доираи конфронс мулоқоти вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Сироҷиддин Муҳриддин бо вазири корҳои хориҷӣ ва ҳамкории байналмилалии Ҷумҳурии Италия Луиҷӣ Ди Майо

баргузор гардид. Зимни мулоқот ҷонибҳо вазъи кунунӣ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷонибаро баррасӣ карданд [12].

Ҳамкории иқтисодӣ. Соли 2003 «Ташкилоти савдои Италия» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон намояндагии худро кушода, барои мошинҳои сабукрав ва боркаш таҷҳизот ва қисмҳои эҳтиётӣ таъмин намуд.

Дар ин ҷо корхонаи муштараки Тоҷикистону итолиёвии «Ҷавонӣ» амал мекунад, ки асосан ба истеҳсоли маҳсулоти тайёр аз матоъҳои ҷинсӣ ва либоси аз пахта тайёршуда тахассус дорад.

Асосан муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии ду кишвар дар сатҳи ҳамкории бахши хусусӣ инкишоф меёбанд. Гардиши мол дар 11 моҳи соли 2021 (январ-ноябр) - ҳаҷми муомилоти мол 30477,9 ҳазор доллари ИМА (ворид – 21006,1 ҳазор доллар, содирот – 9471,8 ҳазор доллари ИМА)-ро ташкил дод [2 ,с. 7].

Тайи се соли охир ҳамкориҳои стратегии кишварҳо дар соҳаи мубориза бо ҷиноятҳои муташаккил ва қочоқи маводи мухаддир фаъолона инкишоф меёбанд. Ҷумҳурии Италия яке аз донорҳои асосӣ дар таъсиси Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар рафти ин ҳамкорӣ чанд вохӯрии кории роҳбарияти Агентии назорати маводи нашъаовар (АНМН) бо роҳбарияти полиси Италия баргузор гардид. Бар асоси натиҷаҳои он тренингҳои махсус барои омӯзиши кормандони воҳиди нерӯҳои вижа ва маркази таҳлилӣ дар Италия баргузор шуданд [13].

Раиси Палатаи савдо ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷамшед Ҷумъахонзода Сафири Италия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷаноби Андреа Бертотсиро бо қароргоҳаш дар Тошканд ба ҳузур пазируфт. Ҳадаф аз ин сафар баррасии имконоти ҳамкориҳои Тоҷикистону Италия, густариши равобити мутақобилан судманди иқтисодӣ буд.

Ҷ.Ҷумъахонзода қайд кард, ки вазифаи палата аз он иборат аст, ки ба ширкатҳои итолиёвӣ дар дарёфти шарикони боэътимоди тиҷоратӣ, таъмини ҳузури устувори онҳо дар Тоҷикистон тавассути пешбурди тиҷорат ва баланд бардоштани рақобатпазирии соҳибкорон фаъолона мусоидат намояд.

Бертотси махсусан маълумот дар бораи ислохоти иқтисодӣ дар Тоҷикистон давом дорад; фазои мусоиди сармоягузорӣ, имтиёзҳо ва имтиёзҳои андозӣ барои сармоягузорони хориҷӣ дар МОИ «Суғд», «Панҷ», «Данғара», «Ишкошим», лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт.

А.Бертотси омодагии Тоҷикистонро ба муколамаи ошкоро ва ҳамкориҳои мутақобилан судманд арзёбӣ кард.

Ҷонибҳо табодули иттилооти тиҷоратӣ ва чорабиниҳои ҷориро ҷиҳати рушди муносибатҳои байни доираҳои тиҷоратии ду кишвар муҳим арзёбӣ намуданд.

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳқиқи ҳамкориҳои Тоҷикистону Италия ва муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон бо ин кишвар дар замони истиқлолият таҳлилу барасӣ шуд ва ба хулосае омадем, ки ҳоло ҳам ҳамкориҳои Тоҷикистон бо Италия дар сатҳи зарурӣ назаррас нест.

Бар замми ин, ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Италия дар сатҳи дуҷониба ва бисёрҷониба роҳандозӣ гардидаанд. Аз ҷумла ҳамкориҳо дар самти иқтисодиёт нисбатан рудш ёфтаанд. Масалан, дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон чандин ширкатҳои итолиёвӣ фаъолият мекунанд, ки ин бозгӯи таваҷҷуҳи ҷонибҳо аз рушди ҳамкориҳои дуҷониба шуда метавонад.

Ҳамин тариқ, рушди ҳамкориҳои минбаъдаи мутақобилан судмандро бо Италия дар самтҳои иқтисодиёт, фарҳанг, маориф барои Тоҷикистон муфид дониста мешавад, зеро ин кишвар метавонад ба иқтисодиёти Тоҷикистон сармоягузорӣ кунад. Аз ин рӯ, ҷалби сармояи Италия ба соҳакҳои афзалиятнок аз ҷумла маорифу илм муҳим арзёбӣ мегардад.

## АДАБИЁТ:


1. Москвин, А.Г. Италия. Страна моря и солнца (Исторический путеводитель) [Текст] / А.Г. Москвин. - Издательство Вече, 2011. - 512 с.
2. Официальный сайт Национального управления Италии по туризму [Электронный ресурс] - Режим доступа к сайту: www.enit.it.
3. Рандалл, Тео Куда и когда поехать. Италия [Текст] / Тео Рандалл. - Издательство Астрель, 2011. - 336 с.
4. Сапожникова, Е.Н. Страноведение. Теория и методика туристского изучения стран [Текст] / Е.Н. Сапожникова. - Москва.: Издательский центр «Академия», 2008, - 237 с.
5. 1959 - **Salvatore Quasimodo**: www.nobelprize.org/1959
6. 1975 - **Eugenio Montale**: www.nobelprize.org/1975
7. Авилова А.В. «Италия: своеобразие южноевропейского пути развития» // Мировая Экономика и Международные Отношения, 2001 г., №5.
8. Андреев Б.И. Италия - очерки по экономической географии - М., 2009 - 285 с.
9. Бабышев Л. Экономика Италии: обнадеживающие результаты 1997 г. - КОРИНФ №7, 1998
10. Информационный сайт, посвященный туризму в Италии www.initaly.com
11. Изобразительное искусство Италии [Электронный ресурс]. - Режим доступа: http://ru.wikipedia.org
12. История литературы Италии: В 4 т. Т. 1 / под ред. М.Л.Андреева, Р.И.Хлодовского. М., 2000.
13. Муносибатҳои Тоҷикистон бо Италия https://mfa.tj/ru/main/view/172/otnosheniya-tadzhikistana -s-italiei.


# ИСТОРИЯ ФОРМИРОВАНИЯ ДВУСТОРОННИХ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА И ИТАЛИИ


**ВОХИДОВА САНАВБАРБОНУ**

доктор исторических наук, профессор, заведующая отделом Европы и Америки Института стран Азии и Европы НАНТ По адресу: 734035 Душанбе, пр. Рудаки 33, e-mail: тел; + (992) 935008732. sanajanvohidova@gmail.com



*Статья посвящена изучению и исследованию истории Италии и становлению двусторонних отношений между Таджикистаном и этой страной в современном мире.*

*В статье утверждается, что современные народы поселились в Италии около 40 000 лет назад. То есть до римляны здесь жили латины (по сути, предки римлян), самниты, кельты и многие другие племена. Примерно в VIII-VII веках до нашей эры древние греки построили несколько колониальных городов на юге Италии и Сицилии.*

*Сотрудничество между Республикой Таджикистан и Итальянской Республикой осуществляется на двустороннем и многостороннем уровне. В частности, относительно*

*развито сотрудничество в сфере экономики. Например, в годы независимости в Таджикистане работает несколько итальянских компаний, что может быть отражением заинтересованности сторон в развитии двустороннего сотрудничества.*

***Ключевые слова:*** *Таджикистан, Италия, история, сотрудничество, дипломатия, экономика, компания, интерес, двусторонний.*

## THE HISTORY OF THE FORMATION OF BILATERAL RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH ITALY

**VOHIDOVA SANAVBARBONU**
Doctor of Historical Sciences, Professor, Head of the Department of Europe and America of the Institute of Asian and European Countries, NAST Address: 734035 Dushanbe, 33 Rudaki Ave., e-mail: tel; + (992) 935008732. sanajanvohidova@gmail.com

*The article is devoted to the study and research of the history of formation and development of bilateral relations between Tajikistan and Italy in the modern world.*

*The article claims that modern peoples settled in Italy about 40,000 years ago. That is, before the Romans, Latins (in fact, the ancestors of the Romans), Samnites, Celts and many other tribes lived here. Around the 8th-7th centuries BC, the ancient Greeks built several colonial cities in southern Italy and Sicily.*

*Cooperation between the Republic of Tajikistan and the Italian Republic is carried out at the bilateral and multilateral levels. In particular, cooperation in the economic sphere is relatively developed. For example, during the years of independence, several Italian companies operate in Tajikistan, which may be a reflection of the interest of the parties in the development of bilateral cooperation.*

***Key words:*** *Tajikistan, Italy, history, cooperation, diplomacy, economy, company, interest, bilateral.*

## ҲАМГИРОИИ ИҚТИСОДӢ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ ҶАНУБУ ШАРҚӢ ДАР ДОИРАИ ФАЪОЛИЯТИ АСЕАН

**ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ**
н.и.т., мудири шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии ИОМДОА АМИТ.
Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 93 528 28 62.
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*Вазъияти ҳозира ва дурнамои иктисодиёти мамлакатҳои АСЕАН (Ассотсиатсияи миллатҳои Осиёи Ҷанубӣ-Шарқӣ) бо вазъи иқтисодии ҷаҳон зич алоқаманд аст. Роҳи рушди устувори иқтисодии кишварҳои АСЕАН аз ҳамгироии кишварҳои минтақа ва бозсозии сохтор, кам кардани вобастагӣ ба марказҳои иқтисоди ҷаҳонӣ вобастагии калон дорад. Дар мақолаи мазкур мушкилоти ҳамгироии иқтисодии кишварҳои АСЕАН аз нуқтаи назари амалия ва институтҳои сиёсии давлатӣ баррасӣ шудааст, ки сатҳи самаранокии иқтисоди кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқиро муайян мекунанд. Омили муҳими ба даст овардани рушди иқтисодии ба содирот нигаронидашуда ва рушди бомуваффақият ҳамгироии минтақавӣ дар доираи АСЕАН бо ташаккули институтҳои боэътимоди ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ мебошад ва*

*ин имкон медиҳад, ки робитаҳои иктисодӣ дар минтақа танзим шаванд. Дар мақола инчунин омилҳои иқтисодӣ ва сиёии ноил нашудани АСЕАН ба якпорчагии иқтисодӣ мавридӣ барраст қарор дода мешаванд. Омилҳои мазкур АСЕАН-ро аз расидан ба ҳамгироии комили иқтисодӣ боздошта, бо тай кардани марҳилаҳое, чун тиҷорати афзалиятдошта, минтақаҳои озоди иқтисодӣ маҳдуд кардаанд дар ҳоле, ки АСЕАН ба ташкили иттиҳоди гумрукӣ ва бозори муштарак машғул мебошад. Монеаҳои дохилиминтақавӣ ва фароминтақавӣ аз омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки эҳтимоли бештар ба таъхир андохтани ҳамгироиро хоҳанд дошт. Бо баррасии таҷрибаи ҳамгироии минтақавӣ дар доираи АСЕАН метавон рушди ин равандро (ҳамгироии минтақавиро) дуруст донист.*

***Калидвожаҳо:*** *ҳамгироӣ, ҳамгироии иқтисодӣ, мушкилоти ҳамгироии иқтисодӣ, Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, АСЕАН, рушди иқтисодии АСЕАН, омилҳои дохилиминтақавӣ ва фароминтақавии зидди ҳамгироӣ, омилҳои сиёсии зидди ҳамгироии иқтисодии АСЕАН*

Яке аз шаклҳои муҳими ҳамкорӣ дар арсаи байналмилалӣ ҳамгироии минтақавӣ аст, ки дар чорчӯба он кишварҳои минтақаҳои мухталиф ба самти иттиҳод ва якпорчагии ҳарчи бештар пеш мераванд. Ҳамгироии кишварҳо аз минтақаи озоди тиҷоратӣ оғоз шуда, пас аз гузаштани ду марҳала: иттиҳодияи гумрукӣ ва бозори муштарак ба иттиҳодияи комили иқтисодӣ хатм мешавад. Саволи аслӣ ин аст, ки чаро баъд аз гузашти беш аз панҷ даҳа аз таърихи ташаккули АСЕАН ин ташкилоти минтақавӣ ҳанӯз ба ҳамгироии комили иқтисодиву сиёсӣ муваффақ нашудааст? Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди ҳамгироӣ агарчи бо ҷунбишҳои андак рушду густариш кунад ҳам, лекин далелҳо шоҳиданд, ки АСЕАН дар роҳи расидан ба ҳамгироии комили иқтисодӣ бо мушкилоте чун: иқтидори иқтисодии на чандон худкифо, вобастагӣ ба тиҷорати хориҷии бурунминтақавӣ, тафовути зиёд дар тавоноиҳо ва имкониятҳои иқтисодӣ ва набудани ҳамоҳангиҳои комил ё ихтилофоти сиёсӣ рӯ ба рӯ аст, ки омилҳои мазкур монеаи муҳиме дар роҳи ноил шудани АСЕАН ба якпорчагии иқтисодӣ гаштаанд. Мушкилоти мазкур АСЕАН-ро аз расидан ба ҳамгироии комили иқтисодӣ боздошта ва бо тай кардани марҳалаҳое чун тиҷорати тарҷеҳӣ, минтақаи озоди иқтисодӣ, иттиҳодияи гумрукии маҳдуд, дар айни замон АСЕАН ба думболи амалӣ сохтани ҳадафи худ - яъне бозори муштарак аст. Тадқиқоти мо хусусияти тавсифӣ дошта,ба таҳлилу баррасии фарзияҳо мепардозад. Равиши гирдоварии маводҳо низ аз рӯи далелу санадҳо аст.

Дар чанд даҳаи охир раванди ҳамкориҳои байналмилалӣ пешрафти назаррасеро тай карда, ин нишондиҳанда пайванди ҳарчи бештари манфиатҳои кишварҳоро дар самтҳои мухталиф нишон медиҳад. Ҷаҳон дар даҳсолаҳои охир ба сурати қобили мулоҳизае тағйир ёфтааст. Баъд аз поёни ҷанги сард, афзоиши вобастагии мутақобил ва ҳамгироӣ дар ростои ҷаҳонӣ шудан дар маркази таваҷҷуҳи иқтисоди сиёсии байналмилал қарор гирифт. Баъзе муҳаққиқон аз қабили Оҳмай, Стронг ва Лупел пешниҳод мекунанд, ки ин раванд мумкин аст ба аз байн рафтани давлат-миллатҳо поён ёфта, шакли созмони сиёсӣ зуҳур ёбад. Муҳаққиқони дигаре мӯътақид бар онанд, ки ҷаҳонишавӣ ақидаи ғалат аст ва ба ҷойи ҷаҳонишавӣ ва шакливазкунии давлат - миллат ҳамгироии минтақавии давлат-миллатҳои мустақил муҳиммтарин ва қобили таваҷҷуҳ дар сиёсати байналмилалӣ аст. Ҳамон гуна ки давлат - миллат аз рӯёрӯии ба самти мусолиҳа ва ҳамкории иқтисодӣ бештар ҳаракат мекунад, ҳамгироии минтақавӣ низ яке аз воқеиятҳои саҳнаи байналмилалӣ шудааст ва эҳтиёҷ ба мутолиа ва баррасии он бештар гардидааст.

АСЕАН, ки собиқаи таърихии беш аз 50 - сола дорад, аз замони таъсис, дар соли 1967 ҳадафҳои худро бар ҳамкорӣ ва ҳамгироии бештари дохилиминтақавӣ мутамарказ сохта, ҳамвора саъй кардааст марказияти худро дар роҳи дастёбӣ ба ин ҳадафҳо ҳифз кунад. Бо руҷуъ кардан ба омори тиҷоратии АСЕАН метавон ба ин маънӣ пай бурд. Тиҷорати дохилиминтақавии АСЕАН дар даҳсолаи 1970 аз 12 то 15 дарсад буд ва ин рақам дар миёнаи даҳаи 2000 - ум ба беш аз 25 дарсад расид. АСЕАН дар санадҳо ва нақшаҳои ояндаи хеш то солҳои 2025 ба ҳамгироӣ ва якпорчагии бештар дар самтҳои мухталиф таъкид кардааст. Раванди ҳамкории рушдёбандаи АСЕАН низ навиддиҳандаи қадамҳои муваффақи он дар самти ҳадафи дарозмуддати якпорчагии комил ва иттиҳоди боз ҳам бештари кишварҳои минтақа аст.

Саволи аслии таҳқиқоти мазкур ин аст, ки чаро баъд аз гузашти беш аз панҷ даҳа аз таърихи шаклгирии АСЕАН ин ниҳоди минтақавӣ ҳанӯз ба ҳамгироии комили иқтисодӣ дастёб нагардидааст? Саволҳои иловагӣ иборатанд аз: 1. Мушкилоти ҳамгироии АСЕАН дар чист? 2. Марҳилаҳои ҳамгироии минтақавии АСЕАН аз чӣ замоне оғоз шуда ва чӣ таҳаввулотеро аз сар гузаронидааст? 3. Бозори муштараки АСЕАН чӣ рукнҳое дорад ва аъзои ин ниҳод чӣ сиёсатҳоеро барои дастёбӣ ба он пеш гирифтаанд? Фарзияи таҳқиқот ин аст, ки агарчи раванди ҳамгироӣ бо ҷунбишҳои андак рушду густаришро нишон медиҳад, лекин АСЕАН дар роҳи расидан ба ҳамгироии комили минтақавӣ бо мушкилоте чун иқтидори иқтисодии на чандон худбасанда, вобастагӣ ба тиҷорати хориҷии бурунминтақавӣ, тафовуту фарқи зиёд дар тавоноиҳои кишварҳои минтақа ва набудани ҳамоҳангиҳои комил ё ихтилофоти сиёсӣ, ки ин амр монеаи муҳимме дар роҳи дастёбии АСЕАН ба якпорчагии иқтисодии бештар аст. Омилҳои мазкур АСЕАН-ро аз расидан ба ҳамгироии комили иқтисодӣ боздошта, бо тай кардани марҳилаҳое, чун тиҷорати афзалиятдошта, минтақаҳои озоди иқтисодӣ маҳдуд гардидааст ва дар ҳоли ҳозир АСЕАН ба ташкили иттиҳоди гумрукӣ ва бозори муштарак машғул мебошад.

Ҳамгироии минтақавӣ яке аз ҷанбаҳои иқтисоди байналмилалӣ мебошад, ки аҳамияти он беш аз чаҳор даҳа аст, ки дар ҳоли афзоиш аст. Дар соли 1950 ин мафҳум таърифи хосеро аз ҷониби иқтисоддонон барои тахассусӣ кардани тиҷорати байналмилалӣ гирифт. Ин таъриф нишондиҳандаи умур ё расидан ба ҳадафҳое буд, ки иқтисодҳои давлатҳои ҷудогонаро дар минтақаҳои озоди иқтисодии бузургтар муттаҳид менамуд ва ин калима маънии маҳдудтаре аз корбурди имрӯзии он дошт. Бояд гуфт, ки иқтисодчиён бо ин равиш аз иқтисоди байналмилал барои афзоиши вобастагии мутақобилаи иқтисодии байни кишварҳо истифода мекарданд. Ҳамгироии минтақавӣ барои аз байн бардоштани тамоми монеаҳои тиҷоратии байни ҳадди ақал ду кишвар бо эҷоди унсурҳои ёридиҳандаи ҳамкорӣ ва ҳамоҳангии байнихудӣ равона гардидааст.

Ҳамгироӣ, инчунин ба маънии таркиби бахшҳои муҷаззо, яъне аз ҳам ҷудошуда ба як кулли воҳид фаҳмида мешавад. Асли мафҳуми ҳамгироӣ дар соҳаи иқтисодӣ маъмулан ба маънои густариши раванде аст, ки дар он робитаҳои наздиктари байни воҳидҳои ҷуғрофиёӣ ҳамроҳ бо афзоиши мизони вижагиҳои монанд дар назар аст. Дар фарҳанги иқтисодӣ ҳамгироиро ба унвони робитаҳои мутақобилаи оянданигарӣ, дар ҳамомехтагии иқтисодҳои миллӣ ва ташкили фазои иқтисодии то ҳудуде хос таъриф мекунанд [27, 13]. Ислоҳоти минтақагароӣ ба ҳамгироӣ далолат мекунад, зеро барои ташхиси як гурӯҳи давлатҳо аз дигар давлатҳо ба воситаи ҷуғрофиё, фарҳанг, таърих ва иқтисод метавон ба роҳ монд. Давлатҳои як минтақаро метавон ба як доира гирифт, зеро

ин давлатҳо дар ин раванд худро дар як ё чанд соҳа бо якдигар пайвандёфта медонанд [1, 212]. Бо вуҷуди тафовути дидгоҳи муҳаққиқон дар мавриди унсурҳо ва меъёрҳои ташкилдиҳандаи минтақагароӣ ба назар мерасад, ки яке аз муҳимтарин меъёрҳо дар тақсимбандии минтақаҳои ҷуғрофиёӣ, яъне маҳалли қароргирии кишварҳо мебошад, ки онҳоро бо марз аз дигар минтақаҳо ҷудо мекунад ва дар марҳалаи баъдӣ иштироки фарҳангӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ дорои аҳамияти хоса ҳастанд. Кишварҳое ҳастанд, ки аз назари сиёсӣ мутафовитанд, вале дар як минтақа қарор доранд ва дар муқобили ин кишварҳое низ ҳастанд, ки дар фосилаи бисёр ду аз ҳамдигар қарор доранд, вале умумиятҳои зиёде бо ҳам доранд.

Ҳамгироии минтақавиро ба таври сода наметавон таърифи дақиқ намуд. Ин калима ба маънии ваҳдати давлат-миллатҳо дар як минтақаи ҷуғрофӣ аст ва аз тарафи дигар ҳамгироии минтақавӣ метавонад ба раванди пурзуртаре ишора дошта бошад, як кишвар дар як иттиҳод ва ё воҳиди бузурге бошад. Як андоза ширкати кишварҳо ва он чи ки онҳо ба иштирок мегузоранд, сатҳи ҳамгироиро мушаххас мекунад. Аз тарафи дигар, ҳамгироии минтақавӣ ба натиҷаҳое ишора мекунад, ки ба меъёрҳои муайяншуда алоқаманд мешаванд. Ҳамгироии минтақавӣ ин ниҳодсозӣ ва таҳким, ки ниҳодҳо барои осону содасозии амалиёти ҳукумат хуб тарроҳӣ шудаанд. Ҳамчунин бо ҳадафи ба даст овардан аз тариқи афзоиши таъаҳҳуд ба ҳамоҳангӣ ва ҳамкорӣ, ҳифозат аз якпорчагии минтақа, коҳиши ҳазинаҳои мубодила ва истифодаи муассир аз манбаъҳои камёб мебошад. Ҳамгироии минтақавӣ, инчунин ҳамоҳангии сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, тавсеаи иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарурӣ барои тамоми давлатҳои аъзо ва ҳамоҳангӣ дар равобити хориҷӣ [21, 2].

Мафҳуми ҳамгироии минтақавӣ дар воқеият аксаран ҳамкории наздиктари байни давлатҳои ҳоким аст, на ба маънои интиқоли ҳокимият. Калимаи ҳамгироӣ ба маънии иттиҳодсозии ҷузъҳо дар як кулл аст, аммо вақте ба сурати хос ба кор меравад маънии он печида мегардад. Сарфи назар аз талошҳои бисёр барои тавзеҳи ҳамгироии минтақавӣ аз ҷониби муҳаққиқони гуногун таърифи ягонае вуҷуд надорад ва ин амр муқоисаи ҳамгироиҳои Осиё ва Амрикоро бо ҳамгироиҳоӣ Африқо ва Аврупо мушкил месозад. Ҳамгироии минтақавӣ ба раванде ишора дорад, ки дар он давлатҳо даври ҳам ҷамъ мешаванд, то мувофиқатномаҳоеро барои ҳамкорӣ дар ҳавзаҳои хос ва муштарак имзо кунанд [20, 5]. Лозим аст ибтидо байни ҳамгироӣ ва ҳамкорӣ тафовутианиҷе гузорем. Ҳадафи аслии раванди ҳамгироӣ аз байн бардоштани ҷудоии байни тавлидот, хадамот, омилҳои тавлидоти дохил ва хориҷи кишварҳои узв ва ҳифзу ҳимоятгароӣ дар муқобили ҷаҳони сеюм аст. Раванди ҳамгироӣ ҳадди ақал чаҳор марҳала дорад, шомилшавӣ ба минтақаи озоди иқтисодӣ, иттиҳоди гумрукӣ, бозори муштарак ва иттиҳоди иқтисодӣ-сиёсӣ мебошанд. Раванди ҳамгироӣ умуман аз минтақаи озоди иқтисодӣ оғоз ва ба иттиҳодияи иқтисодӣ ва сиёсӣ хатм мешавад. Дар минтақаи озоди иқтисодӣ кишварҳои узв монеаҳои тиҷорати молу маҳсулот ва хадамоти байни худро аз байн бардошта, сиёсатҳои тарифии худро дар муқобили кишварҳои ҷаҳон ва кишварҳои хориҷ бо мувофиқаномаҳо ҳифз мекунанд. Иттиҳодияи гумрукӣ аз таркиби минтақаи озоди иқтисодӣ бо эҷоди тарифҳои хориҷии муштарак ба вуҷуд меояд, пас тиҷорати дохилиминтақавӣ ба иловаи тарифҳои хориҷии муштарак иттиҳоди гумрукиро ташкил медиҳад. Бозори муштарак замоне муҳаққақ мешавад, ки чархаи омилҳои тавлид озод шавад ва сармоя, неруи корӣ, корофаринӣ ва сармоягузории озодона байни кишварҳои узв дар ҷараён бошад. Иттиҳоди иқтисодӣ низ ду марҳаларо дар бар мегирад: иттиҳоди

иқтисодию сиёсии комил тавассути ваҳдати пулӣ, иҷтимоӣ ва сиёсатҳои молӣ шинохта мешавад. Дар чунин мавқеъ қарор доштан аз давлат талаб мекунад, ки тасмимоти миллии худро маҳдуд намуда, ба тасмимоти ниҳоди минтақавӣ моил гардад ва дар сурати ба роҳ мондани ҳамгироии сиёсӣ ва иқтисодӣ вориди иттиҳоди ягона мешаванд. Иқтидори иттиҳодия низ тавассути парлумони марказӣ назорат мешавад. Қобили зикр аст, ки ҳеҷ созмони минтақавӣ то кунун ба марҳалаи иттиҳодияи иқтисодӣ ва сиёсии комил нарасидааст [26, 2].

Ҳамкорӣ аз ҳамгироӣ хеле маҳдудтар аст. Ҳар як созишнома ва шартнома барои ҳадафи коҳиши навъҳои гуногуни монеаҳо бо дарназардошти манфиатҳои муштарак дар ҳар кадом соҳае набошад шакле аз ҳамкориҳои иқтисодӣ аст. Ҳамкории минтақавӣ гуфта амал ва равандеро мегӯянд, ки кишварҳои мухталиф бе тақсим ва ё вогузории ҳокимият фаъолияти худро танзим мекунанд, аммо дар ҳамгироии минтақавӣ кишварҳо ба тадриҷ ҳокимияти худро бо сохтори фаромиллии ҷадиде мепайванданд, ки то битавонанд ба самти якпорчагӣ ҳаракат кунанд, ба ҳамин далел ҳамкорӣ аз ҳамгироӣ маҳдудтар аст [14, 138]. Ҳамгироии минтақавӣ як чизи сохта буда, мумкин аст боз истад, ба монанди Иттиҳоди Африқо, Иттиҳоди Ҷамоҳири Шӯравӣ ва қаламрави Дания ва ҳатто мумкин аст таҷзия шавад, ба монанди Югославия, Чехословакия ва Федератсияи Ҳинди Ғарбӣ [15, 241]. Аввалин талоши расмӣ дар минтақагароӣ ё ҳамгироии минтақавӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ дар Аврупо таҳти унвони Иттиҳоди Аврупо қобили мушоҳида аст. Модели Иттиҳоди Аврупо ҷиҳати пайванд додан ба унсурҳои сиёсӣ дар ҳамгироии иқтисодӣ созмон додашудааст [28, 3].

Ҳамгироии минтақавӣ метавонад шаклҳои мухталиферо дар бар гирад ва бисёре аз онҳо дар воқеъ амалӣ шудаанд. Дар масъалаи марбут ба иқтисодиёт, ҳамгироии минтақавиро аксари олимони соҳа ба панҷ шакли ҳамгироии минтақавӣ ҷудо кардаанд. Аввалин бор Болоссо панҷ шакл ё марҳалаҳои ҳамгироии иқтисодиро ишора кардааст, ки иборатанд аз минтақаи озоди иқтисодӣ, иттиҳодияи гумрукӣ, бозори муштарак, иттиҳодияи тиҷоратӣ ва иттиҳодияи иқтисодии комил ва ягона [8, 10]. Бархе аз олимон мувофиқатномаҳои тиҷоратии афзалиятдоштаро низ яке аз шаклҳо ва ё марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодӣ медонанд [1, 408; 11, 155]

Монанди он чи дар равобити кишварҳои Африқо, Ҳавзаи баҳри Кариб ва Уқёнус бо Аврупо дар заминаи мувофиқатномаҳо мушоҳида мешаванд бештар дар соҳаи кишоварзӣ аст [7, 408]. Баъзе муҳаққиқон барои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ шаш шакл ва ё марҳилаҳоро нишон додаанд, се марҳалаи аввалро - минтақаи озоди иқтисодӣ, иттиҳоди гумрукӣ, бозори муштарак ва се марҳалаи баъдиро - иттиҳоди иқтисодӣ, иттиҳоди пулӣ ва иттиҳоди сиёсӣ муайян кардаанд.

Смитс низ ба панҷ навъ ҳамгироии минтақавӣ ишора кардааст, бо ин тафовут, ки ду марҳалаи поёниро ягона медонад, яъне иттиҳодияҳои комили сиёсӣ ва иқтисодиро охирин марҳалаи ҳамгироии иқтисодӣ ба назар мегирад ва афзалияти тиҷорати озодро низ ба чаҳор навъи дигар ҷудо намудааст ва дар ин андеша аст, ки дар ин навъи ҳамгироӣ коҳиши тариф ё тиҷорати озод ба рӯйи молҳои хоссе сурат мегирад ва тафовути он бо минтақаи озоди иқтисодӣ дар ин аст, ки дар минтақаи озоди иқтисодӣ озодсозии тиҷории молу маҳсулот ба сурати комил анҷом мегирад [32, 60].

Дар ин таҳқиқоти илми метавон ба панҷ шакли аслии ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ишора кард. Шаклу марҳалаҳои ҳамгироии иқтисодӣ чунин мебошанд:

А) яккум, минтақаи озоди иқтисодӣ - дар ин сатҳ аз ҳамгироии минтақавӣ кишварҳои узв тамоми монеаҳои ҷойдоштаи соҳаи тиҷоратро аз байн мебардоранд, аммо озодии худро дар таъини сиёсат дар арсаи байналмиллалӣ ҳифз мекунанд [16, 14). Ба монанди минтақаи озоди иқтисодии Чин ва АСЕАН, минтақаи озоди иқтисодии Ҷопон ва АСЕАН, минтақаи озоди иқтисодии АСЕАН – Австралия - Зеландияи Нав, минтақаи озоди иқтисодии Осиёи Ҷанубӣ, Мувофиқатномаи тиҷорати озоди Америкаи шимолӣ, Минтақаи озоди тиҷоратии кишварҳои арабӣ ва ғайраҳо;

Б) дувумин иттиҳоди гумрукӣ буда, хеле шабеҳи минтақаи озоди тиҷоратӣ аст, ки дар қолаби он кишварҳои узв бояд равобити тиҷорати хориҷии муштаракеро иҷро ва думболгирӣ кунанд, барои мисол: кишварҳо бояд тарифҳои хориҷии муштаракеро барои воридот аз кишварҳои ғайри аъзоёнашон ҷорӣ кунанд [16, 14]. Барои ин Иттиҳоди гумрукии Евразия, Шӯрои ҳамкории Халиҷи Форс, Иттиҳоди гумрукии ҷануби Африқо мисол шуда метавонанд;

В) севумин марҳилаи ҳамгироии иқтисодӣ бозори муштарак аст, ки хусусиятҳои як иттиҳоди гумрукиро ба иловаи озодии комили нақлу интиқоли афрод ва сармояи дохилиминтақавиро доро аст [29, 33]. Ҳамчунин омили дигар, таҳаррук ва амалиёти озод дар саросари марзҳои миллии аъзоёни минтақа аст, ба монанди ин ки сармоя, неруи корӣ, фанноварӣ, касбу кор ва сармоягузорӣ бояд бемамониат байни кишварҳои муошираткунанда ҷараён дошта бошанд [16, 15]. Дар ин марҳилаи ҳамгироии иқтисодӣ кишварҳо тамоми монеаҳоро бардошта, иҷозаи интиқоли озодонаи молу маҳсулот, тавлид, сармоя ва неруи инсониро миёни худ барқарор месозанд, аммо монеаҳои тиҷорӣ ва сиёсати тиҷории муштарак нисбат ба аъзои ғайри узвро таҳким мебахшанд. Кишварҳо ҳамчунин дар бозори муштарак мумкин аст ба сурати блоки воҳид бо созмонҳои фароминтақавӣ, ба монанди Созмони тиҷорати ҷаҳонӣ ё дигар блокҳои тиҷоратии минтақавӣ мисли Иттиҳоди Аврупо музокира кунанд, зеро бозори муштарак ба ҳадди ақали ҳамкорӣ дар иқтисод (пулӣ ва молӣ) ва сиёсатҳои корӣ ниёзманд аст. Дастёбӣ ба ин марҳилаи ҳамгироии минтақавӣ аксар вақт бисёр ҳам кори мушкил аст. Бо вуҷуди ин, даромаду сӯди инфиродии кишварҳо метавонад нобаробар бошад, зеро неруи корӣ ва мутахассисони варзида мумкин аст ба кишварҳое, ки музди болотаре доранд, бираванд ва сармоягузорӣ мумкин аст ба ҷойҳое ҷараён пайдо кунад, ки сӯд аз хароҷоти он бештар бошад. Дар натиҷаи ин раванд тавсеаи нобаробар шакл мегирад. Бо вуҷуди ин, сиёсатҳои ҳадафманд ва коромад тавассути аъзои иттиҳод метавонад ин номуносибиҳоро аз байн бибарад. Дар ҳоли ҳозир дар ин раванд, дар сатҳи ҳамгироии минтақавӣ Иттиҳоди Африқои Шарқӣ қарор дорад, ки аз июни соли 2010 аъзоёни он протоколи бозори муштаракро барои иҷрои комил дар тӯли панҷ сол имзо кардаанд [22, 87].

Г) чаҳорумин шакл, ё марҳилаи ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ иттиҳоди пулӣ ва иқтисодӣ шинохта мешавад. Дар ин маврид бозори муштарак бо иловаи якпорчагии комили сиёсати пулӣ ва молӣ ташкил карда мешавад. Ширкаткунандагони ин марҳила бояд қувваи марказиеро барои назорат дар ин самт эҷод кунанд, ки ба воситаи он кишварҳои узви минтақа ба сурати як миллат ё як иттиҳод дароянд. Барои мисол метавон ба 19 узви Иттиҳодияи Аврупо ишора кард, ки воҳиди пулии евраро ба унвони воҳиди пули худ пазируфтаанд. Дар иттиҳодҳои комили иқтисодӣ ва сиёсӣ кишварҳои узв амалан муттаҳид мешаванд. Қувваи марказии мавриди ниёз дар иттиҳоди комили иқтисодӣ бояд бо парлумон ва ниҳодҳои муштараки дигар ба роҳ монда шаванд ва як давлати воҳид ташкил карда шавад. Ба монанди он чи ки дар соли 1990 байни ду Олмон

ба амал омад ва Олмони шарқию ғарбӣ дар Ҷумҳурии Федеролии Олмон муттаҳид шуданд [17, 2].

Ҳамон гуна, ки дар боло зикр кардем, марҳилаҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ аз минтақаи озоди иқтисодӣ шурӯъ шуда, ба иттиҳодияи комили иқтисодӣ ва сиёсӣ мерасад. Табиист, ки бо баҳрагирӣ аз модели дар боло баёнёфта метавон чигунагии иттиҳоди миллатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ ва ба як иттиҳодияи комили иқтисодӣ табдил ёфтани онҳоро баррасӣ намуд.

Рушди ҳамкориҳои минтақавӣ ба унвони яке аз дигаргуниҳои асосӣ дар равобити байналмилал шинохта шудааст. Ин раванд дар ҳоли ҳозир, яке аз вижагиҳои тасдиқшудаи саҳнаи робитаҳои байналмилалӣ буда, аҳамияти калоне пайдо кардааст. [23, 378].

Теъдоди мувофиқатномаҳои минтақавӣ дар чанд даҳаи ахир рушд ва густариш намудааст. Яке аз самтҳои барҷаста ва муваффақи Иттиҳоди Аврупо ин ҷалби таваҷҷуҳи кишварҳо барои тавсеаи робитаҳои худ бо дигар кишварҳо дар самти ба даст овардани сӯди иқтисодӣ аст. Ҳамгироии Иттиҳоди Аврупо минтақаро водор намудааст, ки шаклҳои ҷадиди ҳамкории минтақавиро ба вуҷуд оварад. Илова бар ин, сохторҳои ҷадидтари ҳамгироии минтақавӣ дар ҳоли рушд ва пешравӣ қарор доранд [18, 1149].

Ҳамгироии иқтисодии дохилиминтақавӣ аз соли 1980 то солҳои 2010-ум рушди қобили мулоҳизаеро нишон додааст. Дар ҳоле, ки тиҷорати дохилиминтақавии Иттиҳоди Аврупо аз 18 ба 24 дарсад расидааст [25, 31]. Ҳаҷми тиҷорати дохилиминтақавии Осиёи Шарқӣ низ дар тӯли беш аз як даҳа то соли 2016 афзоиш ёфта, ба 60 дарсад наздик шудааст [5, 16; 6].

Матни эъломияи Бангкок нишон маедиҳад, ки се ҳадафи асосии шаклгирии АСЕАН аз инҳо иборат мебошанд: а) рушд ва васеъ намудани иқтисоди дохилиминтақавӣ, б) рушд ва густариши пешрафти фарҳангӣ ва в) иҷтимоӣ ва таъмини сулҳу субот дар минтақа. Бинобар ин яке аз ҳадафҳои таъсиси АСЕАН илова бар таъмини сулҳу суботи минтақавӣ ва муқобила бо таҳдиди коммунизм, талош барои дастёбӣ ба ҳамкорӣ ва рушди иқтисоди дохилиминтақавӣ буд ва давлатҳои муассис ба манзури ба даст овардани баъзе манфиатҳо, аз ҷумла бо ҳадафи дастёбӣ ба ҳамгироии иқтисодӣ ин созмонро ташкил намудаанд. Аммо тақрибан як даҳа ин ҳадаф амалӣ ва иҷро нагардида, дар марҳалаи бунёдӣ боқӣ мондааст. Билохира, дар соли 1976 бо хурӯҷи Америка аз минтақаи Ҳиндучин ва баргузории иҷлосияи сарони АСЕАН дар Индонезия, камкам иҷрои ҳадафи гузошташуда аз нав бардошта шуд. Дар мавриди ҳамгироии иқтисоди АСЕАН ҳаминро бояд гуфт, ки аз ҳамон сол (1976) се тарҳи иқтисодӣ қабул карда шуд, ки ду тарҳи он доир ба саноат ва як тарҳи он доир ба содагардонии тиҷорат тартиб додашудааст. Ду тарҳи саноатӣ бо мушкилот рӯ ба рӯ шуданд, аммо сеюмӣ, ки бо созишномаҳои тиҷоратӣ бартарӣ дошт, иҷро шуд ва амалкарди беҳтаре дошт.

Кишварҳои АСЕАН баъд аз ташкили иттиҳоди миллатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ дар соли 1967 ба самти афзоиши ҳамкориҳои дохилиминтақавӣ ҳаракат карданд. Бо пушти сар гузоштани таърих ва таҷрибаҳои зиёд ба тадриҷ раҳбарони минтақа ба ин натиҷа расиданд, ки ҳамкорӣ ва иртиботи мутақобили минтақавиро дар садри авлавиятҳои худ қарор диҳанд ва тамоми тавони худро дар самти касби истиқлол ҳарчи бештар аз ҷаҳони хориҷ пеш гиранд. АСЕАН ба унвони ниҳоди тозатаъсис ба думболи таҳким ва тақвияти пояҳои худ буд ва ин амр дар пайи тавофуқоти аъзоён барои якдиливу якпорчагӣ пайваста пайгирӣ карда мешуд [10, 69].

Минтақаи озоди иқтисодии АСЕАН дар соли 1992 таъсис дода шуд. Аъзоёни АСЕАН мувофиқатномаи минтақаи озоди тиҷоратиро барои рақобатпазир сохтани минтақа дар содирот ва ҷазби сармоягузории мустақими хориҷӣ дар соли 1992 оғоз карданд. Ин мувофиқатнома барои озодсозии иқдомоти тарифавӣ ва ғайритарифавӣ дар қолаби тарифҳои муштараки афзалиятдошта равона шуд. Дастёбӣ ба озодсозии тарифавӣ ва ғайритарифавӣ то соли 2008 пешбинӣ шуда буд ва соли 2002 коҳиш ёфтааст. Мувофиқатномаи минтақаи озоди иқтисодӣ дар соли 2002 байни 6 узви аслии АСЕАН, яъне Бруней, Малайзия, Индонезия, Сингапур, Филиппин ва Таиланд иҷро шуд ва тарифа аз 0 то 5 дарсад коҳиш ёфт. Қарор шуд Ветнам бо стандартҳои мушобеҳи соли 2003, Лаос ва Мянма дар 2005 ва Камбоҷа дар соли 2007 шомили ҳамин гуна тарифаҳо шаванд. Дар соли 2010 шаш узви аслии АСЕАН минтақаи озоди иқтисодии комилро эҷод карданд ва барои чаҳор узви дигари АСЕАН марҳилаҳои гуногунро муайян карданд. Илова бар мувофиқатномаи дохилиминтақавӣ, кишварҳои узви АСЕАН нақши фаъол дар шаклдиҳӣ ба минтақаҳои озоди иқтисодии дуҷониба бо кишварҳои мухталиф, аз ҷумла Ҷопон, Чин, Ҳинд, Австралия, Аврупо ва Иёлоти Муттаҳида доранд [19, 16].

Тиҷорати дохилиминтақавии АСЕАН ва ҳаҷми умумии он дар солҳои 1970-ум аз 12 то 15 дарсадро ташкил медод, ин нишондод бо суръати зиёд афзоиш ёфта, ҳатто то миёнаи солҳои 1990-ум тиҷорати дохилиминтақавӣ ба 25 дарсад расид. Бо ба вуҷуд омадани буҳрони пулӣ ва молӣ дар солҳои 90-ум ҳаҷми тиҷорати дохилиминтақавии АСЕАН аз 22,3 дарсад дар соли 1996 ба 21 дарсад дар соли 1997 коҳиш ёфт [33, 21], аммо аз соли 1998 афзоиши ин нишондиҳанда то соли 2008, яъне то оғози буҳрони иқтисоди ҷаҳонӣ, ки ба марзи 27 дарсад расида буд, идома дошт. Дар соли баъд аз буҳрони иқтисоди ҷаҳонӣ, тиҷорати дохилиминтақавии АСЕАН наздик ба се дарсад коҳиш ёфт [37, 12] ва то соли 2012 дар ҳамин маҳдуда боқӣ монд.

Тиҷорати молу маҳсулот байни кишварҳои АСЕАН агарчи раванди болоравиро тай мекунад, тиҷорати дохилиминтақавии молу маҳсулот дар соли 2000-ум, ки наздик ба 160 миллиард доллар буд, дар соли 2016-ум ба беш аз 500 миллиард доллар расидааст. Тиҷорати хадамоти АСЕАН низ яке аз ҳавзаҳои ҳамкории кишварҳои минтақа аст. Тиҷорати дохилиминтақавии хадамот аз 80 миллиард доллар дар соли 2010 ба 106 миллиард доллар дар соли 2016 афзоиш ёфтааст. Ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ низ аз 5 миллиард доллар дар соли 2000 ба 24 миллиард доллар дар соли 2016 расидааст [3, 17; 4, 13].

Нуҳумин нишасти АСЕАН дар моҳи октябри соли 2003 баргузор шуд ва раҳбарони кишварҳои минтақа эълон карданд, ки мақсад доранд се рукни муштараки ба ҳам пайваста ва пуриқтидор бо унвонҳои дастаҷамъии амниятии АСЕАН, дастаҷамъии иқтисодии АСЕАН ва дастаҷамъии фарҳангии АСЕАН-ро то соли 2020 эҷод кунанд. Дар моҳи январи 2007 сарони давлатҳои АСЕАН ба мувофиқа расиданд, ки давомнокии онро то ба 2015 коҳиш диҳанд [24, 5]. Дар охирҳои декабри соли 2015 АСЕАН эъломияи Куала-Лумпурро имзо кард ва эҷоди бозори муштаракро миёни 10 узви АСЕАН ифтитоҳ намуд, ки беш аз панҷ даҳа музокирот барои дастёбӣ ба онро пушти сар намудааст. Ҳадаф аз ташкили бозори муштарак рафтуомади озодонаи шаҳрвандони кишварҳои минтақа, молу маҳсулот ва сармоя дар байни кишварҳои узв баён шудааст [12, 165]

Яке аз ҳадафҳои асосии дар эъломияи зикршудаи АСЕАН то соли 2025 ба бозори муштараки комил мубаддал гаштан аст, ки кишварҳои минтақа алорағми тафовутҳои чашмгир дар сатҳҳои иқтисодӣ ба думболи даст ёфтан ба ин муҳит ҳастанд. Аммо

мушкилие, ки дар ин байн худнамоӣ мекунад, афзоиши баробари ду ҳавзаи дохилиминтақавӣ ва бурунминтақавӣ аст. Кишварҳои АСЕАН натавонистаанд саҳми кишварҳои худро аз тиҷорат ва сармоягузории дохилиминтақавӣ дар беш аз як даҳа афзоиши қобили мулоҳизае диҳанд, ки дар идома ба ин масъала хоҳем баргашт.

Кишварҳои АСЕАН илова ба шабоҳатҳое, ки доранд, тафовутҳои зиёдеро низ дар самтҳои гуногун доро мебошанд. Барои мисол аз нигоҳи нуфузи аҳолӣ дар муқоисаи ду кишвар метавон ба ин чиз пай бурд, барои миосол Индонезия дар соли 2016 беш аз 250 миллион нафар аҳолӣ дошт, дар ҳоле, ки ин нишондиҳанда дар Бруней ба беш аз 420 ҳазор нафар сабт шудааст [4, 3]. Омори марбут ба аҳолии шаҳрнишини кишварҳои минтақа низ тафовути чашмрасеро нишон медиҳадю Масалан, 100 дарсад аҳолии Сингапур шаҳрнишин буда, танҳо 21 дарсади аҳолии Мянма шаҳрнишин аст [4, 7]. Кишварҳои минтақа низ барои касби даромад роҳҳои гуногун доранд, ба монанди Сингапур (0 дарсад кишоварзӣ, 26/3 саноат ва 73/7 хадамот) ва доир ба Мянма ин нишондиҳандаҳо 27/5 дарсад кишоварзӣ, 30/9 саноат ва 41/6 хадамот мебошанд [4, 47].

Ин нишондиҳандаи доир ба сатҳи пешрафтагии кишварҳо мебошад, зеро аҳолии деҳот маъмулан аз камбудии имконот дар ҳавзаҳои мухталиф, аз ҷумла тандурустӣ, маориф, камбизоатӣ, даромади ночиз ва ҳамлу нақл дар мавридҳои гуногун танқисӣ мекашанд ва кишвар бояд кушиши зиёде ба харҷ диҳад, ки ниёзҳои онҳоро ҷуброн ва таъмин намояд.

Кишварҳои АСЕАН тавоноиҳои иқтисодии гуногун доранд ва фосилаи байни баъзе аз онҳо хело зиёд аст ва ин тафовут дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ (ММД) ва даромад ба ҳар сари кас ошкор дида мешавад. ММД Индонезия як триллион ва Бруней беш аз 12 миллиард доллар дар соли 2017 будааст. Даромад ба ҳар сари кас дар кишварҳое ба монанди Сингапур ва Бруней ба тартиби 57 ва 29 ҳазор доллар дар соли 2017 будааст. [35]. Илова бар гуногуниҳои мазкур, дар байни кишварҳои минтақа аз ҳукуматҳои подшоҳӣ ва коммунистӣ ба монанди Бруней ва Ветнам то ҳукуматҳои демократӣ ба монанди Индонезия дар минтақаи Осиёи Ҷанубу Шарқиро ҷой дорад. Тафовутҳои қавмӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва фарҳангӣ дар АСЕАН низ бисёр зиёд аст, ки ин омил эҳтимоли шиддати авзоъро дар ин кишварҳо ва ҳатто байни онҳо бештар мекунад. Матолиби зикршуда бахше аз гуногунрангиҳои кишварҳои АСЕАН аст ва баррасии онҳо берун аз баҳси таҳқиқоти мазкур аст.

Ҳаҷми тиҷорати дохилиминтақавӣ аъзоёни ин ниҳод баробар ба 23 дарсад аз ҳаҷми умумии тиҷорати АСЕАН аст, ки дар муқобили ниҳодҳои минтақавии дигар чун Иттиҳодияи Аврупо, ки беш аз 60 дарсади тиҷорати дохилиминтақавӣ дорад, нисбатан поин аст. Кишварҳои узви АСЕАН талош намудаистодаанд, ки монеаҳои тиҷоратии байни худро ҳар чӣ бештар аз миён бардоранд, то тавонанд тиҷорати дохилиро густариш дода, заминаи дастёбӣ ба бозори муштаракро фароҳам созанд. Аммо АСЕАН ба унвони бозори муштарак ниёзманди тиҷорати афзунтари байни аъзоёни худ аст.

Ҳамон тавр, ки дар боло ишора гардида буд, ҳаҷми тиҷорати дохилиминтақавии 10 кишвари АСЕАН камтар аз 25 дарсад аст [2] ва ин ниҳоди минтақавӣ барои расидан ба ҳадафи худ бояд ҳаҷми тиҷорати дохилиминтақавии худро ба беш аз 40 дарсад афзоиш диҳад. Ҳифзи бозори муштарак низ душвортар аз марҳалаи аввалия ё эҷоди он аст. Мисол беҳтарини ин Иттиҳоди Аврупо аст, ки дар солҳои охир мушкилоти зиёдеро дидааст ва аз муҳимтарини онҳо метавон хуруҷи Англияро аз Иттиҳод, буҳрони пулии Юнон ва нигарониҳои мавҷуд бар сари минтақаи евро, ҷараёни афзоишёбандаи муҳоҷирон ва

паноҳандагони сурӣ ва афғонӣ ба минтақа, ҳуҷумҳои мусаллаҳонаи Русия ва таҳдиди терроризм ишора кард [13, 7].

Дар асоси муқоисаи факту рақамҳо ҳаҷми тиҷорати бурунминтақавии АСЕАН аз даҳаи 1990 то кунун рушди қобили мулоҳизатаре нисбат ба тиҷорати дохилиминтақавӣ доштааст. Бо баррасии омори тиҷорати дохилиминтақавии ин ниҳод, он чи дар аввал ба назар мерасад ин аст, ки тиҷорати дохилиминтақавӣ дар тӯли беш аз ду даҳа афзоиш ёфтааст ва табодули дохилиминтақавии он бештар гардидааст. Аммо он чи дар ин ҷо муҳимтар аст ва бояд ба инобат гирифта шавад ин аст, ки тиҷорати берунии минтақа рушди бештар кардааст. Ҳамон тавре, ки рақамҳо нишон медиҳанд, баръакси афзоиши ҳаҷми тиҷорати дохилиминтақавӣ тиҷорати бурунминтақавӣ рушд кардааст ва чанд соли охир тиҷорати дохилиминтақавӣ коҳиш ёфтааст. Аз ин рӯ, маълум мешавад, ки гарчанде АСЕАН ба ҳамгироии иқтисоди дохилиминтақавӣ таваҷҷуҳ кардааст, аммо тадбирҳои муносиб барои пайгири ин корро наандешидааст.

Бо вуҷуди ин ки аъзоёни АСЕАН минтақаи озоди иқтисодиро дар миёнаи даҳаи 2000 ҷорӣ кардаанд, аммо омори марбут ба тиҷорати дохилиминтақавӣ бо вуҷуди рушди ҳаҷми кулли тиҷорати хадамот на танҳо рушд накардааст, балки коҳиши се дарсадиро низ нишон медиҳад, ки ин, яъне АСЕАН на танҳо ба ҳадафи худ (бозори муштарак) наздик нашудааст, (дар ҳоли ҳозир), балки аз он дур низ гардидааст.

АСЕАН ба унвони ниҳоди минтақавӣ ва ё блок аз 10 кишвари бо тавоноиҳои бисёр мухталиф ташкил шудааст. Дар ин ҷо мо бояд кишварҳои аъзои АСЕАН-ро ба ду гурӯҳ: кишварҳо бо даромади миёна ва боло, ба монанди 6 кишвари АСЕАН (Сингапур, Малайзия, Бруней, Таиланд, Индонезия ва Филиппин); ва гурӯҳи кишварҳои камтар пешрафтаи АСЕАН (Камбоҷа, Лаос, Мянма, ва Ветнам) тақсим кунем. Дар байни кишварҳои ду гурӯҳи боло низ тафовутҳои зиёде аз назари сатҳи мухталифи тавоноӣ вуҷуд дорад. Барои мисол дар гурӯҳи кишварҳои АСЕАН даромади Бруней аксаран ба содироти маводи хоми нафт ва газ вобастааст ва ин кишвар дар муқобили Сингапур, ки даромади он бештар ба хадамот ва баъдан аз тавлидоти саноатӣ аст, қарор дорад. Дар миёни кишварҳои камтар тавсеаёфтаи АСЕАН сатҳи иқтисоди Ветнам бо се кишвари дигар каме тафовут дошта, ин кишвар на танҳо аз манзари иқтисодӣ амалкарди беҳтаре нисбат ба се кишвари дигар дорад, балки тавонистааст дар ду даҳаи охир рушд ва пешрафти назаррасеро нишон диҳад [4, 59-125]

Ҳаҷми нишондодҳои иқтисоди кишварҳои АСЕАН низ тафовутҳои бисёреро нишон медиҳад, ба гунае, ки ММД Индонезия (дар соли 2017) беш аз як триллион доллари ИМА дар сол аст, аммо ҳамин шохис дар кишвари Лаос ба 16 миллиард доллар дар сол баробар аст. Ин нишондиҳанда гӯёи тавоноӣ ва қобилияти кишварҳои минтақа аст, ки тафовути бисёр зиёдеро низ аён месозад [36].

Ба далели гуногунрангии кишварҳои минтақа, нигаронии онҳо низ аз се шохаи аслии АСЕАН, махсусан аз дастаҷамъии иқтисодии АСЕАН гуногун аст. Барои мисол, дар ҳоле, ки АСЕАН ба унвони ҳомии манофеи кишварҳои иқтисоди кушод дошта, ба монанди Сингапур ва Малайзия амал мекунад, барои як кишвари ақибмондаи хурд, ба монанди Лаос ё Камбоҷа муфид будани он бештар дар ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ аст, ки ин амр низ дар воқеият амри чандон ба нафъи ин кишварҳо нест. Барои мисол аз маҷмӯи сармоягузории мустақими хориҷӣ, ки вориди минтақа мешавад, Сингапур наздики 50 дарсад ва кишварҳои ақибмондаи кӯчак, ба монанди Лаос, Камбоҷа ва Мянма 2 то 5 дарсад аз онро дар худ истифода мебаранд [4, 141].

Дар мавриди манфиатҳои аз ҳамгироии иқтисодӣ ба даст омада низ тафовути дидгоҳ вуҷуд дорад. Барои мисол, дар ҳоле, ки кишварҳои тавсеаёфтатар ба монанди Таиланд, Индонезия ва Малайзия ба думболи болоравӣ ва тавсеаи тавлиди электроника ва саноати мошинсозӣ ҳастанд, кишварҳое ба монанди Мянма, Бруней ва Лаос бештар ба коркарди захираҳои маъданӣ машғуланд [34].

Ин амр пешрафти бозори ягона дар бахшҳои гуногуни минтақавиро бо душвориҳо рӯ ба рӯ мекунад, аммо зикри ин нукта низ дорои аҳамият аст, ки бо барномарезии дақиқ камбудиҳои зикршударо рафъ кардан мумкин аст.

Миллигароии иқтисодии баъзе аз кишварҳои АСЕАН ба монанди Индонезия ва Малайзия низ ба яке аз мушкилиҳои минтақавӣ табдил шудааст, ки аввалиятро ба ҷойи озодсозии иқтисодӣ бар эҷоди сохтор ва зерсохтҳои миллӣ мутамарказ кардаанд. Набудани қатъияту суботи сиёсӣ дар Филиппин ва Индонезия яке аз мушкилоти ҳозираи минтақа гардидааст.

Ба далели даст ёфтани кишварҳои хурд ба манобеи молии азим онҳо беҳтар мешуморанд, ки дар тарҳҳои муосири кишварҳои бузурги иқтисодӣ ба монанди Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷопон боқӣ бимонанд.

Яке аз масъалаҳои мушкили кишварҳои минтақа барои таҳкими ҳамкориҳои худ ин аст, ки онҳо майл доранд, ки узви АСЕАН бошанд, дар ҳоле ки дар хидмати манфиатҳои миллии хеш (иқтисодӣ ё сиёсӣ) ҳастанд, яъне кишварҳои созмон тамоюли вогузор кардани иқтидор ва ҳокимияти худ ба ниҳоди фаромиллӣ надоранд ва эҷоди ҳар ниҳодеро дар ростои тақвият ва таҳкими ҳокимияти миллии худ медонанд. Мавҷудияти қонуни мудохила накардан дар корҳои дохилии кишварҳои созмон дар оинномаи АСЕАН [31, 1] боис шудааст, ки кишварҳои минтақа дар муқобили буҳронҳои мухталифи дохилӣ, усули ҳамкорӣ ва машваратро канор бигузоранд ва ҳисси ваҳдату якпорчагии худро аз даст бидиҳанд. Мисоли равшани ин буҳрони Руҳингёи Мянма аст, ки аз августи соли 2015 оғоз шуда, барои бартараф намудани ин бархӯрдҳо ягон давлати узви созмон мудохила накардаанд.

Ҳамчунин пас аз музокираҳои чандинсолаи аъзои ин созмон барои табдили эъломияи ахлоқӣ ба оинномаи ахлоқии АСЕАН Камбоҷа ба унвони кишвари мизбон дар нишасти соли 2012 мушаххас шуд, аммо Камбоҷа бо далели равобити наздик ва тарс аз хуруҷи сармояҳои Чин қарори мазкурро рад карда, бо дархости Пекин аз гуфтугӯ дар ин мавридд худдорӣ намуд. Гароишҳои мутафовити аъзои ин созмон аз манфиатҳои сиёсӣ ва иқтисодии ин кишварҳо маншаъ мегирад. Барои мисол дар мавриди ихтилофоти минтақаҳои Баҳри ҷануби Чин Филиппин ва Ветнам даргириҳои бештаре бо Чин доранд ва кишварҳои Лаос, Мянма ва Камбоҷа саъй мекунанд дар ин масъала ҳамроҳ нагарданд. Ҳамаи ин нишондиҳандаи набудани сиёсатҳои муштарак аст, ки кишварҳои АСЕАН-ро ба самти истиқлолхоҳӣ пеш мебарад ва натиҷаи қатъии он афзоиши беэътимодӣ байни тарафҳо аст. Дар ин ҷо зикри ин воқеият низ метавонад андаке барои дарки мавзӯъ роҳкушо бошад, ки кишварҳои АСЕАН таъкиди худро бештар бар ҳавзаи иқтисодӣ, яъне яке аз се шохаи иҷроияи АСЕАН гузоштаанд ва АСЕАН барои дастёбӣ ба ҳадафи худ ниёзманди эҷоди тавозун, яъне дастаҷамъии амниятӣ, фарҳанги ва иқтисодӣ аст ва бо таваҷҷуҳ ба вазъияти ҳозир бояд корбарӣ намояд.

Амалиёти кишварҳои АСЕАН бо равобити наздик байни сиёсатмадорон иртибот дорад. Ширкатҳои дохилӣ низ аз вайроншудани мувозинати минтақавӣ ва тағйири сохтории қонунҳо ва муқарароти иқтисоди миллӣ нигаронанд. Ин ширкатҳо бо

соҳибони қудрат робитаи наздик доранд. Далели он ҳам ҳимояти ин ширкатҳо дар маъракаҳои интихоботии вакилон аст, то ки дар ивазаш онҳо низ манфиати ширкатҳоро дар назар бигиранд ва дар ростои ҳифзи он иқдом намоянд. Ин гуна тафовутҳо дар манофеи миллӣ ва фарҳанги сиёсӣ аксаран ибтикороти минтақавиро бо мушкилӣ рӯ ба рӯ мекунад ва раванди муттаҳидшавиро ба таъхир меандозад [9, 5]

Зуҳури Чин ва рақобатҳои иқтисодии ин кишвар бо Ҷопон, Ҳинд, Иёлоти Муттаҳида ва Кореяи ҷанубӣ дар минтақаи Осиё Шарқӣ низ аз монеаҳои ҳамгироии иқтисодии АСЕАН аст. Рақобати қудратҳои минтақавӣ ва фароминтақавӣ дар минтақаи Осиё Шарқӣ боис шуд, ки ин созмон дар соли 2007 барои марказияти АСЕАН дар минтақа муқовимат кунад. Яке аз намунаҳои равшани рақобати иқтисодии Чин ва Ҷопон дар қолаби марказияти АСЕАН шарикии иқтисодии кулли минтақа аст, ки 16 кишварро (10 кишвари АСЕАН ба иловаи Чин, Ҷопон, Кореяи ҷанубӣ, Ҳинд, Австралия ва Зеландияи Нав) дар бар мегирад ва ба унвони минтақаи озоди иқтисодӣ амал мекунад. Рақобатҳои Чин ва Ҷопон ба рушд ва тавсеаи кишварҳои минтақа ва ба аҳолии он барои таъмини ниёзҳои ҳамгироии иқтисодии бештар кумак намояд, вале воқеиятро бояд гуфт, ки рақобати қудратҳои бузург боис мешавад, ки кишварҳои АСЕАН бо таваҷҷуҳ ба вобастагӣ ва ҳамчунин манфиат ва алоқаҳои худ ба самти яке аз ин кишварҳо ҳаракат кунанд ва ин воқеият кишварҳои минтақаро аз ҳадафи худ барои ҳамгироии бештар дар доираи АСЕАН дур хоҳад сохт. Ин кор дар навбати худ сабаби тафриқа, беэътимодӣ ва ҷудоии кишварҳои минтақа мешавад. Ҳамчунин Чин ва Ҳинд, ки ҷамъиятҳои миллиардӣ доранд, сармояҳои хориҷиро ба самти худ ҷазб карда, боиси кунд шудани ҷараёни омадани сармоя ба минтақаи Осиё Ҷанубу Шарқи шудаанд.

Кишварҳои АСЕАН бисёре аз уҳдадориҳои соддатарро дар доираи дастаҷамъии иқтисодии созмон иҷро кардаанд. Пиёдасозии уҳдадориҳои боқимонда ниёз ба таркиби омилҳои зиёде доранд ва содда нестанд. Иҷрои ин иқдомоти нисбатан душвор ниёз ба созмони қавӣ ва манобеи инсонӣ ва молӣ дорад. Аксар кишварҳои АСЕАН ниёз ба ислоҳоти қонуну муқаррароти мазкур доранд ва ин кишварҳо бояд ислоҳоти сохтори муносиберо дар ростои ташкилу эҷоди ҳамгироии иқтисодӣ дар дастури кории худ қарор диҳанд. Баъзе аз монеаҳои ҳамгироии иқтисодӣ маҷудияти бархе монеаҳои тарифӣ, ки монеи ҳаракати озодонаи молу маҳсулот, қувваи корӣ ва сармояи байни кишварҳо мешавад, қонунҳо ва муқаррароти мутафовит, ки монеае барои ҳамгирой ва ягона амал кардани тарафҳо мешавад, муқаррарот ва бюрократияи беш аз ҳад мебошад, ки монеи бо суръат анҷом ёфтани иқдомот мешавад. Норасоии иттилоот аз фазои касбу кори кишварҳои АСЕАН яке аз монеаҳои дигари мавҷуда ҷиҳати бештар ба роҳ мондани ҳамкориҳои иқтисодӣ мебошад. Барои мисол: ба далели сатҳи баланди пешрафт Сингапур ва то ҳудуде Бруней амалҳои меъёрбандии баландро нисбат ба воридоти молҳои хориҷӣ нахоҳанд пазируфт ва бар хилофи ин сиёсат амале татбиқ ёбад, некуаҳволии нисбии Сингапур ва Бруней мавриди ҳадаф қарор хоҳад гирифт ва ин кишварҳо ин паёмадро қабул нахоҳанд кард (агар сиёсатҳои ҷубронкунӣ пешбинӣ ва қабул карда нашаванд) [30, 18]. Дар натиҷа, кишварҳои АСЕАН марҳалаҳои ҳамгироии минтақавиро ба сурати комил ва дар замони кӯтоҳе наметавонанд тай кунанд ва бояд истисноҳоеро дар масири ҳамгироии минтақавии комил ба назар бигиранд то муттаҳидии бештар дар доираи 10 узви ин ниҳод иҷро шавад.

ХУЛОСА. Кишварҳои АСЕАН аз даҳаи 1990 ба самти ҳамгироии иқтисодии бештар ҳаракат кардаанд. Ҳадафи аъзоёни ин ниҳоди минтақавӣ ҳамгироии иқтисодӣ

дар қолаби минтақаи озоди иқтисодӣ мебошад, ки давраи амалигардонии он то соли 2015 барои шаш узви аслӣ ва охирҳои соли 2018 барои 4 узви камтараққикарда - Лаос, Камбоҷа, Мянма ва Ветнам дар назар гирифта шуда буд. Кишварҳои АСЕАН дар соли 2015 тасмим гирифтанд, ки бозори муштараки АСЕАН-ро дар тӯли як даҳа, яъне то соли 2025 иҷро кунанд ва нақшаи онро низ қабул кардаанд. Интихоби пули воҳид низ мавзӯе аст, ки аз ибтидо тавассути Малайзия матраҳ шудааст ва барои иҷро шудани бозори муштарак (барои ҳаракати озод ва бемонеаи афрод, молу маҳсулот ва хадамот дар миёни кишварҳои узв) зарурӣ аст, аммо тавофуқи миёни аъзоёни ин ниҳоддар он аст, ки пули кадом кишвар ба унвони пули воҳид интихоб шавад, вуҷуд надорад ва ҳар кишвар барои ҳифзи рақобатпазирии ҳавзаи содироти худ мухолифи интихоби пули воҳид ё муштарак барои созмон аст. Бо вуҷуди пешрафтҳое, ки аъзоёни АСЕАН дар ҳавзаҳои мухталиф доштаанд, ин ниҳод барои ноил шудан ба ҳадафи худ, яъне бозори муштарак монеаҳои бисёр зиёд ва душвореро доро мебошад ва ба назар мерасад, ки дар ин фосилаи замонии андак тавоноии дастёбӣ ба бозори муштаракро нахоҳад дошт ва далели он ҳам натанҳо ихтилофи сатҳи гуногуни тараққиёти кишварҳо ва тавсеаю пешрафт дар ҳавзаҳои мухталиф, балки набудани манобеъ ва амалу корҳои шоистаи дархур барои таъқиби ин ҳадаф аст. Натанҳо монеаҳои дохилӣ, балки ҳавасмандӣ ва манфиатҳо аз ҳамкориҳои фароминтақавӣ ё байниминтақавии ба даст меомада кишварҳои АСЕАН-ро ба самти ҳамгироии фароминтақавӣ (шарқи осиё) тела медиҳад ва ин амр агарчи боиси озодсозии бештари аъзо бо гузашти замон мешавад, аммо монеаи бузурге дар роҳи тезонидан ва дурнамои ҳамгироиҳои иқтисоди минтақавӣ дар доираи АСЕАН хоҳад буд. Монеаҳои дохилиминтақавӣ ва фароминтақавӣ аз омилҳое ба ҳисоб мераванд, ки эҳтимоли бештар ба таъхир андохтани ҳамгироиро хоҳанд дошт. Ҷой доштани монеаҳо дар муқобили озодии интиқоли молу маҳсулот, кор ва сармояи байни аъзоён дар замони ҳозир сабаб шудааст, ки АСЕАН иқдомҳоеро ба мисли коҳиши тарифҳо ва ҳатто аз байн бардоштани онҳоро ҷиҳати дастёбӣ ба иттиҳодияи ҳамгиротар пайгирӣ кунад. Бо баррасии таҷрибаи ҳамгироии минтақавӣ дар доираи АСЕАН метавон рушди ин падида (ҳамгироии минтақавӣ)-ро дуруст донист, аммо набояд ин нуктаро аз назар дур дошт, ки дар соҳаи илмҳои иҷтимоӣ ва гуманитарӣ мумкин аст иллат ва омилҳои ҳар падида, сабабҳои гуногунеро ба миён орад, мо наметавонем сабаби воҳидеро барои исботи иддаое хос ба мавзӯӣ мушаххас нисбат диҳем. Дар ин ҷо метавон ба ин натиҷа расид, ки сабабҳои дар боло зикршуда бо ҳам якҷоя шуда, монеаҳои гуногун бо шиддат нотавониҳои мухталиф дар муқобили ҳамгироии бештари АСЕАН эҷод кардаанд. Набудани мувофиқатнамоиву корҳои санҷида низ монеи рафъи мушкилоти мавҷуда мешаванд. Ба назар мерасад, ки кишварҳои АСЕАН агарчи рӯ ба рӯ бо мушкилоти зиёданд тавоноии дастёбӣ ба бозори муштаракро хоҳанд дошт, аммо ин ҳадаф бо вуҷуд зиёд будани садду монеаҳо, масъалаҳои ҳалталаб ва мушкилот вақту замон талаб мекунад ва ин давраи вақту замонии он эҳтимолан беш аз як даҳа хоҳад буд. Албатта, зикри ин нуқта дорои аҳамият аст, ки АСЕАН дар мавридҳои зиёде ба монанди эҷоди минтақаи озоди иқтисодӣ собит кардааст, ки метавонад ҳатто зудтар аз муҳлати муқаррарӣ ба ҳадафҳои дар пеш гузоштаи худ бирасад.

**АДАБИЁТ:**

1. Armstrong David, Lloyd Loma, Redmond John. International organisation in world politics. Basingstoke: Palgrave Macmillan. 2004. 270 p.

https://moodle2.units.it/pluginfile.php/417744/mod_resource/content/1/2004_Book_InternationalOrganisationInWor.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

2. ASEAN Secretariat. 2018. https://asean.org/wp-content/uploads/2021/08/33.-November-2018-Fact-Sheet-on-AEC-1.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

3. ASEAN Secretariat. ASEAN Economic Community (AEC): Chartbook. ASEAN Secretariat. 2013. https://asean.org/book/asean-economic-community-chartbook-2013/ (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

4. ASEAN Secretariat. ASEAN Economic Community (AEC): Chartbook. ASEAN Secretariat, 2017. https://asean.org/book/asean-economic-community-chartbook-2017/ (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

5. Asian Development Bank (ADB). Asia Regional Integration Center, 2018. https://aric.adb.org/fta-trends-by-status (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

6. Asian Development Bank Institute (ADBI). (2014). ASEAN 2030: Toward a Borderless Economic Community. Japan: Asian Development Bank Institute (ADBI). https://www.adb.org/sites/default/files/publication/159312/adbi-asean-2030-borderless-economic-community.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

7. Aswathappa K. International Business. Fourth Edition. New Delhi: Tata McGraw Hill. 2010. https://www.biblio.com/book/international-business-fourth-edition-k-aswathappa/d/1204249935 (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

8. Balassa Bela. The Theory of Economic Integration. London and New York: Routledge. 1961. 304 pages. http://ieie.itam.mx/Alumnos2008/Theory%20of%20Economic%20Integration%20(Belassa).pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

9. Basu Das Sanchita. Huge Challenges Await AEC 2025, ISEAS, 2016. NO. 48, 1-9. https://www.iseas.edu.sg/images/pdf/ISEAS_Perspective_2016_48.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

10. Bhalla A.S., Bhalla P. Regional Blocs: Building Blocks or Stumbling Blocks?. Basingstoke & New York: MACMillan Press & ST. Martin’s Press. 1997. https://link.springer.com/content/pdf/bfm:978-1-349-25811-6/1.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

11. Bitzenis Aristidis. The Balkans: Foreign Direct Investment and EU Accession. Famham, United Kingdom: Ashgate Publishing. 2009. 424 pages. https://www.researchgate.net/profile/Aristidis-Bitzenis/publication/231575457_The_Balkans_Foreign_Direct_Investment_and_EU_Accession/links/09e41506c9f1c14f6a000000/The-Balkans-Foreign-Direct-Investment-and-EU-Accession.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

12. Both Deniz. Models of regional cooperation in competition law and policy from around the world: lessons for the ASEAN region. In: The Regionalisation of Competition Law and Policy within the ASEAN Economic Community, Burton Ong, Cambridge: Cambridge University Press. 2018. 402 pages.

13. CRS Report. The European Union: Current Challenges and Future Prospects. Consressional Research Service, 2017. 30 pp. https://crsreports.congress.gov/product/pdf/R/R44249/17 (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

14. Dieter Heribert. APEC, Australia and New Zealand: Pathways to Asia?. In: Asia-Pacific Economic Cooperation (APEC): The First Decade. Werner Draguhn, Eva Manske, Jurgen Ruland, London and New York: Routledge. 2002. 240 pages.

https://www.taylorfrancis.com/books/edit/10.4324/9780203037508/asia-pacific-economic-cooperation-apec-werner-draguhn-eva-manske-j%C3%BCrgen-r%C3%BCland (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

15. Dosenrode Soren. Limits to Regional Integration. London and New York: Routledge. 2015. 265 pp. https://repositorio.ul.pt/bitstream/10451/20008/1/ICS_AMalamud_Interdependence_CLI.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

16. El-Agraa A.M. Regional Integration: Experience, Theory and Measurement. London: Macmillan. 1999. 454 pp.

17. El-Agraa A.M. The European Union Economics and Policies. Cambridge: Cambridge University Press. 2007. 630 pp. https://books.google.com.tj/books?printsec=frontcover&vid=LCCN2007281889&redir_esc=y#v=onepage&q&f=false (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

18. Ethier Wilfred. The New Regionalism. The Economic Journal, 1998. Vol. 108, No. 449, P. 1149-1161.

19. Findlay Christopher, Urata Shujiro. Free Trade Agreements in the Asia Pacific. Singapore: World Scientific Publishing. 2009. 332 pp. http://qnitrade.gov.vn/uploads/news/2012_12/free-trade-agreements-in-the-asia-pacific.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

20. Gathi James Thuo. African Regional Trade Agreements as Flexible Legal Regimes, Working Paper Series, 2009. No. 20. https://scholarship.law.unc.edu/cgi/viewcontent.cgi?article=1903&context=ncilj (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

21. Gebru Solomon Gebreyohans. Regional Integration in the Horn of Africa: State of Affairs and Challenges, Center for European Integration Studies (ZE1), WAI-ZEI Paper, 2016. No. 31, 1-37. https://www.academia.edu/39954314/Regional_Integration_in_the_Horn_of_Africa_State_of_Affairs_and_Challenges (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

22. Gekonge Christopher. Emerging Business Opportunities in Africa: Market Entry, Competitive Strategy, and the Promotion of Foreign Direct Investments. USA: Business Science Reference (IGI Global). 2014. 17 pp. https://www.cefims.ac.uk/modules/content/68/68_unit-01_sample.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

23. Haokip Thongkholal. Recent trends in regional integration and the Indian experience. International Area Studies Review, 2012. Vol. 15, No. 4, p. 377-392. https://www.researchgate.net/publication/258140114_Recent_trends_in_regional_integration_and_the_Indian_experience_International_Area_Studies_Review_154377-392 (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

24. Huong Dang, Thi Thu. Examining the Engagement Between Civil Society in Southeast Asia and ASEAN in the ASEAN Community Building Process. Munich, Germany: grin verlag. 2008. 34 pp. https://www.grin.com/document/112866 (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

25. Kawai Masahiro. East Asian economic regionalism: progress and challenges. Journal of Asian Economics, 2005. №16. P. 29-55.

26. Langhammer Rolf, Hiemenz Ulrich. Regional integration among developing countries: opportunities, obstacles and options. Kieler Studien, 1990. No. 232, 1-102.

https://www.econstor.eu/bitstream/10419/416/1/025664646.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

27. Lvova Elena. Integration of the Ukraine to the world's economic system by means of Special Investment Regimes. Germany: German National Library. 2003. 124 pp.

28. Ohmae Kenichi. The End of the Nation State: The Rise of Regional Economies. By Kenichi Ohmae. New York: The Free Press, 1995. 214 pp.

29. Peters-Berries Christian. Regional Integration in Southern Africa - A Guidebook. Germany: Internationale Weiterbildung und Entwicklung gGmbH (InWEnt). 2010. 196 pages. https://www.academia.edu/32639870/Regional_Integration_in_Southern_Africa_A_Guidebook (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

30. Plummer Michael. An ASEAN customs union?. Journal of Asian Economics, Vol. 17, 2006. P. 923-938. http://www.sciencedirect.com/science/article/pii/S1049-0078(06)00133-3 (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

31. Portela, Clara. the association of southeast asian nations (asean): Integration, Internal Dynamics and External Relations. European Union: Policy Department, Directorate-General for External Policies of the Union, 2013. 25 pages. https://www.europarl.europa.eu/RegData/etudes/note/join/2013/433713/EXPO-AFET_NT(2013)433713_EN.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

32. Smeets, Heinz-Dieter. Grundlagen der regionalen Integration: Von der Zollunion zum Binnenmarkt. In Europdische Integration, Ohr Renate, Stuttgart, Berlin, Koln, 1996. P. 47-75.

33. Than Mya. Myanmar in ASEAN: Regional Cooperation Experience. Singapore: ISEAS. 2005. 205 pp. https://bookshop.iseas.edu.sg/publication/266 (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

34. The Observatoiy of Economic Complexity (OEC). 2018. https://atlas.media.mit.edu/en/profile/country (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

35. The Statistics Portal. ASEAN countries: Gross domestic product (GDP) per capita in current prices from 2008 to 2018 (in U.S. dollars). 2018.

36. The Statistics Portal. Gross domestic product (GDP) of the ASEAN countries from 2008 to 2018 (in billion U.S. dollars), 2018. https://www.statista.com/statistics/796245/gdp-of-the-asean-countries/ (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

37. United States International Trade Commission (USITC). Asean: Regional Trends in Economic Integration, Export Competitiveness, and Inbound Investment for Selected Countries, No. 332-511, Washington D.C., 2010. https://www.usitc.gov/publications/332/pub4176.pdf (санаи истифодабарӣ 25.01.2023)

## ЭКОНОМИЧЕСКОЕ СОТРУДНИЧЕСТВО В РЕГИОНЕ ЮГО-ВОСТОЧНОЙ АЗИИ В РАМКАХ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ АСЕАН

**КУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБИ**
к.и.н., заведующий отделом Южной и Восточной Азии ИИПСАЕ НАНТ
Адрес: 734025, Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 33. Тел.: (+992) 93 528 28 62.
E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*В данной статье рассматриваются проблемы экономической интеграции стран АСЕАН с точки зрения практики и государственных политических институтов, определяющих уровень экономической эффективности стран Юго-Восточной Азии.*

*Текущая ситуация и экономические перспективы стран АСЕАН тесно связаны с экономической ситуацией в мире. Путь устойчивого экономического развития стран АСЕАН сильно зависит от интеграции стран региона и реструктуризации, снижения зависимости от центров мировой экономики. Важным фактором успешного развития и достижения экспортоориентированного экономического развития является региональная интеграция в рамках АСЕАН с формированием надежных правовых и экономических институтов, позволяющих регулировать экономические отношения в регионе. В статье также рассматриваются экономические и политические факторы неудачи АСЕАН в достижении экономической интеграции. Эти факторы не позволили АСЕАН достичь полной экономической интеграции и ограничили ее, пройдя через такие этапы, как преференциальная торговля и свободные экономические зоны, в то время как АСЕАН занимается созданием таможенного союза и общего рынка. Внутрирегиональные и трансрегиональные барьеры относятся к числу факторов, которые, скорее всего, задержат интеграцию. Изучив опыт региональной интеграции в рамках АСЕАН, можно считать развитие этого процесса (региональной интеграции) правильным.*

***Ключевые слова:*** *интеграция, экономическая интеграция, проблемы экономической интеграции, Юго-Восточная Азия, АСЕАН, экономическое развитие АСЕАН, внутрирегиональные и трансрегиональные факторы противодействия интеграции, политические факторы противодействия экономической интеграции АСЕАН*

## ECONOMIC COOPERATION IN THE REGION OF SOUTH-EAST ASIA IN THE FRAMEWORK OF ASEAN

**KUDRATZODA KOMRON ABDUNABI**

PhD in History, Head of the Department of South and East Asia, ISIAEC NANT. Address: 734025, Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Tel.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

*The current situation and economic prospects of the ASEAN countries are closely related to the economic situation in the world. The path of sustainable economic development of the ASEAN countries is highly dependent on the integration of the countries of the region and restructuring, reducing dependence on the centers of the world economy. This article examines the problems of economic integration of the ASEAN countries from the point of view of practice and state political institutions that determine the level of economic efficiency of the countries of Southeast Asia. An important factor in the successful development and achievement of export-oriented economic development is regional integration within the ASEAN framework with the formation of reliable legal and economic institutions that allow regulating economic relations in the region. The article also examines the economic and political factors behind ASEAN's failure to achieve economic integration. These factors have prevented ASEAN from achieving full economic integration and limited it by going through stages such as preferential trade and free economic zones while ASEAN is building a customs union and a common market. Intraregional and transregional barriers are among the factors most likely to delay integration. Having studied the experience of regional integration within ASEAN, we can consider the development of this process (regional integration) to be correct.*

***Keywords:*** *integration, economic integration, problems of economic integration, Southeast Asia, ASEAN, economic development of ASEAN, intra-regional and trans-regional factors counteracting integration, political factors counteracting ASEAN economic integration*

# ФОРМИРОВАНИЕ ЕДИНОГО ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПРОСТРАНСТВА КАК ФАКТОР ОБЕСПЕЧЕНИЯ РЕГИОНАЛЬНОЙ ИНТЕГРАЦИИ В ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**АШУРОВ АРДАМЕХР МУРОДКУЛОВИЧ**
кандидат исторических наук, ведущий научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ.
Адрес: 734025. г. Душанбе, пр. Рудаки 33. Тел: +(992)917340294.
E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

*В данной статье рассматривается процесс региональной интеграции в Центральной Азии на основе формирования единого экономического пространства. Отмечено, что всестороннее развитие торгово-экономического сотрудничества считается основой механизмов интеграции Центральной Азии. Это связано с необходимостью совместной поддержки отечественных товаропроизводителей, создания равных условий для предпринимательской деятельности в единой экономической среде. Автор отмечает, что интеграция государств Центральной Азии является одним из факторов обеспечения устойчивого социально-экономического развития в условиях современной глобализации.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, интеграция, экономика, стабильность, проблемы, интерес, перспектива.*

За последние десятилетия в мире активизировались интеграционные процессы, протекающие в разных регионах и охватывающие различные сферы отношений государств. Другими словами, понятие «интеграция» означает состояние связанности отдельных дифференцированных частей и функций системы в единое целое. Этот термин употребляется в разных жизненных сферах и отраслях: в науке, политике, биологии, математике и, конечно, в экономике.

**В чем заключается необходимость формирования и укрепления единого экономического пространства для стран Центральной Азии?**

**Во первых,** формирование Единого экономического пространства – это обеспечение так называемых «четырех свобод»: движения товаров, капитала, услуг и рабочей силы на территории Таможенного союза и Единого экономического пространства. Поэтому необходимость усиления экономической интеграции на территории Центральной Азии заключается в реализации принципа свободы движения услуг, капитала и рабочей силы, а также ликвидации оставшихся привилегий в целях обеспечения свободы движения товаров.

**Во – вторых,** растущая глобализация увеличивает взаимосвязь стран не только в Центрально-Азиатском регионе, но и во всем мире. Межнациональные транспортные коридоры, новые технологии, позволяющие обмениваться знаниями и информацией, иностранные инвестиции и многие другие факторы способствуют большей взаимозависимости стран на глобальном рынке [2].

**В - третьих,** большинство стран Центральной Азии сталкивается с проблемами, связанными с относительно небольшим объемом экономического рынка и сильной зависимостью от экспорта сырья. В связи с этим именно интеграция и региональное сотрудничество позволяют совместно решать эти проблемы. Таким образом, задача стран Центральной Азии состоит в том, чтобы максимально использовать возможности, предоставляемые региональной интеграцией и сотрудничеством, и обеспечить устойчивое экономическое, социальное и экологическое развитие.

С другой стороны, необходимость борьбы с новыми вызовами и угрозами, международным терроризмом и экстремизмом, незаконным оборотом наркотиков и нелегальной миграцией также требует конструктивного регионального взаимодействия. Однако реализация региональных координационных проектов невозможна до тех пор, пока лидеры региональных государств не будут убеждены в ценности этих проектов. Поэтому региональная экономическая интеграция считается залогом устойчивого развития во всех республиках Центральной Азии.

Относительно вопросов формирования интеграционного процесса в Центральной Азии можно отметить, что начало создания интеграционных процессов в Центральной Азии относится к распаду Советского Союза. В связи с этим сохранение сложившихся экономических и сельскохозяйственных отношений был ключевым региональным вопросом. Поэтому 10 января 1994 года лидеры Узбекистана и Казахстана подписали Соглашение о создании «Единого экономического пространства» (Договор о создании Единого экономического пространства), которое определило содержание и направления сотрудничества в будущем [6, 135]. То есть это был этап построения регионального интеграционного процесса.

**Так почему сегодня же нестабилен процесс региональной интеграции или формирования единого экономического пространства в Центральной Азии?**

Ответом на эти утверждения могут быть следующие факторы:

1. Государства не готовы к реальной интеграции и ограничивают свой суверенитет над транснациональными интересами; 2. Осознание необходимости совместимости внутренней государственной инфраструктуры с независимой государственностью; 3. Запуск процесса укрепления важных институтов национального управления; 4. Разнообразие внешнеполитических приоритетов и усилий по установлению отношений с разными странами мира, особенно с глобальными и региональными державами [6].

В целом вышеперечисленные факторы оказали негативное влияние на процесс региональной интеграции. Поскольку каждое государство региона пересмотрело и проанализировало свой прошлый советский период, предприняло множество шагов по созданию внутренних лидерских программ, и самое главное внимание было сосредоточено на создании новой этнической, гражданской и государственной идентичности.

Также экперты высказывают мнения о том, что наличи таких межрегиональных организаций как ШОС и ЕАЭС сдерживает региональную интеграцию стран Центральной Азии. То есть, вошешшие в противостояние с Западом Россия предлагают государствам Центральной Азии свои региональные пректы, что впечатление, что интеграция стран Центральной Азии в любой форме не может осуществляться без участия России и Китая [5] .

***Какие проблемы существуют для формирования единого экономического пространства в Центральной Азии?***

Здесь мы попытаемся указать на ряд проблем, мешающих реализации интеграционных процессов в Центральной Азии:

**Во-первых,** хотя в последние годы некоторые страны добились быстрого экономического роста, они по-прежнему сталкиваются с серьезными проблемами. Поэтому странам Центральной Азии необходимо продолжать экономические реформы, чтобы развивать экономику. Большинству этих стран необходимо диверсифицировать свою экономику на основе рационального использования природных ресурсов.

Деловая среда, существующая в настоящее время в государствах региона, не способствует взаимному притоку инвестиций и расширению интеграции. Различия в скорости проведения реформ рыночной экономики стран региона, на уровне государственного регулирования производственной, экономической и финансовой сфер является одной из основных причин торможения развития торгово-экономического сотрудничества между странами региона.

**Во-вторых,** остро стоит проблема внешнеторговых барьеров. Например, таможенные пошлины не установлены одинаково, транспортные расходы высоки, что затрудняет перемещение товаров между пятью странами региона. Также в регионе ограничен взаимный доступ промышленного, торгового, финансового и страхового капитала на рынки стран-партнеров. Поэтому эффективность экономических отношений и внедрения более глубоких форм и двигателей интеграции будет снижаться. При этом реальность интеграции стран Центральной Азии в мировую экономику требует их участия в системе многосторонней торговли.

**В-третьих,** проблема трудовой миграции из бедных стран в относительно более богатые страны также является важным фактором, влияющим на региональные интеграционные процессы.

**В-четвертых,** богатые нефтегазовые и водные ресурсы региона могут стать «локомотивом развития», но использовать их следует более эффективно и справедливо [3, с. 43-44].

***Если запустить интеграционный процесс в центральноазиатском регионе, то предвидятся какие положительные и отрицательные стороны?***

Стоит отметить, что необходимость широкого и всестороннего развития торгово-экономического сотрудничества считается основой интеграции Центральной Азии. Это связано с необходимостью совместной поддержки отечественных товаропроизводителей, создания равных условий для предпринимательской деятельности в единой экономической среде. В то же время историческая общность разных народов, живущих там веками, их культура, язык, религия, обычаи, родственные связи, разрыв которых является ошибкой, могут служить основой интеграции государств Центральной Азии.

Трудно делать выводы относительно негативной стороны интеграционного процесса. Нет абсолютно никакого минуса. Потому что опыт других развитых стран мира, в том числе стран Европы, показал, что интеграция всегда имеет положительные стороны и никогда не считается отрицательной.

Выступая за расширение двусторонних взаимовыгодных экономических и других форм сотрудничества со странами Центральноазиатского региона, в Таджикистане считают, что экономические и экологические проблемы могут быть решены только общими усилиями всех стран региона с привлечением возможностей мирового сообщества.

Таким образом, можно заключить, что интеграция государств Центральной Азии является одним из факторов обеспечения устойчивого социально-экономического развития в условиях современной глобализации. Будущее государств Центральноазиатского региона видится в активизации их общего стремления к интеграции с целью сохранения, восстановления и рационального использования богатого природного потенциала, решения социальных проблем, создания здорового образа жизни населения.

## ЛИТЕРАТУРА:

1. Алиева Р. Р.Интеграция - фактор устойчивого развития и стабильности государств Центральной Азии. Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики. Серия общественных наук.https://cyberleninka.ru › article › integratsiya-faktor-ust...2015.

2. Развитие в регионах, региональная интеграция. https://www.unido.org › sites › default › files (дата обращения 28.01.2023 )

3. Рахмонзода А.Ш. Международные отношения Республики Таджикистан на современном этапе.Монография/А. Рахмонзода. – Душанбе: Дониш, 2022. -172 с. С. 43.-44. .(на тадж. язык).

4. Саралаев У. Интеграционный процесс в Центральноазиатском регионе и возможность создания региональной организации / У.Саралаев // Таджикистан и современный мир.-2008.-№2(17).-С.9-17.

5. Умедчон И. Перспективы и барьеры на пути к (ре) институционализации Центральной Азии. https://cabar.asia/ru/perspektivy-i-barery-na-puti-k-re-institutsionalizatsii-tsentralnoj-azii2022.

6. Шерали.РШ.Интеграционные процессы в Центральной Азии:состояние и перспективы. Журнал Азии и Европы. ИИПСАР НАНТ №1, 2029. С. 135.(на тадж. язык).

7. Abdurašit Nizamiev. Amélioration de la politique de l'eau en Asie centrale.Aspectenvironnemental.https://journals.openeditioorg/asiecentrale/3168 (дата обращения 03.02.2023).

8. 8. Central Asia is a large, dynamic and promising economic region. https://eabr.org (дата обращения 01.02.2023 )

9. Integrating Central Asia into the World Economy: The Role of Energy and Transport Infrastructure. https://carnegieendowment.org (дата обращения 03.02.2023)

10. Paul André. L'intégration régionale en Asie orientale et le modèle « nippo-asiatique. Revue internationale de politique comparée 2013/1 (Vol. 20), pages 139

11. Mohammad-Reza Djalili. Intégration régionale en Asie centrale. CEMOTI, Cahiers d'Études sur la Méditerranée Orientale et le monde Turco-Iranien Année 2005 39-40 pp. 53-69

12. L'intégration est la clé de la relance économique soutenue de l'Asie. http://french.china.org.cn/china/txt/2021-04/19/content_77419808.htm. (дата обращения 03.02.2023).

## ТАШАККУЛИ ФАЗОИ ЯГОНАИ ИКТИСОДӢ ҲАМЧУН ОМИЛИ ҲАМГИРОИИ МИНТАҚАВӢ ДАР ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**АШУРОВ АРДАМЕҲР МУРОДҚУЛОВИЧ**

н.и.т. ходими пешбари илмии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: +(992)917340294. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

*Дар мақола раванди ҳамгироии минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ дар заминаи ташаккули фазои ягонаи иқтисодӣ мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор гирифтааст. Қайд гардидааст, ки рушди ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ асоси механизми ҳамгироии Осиёи Марказӣ маҳсуб меёбанд. Яке аз омилҳои татбиқи раванди ҳамгироӣ ба зарурати*

*дастгирии муштараки истеҳсолкунандагони ватанӣ, фароҳам овардани шароити баробар барои фаъолияти соҳибкорӣ дар муҳити ягонаи иқтисодӣ вобаста аст. Аз ин рӯ, ба ақидаи муаллиф, ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз омилҳои таъмини рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити ҷаҳонишавии муосир мебошад.*

***Вожаҳои калидӣ:*** *Осиёи Марказӣ, ҳамгироӣ, иқтисод, субот, мушкилот, манфиат, дурнамо.*

## FORMATION OF A COMMON ECONOMIC ZONE AS A FACTOR OF REGIONAL INTEGRATION IN CENTRAL ASIA

**ASHUROV ARDAMEHR MURODKULOVICH**
candidate of historical sciences, leading researcher at the Institute for the Study of Asian and European Countries of the National Academy of Sciences of Tajikistan. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Ave. 33. Tel: +(992) 917340294. E-mail: ardamehr.ashurov@mail.ru

*This article discusses the process of regional integration in Central Asia based on the formation of a common economic zone. It was noted that the comprehensive development of trade and economic cooperation is considered as the basis of the Central Asian integration mechanism. This is due to the need to jointly support domestic producers, create equal conditions for entrepreneurial activity in a common economic environment. The author notes that the integration of the states of Central Asia is one of the factors for ensuring sustainable socio-economic development in the context of modern globalization.*

***Keywords:*** *Central Asia, integration, economy, stability, problems, interest, perspective.*

## АҲЗОБИ СИЁСӢ ВА НАҚШИ ОНҲО ДАР ИНКИШОФИ МОҶАРОҲОИ ДОХИЛИИ АФҒОНИСТОН ТО ЗАМОНИ ҒАСБИ ҲУКУМАТ АЗ ҶОНИБИ ТОЛИБОН

**ЗИЁЕВ СУБҲИДДИН НАСРИЕВИЧ**
номзади илмҳои филологӣ, мудири шуъбаи Шарқи Миёна ва Наздики Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ
Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 92-704-09-08

**МИРОВА МУНИСА**
магистранти соли дуюми Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 919-81-02-12

*Дар мақолаи мавриди назар нақши ҳизбҳои сиёсӣ дар муноқишаҳои кишвари Афғонистон баррасӣ шуда, масъалаҳои ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ ва тундгаро дар бесуботии Афғонистон то замони дубора дар соли 2022 ба сари қудрат омадани Толибон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

*Ҳизбҳои сиёсӣ падидаҳои наве ҳастанд, ки тавлид ва зодгоҳашон дар дасти абарқудратҳо мебошад. Тавлиди аҳзоби сиёсӣ дар он ҷомеаи Ғарб дар як раванди комилан*

*табиӣ ва дар ҷараёни аз пойин ба боло сурат пазируфтааст ва таҳаввулоти сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ин ҷомеа ба гунае будааст, ки тавлиди аҳзоби сиёсӣ натиҷаи табиии он мебошад, яъне ин ки пайдоиши давлат-миллат заминасози зуҳури аҳзоби сиёсӣ гардида ва аҳзоби сиёсӣ низ дар батни давлатҳои миллӣ ва имрӯза шакл гирифтаанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Афғонистон, ҳизбҳои сиёсӣ, ҳизбҳои ифротгаро, бесуботии сиёсӣ, муноқиша, Толибон.*

То замони ба сари қудрат омадани гурӯҳи Толибон зиёда аз 100 ҳизбу ҳаракатҳои расмӣ дар Афғонистон сабт гардида, фаъолият мекунанд.

Ба ақидаи коршиносони Институти амрикоии сулҳ (United States Institute of Peace), яке аз мушкилоти асосии раванди ҳалли осоиштаи низои Афғонистон вуҷуд надоштани вахдату ягонагӣ дар сафи ҳукумати кишвар мебошад, ки ба сифати «таҳриккунанда» ва «қувваи ҳаракатдиҳанда»-и низоъ шинохта мешавад, ки нақши Толибон дар ин раванд бисёр мутаассир мебошад [8]. Коршиносони амрикоӣ таъкид менамоянд, ки ҳукумати пеш аз толибонаи Афғонистон натиҷаи созиши байни гурӯҳҳои қавмӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва ҳатто унсурҳои ҷиноятпеша буда, ба ҳеҷ ваҷҳ воқеияти имрӯзаи кишвар ва манфиатҳои сокинони онро ифода намекунад. Дар натиҷа ҳолате ба вуҷуд омадааст, ки тарафҳои даргир дар низои Афғонистон, аз як тараф ҳукумати марказӣ ва аз тарафи дигар мухолифони он «дар идомаи низоъ манфиатдор мебошанд ва раванди сулҳро ба хатари ҷиддӣ рӯбарӯ месозанд» [8].

Риоя нагардидани шаффофият дар маъракаҳои интихоботӣ, сохтакории натиҷаҳои овоздиҳӣ, вайрон кардани низом ва қонуни интихобот аз тарафи Комиссияи марказии интихоботӣ, истифода аз роҳҳои ғайриқонунӣ дар касби мақоми вакили парламент, ки дар рафти интихоботи президентӣ ва парламентии солҳои 2010, 2014 ва 2018 ҷой доштанд, роҳбарони гурӯҳҳои қавмӣ ва сиёсиро ба мавқеи нобоварӣ ба ҳукумат мебарад, ки дар навбати худ эҳтимоли шиддат гирифтани низоъи қавмиро меафзояд.

Бахши муҳими мушкилот дар кишвари ҳамсоя ин набудани тавсеаи сиёсӣ мебошад. Бидуни шак, сиёсат дар канори соири таълифоти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар як шароити ногувор, вазъияти мавҷудро дар ҷомеа шакл мебахшанд. Ақибмондагӣ бо ақибгароии сиёсии ҷомеаро метавон бахше аз мушкилоти ҷомеа дар арсаҳои иқтисод, фарҳанг ва ҷомеа арзёбӣ намуд.

Бесуботии сиёсӣ худ ба танҳоӣ ба таълифот ва бахшҳои мухталифи дигаре тақсим мешаванд, ки вазъияти ҳар як бар вазъияти кулли сиёсӣ дар кишвар поягузор мебошанд. Адами решаёбӣ ва фаъол набудани аҳзоби сиёсӣ ва ниҳодҳои сиёсӣ дар ҷомеа бахши дигаре аз ақибмондагии ҷомеаи ин кишварро нишон медиҳад. Дар ҷаҳони муосир ҷомеаи сиёсӣ, ки аз он таъбир ба миллатҳо мешаванд ва низ давлатҳо яке аз нишонаҳои субот ва пешрафташон вуҷуд ва шаклгирии аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ ва маданӣ аст. Ҷомеаҳое, ки дар он шӯру нишоти сиёсӣ дар қолаби фаъол будани марказҳо ва ниҳодҳои сиёсӣ, бахусус аҳзоби сиёсӣ ба чашм дида нашавад, он ҷомеаро метавон ҷомеаи ақибмонда ва маҳкум ба зиндагӣ дар зери фишору истибдод ва худкомагӣ маънидод кард. Баръакс, дар ҳар ҷомеае агар нишоту шӯри сиёсӣ вуҷуд дошта бошад ва дар паҳлуи он озодии сиёсӣ ва шаклгирии ниҳодҳои сиёсӣ бидуни монеъ тавлиду инкишоф ёбад, ингуна ҷомеа ва кишвареро метавон ҷомеаи озод ва демократӣ шумурд.

Ҳизбҳои сиёсӣ падидаҳои наве ҳастанд, ки тавлид ва зодгоҳашон дар дасти абарқудратҳо мебошад. Тавлиди аҳзоби сиёсӣ дар он ҷомеаи Ғарб дар як раванди комилан табиӣ ва дар ҷараёни аз пойин ба боло сурат пазируфтааст ва таҳаввулоти

сиёсӣ-иҷтимоӣ дар ин ҷомеъа ба гунае будааст, ки тавлиди аҳзоби сиёсӣ натиҷаи табиии он мебошад, яъне ин ки пайдоиши давлат-миллат заминасози зуҳури аҳзоби сиёсӣ гардида ва аҳзоби сиёсӣ низ дар батни давлатҳои миллӣ ва имрӯза шакл гирифтаанд.

Натиҷаи пажӯҳишҳо нишондиҳандаи он ҳастанд, ки аҳзоби сиёсӣ дар ҷомеаи имрӯза василае барои ҷамъоварии хостаҳо, аввалиятбандии онҳо ва интиқолашон ба давлат аст. Аз дигар тараф аҳзоби сиёсӣ яке аз сабабҳои муҳими тақсими арзишҳо ва муомила миёни миллат ва давлат мебошанд. Ё ба шакли дигар аҳзоби сиёсии имрӯза ба ҷои он ки омили чудоӣ бошанд, василае барои ҳамбастагӣ дар чорчӯби давлат мебошанд.

Вазъияти сиёсии Афғонистонро то ба сари қудрат омадани Толибон ва нақши аҳзоб ва ҷараёнҳои сиёсӣ дар кишвар бояд гуфт, ки Афғонистон ба унвони кишвари чандқавмии ақибмондаи суннатӣ шинохта мешавад ва ҳофизаи таърихии ин сарзамин пур аз мушкил ва кашмакашҳои доманадори қавмӣ ва мазҳабӣ будааст, ки ҳатто дар порае аз таърих сабаб ба сафбандии хунин ва фоҷеабори қавмӣ шудааст ва имрӯза қавмгароие, ки дар ин кишвар мушоҳида шуда истодааст, паштунгароии ин гурӯҳи ҷиноятпеша метавонад қавмҳое ба мисли тоҷикону узбекон ва ҳазорагону дигаронро сарнагун созад.

Бардошт ва тақлидҳои сирояткунанда, ки аз низоми сиёсӣ ва давлати имрӯза гирифта шудааст, ҳамвора бо ангезаҳо ва таълифоти қавмӣ ва суннатӣ ба ҳам пайвастааст. Ба ҳамин далел ҳеҷ гоҳ дар миёни мардуми афғон ҳувияти воҳиде, ки аз он ба унвони рӯҳияи миллӣ ёд кард, шакл нагирифтааст. Чигунае, ки Хусравонӣ Ҳ. зикр намудааст: “Сохтори иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва иқтисодии кухна, суннатӣ, баста ва ба шиддат маслиҳатнопазир, набуди боварҳои муштараки фароқавмӣ, таъсирпазирии шадиди фарҳанги сиёсӣ бо тарзу роҳҳои мухталиф аз зеҳну равони ҷомеа, ақибмондагии иқтисодӣ, бесаводии ҷомеа, ақибмонии фарҳангӣ ва кашмакашҳои низомӣ дар асари мудохилоти неруҳо ва қудратҳои хориҷист” [7].

Эҷоди қуввае шабеҳи низомӣ ё неруи худсар дар солҳои ҳокимияти ҳизби демократии халқ, ки то поёни ҳокимияти ин ҳизб сайр рӯ ба густариш дошт, яке аз нуктаҳои мавриди баҳс ва баррасии даврони иқтидори ҳизби мазкур аст. Неруи худсарсозӣ асороти бисёр манфиро дар низоми иҷтимоӣ ва сиёсии кишвар баҷо гузошт ва заминаҳои шикасти низоми иҷтимоӣ, қонунгурезӣ ва туфангсолориро дар Афғонистон мусоидат сохт. Нуктаи қобили таваҷҷуҳ ин аст, ки сиёсати неруи худсарсозӣ саранҷом яке аз омилҳои заволи хукумати ҳизби демократии халқро фароҳам кард. Ин сиёсат ва ин неруҳо бар тафриқа ва ихтилофи дарунии ҳизб афзуд ва муҷиби фурӯпошии ҳокимият ва артиши давлат ва ҳизб гардид.

Замони салтанати Наҷибуллоҳ раванди нерӯсозии худсар афзоиш ва тақвият ёфт ва ин афзоиш дар бархе вилоят ҳатто тавозун миёни неруи муназзами давлатиро, ки шомили неруҳои артиш ва пулис мешуданд, барҳам зад. Ба ингуна мисол «Аз маҷмуи 55000 нерӯи давлатӣ дар вилояти Ҳирот дар соли 1988 (1367) беш аз 30000 танро маҳалли ташкил медоданд. Аз ин назар вазъият дар ду соли баъд нигаронкунандатар буд, ки фирқаи 17 Ҳирот шомили 3400 нерӯи муназзам ва 140000 нерӯҳои худсар буд ва дар ҳамин ҳол (дар фирқаи 21 Шинданд дар муқобили ҳамин теъдоди неруҳои маҳаллӣ танҳо 1645 неруи муназзам ҳузур доштанд)» [1].

Ангеза ва авомили мухталифи Наҷибуллоҳро дар маснади раҳбарии ҳизб ва давлат ба сӯи тақвияти шабеҳи низомиён ё неруҳои худсар бурд. Раванди афзоиш ва тақвияти неруҳои худсар дар даҳаи ҳаштоди қарни 20 ба даврони раёсати ӯ дар созмони истихбороти давлат ё «ХОД» (амният) бармегашт [5].

Дар соли 2001 баъд аз суқути ҳукумати Толибон нишасти муҳиме дар Бонни Олмон миёни тарафҳои сиёсии Афғонистон бо роҳбарии Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардид. Гурӯҳҳо ва намояндагони аҳзоби сиёсӣ дар он нишаст бо мувофиқат бар маводи паймон, ки бар овардани сулҳ ва эҷоди давлати мардумсолор таъкид дошт, роли асосӣ ва муҳимеро дар овардани хукумати демократӣ бозӣ намуданд. Сараввал, натиҷаи мувофиқатномаи Бонн, эҷоди як давлати муваққатӣ ба унвони оғози иқдом дар баробари як кишвари фарогир буд, ки дар он иштироки кулли тарафҳои сиёсие, ки аз ақвоми гуногун дар мамлакат намояндагӣ кунанд, тавофуқ шуда ва низ таъкид сурат гирифт, ки ҳузури занон дар арсаҳои мухталиф таъмин шавад. Вале баъди султаи Ашраф Ғанӣ ва ба сари қудрат омадани Толибон имрӯзҳо мушоҳида мекунем, ки Толибон тамоми ҳуқуқи занҳоро дар ин кишвари ҷангзада поймол карда, ақаллан барои таҳсил дар мактабу донишгоҳ иҷозати занонро намедиҳанд. Пас, гуфта метавонем, ки нақши аҳзоби сиёсӣ дар муваффақияти нишасти Бонн хеле барҷаста буд, зеро замоне нақши аҳзоби сиёсии қавмӣ дар осонсозии гузариш ба демократӣ метавонад беҳтар фаҳмида шавад, ки мо табиат ва сохтори сиёсии иҷтимоӣ дар Афғонистонро мадди назар бигирем. Тибқи гуфтаи Робушко ва Шепсли ҷавомеи чандқавмӣ (мисли Афғонистон) заминаҳои боварӣ барои амиқсозии арзишҳои демократӣ нестанд, бидуни шубҳа агар ҳамкории аҳзоб дар марҳалаи аввал намебуд, муваффақияти ҷараёни мардумсолорӣ дар Афғонистон зери савол қарор мегирифт. Скотт Смит (Scott Smith) менависад: «Рамзкушоии низомиҳои хом (ҳамчун низомҳои афғонӣ) бисёр душвор аст, зеро ҳамнавоии зербинои суннатҳои иҷтимоӣ, пайвандҳои хонаводагӣ, вобастагиҳои молӣ, душманиҳои дерпо ва соири хурдбиниҳо ҳамчунон пӯшида мемонад. Ва андешаи сиёсии модерн наметавонад ба осонӣ дар онҳо рахна кунад ва ё ниҳодҳои сиёсии модерн ба онҳо сару сомон диҳад".

Конференсияи Бонн сабаб гардид, ки раванди ташкили аҳзоби сиёсии нав оғоз гардад. Раҳбарони аҳзоби сиёсӣ қабули қонун дар бораи аҳзоби сиёсӣ ва қонуни асосии навро интизор нашуда, ба кори сохтмони аҳзоб пардохтанд ва иддао доштанд, ки дар мамлакат то қабули қонуни асосии нав, қонуни соли 1964 амал мекунад, ки он ташкили аҳзоби сиёсиро иҷозат медиҳад.

18-уми октябри соли 2003 дар «Ҷаридаи расмӣ» Қонуни аҳзоби сиёсӣ, ки аз тарафи Раиси давлати интиқолии Афғонистон Ҳ. Карзай ба имзо расида буд, ба нашр расид. Дар моддаи аввали он гуфта шудааст: «Ин қонун дар рӯшании ҳукми моддаи 32 қонуни асосии соли 1343 ҳ.ш. (1964) ба манзури тавзеҳи тарзи таъсис, наҳваи фаъолият, ҳуқуқ, иҷоботҳо ва инҳилоли аҳзоби сиёсӣ дар Афғонистон вазъ гардида аст» [3].

Дар қонуни асосии мамлакат, ки дар ибтидои соли 2004 қабул гардид, низ ба масъалаи фаъолияти аҳзоб таваҷҷуҳи махсус зоҳир шудааст ва дар моддаи 35 зикр гардидааст, ки «атбоъи Афғонистон ҳақ доранд ба манзури таъмини мақсадҳои моддӣ ва маънавӣ мутобиқ ба аҳкоми қонун ҷамъиятҳо таъсис намоянд. Атбоъи Афғонистон ҳақ доранд мутобиқ ба аҳкоми қонун аҳзоби сиёсӣ ташкил диҳанд. Аммо таъсис ва фаъолияти ҳизб бар мабнои қавмият, самт, забон ва мазҳаб иҷозат надорад» [4,50 с.].

Баъд аз нашри қонуни аҳзоби сиёсӣ ва қабули қонуни асосии Афғонистон раванди ташкил ва сабти аҳзоби сиёсӣ суръати бештар касб намуд. Масалан, агар дар ибтидои моҳи марти соли 2004 фақат 2 ҳизби сиёсӣ дар Вазорати адлияи Ҷумҳурии исломии Афғонистон сабти ном гардида бошанд, дар июни соли 2005 шумораи аҳзоби сабти номшуда ба бештар аз 80 расид.

Аз таҳқиқоти таҳлилгарон бар меояд, ки дар солҳои аввал ҳукумат ба гурӯҳҳои сиёсие, ки дар барномаашон ба арзишҳои демократии Ғарб такя мекарданд, таваҷҷуҳи махсус дошт ва фаъолияти онҳоро ташвиқ мекард, то ҳар чӣ бештар аҳзоби ба истилоҳ «демократӣ» дар саҳнаи сиёсӣ пайдо шавад. Тасодуфӣ нест, ки аввалин шуда аҳзобе бо номҳои «Ҳизби ҷумҳурихоҳони Афғонистон» - раҳбараш Сибғатулло Санҷар, «Таҳрики ваҳдати миллии Афғонистон» - раҳбараш Султон Маҳмуди Ғозӣ, «Хизби истиқлоли Афғонистон» (Ғулом Форуқи Ниҷробӣ), «Хизби ҳамбастагии ҷавонони Афғонистон» (Муҳаммад Ҷамил Карзай) ва ғайра сабти ном гардиданд. Аммо воқеаҳои баъдӣ нишон хоҳанд дод, то кадом сатҳ арзишҳои ғарбӣ бо ҷомеаи Афғонистон созгор хоҳанд буд. Новобаста аз мавҷудияти теъдоди зиёди аҳзоби сиёсӣ аксари ин аҳзоб навташкил буданд ва нуфузи зиёде дар ҷомеа надоштанд. Бар замми он, дар интихоботҳои гузаштаи раёсати ҷумҳурӣ ва парламентӣ нақши ин аҳзоб хеле заъиф ба назар мерасид.

Дар ҳамин ҳол, пас аз сарнагун кардани «Толибон» тағйироти назаррас дар тавозуни нерӯҳои сиёсӣ дар Афғонистон ба мушоҳида расид, ки албатта, таъсири бевосита ба фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ ва сохтори ҳизб расонид.

Яке аз ҳизбҳои сиёсии бузургтарин ва бонуфузтарин, ки ба ҳайати нав шомил шуд, ин ҳизби «Ҷамъияти исломии Афғонистон» (ҶИА) мебошад, ки он аз нахустин созмони сиёсии исломӣ охири солҳои 1950 ва ибтидои солҳои 1960 сарчашма мегирад.

Соли 2000-ум, 90 дарсади ҳудуди кишвари Афғонистон аз ҷониби ҷунбиши Толибон ғасб гардид. Толибон ба фикри худашон гӯё ақидаи «исломи пок» - ро оварданд, вале дар давоми он боиси пайдо шудани як қатор мушкилоти зерин низ гардиданд, ки ин мушкилот аз: ҳудуди кишвар ба пойгоҳи устувори терроризми байналмилалӣ табдил ёфт (ташкилоти Ал-Қоида), афзоиши истеҳсоли моводи мухаддир, бадшавии вазъияти башардӯстона дар кишвар ва ғайра.

Силоҳбадастони Толибон пас аз сукути ҳукумати доктор Наҷибуллоҳ дар ҷараёни мубориза бо зӯроварӣ барои қудрат байни гурӯҳҳо ба шарофати кӯмаки молиявии кишварҳои мухталиф ба сари қудрат омад.

Хеле зуд, ин гурӯҳи хурд, ки аз тарафи ИМА бештар бо силоҳи замонавӣ таъмин мегардид, аз гурӯҳҳои мухталифи муҷоҳидон ва толибони мадрасаҳои Покистон ба як қувваи пуриқтидори низомӣ-сиёсӣ табдил ёфт [6]. Акнун дар Афғонистон дар паҳлуи неруҳои Толибон даҳо неруҳои харобкори дигар низ вуҷуд доштанд.

Ба таҳримҳои Созмони Милали Муттаҳид бар зидди ҳукумати Толибон нигоҳ накарда, сафи исломгароёни тундрави хориҷӣ дар Афғонистон зиёд мешуд. Дар Афғонистон ҷудоихоҳони чечен, ифротиёни исломӣ аз Бангладеш, Филиппин, Алҷазоир, Кения, Покистон, Ӯзбекистон, Тоҷикистон, Қирғизистон, Хитой ва дигар кишварҳо паноҳ бурда, дар урдугоҳ ва пойгоҳҳои террористии «Ал-Қоида» машқ мекарданд ва барои анҷом додани амалиёти террористӣ дар мамлакатҳои худ омодагӣ мегирифтанд [2,36 с.].

Ҷиҳати омӯзиши масъалаи неруҳо ва аҳзоби сиёсӣ дар моҷароҳои сиёсӣ дар Афғонистони ҳамсояи мо таваҷҷуҳи хоса мебояд. Дар Афғонистон беш аз 100 ҳизби сиёсӣ дар паҳлуи неруҳои зиёди дигар вуҷуд дорад. Мутаассифона ин аҳзоб дар гузаштаҳо сабаби моҷароҳои сиёсӣ шудаанд.

Баъди дубора ба сари қудрат омадани гурӯҳи террористии Толибон ва авҷ гирифтани дигар гурӯҳҳои ифротгарову экстремистӣ ба монанди Ал-қоида, ДОИШ, Ҷунбиши Туркистони Шарқӣ, Ҷунбиши Ансоруллоҳ, Ҷамоати исломӣ, Шабакаи Ҳаққонӣ ва ғайра суботи сиёсӣ ва амниятро барҳам зада истода, боиси моҷароҳо ва

танишу ноором̣ӣ ва бесуботии сиёсӣ дар Афғонистон ва минтақа шуда истодаанд, ки хатари ин гурӯҳҳо ба Тоҷикистон низ мушоҳида мешаванд.

## АДАБИЁТ:

1. Андешаманд М.И. Хуросонзамин [Матн] / М.Т. Андешманд. - Густариши неруҳои малиша ё неруҳои махаллӣ. http://www.khorasanzameen. net/php/read.php?id=1376.

2. Искандаров Қ. Афғонистон: толибон ва ташаккули марказҳои террористӣ (Муфассалтар дар бораи марказҳои террористӣ дар Афғонистон) [Матн] / Қ. Искандаров. - Душанбе, 2003.

3. Қонуни аҳзоби сиёсӣ. Ҷаридаи расмӣ 2003.18.10. http://www.moj.gov.af/fa/page/1795

4. Қонуни асосии тавшешудаи Афғонистон// Ростӣ, 2004. № 2. С.50.

5. Наҷибуллоҳ. Сууд ва суқут дар ҳизби демократии халқ ва ҳокимияти ҳизб [Матн] / Наҷибуллоҳ. - http://www.khorasanzameen. net/php/read.php?id=1376

6. Политические и социально-экономические проблемы Афганистана в 1989–2013 гг.

7. Хусравшоҳӣ Ҳ.С. Адами тавсеаи аҳзоби сиёсӣ дар кишвар [Матн] / Ҳ.С. Хусравшоҳӣ. - http://www.dailyafghanistan. Com /opinion_detail.php?post_id=127488.

8. Afghan Perspectives on Achieving Durable Peace // PeaceBrieF94 / United States Institute of Peace // www.usip.org.

9. https: // studexpo. ru /10900/istoriya/zaklyuchenie.

# ПОЛИТИЧЕСКИЕ ПАРТИИ И ИХ РОЛЬ В РАЗВИТИИ ВНУТРЕННИХ КОНФЛИКТОВ В АФГАНИСТАНЕ ДО ВРЕМЕНИ ЗАХВАТА ВЛАСТИ ТАЛИБАНОМ

**ЗИЁЕВ СУБХИДДИН НАСРИЕВИЧ**
кандидат филологических наук, заведующий отделом Среднего и Ближнего Востока Института Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 927-04-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

**МИРОВА МУНИСА БАХТИЁРОВНА**
магистрантка 2 курса Института Азии и Европы Национальной Академии наук Таджикистана. Адрес: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: +992 +992 919-20-03-20; E-mail: mirovamunisa707@gmail.com

*Политические партии новым феноменом и они рождаются с помощью великих держав. Создание политических партии на Западе является естественным процессом от низов до верхов. Социально-политическое преобразование на Западе и создание политических партии являются естественным продуктом.*

*В статье расмотривается роль политических партии и движение в дестаблизации ситуации в Афганистане до прихода Талибов власти в 2022 г.*

***Ключевые слова:*** *Афганистан, политические партии, экстремистские партии, конфликт, Талибы.*

# THE POLITICAL PARTIES AND THEIR ROLE IN AFGHANS' CONFLICT SINCE TALIBAN REGIMES

**ZIYOEV SUBHIDDIN NASRIEVICH**
Head of Department for Middle East and Near Orient, The Institute of Asia and Europe of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. tel: +992 927-04-09-08; E-mail: rakesh-23@mail.ru

**MIROVA MUNISA BAKHTIYOROVNA**
Master's student of the 2nd year of the Institute of Asia and Europe of the National Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan. Address: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. tel: +992 919-20-03-20; E-mail: mirovamunisa707@gmail.com

*Political parties are new phenomenists that are born in the zone of world powers. The production of political parties in the Western community is completely a natural platform, rooting the processes in establishment of the political integrity in newly states.*

*The article discusses the conflicts of Afghanistan and the Taliban's instability control in the year of 2022 accordingly.*

***Keywords:*** *Afghanistan, political parties, extremist parties, political instability, conflict, Taliban.*

# КУМАКҲОИ СОЗМОНҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ ДАР ТАЪМИНИ ПОЙГОҲҲОИ МОДДӢ-ТЕХНИКӢ ВА НАШРИ АДАБИЁТИ ТАЪЛИМӢ-МЕТОДӢ ДАР АФҒОНИСТОН (СОЛҲОИ 2001-2016)

**ҚУДРАТЗОДА КОМРОН АБДУНАБӢ**
Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо
Тел.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

**КУШО ФАҲИМ МУҲАММАДАЪЗАМ**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тел.: (+992) 919-51-11-80. E-mail: fahimkosha171@gmail.com

*Дар мақола кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ дар таъмини пойгоҳҳои моддӣ-техникӣ ва нашри адабиёти таълимӣ-методӣ дар Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мавриди баррасӣ қарор мегирад ва дар раванди таҳқиқ муайян карда шуд, ки дар ин давра муассисаҳои таълимии ин кишвар аз норасоии таҷҳизоти техникӣ ва асбобҳои аёнӣ танқисӣ мекашидаанд. Дар бисёр муассисаҳои таълимии Афғонистон норасоии тахтаи синф, мизу курсӣ, маводди озмоишгоҳӣ, компютер ва китобҳои дарсӣ дида мешуд. Ба таври кул, 74% мактабҳо бо норасоии таҷҳизоти дарсӣ рӯ ба рӯ буданд. Дар асоси таҳлилҳо ва баррасии манбаъҳо, мушкилоти мавҷуда дар соҳаи маориф нишон медиҳад, ки вазъи озмоишгоҳҳо, компютерҳо, китобхонаҳои мактабҳо дар давраи интихобгардида нигаронкунанда буда, барои беҳтар кардани пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ як қатор созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намудаанд. Яке аз созмонҳое, ки дар самти пойгоҳи моддӣ-техникии маорифи Афғонистон кумакҳои зиёд намудааст ин Созмони байналмилалии*

*ЮНИСЕФ мебошад. Ин созмони байналмилалӣ тавонистааст дар таъмини соҳаҳои маорифи Афғонистон бо маводҳои моддӣ-техникӣ ва нашри адабиёти таълимӣ-методӣ ва дар дастрасии муаллимону хонандагони Афғонистон бо маводи зарурӣ саҳми арзандаи худро гузорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Афғонистон, маориф, мактаб, таълим, созмонҳои байналмилалӣ, кумакҳои созмонҳои байналмилалӣ, техника ва технологияи таълимӣ, адабиёти таълимӣ-методӣ, мушкилоти соҳаи маориф*

Солҳои 2001–2016 Ҷумҳурии Исломии Афғонистон бо кумаку дастгириҳои донорҳои байналмилалӣ дар соҳаи маориф нисбат ба охири садаи XX ба дастовардҳои назаррас ноил гардида, барои беҳбудии пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ ва таъмини донишомӯзон ба адабиёти дарсӣ чораҳои зарурӣ андешидааст. Вазорати маорифи Афғонистон дар баробари сохтмони биноҳои нави таълимӣ ва таъмиру барқарорсозии онҳо, ба масъалаи пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи маориф таваҷҷуҳи хосса зоҳир намуда, барои баланд бардоштани сифати таълим маблағҳои сармоягузориро равона сохтааст. Махсусан, таъмини муассисаҳои таълимӣ бо таҷҳизоти таълимӣ, аз қабили мизу курсӣ, маводди навишт, таҷҳизоти озмоишгоҳӣ, компютеру принтер, тахтаҳои электронӣ ва ғайра барои вазорати маориф дар мадди аввал меистод. Вазорати маориф бо таҳияи барномаҳо ва лоиҳаҳои сармоягузорӣ донорҳои хориҷиро ҷалб намуда, барои беҳбудии пойгоҳи моддӣ-техникӣ ва дастрасии донишомӯзон ба китоби таълимӣ-методӣ талош варзидааст. Новобаста аз кӯшишҳо ва талошҳои Вазорати маориф, муассисаҳои таълимӣ аз ҳисоби таҷҳизоти техникию таълимӣ дар давраи таҳлилшаванда ба мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ буданд. Қаблан дар бисёр муассисаҳои таълимии кишвар норасоии тахтаи синф, мизу курсӣ, маводди озмоишгоҳӣ, компютер ва китобҳои дарсӣ дида мешуд. Аз ҷумла, теъдоде аз мактабҳои вилояти Форёб дастрасии комил ба таҷҳизоти омӯзишӣ надоштанд. Ба таври кул, 74% мактабҳо бо норасоии таҷҳизоти дарсӣ рӯ ба рӯ буданд. Дар асоси таҳлилҳо ва баррасии манбаъҳо, мушкилоти мавҷуда дар соҳаи маориф нишон медиҳад, ки вазъи озмоишгоҳҳо, компютерҳо, китобхонаҳои мактабҳо нигаронкунанда буданд. Тибқи таҳлилҳои «Дидбони шаффофият», аз 187 мактаби мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, 142 мактаб, яъне 76% озмоишгоҳ ва компютер надоштанд. Илова бар ин, аз 70 мактаб 37 мактаб, яъне 53% китобхонаи лозимӣ надоранд. Аз ҷумла, дар Кобул–пойтахти Афғонистон 43% мактабҳо китобхонаи замонавӣ надоштанд. Ҳамин тавр, 71% мактабҳои шаҳри Кобул озмоишгоҳи муҷаҳҳаз ва компютер надоранд [1].

Мавриди зикр аст, ки дар асоси таҳқиқоти муассисаи «Дидбони шаффофияти Афғонистон», вазъияти номусоид ва норасоии таҷҳизоти дарсӣ дар мактабҳои 10 вилояти Афғонистон, аз ҷумла, вилоятҳои Хуст, Бағлон, Кундуз ва Парвон рӯ ба рӯ мебошанд. Зеро бар асоси таҳлил ва баррасиҳои ин ниҳод, аз 265 мактаб 186 шумораи он, яъне 70%-и он ба маводди дарсӣ, хусусан ба китоби дарсии кофӣ дастрасӣ надоранд. Албатта, ин мактабҳо аксар дар ноҳияҳои атрофи марказ ҷойгиранд. Барои тасдиқи таҳлилҳои ишорашуда, андешаи Айюб Орвин–раиси маорифи вилояти Бомиён басандааст, ки дар робита ба мушкилоти маориф ба норасоии будҷа, маводди дарсӣ, аз қабили ручка, қалам, ҷузвдон, хайма, тахта барои синфхонаҳои дарсӣ низ шикоят намудааст [2].

Бояд гуфт, ки барои беҳтар кардани пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ як қатор созмонҳои байналмилалӣ мусоидат намудаанд. Яке аз созмонҳое, ки дар самти пойгоҳи моддӣ-техникии маорифи Афғонистон кумакҳои зиёд намудааст, Созмони байналмилалии ЮНИСЕФ мебошад. Созмони мазкур соли 2004 барои 27 ҳазор хонандаи мактабҳои вилояти Ҳилманд маводди қуртосия (маводди навишт) бо арзиши 800 ҳазор долларро тақсим кардааст. Ғайр аз ин, барои донишомӯзони ноҳияҳои Сайёд, Сончорак, Гусфандӣ ва Сузмақалъа ба теъдоди 4000 дафтар, 3000 сумка, 20 ҳазор ручка, 40 ҳазор қалам, 40 ҳазор қаламтарош бо арзиши 8 ҳазор доллари амрикоӣ кумак намудааст. Ин созмони байналмилалӣ дар соли 2005 барои муаллимон ва хонандагони вилояти Урузгон бо теъдоди 2 ҳазор қуттӣ маводди қуртосия ва 100 адад маводди озмоишгоҳӣ бо арзиши 5000 ҳазор доллари амрикоӣ тақсим намудааст [3, 33].

Муассисаи Ҳайати Норвегия барои муҳоҷирин дар соли 2005 ба таъдоди 19 хаймаи дарсӣ барои 1140 хонанда, ки 50%-и онҳо духтарон мебошанд, дар вилоятҳои Бодғис ва Ҳирот мусоидат намудааст. Ҳамчунин, ба маблағи 2 миллион афғонӣ 50 адад фарши зери по, 55 мизу курсӣ, 1140 қуттӣ маводди навишт ва як теъдод маводди идорӣ барои кармандони идорӣ ва ғайраро мусоидат намудааст. Дар соли 2005 кишвари Белгия ба раёсатҳои маорифи Балх ва Лағмон бо маблағи 400 ҳазор афғонӣ 300 адад мавод ва таҷҳизоти озмоишгоҳӣ кумак намудааст. Қобили зикр аст, ки аз ин мавод 131 ададашон ба раёсати маорифи Лағмон дода шудааст [4, 1].

Вазорати маорифи Афғонистон бо кумакҳои пулии ниҳодҳои ҳамкор ва кумакрасони байналмилалӣ садҳо мактаб ва муассисаҳои техникию тахассусиро аз тариқи будҷаи инкишофии хеш мусоидат ва муҷаҳҳаз намудааст. Кумакҳо ва мусоидатҳои маводди дастрасшуда гуногун мебошанд. Махсусан, дар соли 2005 барои 112 мактаб маводди дарсӣ аз қабили компютерҳо, маводди озоишгоҳҳо ва мизу курсӣ бо малағи 1,1миллион доллар аз тариқи будҷаи инкишофӣ дастрас гардидааст [5, 22].

Муассисаи Шветсия дар соли 2006 ба маорифи вилояти Пактиё маводди дарсӣ ва идорӣ кумак намудааст. Ин мавод шомили қуртосия (маводди навишт) ва курсиҳои идорӣ, ҷевон, курсӣ ва маводди мавриди зарурати идорӣ мебошанд. Дар соли таҳлилшаванда аз тариқи будҷаи инкишофӣ ба маблағи 1,4 миллион доллар барои 125 мактаби марказ ва вилоятҳо маводди озмоишгоҳӣ, компютерҳо, мизу курсӣ ва ғайра дода шуданд [6, 4].

Тибқи гузориши расмии Вазорати маорифи Афғонистон, дар соли 2007 раёсати умумии маркази сайнс (равияи риёзӣ ва физика) ва технологияи Вазорати маориф бар асоси нақшаи кории хеш 307 адад маводди озмоишгоҳӣ аз фанҳои физика, химия ва биология бо арзиши 800 ҳазор даллари амрикоӣ барои 25 мактаби вилояти Ҳилманд дастрас намудааст. Албатта, як теъдод маводди дарсии дигар ба мисли 25 адад маводди дарсии риёзӣ, 80 адад маводди дарсии биология, 24 мизи озмоишгоҳӣ ва 172 харитаҳои омӯзишӣ низ шомили ин мавод буданд. Созмони байналмилалии ҳимоят аз кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) дар соли 2007 ҳамзамон бо фаро расидани соли нави таҳсил барои беш аз 5 миллион донишомӯз маводди дарсӣ аз қабили қуртосия барои 30 вилоят ва ба шумули рустоҳои аз маркази вилоятҳо дур ҷойгирбуда бо арзиши 6 миллион доллар кумак намудааст [7, 3].

Мавриди зикр аст, ки дар баробари созмонҳои байналмилалӣ кишварҳои хориҷӣ низ барои беҳтар гардидани пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ мусоидат намудаанд. Аз ҷумла, кишвари Итолияё дар соли 2007 барои маорифи Афғонистон 132

миллион доллари ИМА кумак кардааст. Тибқи иттилои расмии пойгоҳҳои иттилоърасонии «Паёми офтоб» ин кумакҳо барои 533 ҳазор хонанда ва 15 ҳазор муаллим тақсим шудааст. Дар баробари ин, кишвари Итолиё барои муассисаҳои таҳсилоти ибтидоӣ ва баробарии гендерӣ маблағи 3 миллион доллар ба Вазорати маориф кумак кардааст. Кумакҳои ин кишвар дар вилоятҳои Ғур, Ҳирот, Бодғис ва Фароҳ дар хариди маводди қуртосия (маводди навишт), маводди дарсӣ ва бунёди марказҳои таълимӣ барои кӯдакон ба масраф расидааст. Ҳамзамон, соли 2007 барои 145 муассисаҳои таълимии марказ ва вилоятҳои Афғонистон 1,6 миллион доллар аз тариқи буҷаи инкишофи Вазорати маориф ҷудо гардида, бо ин маблағҳо маводди озмоишгоҳӣ, таълимӣ барои фанҳои риёзиву физика, комютерҳои дастӣ (нотбук), миз ва курсӣ харидорӣ шудааст. Вазорати маорифи Афғонистон сол то сол маблағгузориро барои пойгоҳи моддӣ-техникии муассисаҳои таълимӣ зиёд намудааст. Агар дар соли 2007 аз ҳисоби буҷаи инкишофии вазорат 1,6 миллион доллари ИМА ҷудо гардида бошад, пас ин рақам дар соли 2008 ба 1,8 миллион доллар расидааст. Бо ин маблағ Вазорати маориф барои 180 мактабҳои марказ ва вилоятҳои кишвар маводди замонавии дарсӣ, аз қабили 100 қуттӣ маводди дарсӣ барои фанҳои химия, физикаву риёзӣ, садҳо компютер ва маводди озмоишгоҳӣ харидорӣ ва тақсим намудааст [8, 39].

Бояд гуфт, ки аз соли 2002 инҷониб шабакаи ҷаҳонии Интернет дар Афғонистон мавриди истифода мебошад. Дар ин хусус Вазорати маориф бо Вазорати мухобирот ва технологияи маълумотӣ дар мавриди истифодаи интернет аз тариқи фойбари нурӣ шартнома баста, ба фаъолияти Интернет дар ин соҳа оғоз бахшида то ба ҳол идома дода истодааст. Дар натиҷа садҳо мактаб низ бо шабакаи ҷаҳонии интернет пайваст гардида, аз он истифода мебаранд. Тибқи гузориши Вазорати маорифи Афғонистон, аксари мактабҳое, ки дар маркази шаҳрҳо воқеъанд, тибқи барномаи Вазорати мухобирот ва технологияи маълумотӣ бо интернет ва озмоишгоҳ таҷҳизонида шудаанд. Ин барнома ба беш аз 200 мактаб Интернет аз тариқи фойбари нурӣ васлшуда ва озмоишгоҳҳои муҷаҳҳазро таъмин карданд. Аз ҷумла, се мактаб дар шаҳри Кобул вориди ин барнома буданд.

Тибқи гузоришоти масъулини Вазорати маорифи Афғонистон, аз соли 2010 то соли 2015 чандин мактаб ба Интернет васл шуд. Махсусан, ба мактаби Хушҳолхон 279 компютер бо интернети кофӣ васл гардида, як теъдод маводди озмоишгоҳӣ дода шудааст. Айнидин яке аз донишомӯзони мактаби Хушҳолхон дар Кобул дар мавриди кушоиши марказҳои интернетӣ ва таъмини маводди озмоишгоҳӣ изоҳри қаноатмандӣ намудааст [9].

Вазорати маориф дар соли 2013 аз тариқи буҷаи инкишофии хеш ба маблағи 150 миллион афғонӣ ҷиҳати таҷҳизоти интернет ва марказҳои интернетии 50 мактаб малағгузорӣ намудааст [10, 3].

Дар доираи идомаи барномаҳои инкишофии хеш ин вазорат барои 150 мактаби дигар дар саросари Афғонистон шароити истифодаи интернетро дастрас намудааст. Маркази хадамоти маълумотӣ як бахши муҳимми Вазорати маориф мебошад, ки он дар 6 соли охир аз (2008–2014) фаъолияти назаррасро ба низоми идорӣ ва хадамотии ин вазорат анҷом додааст, ки натиҷаи онро дар шакли зайл баён намудан мумкин аст:

а) Таъмини 15 700 адад компютер, принтер, мошини нусхабардорӣ, UPS (захиракунандаи барқ) ва ғайра дар марказ ва вилоятҳои мамлакат ба дафтарҳои маориф;

б) Таҳияи 310 Мегаватт Интернет бо назорати фаъоли марказӣ;

в) Аз тариқи хадамоти IP телефони интернетӣ таъмини 70% кормандони Вазорати маориф зери пӯшиши хадамоти мухобиравии дохилии ройгон ва бидуни масраф;

г) Муҷаҳҳаз кардани 200 муассисаи таълимӣ бо маводди тенологӣ, аз қабили компютер, интернет, тахтаҳои электронӣ ва принтер;

д) Маркази технологияи маълумотии Вазорати маориф тавонистааст, ки ин вазоратро бо раёсатҳои марбутаи марказӣ ва идораҳои вилоятӣ аз тариқи видеоконфронс васл ва ё якҷо намояд [11].

Яке аз иқдомоти наҷиби дигар, фаъолияти телевизиони «Маориф» дар мамлакат мебошад. Ин маркази хабаррасонӣ ҳамчун ниҳоди таълимиву тарбиявӣ бо доштани 200 барномаи дарсӣ ва таълимӣ аз бахши радио ва 36 барномаи телевизионӣ шабонарӯз аз 13 то 24 соат дар хидмати донишомӯзон ва ҳамшаҳриён мебошад [10, 45]. Чи тавре ки дар боло ишора гадид, аз ҳисоби будҷаи инкишофии Вазорати маориф ҳар сол маблағҳои ҷудогардида рӯ ба афзоиш намудааст. Дар баробари афзоиши маблағҳо, шумораи мактабҳои башардӯстона низ бештар гардидааст. Хусусан, дар соли 2009 Вазорати маориф аз тариқи будҷаи инкишофии хеш барои 190 мактаб дар тамоми вилоятҳои Афғонистон ба маблағи 2,2 миллион доллари ИМА маводди дарсӣ барои озмоишгоҳҳо, садҳо дона мизу курсӣ, садҳо қуттӣ маводди навишт ва компютер тақсим намудааст. Тибқи гузориши радиои «Садои Афғон Ово» муассисаи хайриявии «Лиён Амирӣ» борои маорифи Ҳирот дар соли 2009 ба маблағи 5 миллион афғонӣ маводди дарсӣ аз қабили 1000 мизу курсӣ, дафтар, фарш ва ғ. кумак намудааст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар соли 2009 аз вилояти Ҳирот як анбори бузурги маводди озмоишгоҳӣ баъд аз 25 сол кашф ва мавриди истифода қарор гирифт. Ин таҷҳизоти озмоишгоҳиро, ки дар як мадрасаи давлатии шаҳри Ҳирот нигаҳдорӣ мешуданд, ба таври ногаҳонӣ пас аз 25 сол кафш шудааст. Тибқи изҳороти Ғулом Ҳ. Т. раиси маорифи Ҳирот, ин бастаи мавод шомили 100 адад таҷҳизоти озмоишгоҳӣ буда, ки арзиши он ба беш аз 50 миллион афғонӣ аст ва дар замони ҳукумати доктор Наҷибуллоҳ аз тарафи Иттиҳоди Шӯравӣ ба маорифи Ҳирот кумак шуда буд. Ин анбор шомили маводди химия, биология, физика, математика ва геология мебошанд, ки ниёзмандии 500 муассисаи ин вилоятро рафъ мекунад. Раиси маорифи Ҳирот дар мавриди ин мавод гуфтааст, ки «ҷойи таассуф аст, ки мо 25 сол хатмкунандагони хешро ба ҷомеа тақдим кардем, аммо онҳо аз фоидаҳои ин мавод бебаҳра рафтанд, дар ҳоле ки ин мавод дар анбори маорифи Ҳирот қуфл ва ё аз чашмҳо пинҳон буданд» [13, 45].

Вобаста ба талабот ва зарурияти беҳтар намудани пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи маориф соли 2010 Вазорати маориф дар асоси омӯзишу баррасии мушкилоти макотиби Афғонистон 2,5 миллион доллари ИМА аз ҳисоби будҷаи инкишофӣ ҷудо намудааст. Маблағи ҷудогардида 210 мактабро бо маводди озмоишгоҳӣ, нотбукҳо, маводди навишти идорӣ ва харитаҳои дарсӣ таъмин намудааст. Кишвари Дания ба маорифи вилояти Кописо дар соли 2010 172 мизу курсӣ кумак намудааст. Инчунин, дар соли 2010 кишвари Ҷопон барои мактабҳои вилояти Қундуз ба маблағи 280 ҳазор доллари амрикоӣ кумак кардаст. Ин кумакҳо шомили маводди озмоишгоҳӣ ва мизу курсӣ мебошанд. Маводди мазкур шомили 74 ҷевон, 610 мизу курсӣ, 40 адад мизи идорӣ, 40 адад ҷевон барои таҷҳизоти маводди озмоишгоҳ, 28 мизи озмоишгоҳ, 90 курсии озмоишгоҳ, 23 тахтаи синфӣ ва 40 қуттӣ маводди озмоишгоҳ мебошанд. [14, 2].

Муассисаи ҳимояи кӯдакони ИМА се компютер, ду компютери ноутбук, шаш телефонро ба раёсати маорифи Ҷузҷон мусоидат намудааст. Дар соли 2010 201,1 тон бисквит барои 28162 хонанда, инчунин 148,649 тона равған барои 9007 хонанда дар вулусволиҳои Хонақо, Хамоб, Файзобод, Қарқин, Мингаҷик ва маркази вилояти Ҷузҷон тақсим гардид [15, 122].

Қобили зикр аст, ки Маркази ҳимояи кӯдакони Афғонистон 500 миз ва 500 курсии дунафараро ба мактабҳои марказӣ ва вулусволиҳои вилояти Сарипул кумак намуда, бо ин мушкилии қисме аз хонандагонро, ки болои фарш ба омӯзиш машғул буданд, рафъ карданд. Барои беш аз 30 мактаб дар сатҳи вилояти Сарипул бастаҳои маводди дарсӣ ва маводди аввалияи тиббӣ тақсим шудааст, ки ҳангоми зарурат аз он истифода шавад. Бо таваҷҷуҳи роҳбарияти маорифи Сарипул барои муҳофизони ҷавон ва донишомӯзони муассисаҳои таълимӣ ба таври ташвиқ бо ҳамкории идораи ЮНИСЕФ садҳо тон равған ва бискувит (печен) кумак карда шудааст [16, 10]. Бо мизу курсӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ дар тамоми вилоятҳои кишвар аз ҳисоби созмонҳо ва кишварҳои хориҷӣ ба назар мерасад. Аз ҷумла, соли 2011 дар вилояти Дойкундӣ аз тарафи Муассисаи омӯзишии «Нек» 1560 мизу курсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти умумӣ дар ноҳияҳои Сангтахт, Аштарлӣ, маркази Шаҳристон, Маромӯр ва Китӣ ба маблағи 120 ҳазор афғонӣ мусоидат намудааст [17, 15]. Ҳамзамон, Вазорати маорифи Афғонистон аз тариқи барномаи инкишофии хеш ба соҳаи маорифи вилояти Парвон 150 мизу курсӣ ва таҷҳизоти варзишӣ барои 10 ноҳияи ин вилоят кумак карда буд [18, 13]. Ба ғайр аз ин, муассисаи «Имдоди Ансор» ба маорифи вилояти Бомиён дар соли 2011 ба теъдоди 130 курсӣ ва мизи се нафарӣ барои хонандагон мусоидат намудааст. Дар умум гуфтан зарур аст, ки дар соли 2011 Вазорати маориф барои 250 мактаб аз тариқи будҷаи инкишофӣ ба маблағи 2,8 миллион доллар маводди дарсӣ аз қабили компютер, маводди дарсии фанҳои химия, физикаву математика, маводди озмоишгоҳӣ ва хиритаҳои дарсӣ тақсим намудааст [19, 120].

Ҳамчунин дар соли 2012 созмони кумакрасони Арабистони Саудӣ ба донишомӯзони дорулҳифзҳо (марказҳои ҳифзи Қуръон) ва дорулулуми вилояти Лағмон миқдори зиёди маводди қуртосия, аз қабили ручка, дафтар, қалам ва сумкаҳо ба арзиши 90 ҳазор доллари амрикоӣ мусоидат кардаст. Ҳамин тавр, раиси маорифи вилояти Лағмон зимни сипосгузорӣ аз ин ниҳоди ёрирасон хоҳони ҳамкориҳои баъдӣ низ гардид. Дар доираи кумакҳо, ин ниҳод боз 1800 китоби динӣ, ҷувздон, қалам, дафтар ва хаймаҳо ба муассисаҳои таълимии вилояти Лағмон дастрас намуд. Тибқи изҳороти раиси маорифи вилояти Лағмон, муассисаи байналмилалии хайрияи Ҳинд (HHRD) ба 250 донишомӯзони ятими мактабҳои ин вилоят кафш, ҷувздон, қуртосия (қалам, қалампоккун, ручка ва дафтарчаҳо) ёрӣ намудааст. Дар соли таҳлилшаванда барои 268 муассисаи таълимӣ аз будҷаи инкишофии Вазорати маориф ба маблағи 3,1 миллион доллар маводди озмоишгоҳӣ, компютерҳои замонавӣ, маводди идорӣ ва ғ. тақсим намудааст [20, 2].

Қобили зикр аст, ки Созмони ЮНИСЕФ дар соли 2012 бо арзиши 500 ҳазор афғонӣ як қатор маводди дарсӣ барои хонандагони вилояти Пактико мусоидат намуд. Ин мавод шомили бастаҳои қуртосия (қалам, ручка, ҷувздон, қаламтарош ва дафтарчаҳо), тахтаи синф, фарши зери по, китобҳои роҳнамо барои муаллимон, китобҳои достонҳо барои кӯдакон мебошанд, ки ба масъулини вилоят супурда шуданд. Дар асоси маълумотҳои расмии вилояти Лугар, санаи 9-уми ноябри 2014 Созмони байналмилалии ЮНИСЕФ дар

доираи идомаи кумакҳои маорифпарваронааш ба соҳаи маорифи ин вилоят теъдоде аз маводди дарсӣ мусоидат намудааст. Албатта, ин мавод шомили 1188 қуттӣ (баста) қуртосия (қалам, ручка, дафтарча ва ҷувздон) барои муаллимон ва 1086 қуттӣ маводди қуртосия барои муаллимон ва хонандагони синфҳои аввал, аниқтараш то синфи севум тақсим ва тақдим намудааст [21, 14].

Таҳлили маъхазҳо нишон медиҳанд, ки маблағгузорӣ аз ҳисоби будҷаи инкишофии Вазорати маориф дар соли 2013 нисбат ба соли 2012 0,4 миллион афзоиш ёфтааст. Аниқтараш дар соли 2013 маблағи 3,5 миллион доллари ИМА аз тариқи будҷаи инкишофӣ ҷудо гардида, барои 293 мактаби Афғонистон маводди озмоишгоҳӣ, компютерҳо, харитаҳои дарсӣ ва даҳҳо қуттӣ маводди навишт барои хонандагону муаллимон таҳия ва тақсим кардааст.

Дар ҳақиқат, будҷаи инкишофии Вазорати маориф сол то сол майл ба афзоиш намудааст. Масалан, дар соли 2011 будҷаи инкишофии низоми таълимоти умумӣ 225,7 млн. доллари амрикоӣ буд ва он дар соли 2014 ба 773,5 млн. доллар расидааст, ин гуфтаҳои болоро тасдиқ менамояд.

Дар соли 2013 аз тарафи муассисаи «Релиф интернейшнал» ба мактабҳои маорифи вилояти Кописо ба теъдоди 1951 мизу курсӣ кумак кард. Ҳамчунин, аз тариқи муассисаи мазкур ба 28 муассисаи таълимии 7 ноҳия таҷҳизоти варзишӣ низ кумак шудааст [22, 15]. Бино бар гузориши Вазорати маорифи Афғонистон, дар соли 2013 кишвари Ҷопон барои хонандагони вилояти Нангарҳор маводди дарсӣ кумак намуда, макотибро бо тахтаи синфӣ, фарши зери по таъмин намуда ва барои 15 ҳазор хонандаи мактабҳои ноҳияи Биҳсуд ва Сурхрӯд ҷувздон тақсим карда шуданд [23, 3].

Тибқи иттилои расмии раиси маорифи вилояти Самангон А. Абдулазиз, дар соли 2013 кишвари Шведсия ба арзиши 65 ҳазор доллари амрикоӣ 685 мизу курсии сенафарӣ барои донишомӯзони ноҳияҳои Хуррам ва Сорбоғ ва 40 мизи идорӣ барои шуъбаҳои маориф кумак намудааст [24, 25].

Тибқи изҳороти муовини тадриси Раёсати маорифи Балх Меҳр Оин Қайс, соли 2013 муассисаи «Тико»-и кишвари Туркия ба арзиши 40 ҳазор доллари амрикоӣ 320 мизу курсии дунафара ба дабиристони мутавасситаи Бектош, ки он марбути маорифи Балх мебошад, кумак кардааст. Ҳамчунин, ин муассиса дар соли 2012 барои маорифи вилояти Балх 500 мизу курсӣ низ кумак намудааст [25, 4].

Тибқи гузориши риёсати маорифи вилояти Бағлон, Вазорати маориф дар соли 2013 аз тариқи будҷаи инкишофии хеш барои мактабҳои Пулихумрӣ 84 мизу курсӣ, 26 хаймаи дарсӣ ва 800 метри мураббаъ фарш бо арзиши 5 ҳазор доллари ИМА кумак намудааст [26, 3].

Мавриди зикр аст, ки Вазорати маориф дар соли 2014 бо созмони байналмилалии Наҷот барои таҳияи маводди дарсӣ барои 75 мактаб, барои 5300 наврасони беҷошудагон ба маблағи 477 ҳазору 390 доллари амрикоӣ кумак намудааст. Муассисаи «БРАК» низ бо имзои тафоҳумнома бо Вазорати маорифи Афғонистон барои се мактаб мавод ва таҷҳизоти дарсӣ ба монанди ручка, қалам, дафтар ва ҷузвдон, инчунин маводди озмоишгоҳӣ бо маблағи 80 ҳазор доллари ИМА кумак намудааст. Дар ин муддат Вазорати маориф барои 311 мактаб аз тариқи будҷаи инкишофии хеш бо маблағи 3,8 миллион доллари ИМА маводди дарсии замонавӣ, аз қабили компютерҳои замонавӣ, маводди озмоишгоҳҳо, маводди дарсии фанҳои физикаву риёзӣ ва мизу курсӣ барои идораҳо таҳия ва тақсим намудааст. Бино бар изҳороти хабарнигори пойгоҳи

иттилоърасонии паёми «Офтоб» Саид Ҳабибуллоҳ Наҷафизода дар шимоли Афғонистон–Мазори Шариф аз ҷониби муассисаи имдодрасони GIZ дар соли 2014 200 мизу курсӣ бо арзиши 13 ҳазор доллари амрикоӣ ба маорифи вилояти Самангон кумак кардааст [27, 55]. Агар дар соли 2005 1,1 миллион маблағ барои пойгоҳи моддӣ-техникии соҳаи маориф ҷудо гардида бошад, пас дар соли 2015 ин рақам ба 4,1 миллион доллар расидааст, ки нисбат ба соли 2005 се маротиба афзоиш ёфтааст. Махсусан, дар соли 2015 355 мактаб аз буҷаи инкишофии Вазорати маориф маводди дарсӣ, аз қабили маводди озмоишгоҳӣ, компютерҳо, маводди дарсии риёзӣ, физикаю химия ва маводди навишт барои идораҳои маориф тақсим гардидааст [28, 21].

Муассисаи «Кумак ба маорифи Афғонистон» соли 2015 дар бахши таълимоти таъҷилӣ ба маорифи вилоятҳои Ғазнӣ, Бомиён, Бадахшон, Парвон, Кобул ва Мазори Шариф барои 12 мактаб мавод ва таҷҳизоти дарсӣ кумак намудааст. Ҳамчунин, аз ҷонби муассисаи «Бист» дар соли 2015 барои 480 хонандагони синфҳои аввал, дувум ва севуми мактабҳои Лугар маводди дарсӣ, аз қабили дафтар, ҷузвдон, қалам, ручка, қалампок ва маводди ҳандасӣ, монанди паргор ва барои 5360 донишомӯз дар 32 мактаб маводди дарсӣ ба маблағи 10 ҳазор доллари амрикоӣ кумак намудааст [29, 81].

Дар соли 2016 бинобар изҳороти Аҳмадшоҳ Азизӣ масъули самти шимоли Афғонистон, Вазорати маориф аз кумакҳои маводди дарсии Созмони ЮНИСЕФ барои хонандагони синфҳои ибтидоии вилояти Самангон хабар додааст. 24 майи соли 2016 муассисаи ТИКО-и Туркия дар идомаи кумакҳояш ба мактабҳои Афғонистон ба мактаби духтаронаи «Суфии ислом»-и Кобул 300 ҷуфт мизу курсӣ, теъдоде ҷевон ва мизи конфронсӣ кумак намуд. Масъулини раёсати маорифи шаҳри Кобул аз кумакҳои кишвари Туркия қадрдонӣ намуда, таъкид намуданд, ки кумакҳои ин кишвар барои Афғонистон ниҳоят муассир будааст [30, 30].

Мавриди зикр аст, ки кишвари Фаронса дар идомаи кумакҳои хеш ба маорифи вилояти Панҷшер дар соли 2016 ба азриши 1 миллиону 42 ҳазору 60 афғонӣ кумак намудааст, ки шомили ҳафри чоҳҳои об, шабакаҳои обрасонӣ, мизу курсӣ, маводди навишт, аз қабили дафтар, ручка ва ҷувздон мебошад [31, 2].

Вазорати маориф дар соли 2016 барои таҷҳизонидани мактабҳо ва марказҳои таълимӣ аз тариқи буҷаи инкишофии хеш ба маблағи 3,4 миллион доллари ИМА 11 ҳазору 802 қуттӣ маводди дарсӣ барои фанни риёзӣ ба мактабҳои Кобул, Тахор, Панҷшер, Хуст, Сарипул, Дойкундӣ, Зобул, Ғур, Нуристон, Бағлон, Кундуз, Парвон, Ғазнӣ ва Ҳирот тақсим намудааст. Ҳамин тавр, 21 қуттӣ маводди дарсӣ ба мактабҳои шаҳри Кобул низ тақсим гардидааст. Ҳамчунин, 12 маркази копютерӣ, аз ҷумла 10 маркази копютерӣ дар 10 мудирияти маркази сайнси даҳ вилоят, 2 маркази компютерӣ дар маркази сайнс эҷод гардидааст. Дар идомаи кумакҳо ин вазорат 290 компютер барои 290 мактаб низ тақдим намуда ва ба такмили ҳуҷҷатҳои 710 компютер барои 710 мактаб низ иқдом намудааст. Вазорати маориф 65 қуттӣ маводди дарсии дигар барои мадрасаҳои вилояти Тахор, Панҷшер, Хуст, Сарипул, Дойкундӣ, Зобул, Ғур, Нуристон, Бағлон, Қундуз, Парвон, Ғазнӣ ва Ҳирот низ тақсим намудааст [32, 30].

Дар соли 2016 масъулини маорифи вилояти Қундуз эълон кардаанд, ки созмони ЮНИСЕФ барои 100 ҳазор хонанда ва 2 ҳазор муаллим маводди дарсӣ кумак намудааст. Ин мавод шомили дафтар, қалам, худкор, ҷувздон, хаткаш ва ғ. мебошанд. Дар соли 2016 масъулини Вазорати маориф иддаъо доштанд, ки бояд барои умуми мактабҳои Афғонистон маводди замонавӣ ва компютерҳои баландсифат харидорӣ гардад, зеро он

теъдоди компютерҳое, ки дар соли 2006 барои бархе аз мактабҳои Афғонистон харидорӣ шуда буданд, феълан қобили истифода нестанд. Вазорати маорифи Афғонистон иддаъо дорад, ки барои истифода аз интернет дар шуъбаҳои идорӣ ва мактабҳо солона даҳҳо миллион доллари ИМА хароҷот дорад. Муҳаммад Акрам И. сарпарасти Вазорати сарҳадот ва қабоили Афғонистон дар мавриди васл шудани се мактаб ба интернет чунини изҳор доштааст, ки аз рӯзе, ки ин мактабҳо ба интернет васл шудаанд, болои дарси хонандагон таъсири судманд гузоштаанд.

Ҳамчунин, Вазорати маориф аз тариқи будҷаи инкишофии хеш дар соли 2016 5144 копютери дастӣ (ноутбук) барои таълими кӯдакон дар мактабҳои ибтидоии мухталифи марказ ва вилоятҳои кишвар тақсим намудааст [33, 311].

Масъалаи дигаре, ки мавриди баррасӣ қарор мегирад, нашри китобҳои дарсӣ ва таъмини хонандагон ба маводди таълимӣ ба ҳисоб меравад. Афғонистон, ки кишвари гуногунмиллат аст, таъмини онҳо бо китоби дарсии бо забони модариашон мушкилоти ҷиддӣ ба ҳисоб меравад. Гар чанде ки забони дарӣ ва пашту ба ҳайси забонҳои давлатӣ эътироф гардидаанд, вале забонҳои дигаре ба мисли ӯзбекӣ, туркманӣ, пашаӣ, нуристонӣ, балучӣ ва помирӣ низ бо аксарияти қавмӣ дар минтақаҳои сукунаташон ҳамчун забони сеюм эътироф гардидаанд [34, 4].

Бояд гуфт, ки китобҳои дарсӣ аксар бо забони дарӣ ва дар вилоятҳое, ки паштуҳо бештар мебошанд, бо забони паштуӣ таҳия ва нашр мегарданд. Забонҳое, ки ба ҳайси забони севум шинохта шудаанд, дар мактабҳои онҳо танҳо як фан бо номи забони модарӣ (забони севум) таълим дода мешавад ва тамоми китобҳои дарсии дигар фанҳо бо забонҳои давлатӣ таҳия ва тадрис мешаванд. Масъулони Вазорати маориф иддао доранд, ки дар гузашта ба забонҳои соири мардуми Афғонистон чандон таваҷҷуҳ зоҳир нашуда буд, ки ин мавзӯъ сабаби паст гардидани сатҳу сифати таълим дар он манотиқ шуда буд. Зеро дар моддаи 16-уми Қонуни асосии Афғонистон омадааст, ки «дар минтақаҳое, ки бештари мардум ба яке аз забонҳои ӯзбекӣ, туркманӣ, пашшаӣ, нуристонӣ, балучӣ ва помирӣ суҳбат мекунанд, он забонҳо ба ҳайси забони севуми расмии кишвар мебошанд ва шароити тадбиқи он тавассути қонун танзим мегардад».

Масъалаи қавмият ва забонӣ барои маорифи Афғонистон яке аз мушкилоти бузург ба ҳисоб меравад. Зеро нашри китобҳои дарсӣ бо забонҳои гуногун маблағи гаронро тақозо менамояд ва тақрибан ғайриимкон аст.

Мавриди зикр аст, ки новобаста аз мушкилоти ҷойдошта, Вазорати маорифи Афғонистон бо ҷалби маблағҳои хориҷию созмонҳои байналмилалӣ нашри китобҳои дарсиро ба роҳ мондааст. Аз ҷумла, муассисаи байналхақии «Осиё фавндешн» аз соли 2002 то соли 2016 ҳудуди 35 миллион ҷилд китоб бо забони англисӣ барои 1000 мактаб ва китобхонаҳои маориф дар саросари Афғонистон ба таври ройгон тақсим намудааст. Ҳамчунин, кумакҳои дигаре ба монанди 26 ҳазор ҷилд китоб ва соири маводди дарсӣ, монанди харитаҳо барои мактабҳои духтарона аз ҷониби ҳамин созмон кумак шудааст. Ҳамин тавр, ин муассисаи кумакрасон бо ташкили курсҳои омодагӣ барои дохилшавӣ ба барномаҳои конкурс ҷиҳати роҳёбӣ ба донишгоҳҳои давлатӣ, баъд аз фароҳамоварии 12000 DVD филмҳои таълимиро, ки шомили матлабҳои дарсии фанҳои риёзӣ, физика, химия ва биология барои синфҳои 10 то 12–ум мебошанд, дар соли 2009 барои ҳар мактаб ба таъдоди се то DVD филмҳои таълимиро тақсим намудааст [35, 55].

## АДАБИЁТ:

1. Изҳороти масъулини дидбони шаффофият дар Афғонистон аз 18. .08. 2014 [Манбаи электронӣ]. https://iwaweb.org/dr/wp-content/uploads/2016/05/Dari-Newsletter-Feburary-2016.pdf. (санаи истифодабарӣ: 01.05. 2020).

2. Изҳороти масъулини дидбони шаффофият дар Афғонистон аз 01. .09. 2014 [Манбаи электронӣ]. https://tolonews.com/fa/business/ (санаи истифодабарӣ: 12.06. 2020).

3. Бойгонии ҷории Вазорати маориф. Раёсати ҳамоҳангӣ бо муассисоти кӯмаккунандаи байналмилалӣ. Бахши 3. Рӯихати 9. Парвандаи 5. - С.33.

4. Вазорати маориф. Кӯмакҳои муассисаи Норвегия барои муҳоҷирини афғон [Матн] // Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2005. 13- май. -№ 278. - С. 1.

5. Бойгонии марказии Вазорати маориф. Бахши 3. Рӯихати 2. Парвандаи 6. - С.22.

6. Вазорати маориф. Ди Сивидан муассиса ди Пактиё вилоят ди пуҳанӣ раёсат сара дарсӣ маводу мараста укра [Матн]// Ҳафтаномаи маориф.- Кобул, 2015. 26 - октябр. -№ 211. - С. 4.

7. Вазорати маориф. Кӯмакҳои қуртосия аз ҷониби Вазорати маориф барои мактабҳои Ҳилманд [Матн]// Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2007. 12 ноябр. - № 231. - С. 3.

8. Бойгонии марказии Вазорати маориф. Бахши 4. Рӯихати 5. Парвандаи 25. - С.39.

9. Изҳороти Мирзай С. Вазири Мухобирот ва технологии маълумотӣ дар Конфронси матбуотӣ дар Кобул, 18. .01. 2016 [Манбаи электронӣ]. https://iwaweb.org/dr/wp-content/uploads/2016/05/Dari-Newsletter-Feburary-2016.pdf. (санаи истифодабарӣ: 12.10. 2020).

10. Вазорати маориф. Беҳтар шудани шароити дасгоҳо аз тариқи шабакаи интернит дар аксари мактабҳои Афғонистон [Матн] // Ҳафтаномаи маориф.- 2015. 15 - сетябр. - № 265. - С. 3.

11. Изҳороти Мирзай С. Вазири мухобирот ва технологии маълумотӣ дар Конфронси матбуотӣ дар Кобул, 18. .01. 2016 [Манбаи электронӣ]. https://iwaweb.org/dr/wp-content/uploads/2016/05/Dari-Newsletter-Feburary-2016.pdf. (Санаи истифодабарӣ: 12.10. 2020).

12. Вазорати маориф. Гузориши дастовардҳои 12 сола[Матн]. - Кобул, 2010.- С. 43-45.

13. Бойгонии марказии Вазорати маориф. Бахши 11. Рӯихати 9. Парвандаи 6. – С. .45.

14. Вазорати маориф. Кӯмаҳои хориҷӣ барои маорифи Афғонистон [Матн] // Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2015. 25- август. -№ 311. -С. 2.

15. Бойгонии марказии Вазорати маориф. Бахши 15. Рӯихати 12. Парвандаи 25. - С.122.

16. Вазорати маориф.Фишурдае аз гузориши раёсати маориф аз 22 савр то 31 ҷавзои 2010 [Матн] // Моҳномаи Сарипул. - Сарипул, 2010.- № 3. - С. 10.

17. Вазорати маориф. Гузорише аз пешрафтҳои иҷрооти амалиёти маорифи Дойкундӣ. [Матн]. -Кобул, 2011. - С. 15.

18. Вазорати маориф. Раёсати маорифи вилояти Парвон. Гузозрши пешрафтҳо [Матн]. - Кобул, 2014. - С.13.

19. Бойгонии марказии Вазорати маориф. Бахши 26. Рӯихати 13. Парвандаи 28. - С.102.

20. Вазорати маориф. Кӯмакҳои кишвари Арабистон барои маорифи Афғонистон [Матн] // Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2012. 24- май. -№ 255. - С. 2.

21. Вазорати маориф. Ахбори вилоятии вилояти Лугар. [Матн]. - Кобул, 2014.- С. 14.

22. Гузориши Вазорати маориф. Хулосаи иҷрооти маорифи вилояти Кописо. [Матн]. - Кобул, 2014. -С. 15.

23. Вазорати маориф. Кори сохти биноҳои мактабҳои ҷадид дар вилоятҳои Кописо ва Лағмон [Матн] // Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2014. 15- Апрел. -№ 169.- С. 3.

24. Абдулазиз А. Бинои мактабҳои нави таълимӣ дар вилояти Самангон [Матн] /А. Абдулазиз //Маҷаллаи ирфон. - Кобул, 2013.- №111. - С. 25.

25. Вазорати маориф. Кӯмаҳои хориҷӣ барои маорифи Афғонистон [Матн]// Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2013. 12- апрел. -№ 245. - С. 4.

26. Вазорати маориф. Кӯмаҳои Вазорати маорифи Афғонистон аз буҷаи инкишофӣ ба муассисаҳои таълимӣ [Матн] // Ҳафтаномаи маориф. - Кобул, 2013. 13- октябр. - № 187, - С. 3.

27. Бойгонии ҷории Вазорати маориф. Раёсати ҳамоҳангӣ бо муассисоти кӯмаккунандаи байналмилалӣ. Бахши 31. Рӯихати 7. Парвандаи 11. - В.55.

28. Вазорати маориф. Гузориш ва дастовардҳои 11 солаи маориф [Матн]. - Кобул, 2016.- С. 18-21.

29. Бойгонии марказии Вазорати маориф. Бахши 21. Рӯихати 12. Парвандаи 28. - В.81.

30. Изҳороти Ориян Раъуф маовини раёсати маорифи Ҷузҷон ба таърихи 24.05.2016 [Манбаи электронӣ]. https://www.youtube.com/watch?v=X8BUTDyyIcA (Санаи истифодабарӣ: 13. 11. 2019).

31. Вазорати маориф. Кӯмаҳои хориҷӣ барои маорифи Афғонистон [Матн] // Ҳафтаномаи маориф.- Кобул, 2012. 16- апрел. -№ 277. -С. 2.

32. Вазорати маориф. Соли атфи маорифи Афғонистон [Матн]. - Кобул, 2016.- С. 30.

33. Аҳмадӣ Вардак. Сайри таърихии маорифи Афғонистон [Матн]/В. Аҳмадӣ. - Кобул, 2016.- С. 311.

34. Қонуни асосии Ҷумҳурии исломии Афғонистон. Таҷдиди сеюм [Матн]. - Кобул, 2013. - С.4.

**35.** Вазорати маориф. Нигарише бар дастовардҳои бесобиқаи Вазорати маориф [Матн]. - Кобул, 2010.- С. 55.

## ПОМОЩЬ МЕЖДУНАРОДНЫХ ОРГАНИЗАЦИЙ В ОБЕСПЕЧЕНИИ МАТЕРИАЛЬНО-ТЕХНИЧЕСКОЙ БАЗЫ И ИЗДАНИИ УЧЕБНО-МЕТОДИЧЕСКОЙ ЛИТЕРАТУРЫ В АФГАНИСТАНЕ (2001-2016 ГГ.)

**КУДРАЗОДА КОМРОН АБДУНАБИ**
Институт изучения проблем стран Азии и Европы
Тел.: (+992) 93 528 28 62. Эл. почта: komron.kudratov@gmail.com

**КУШО ФАХИМ МОХАММАДАЗАМ**
Таджикский национальный университет
Тел.: (+992) 919-51-11-80. Эл. почта: fahimkosha171@gmail.com

*В статье рассматривается помощь международных организаций в обеспечении материально-технической базы и издании учебно-методической литературы в Исламской Республике Афганистан, и в процессе исследования было определено, что в этот период в образовательные учреждения этой страны отсутствовали технических средств и наглядных пособий. Во многих учебных заведениях Афганистана не хватало классных досок, парт и стульев, лабораторных материалов, компьютеров и учебников. В целом 74% школ столкнулись с нехваткой учебного оборудования. На основе анализа и обзора источников существующие проблемы в сфере образования показывают, что состояние лабораторий, компьютеров, школьных библиотек в выбранный период вызывает тревогу, а ряд международных организаций способствовали улучшению материально-технической базы учебных заведений. Одной из организаций, оказавших большую помощь в области материально-технической базы образования Афганистана, является международная организация ЮНИСЕФ. Эта международная организация смогла внести весомый вклад в обеспечение образовательных сфер Афганистана материально-техническими материалами и выпуск учебно-методической литературы, а также в обеспечение необходимыми материалами афганских преподавателей и студентов.*

***Ключевые слова:*** *Афганистан, образование, школа, учеба, международные организации, помощь международных организаций, обеспечение техникой и технологиями, учебно-методическая литература, проблемы в сфере образования*

## ASSISTANCE OF INTERNATIONAL ORGANIZATIONS IN PROVIDING THE MATERIAL AND TECHNICAL BASE AND PUBLISHING EDUCATIONAL AND METHODOLOGICAL LITERATURE IN AFGHANISTAN (2001-2016)

**KUDRATZODA KOMRON ABDUNABI**
Institute for studying the issues of Asian and European countries
Tel.: (+992) 93 528 28 62. E-mail: komron.kudratov@gmail.com

**KUSHO FAHIM MOHAMMADAZAM**
Tajik National University
Tel.: (+992) 919-51-11-80. E-mail: fahimkosha171@gmail.com

*The article discusses the assistance of international organizations in providing the material and technical base and publishing educational and methodological literature in the Islamic Republic of Afghanistan, and in the course of the study it was determined that during this period the educational institutions of this country suffer from a lack of technical means and visual aids. Many educational institutions in Afghanistan lacked blackboards, desks and chairs, laboratory materials, computers and textbooks. Overall, 74% of schools faced a shortage of teaching equipment. Based on the analysis and review of sources, the existing problems in the field of education show that the state of laboratories, computers, school libraries in the selected period is alarming, and a number of international organizations have contributed to the improvement of the material and technical base. technical base of educational institutions. One of the organizations that provided great assistance in the field of the material and technical base of education in Afghanistan is the international organization UNICEF. This international organization was able to make a significant contribution to providing the educational spheres of Afghanistan with material and technical materials and the production of educational and methodological literature, as well as to providing the necessary materials to Afghan teachers and students.*

***Keywords:*** *Afghanistan, education, school, studies, international organizations, assistance from international organizations, provision of equipment and technologies, educational literature, problems in the field of education*

## МУНОСИБАТҲОИ ДУҶОНИБАИ ҶУМҲУРИИ ҚАЗОҚИСТОН ВА ҶУМҲУРИИ ХАЛҚИИ ХИТОЙ

**МИРЗОЕВ ҲАБИБҶОН ТАБРИКҶОНОВИЧ**
номзади илмҳои таърих, ходими пешбари илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубӣ ва Шарқии ИОМДОА АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рудаки, 33
Тел. 933-60-94-94. E-mail: diplomat.tj94@mail.ru

**АЗИЗОВ СОМОН ҶУРАХОНОВИЧ**
магистранти курси 2-и ихтисоси муносибатҳои байналмилалии ИОМДОА АМИТ. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯч. Исмоили Сомонӣ 14, ҳ. 9, тел. 903-33-99-90. E-mail: azizovs138@gmail.com;

*Дар мақолаи мазкур муносибатҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дар замони муосир мавриди таҳлилу баррасиҳои ҳамаҷониба қарор гирифтааст. Баъди ба даст овардани истиқлолият Ҷумҳурии Қазоқистон бо Ҷумҳурии Халқии Хитой муносибати дӯстонаро ба роҳ монда дар таҳкими рушди муносибатҳо ҳар ду ҷониб саҳмгузоранд. Рушди бумайлони равобитаҳои иқтисодии ин кишвар шаҳодат аз доштани мунасибати хуби иқтисодӣ медиҳанд, ки поягузори муносибатҳои дигари дуҷонибаи кишварҳои ҳамсоя гаштаанд. Инчунин ҳамкориҳои дуҷонибаи Қазоқистону Чинро санодҳои муҳими дуҷониба ба танзим медароранд, ки асоси робитаҳо тарафайн ҳастанд. Имзои Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ байни Қазоқистону Чин дар соли 2011 саҳифаи нави равобити дуҷонибаро боз намуд. Бо вуҷуди мавҷудияти якчанд омилҳои хурди манфи дар равобити ду кишвар муносибатҳо рушд ёфта истодаанд. Оморҳо нишон медиҳанд, ки равобити иқтисодии Қазоқистону Чин баъди имзои Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ дар ҳоли рушд кардан қарор доранд. Умумияти ҷуғрофию фарҳанги низ дар равобити ду кишвар нақши калидиро иҷро карда, дар таҳкими дӯстии дуҷонибаи байни миллатҳо саҳмгузоранд. Ҳамчунин ҳамкориҳои тарафайн дар доираи созмонҳои минтақавию байналмилалӣ дар ҳоли рушд қарор дорад.*

***Калидвожаҳо:*** *Қазоқистон, Хитой, таҳаввулот, шарикии стратегӣ, шарикии иқтисодӣ, бисёрҷониба, дӯстӣ, созишнома, молиявӣ, фоида, Институти Конфутсий, рушд, таҳаввулот, ҳамгироӣ, Созмони Ҳамкории Шанхай, минтақавӣ.*

***Вуруд ба мавзӯъ.*** Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой аз ҷиҳати ҷуғрофӣ бо ҳамдигар ҳамсоя буда, дар тӯли асрҳои зиёд шарик буданд. Роҳи қадимаи Абрешим беш аз 2 ҳазор сол қабл ба халқҳои ду кишвар имкон дод, ки ҳамгироии таърихӣ ба даст оранд, робитаҳои дӯстонаи ба ҳам судбахшро аз насл ба насл мерос гузоранд. Ҳукумати Чин яке аз аввалинҳо шуда истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Қазоқистонро эътироф намуд. Аз он вақте ки ду кишвар муносибатҳои дипломатиро

барқарор карданд, таҳти роҳбарии роҳбарони Қазоқистон ва Чин дар тӯли ин солҳо муносибатҳои ду кишвар устуворона ба сатҳи нав баромад.

Тафсири муносибатҳои дуҷонибаи Қазоқистон ва Чин. Баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Қазоқистон бо бисёри давлатҳо муносибатҳои дипломатиро барқарор намуд ва ҳамзамон 3-юми январи соли 1992 бо Чин муносибатҳои дипломатиро барқарор кард. Ба гуфтаи профессори Академияи илмҳои иҷтимоии Чин На Гуанченг, яке аз хусусиятҳои асосии муносибатҳои байни Чин ва Қазоқистон дар он аст, ки Чин давлати Осиёи Марказӣ, яъне Қазоқистонро ҳамчун як давлати "хурд" қабул намекунад. Шурӯъ аз соли 2011, муносибатҳои Қазоқистону Чин ба шарикии ҳамаҷонибаи стратегӣ табдил ёфт, ки ин барои боз ҳам қавитар гаштани муносибатҳои ду кишвар ёрӣ расонид. [13]

Робитаҳои дуҷонибаи Қазоқистону Чин на танҳо барои ин ду кишвар аҳамият дорад, балки инчунин дар заминаи сиёсати ҷаҳонӣ аҳамияти мушаххасро доро мебошад. Бо назардошти ҷойгир будани Қазоқистон дар маркази қитъаи Авруосиё, ин кишвар ба сифати як пули пайвасткунандае байни давлатҳои Шарқ ва Ғарб хизмат мекунад. Маҳз барои ҳамин ҳам, айни замон барои омӯзиши муносибатҳои Қазоқистону Чин диққати махсус дода мешавад.

Муносибатҳои Чин ва Қазоқистон дар як муддати кӯтоҳ ҷаҳиши азиме кард ва аз шакли дӯстонаи барқарор намудани робитаҳои дипломатӣ дар оғози истиқлолияти Қазоқистон ба шарикии ҳозираи ҳамаҷонибаи стратегӣ гузаштанд. Эътимоди тарафайн ва ҳамкории судбахши ду кишвар ба сатҳи баланд расиданд.

*Соҳаи иқтисод:* Ҳамкории иқтисодии Қазоқистон ва Чин баъд аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ, сол аз сол рушд карда истодааст, ба ин нигоҳ накарда дар муносибатҳои иқтисодиву молиявии ин ду кишвар баъзе камбудӣ ҳам дида мешавад. Гардиши савдо, ки соли 1992 ба 433 миллион доллари ИМА баробар буд, ки айни замон 27 маротиба афзудааст [11]. Бояд қайд кард, ки Чин шарики назарраси тиҷоратии Қазоқистон аз солҳои аввали истиқлолияти кишвар буд ва мемонад.




Ҷадвали 1.*Ҷараёни содирот ва воридот байни Қазоқистон ва Чин дар солҳои 2011-2019,* (миллион доллари амрикои) *million USD (Манбаъ: URL:// https://static.365info.kz/)*

Роҳи Абрешим имрӯз фаъолона эҳё шуда, дар харитаи ҷаҳон ҷойгоҳи худро бозгардонида истодааст. Дар байни лоиҳаҳои муштараки эҳёи роҳи қадим метавон долони трансконтиненталии нақлиётии "Аврупои Ғарбӣ- Хитои Ғарбӣ" номид, ки барои рушди иқтисоди Қазоқистон аҳамияти калон дорад. [12]

Сохтори савдои байни Қазоқистон ва Чин асосан аз фурӯши нафт (20,8%), маъдан, ангишт, металлҳои сиёҳ (20,3%), миси электролит (19,6%), никел ва алюминий (13,8%), инчунин маҳсулоти чорводорӣ иборат аст. Дар мавриди интиқоли молу маҳсулоти Чин ба Қазоқистон, асосан молҳои саноати сабук ва бофандагӣ, мошинҳо ва таҷҳизоти барқӣ ва ғайра мебошанд. Қисми зиёди муомилотро тиҷорати мустақим ва наздисарҳадӣ ишғол мекунанд, ки сеяки он мубодилаи мол мебошад.

Бо мақсади мутамаддинтар кардани савдои тарафайн, ҷонибҳо роҳҳои ташкили марказ ё минтақаи савдои сарҳадиро баррасӣ карда истодаанд. Айни ҳол, дар вазъи паҳн шудани касалии “Коронавирус”, минтақаи гузаргоҳи Хоргос фаъолият мекунад ва барои рушд кардани муносибатҳои иқтисодии Қазоқистон ва Чин хизмат мекунад. Сарфи назар аз рушди бомуваффақият ва рушди ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодӣ дар маҷмӯъ, дар фаъолияти сармоягузории дуҷониба мушкилот низ мавҷуданд: масалан, ҳаҷми нокифоя ва ночизи сармоягузории мустақими Чин ба Қазоқистон ва баръакс, Қазоқистон дар Чин, деформатсия дар сохтори сармоягузориҳои Чин, тақрибан 70% сармоягузории мустақими Чин дар бахши нафту газ тамаркуз карда шудааст. [10]

Манфиати асосии иқтисодии Чин дар Қазоқистон дастрасӣ ба манбаъҳои нафту гази Қазоқистон бо мақсади таъмини амнияти энергетикии кишвари худ мебошад. Самаранокии пасти сармоягузориҳои Чин барои Қазоқистон аз сабаби мавҷуд набудани занҷирҳои арзиши соҳавӣ фаҳмида мешавад. Мисол: дар Қазоқистон афзоиши саршумори чорвои калони шохдор ба чашм мерасад вале ҳанӯз талабот ба пӯст дар кишвар вуҷуд дорад. Пуст коркард карда намешаванд, балки ҳамчун ашёи хом, асосан ғайриқонунӣ ба Чин содир карда мешаванд. Дар музофотҳои ғарбӣ, онҳо коркард карда мешаванд, сипас ба ҷанубу шарқ фиристода мешаванд, ки дар он маҳсулот истеҳсол карда мешаванд, масалан, маҳсулоти чармӣ ва мӯина, охирин дар бозори дохилӣ фурӯхта шуда, дар саросари ҷаҳон, аз ҷумла ба кишварҳои ИДМ ва Аврупо содир карда мешаванд. Ҳангоми эҷоди занҷирҳои арзиши иловашуда дар Қазоқистон хароҷоти логистикиро коҳиш додан мумкин аст.

Зоҳиран, бояд эътироф кард, ки ҳамкории иқтисодии Қазоқистон бо Чин ба вазифаҳои умумии рушди иқтисоди Чин комилан тобеъ аст. Рушди Осиёи Марказӣ бо суръате ҷараён дорад, ки ба имкониятҳои Чин мувофиқат мекунад, дар ҳоле ки Чин саъй дорад, ки хароҷоти нигоҳ доштани пешрафти иқтисодии худро ба минтақа кам кунад. [9]

Содироти азими молҳо якбора якчанд мушкилоти иқтисодии Чинро ҳал мекунад:

- Якум, васеъ кардани содироти молҳои чинӣ мебошад. Гузашта аз ин, ҳадафи асосӣ на тавсеаи ҷуғрофӣ, балки ихроҷи дигар истеҳсолкунандагон ва ба даст овардани мавқеи назаррас дар ин бозорҳо аз ҳисоби нархҳои нисбатан пасти молҳои истеҳсоли Чин мебошад.

- Дувум, аз ҳисоби нархҳои паст ба фоидаи худ ҷалб намудани сармоягузориҳои хориҷӣ, соҳаҳои умедбахш ва бо онҳо беҳтарин муҳандисони ботаҷриба аз тамоми ҷаҳонро ба худ ҷалб мекунад. Оқибати ин раванд бастани соҳаҳои ояндадори миллӣ мебошад, ки бо молҳои чинӣ рақобат карда наметавонанд.

Бо назардошти нақши коргоҳи саноатӣ, Чин, дарвоқеъ, Қазоқистонро барои рушди ягон соҳаи назарраси истеҳсолӣ имконият намедиҳад.

Созишнома дар бораи ташкил кардани заводу фабрикаҳои чинӣ дар қаламрави Қазоқистон ҳанӯз соли 2014 пас аз ҷаласаи Шӯрои сарони ҳукуматҳои СҲШ дар Нур-Султон дар доираи ҳамгироии "Як камарбанд - як роҳ" бо сиёсати нави иқтисодии Нурли Жол пайдо шуда буд. Рӯйхати лоиҳаҳо соли 2016 тартиб дода шудааст. Ва худи ташаббуси "Як камарбанд - як роҳ" дар Қазоқистон моҳи сентябри соли 2013 зимни сафари давлатии Си Ҷинпин, раиси ҷумҳури Чин эълом шуд. Дар қаламрави Қазоқистон 55 намуди заводу фабрикаҳои нави чинӣ пайдо мешаванд, ки ин дар навбати худ ба афзоиши ҷойҳои корӣ, даромадҳои андоз ва ғайра мусоидат мекунад.

Аммо аз дигар тараф, Чин заводу фабрикаҳояшро дар соҳаҳои: неруи барқ, саноати электронӣ ва IT, саноати химиявӣ, савдо ва логистика, либос ва бофандагӣ, саноати коркарди маъданҳо, ширкатҳои идоракунии хона ва амният, ширкатҳои сохтмонӣ, сайёҳӣ ва фарҳанг мехоҳад бунёд созад. Аз ин руйхати соҳаҳо ба хулосае омадан мумкин аст, ки Чин вақте ки нақшаи худро татбиқ мекунад, қариб дар ҳамаи соҳаи иҷтимоию иқтисодии Қазоқистон фаъолона иштирок мекунад. Саволе ба миён меояд, барои иқтисодиёти Қазоқистон ин нақшаи Чин мусбӣ анҷом меёбад ё ин ки манфӣ.

Ширкатҳои канданиҳои маъданҳои зеризаминии Чин бозори хидматрасонии пармакуниро дар соҳаи нафти Қазоқистонро пурра ба даст гирифтанд. Зиёда аз 10 сол пеш онҳо ба Қазоқистон ворид шуда, ӯҳдадор шуда буданд, ки ба андозаи нисфи нархҳо бо зиён ба худ чоҳ парма кунанд. Ширкатҳои қазоқӣ тендерҳоро бурд карда наметавонистанд ва вақте ки онҳо бозорро комилан тарк карданд ва муфлис шуданд, чиниҳо нархҳояшонро якбора 3 маротиба боло бурданд.

Инчунин, таҷрибаи давлатҳои минтақаи Африқо нишон медиҳад, ки Чин ба рушди соҳаҳои технологияи баланд дар кишварҳои сармоягузорӣ манфиатдор нест. Пас аз 20 соли ҳамкории наздики сармоягузорӣ, сохтори тиҷорати байни кишварҳо бетағйир монд - Африқо ашёи хом (нафт, маъдани оҳан ва пахта) содирот мекунад ва маҳсулоти тайёр (таҷҳизот, электроника ва бофандагӣ) ворид мекунад.

Ҳамзамон, дар сурати афзоиши бардавом дар минтақаҳои ғарбии Чин, вай тамоми имкониятҳоро дорад, ки ба маркази пешрафтаи молиявию иқтисодии Осиёи Марказӣ ва минтақаҳои ҳамҷавор ва наздики ҷуғрофии Русия табдил ёбад, ба ибораи дигар, мавқеи худро ҳамчун маркази иқтисодӣ мустаҳкам кунад.

Аз нуқтаи назари принсипҳои тиҷорати байналмилалӣ, ин тамоюли таҳдидомез аст, зеро тамоюли минбаъдаи ашёи хоми содироти Қазоқистон метавонад ба коҳиши иқтисодии минтақа оварда расонад. Охир, истеҳсолкунандагони Чин нисбат ба истеҳсолкунандагони Қазоқистон рақобатпазиртаранд. Омилҳои рақобатпазирии Чинро ба ҳамагон маълум мебошад: қувваи кории арзон, заминаи пешрафтаи технологӣ, бозори тавоно ва дастрасӣ ба баҳр.

Дар умум, Қазоқистон объекти асосии манфиатҳои иқтисодии Чин дар Осиёи Марказӣ мебошад. Миқёси ҳузури Чин дар Қазоқистон дар тамоми давраи пасошӯравӣ бемайлон меафзуд ва алакай назаррас ба назар мерасад. Гузашта аз ин, агар дар ибтидо манфиатҳои иқтисодии Чин асосан ба соҳаи савдо таъсир расонанд, ки ин танҳо ба андозаи ночизе бо рушди робитаҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ҳамроҳ буд, имрӯз

талошҳои системавии Чин барои тақвияти фаъолиятҳои лоиҳавӣ ва сармоягузорӣ дар Қазоқистон ба назар намоёнанд.

Робитаҳои гуманитарӣ -фарҳангӣ*:* Барои мустаҳкам кардани мавқеи худ дар ҷаҳон, мақомоти Ҷумҳурии Халқии Хитой бо усулҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ маҳдуд нашуда, диққати бештарро ба густариши ҳамкориҳои башардӯстона ҳамчун роҳи маъмул кардани модели чинӣ дар дигар кишварҳо равона мекунанд. Инкишофи робитаҳои фарҳангии Қазоқистону Чин мисоли олитарин шуда метавонад. Агар солҳои аввали муносибатҳои дуҷониба асосан танҳо бо ҳамкориҳои сиёсӣ иқтисодӣ тавсиф мешуданд, ки ин табиист, пас тадриҷан роҳбарони ду кишвар ба васеъ кардани соҳаҳои ҳамкорӣ шурӯъ карданд. Дар солҳои 2000-ум равобити башардӯстонаи Қазоқистону Чин аллакай характери доимӣ касб карда, торафт васеътар шуд. Такони ин кор дар соли 2001 қабул шудани нақшаи чорабиниҳо оид ба густариши мубодилаи дуҷонибаи фарҳангӣ буд. [7]

Ҳамкории башардӯстонаи Қазоқистон ва Чин пеш аз ҳама дар чорабиниҳои расмӣ (рӯзҳои фарҳангӣ ва ғайра), ҳангоми татбиқи барномаи мубодилаи донишҷӯён, ҳангоми кушодани муассисаҳои таълимӣ, муаррифии васоити ахбори умум (рӯзномаҳо, радио ва ғ.), фаъолияти таълимӣ (тарҷумаи асарҳои адабии классикӣ ва асарҳои муаллифони муосир), туризм ва монанди онҳо ба назар мерасад:

- Моҳи апрели соли 2013 бори аввал ҳафтаи филмҳои Қазоқистон дар Пекин баргузор шуд.
- 5-11-уми ноябри соли 2013 дар Пекин Рӯзҳои фарҳанги Қазоқистон дар Чин баргузор шуданд.
- 19-уми марти соли 2014 дар Пекин маросими ифтитоҳи муҷассамаи шоир-маорифпарвар А.Кунанбоев, ки аз ҳисоби кормандони Сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон дар Чин таъсис ёфтааст, баргузор гардид.
- 25-28-уми сентябри соли 2014 дар Нур-Султон ва Алмаато Рӯзҳои фарҳанги Чин дар Қазоқистон баргузор шуданд.
- 31-уми августи соли 2015, ҳангоми сафари давлатии Президенти собиқи Қазоқистон Н.А.Назарбоев ба Чин, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Халқии Чин дар бораи ҳамкориҳои фарҳангию гуманитарӣ ба имзо расид.
- Дар давоми солҳои 2015-2017 дар донишгоҳҳои забонҳои хориҷии Пекин, Шанхай, Далян ва Сян бо кӯмаки Сафорати Қазоқистон дар Чин "Марказҳои Қазоқистон" ва шӯъбаҳои забони қазоқро боз карданд.
- Моҳи июни соли 2017 Чин «Маҷмӯаи асарҳои мунтахаби Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон Нурсултон Назарбоев» -ро бо забони чинӣ ва китоби Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин «Дар бораи идоракунии давлатӣ» -ро ба забони қазоқӣ аз чоп баровард.
- Соли 2017 соли туризми Чин дар Қазоқистон баргузор гардид.
- 7-уми июни соли 2018, дар ҳузури Президенти собиқи Ҷумҳурии Қазоқистон Н.Назарбоев ва Раиси Ҷумҳурии Халқии Чин Си Ҷинпин, аввалин филми муштараки қазоқӣ-чинӣ бо номи "Бастакор" муаррифӣ шуд, ки ба дӯстии ду бастакор - Сян Синхай, ки тасодуфан дар Қазоқистон дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва Бақитжан Байкадамов буданд, бахшида шуд [6].

Мубодилаи донишҷӯён аз ҳама фаъолтар инкишоф меёбад. Тақрибан 9000 донишҷӯёни қазоқ дар Чин таҳсил мекунанд (бо грантҳои давлатии "Болашак" ва

мустақилона) [13]. Онҳо забони чиниро меомӯзанд ва сипас таҳсилро дар намуди интихобкардаашон идома медиҳанд. Донишҷӯёни чинӣ низ дар доираи мубодилаи донишҷӯён ва инчунин хусусӣ барои таҷрибаомӯзӣ ба Қазоқистон меоянд.

Омӯзиши забон яке аз муҳаррикҳои муҳими ҳамкориҳои башардӯстона мебошад. Аз ҷониби Чин, муҳаррики пуриқтидори барномаҳои таълимӣ системаи Институтҳои Конфутсий мебошад. Дар айни замон, дар Қазоқистон аллакай чор Донишкадаи Конфутсий амал мекунанд: дар Алмаато (дар Донишгоҳи миллии Қазоқистон), дар Остона (дар Донишгоҳи миллии Авруосиё), дар Караганда (дар Донишгоҳи давлатии техникии Караганда) ва дар Актобе (дар Донишгоҳи давлатии омӯзгории Актобе) [2].

Ин муассисаҳо забони чиниро меомӯзонанд, чорабиниҳо ва озмунҳои гуногуни идона баргузор мекунанд, васоити таълимӣ таҳия мекунанд. Талабот ба омӯзиши забони чинӣ дар Қазоқистон пайваста меафзояд. Ин асосан ба Донишкадаҳои Конфутсий вобаста аст, ки онҳо дар самти оммавӣ гардонидани забон ва фарҳанги чинӣ кор ва фаъолият мекунанд. Имконияти омӯхтани забони чинӣ инчунин дар бисёр мактабҳои олии Қазоқистон ва дар курсҳои сершумор дастрас аст.

Дар робита ба густариши забони қазоқӣ дар Чин каме мушкилтар аст. Таълими он танҳо дар доираи омӯзиш дар факултаҳои махсуси баъзе донишгоҳҳо (дар Пекин, Урумчӣ ва Илӣ) амалӣ карда мешавад. [1]

Дар оянда ҳамкориҳои башардӯстонаи ду кишвар боз ҳам рушд хоҳанд ёфт. Бо сабаби ошкорбаёнии ду кишвар, дар ин соҳа ҳеҷ мушкиле вуҷуд надорад.

*Ҳамкориҳо дар соҳаи ҳарбӣ-амниятӣ:* Ҳангоми барқарор кардани муносибатҳои дипломатӣ бо Ҷумҳурии Мардумии Чин вазифаи стратегии роҳбарияти Қазоқистон аз чунин хусусияти муносибатҳо иборат буд: таъмини амнияти миллии Қазоқистон ва таҳкими истиқлолияти он. Шароити геополитикӣ, ки Қазоқистон дар он ҷойгир аст, онро барои таъмини амнияти худ, ба истиснои нигоҳ доштани тавозуни оқилона дар муносибат бо ду ҳамсояи бузурги худ - Русия ва Чин, алтернативаи дигар намегузорад. Президенти собиқи Қазоқистон Н.Назарбоев, ҳатто пеш аз пошхӯрии ИҶШС, бо Чин робита барқарор кард. Моҳи июли соли 1991 ӯ ба Пекин ташриф оварда, дар ҷараёни он ба роҳбарони Чин манфиатдории Қазоқистонро барои барқарор намудани муносибатҳои мустақили неки ҳамсоягӣ бо Чин, пеш аз ҳама дар соҳаи иқтисод, инчунин нигоҳ доштани робитаҳои сиёсӣ бо роҳбарияти Чин нишон дод.

Бори аввал мушкилоти амниятӣ байни ду кишвар ҳангоми сафари Президенти вақти Қазоқистон Н.Назарбоев ба Чин моҳи октябри соли 1993 ба таври васеъ муҳокима шуданд. [8] Эъломия дар бораи муносибатҳои асосии дӯстонаи байни Қазоқистон ва Чин ба имзо расид. Он садоқати ду кишварро ба принсипҳои ҳамсоягии нек, эҳтироми соҳибихтиёрӣ, ҳамла накардан ва дахолат накардан ба корҳои дохилии якдигар эълон кард. Барои Қазоқистон, ки он вақт аллакай созишномаи худро дар бораи давлати бидуни ҳастаӣ эълон карда буд, гирифтани розигии Пекин барои кафолати истифода нашудани силоҳи ҳастаӣ зидди Қазоқистон муҳим буд. Моҳи феврали соли 1995, Чин ба Қазоқистон кафолат дод.

Таъмини амнияти Қазоқистон бидуни таъмини тамомияти арзӣ ва амнияти марзҳои он ғайриимкон аст. Ҳалли ин мушкилот барои ҳукумати Қазоқистон мушкилоти хеле ҷиддиро ба бор овард. Он ногузир бо рафъи масъалаҳои баҳсбарангези ҳудудии байни ду кишвар алоқаманд аст. Ҳангоми сафари сарвазири Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин Ли Пенг ба Алмаато дар моҳи апрели соли 1994 Созишнома дар бораи

сарҳади давлатии Қазоқистон ва Чин ба имзо расид, ки воқеан дахлнопазирии марзи байни ду кишварро тасдиқ кард. [2]

Ҳамин тариқ, Қазоқистон аввалин кишвар дар байни ҳамсоягони Чин шуд, ки Пекин бо он санадеро дар бораи убури марз ба имзо расонид. Созишнома 70 нуқтаи асосии сарҳадро муқаррар кард. Танҳо ду қисмати марз ҳамоҳангнашуда боқӣ монданд, ки яке аз онҳо дар кӯҳҳои Саур ва Тарбағатай (дар байни нуқтаҳои 15-16) ва дуввум дар кӯҳҳои Алатау (дар байни нуқтаҳои 48-49) ҷойгир аст. [9]

*Муносибатҳои бисёрҷонибаи Қазоқистон ва Чин.* Бо мақсади боз ҳам мустаҳкам намудани муносибатҳои дустона Ҷумҳурии Қазоқистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин муносибатҳои худро дар созмонҳои минтақавию байналмиллалӣ аз қабили Созмони Ҳамкории Шанхай, Созмони Миллали Муттаҳид ба роҳ мондаанд.

Самтҳои асосии муносибатҳои ду кишварро дар доираи ин созмонҳо ба бахшҳои зерин метавон ҷудо кард:

- Тиҷоратӣ-иқтисодӣ
- Ҳарбӣ-сиёсӣ ва амниятӣ
- Илмӣ-фарҳангӣ

Ба роҳ мондани робитаҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи кишварҳо дар соҳаҳои номбаршуда имконтият медиҳанд, то ки ин кишварҳо бештар ба ҳадафҳо ва мақсадҳои худ расанд.

Яке аз созмонҳои хусусияти ҳамгироидошта дар минтақаи Осиёи Марказӣ ин Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) мебошад.

Шомил шудани кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ин созмон, ҳамчун аксуламал ба ситезаҷӯиҳо дар чаҳони муосир ба ҳисоб меравад, кикишварҳои минтақа баъд аз эълони истиқлолият бо он рӯ ба рӯ шудаанд. [5]

Кишварҳои аъзои СҲШ дар назди худ ҳалли чунин масъалаҳоро аввалиндараҷа мешуморанд:

1. Ба роҳ мондани ҳамкорӣ дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;
2. Коркард кардан ва ҷорӣ намудани механизми ҳалли ихтилофҳо байни аъзоёни созмон.

Саҳми кишварҳои аъзоёни созмонҳои байналхалқие, ки дар он созмонҳо ҳам Қазоқистон шомил мебошад, дар тиҷорати хориҷии ин кишвар назаррас буда, миёни ин давлатҳо Чин ҷойи намоёнро ишғол менамояд.




Ҷадвали 2. Номгуи маҳсулотҳои *ҷараёни содирот ва воридот байни Қазоқистон ва Чин* (миллион доллари амрикои), *million USD (Манбаъ: URL:// https://static.365info.kz/)*

Бояд ба хулосаҳо ва пешниҳодҳои зерин аҳамият дод, зеро, ки ин пешниҳодҳо метавонад ба суст шудани тамоюлҳои манфии ҳамкориҳои иқтисодии байни Қазоқистон ва Чин мусоидат кунад.

1) бояд сармоягузории Чинро сараввал ба саноати истеҳсолии иқтисодии Қазоқистон, инчунин дар қаламрави Қазоқистон таъсис додани корхонаҳои муштараки коркарди ашёи хом, маҳсулоти нафтӣ, металлҳои ранга, маишӣ ва партовҳои саноатӣ равона кард;

2) пурзӯр намудани назорат аз болои маҳсулоти аз Шинҷон воридшаванда, пеш аз ҳама маҳсулоти воридотӣ аз Чин барои риояи меъёрҳо ва стандартҳои экологии дар Ҷумҳурии Қазоқистон муқарраршуда. Пешгирии воридоти маҳсулоте, ки ба он мувофиқат намекунанд низ муҳим аст;

3) истифодаи усули дифференсиалӣ дар ҳалли масъалаҳои содироти сармояи қазоқӣ тавассути каналҳои тиҷоратӣ. Масалан, афзоиши андозҳои гумрукӣ аз молҳои истеъмолӣ - болоравии нархҳо дар Қазоқистон таъсири назаррас мерасонад. Аз ин лиҳоз, Қазоқистон бояд тадбирҳои фарогири қадам ба қадам барои таъмини рушди тиҷорати хурд ва миёнаро амалӣ намояд;

Дар маҷмӯъ метавон хулоса кард, ки баъди ба даст овардани Истиқлолият Ҷумҳурии Қазоқистон бо Ҷумҳурии Халқии Чин муносибати дӯстонаро ба роҳ монда дар таҳкими рушди муносибатҳо ҳар ду ҷониб саҳмгузоранд. Рушди бумайлони равобитаҳои иқтисодии ин кишвар шаҳодат аз доштани мунасибати хуби иқтисодӣ медиҳанд, ки поягузори муносибатҳои дигари дуҷонибаи кишварҳои ҳамсоя гаштаанд. Инчунин ҳамкориҳои дуҷонибаи Қазоқистону Чинро санодҳои муҳими дуҷониба ба танзим медароранд, ки асоси робитаҳо тарафайн ҳастанд. Имзои Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ байни Қазоқистону Чин дар соли 2011 саҳифаи нави равобити дуҷонибаро боз

намуд. Бо вуҷуди мавҷудияти якчанд омилҳои хурди манфи дар равобити ду кишвар муносибатҳо рушд ёфта истодаанд. Оморҳо нишон медиҳанд, ки равобити иқтисодии Қазоқистону Чин баъди имзои Эъломия дар бораи шарикии стратегӣ дар ҳоли рушд кардан қарор доранд. Умумияти ҷуғрофию фарҳанги низ дар равобити ду кишвар нақши калидиро иҷро карда, дар таҳкими дӯстии дуҷонибаи байни миллатҳо саҳмгузоранд.

## АДАБИЁТ:


1. Балтабаева К. Казахам в Китае не дают учить казахский язык. http://news.nur.kz/288351.html (Санаи муроҷиат: 28.11.2020)
2. Валеев, Р. М. Гуманитарное сотрудничество Китайской Народной Республики и Республики Казахстан в сфере образования (1990-2000-е гг.) Вестник Казанского государственного университета культуры и искусств. – 2015. – №1.

Валеев, Р. М. Казахстанско-китайские культурные связи / Р. М. Валеев, Л. И. Кадырова // Вестник Казанского государственного университета культуры и искусств. – 2014. – №3. – С. 117–122.

3. Двусторонние отношения. Посольство Республики Казахстан в Китайской Народной Республике. http://www.mfa.gov.kz/ru/beijing/ content-view/ha-zhong-he-zuo (Санаи муроҷиат: 20.11.2020)
4. Китай и Казахстан: грандиозные результаты, прекрасные перспективы. Посольство Китайской Народной Республики в Республике Казахстан. http://kz.china-embassy.org/rus/dszc/emba/t1433443.htm. (Санаи муроҷиат: 22.11.2020)
5. Мирзоев Н. М., Мирзоев Ҳ. Т. Рушди ҳамкориҳои гуманитарии Тоҷикистон дар дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. Нашрияи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ. ISSN 2219-5408. № 1 (96) Душанбе – 2022. Саҳ 215-221.
6. Мирзоев Ҳ.Т Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар доираи СҲШ (ISSN-2219-5408, Вестник Педагогического Университета, Душанбе-2019.№6 стр. 130-136).
7. Назарбаев Н. Дни культуры Казахстана в Китае усилят контакты в области искусства, живописи и музыки. Интервью Н. Назарбаева китайским СМИ. http://www.zonakz.net/ articles/73609 (Санаи муроҷиат: 29.11.2020).
8. Посольство Республики Казахстан в Китайской Народной Республике. http://www.mfa.gov.kz/ru/beijing/ content-view/ha-zhong-he-zuo. (Санаи муроҷиат: 27.11.2020).
9. Сотрудничество и безопасность в Центральной Азии в условиях политических и социально-экономических трансформаций. — Алматы: Казахстанский институт стратегических исследований при Президенте РК, 2007.
10. Сыроежкин К.Л. Проблемы современного Китая и безопасность в Центральной Азии — Алматы: Казахстанский институт стратегических исследований при Президенте РК, 2006.
11. Ходжаев А. О центрально-азиатской политике КНР (на основе китайских источников). Центральная Азия и Кавказ, 2007, № 3 с. 38.
12. Центральная Азия: внешний взгляд. Международная политика с центральноазиатской точки зрения. — Берлин: Фонд им. Ф. Эберта, 2008.

13. Чжоу Ли. В Республике Казахстан все чаще говорят по-китайски. Статья посла КНР в Казахстане для газеты Жэньминь жибао. http://comment-respublika.info/comment/show topic/ 22695/ (Санаи муроҷиат: 30.11.2020)

## ДВУСТОРОННИЕ ОТНОШЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ КАЗАХСТАН И КИТАЙСКАЯ НАРОДНАЯ РЕСПУБЛИКА

**МИРЗОЕВ ХАБИБДЖОН ТАБРИКДЖОНОВИЧ**

кандидат исторических наук, ведущий научный сотрудник отдела Южной и Восточной Азии ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Рудаки, 33 Тел. 933-60-94-94. E-mail: Diplomat.tj94@mail.ru

**АЗИЗОВ СОМОН ДЖУРАХОНОВИЧ**

магистрант 2 курса по специальности «Международные отношения» ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: Республика Таджикистан, г. Душанбе, ул. Исмоили Сомони 14, кв.9, тел. 903-33-99-90. E-mail: azizovs138@gmail.com;

*В данной статье всестороннему анализу и обзору подвергнуты двусторонние и многосторонние отношения между Республикой Казахстан и Китайской Народной Республикой в настоящее время. После обретения независимости Республика Казахстан установила дружественные отношения с Китайской Народной Республикой, и обе стороны способствуют укреплению отношений. Устойчивое развитие экономических отношений этой страны свидетельствует о хороших экономических отношениях, которые стали основой других двухсторонних отношений соседних стран. Также двухстороннее сотрудничество между Казахстаном и Китаем регулируется важными двухсторонними документами, которые являются основой взаимоотношений. Подписание Декларации о стратегическом партнерстве между Казахстаном и Китаем в 2011 году открыло новую страницу двухсторонних отношений. Географическая и культурная общность также играет ключевую роль в отношениях двух стран и способствует укреплению двусторонней дружбы между народами. Развивается также взаимное сотрудничество в рамках региональных и международных организаций.*

***Ключевые слова:*** *Казахстан, Китай, развитие, стратегическое партнерство, экономическое партнерство, многосторонность, дружба, соглашение, финансовая выгода, Институт Конфуция, развитие, развитие, интеграция, Шанхайская организация сотрудничества, региональный.*

## BILATERAL RELATIONS OF THE REPUBLIC OF KAZAKHSTAN AND THE PEOPLE'S REPUBLIC OF CHINA

**MIRZOEV KHABIBJON TABRIJONOVICH**

Candidate of Historical Sciences, Leading Researcher of the Department of South and East Asia of the the ISPAEC of the NAST. Address: Republic of Tajikistan, sh. Dushanbe, st. Rudaki, 33 Tel. 933-60-94-94. E-mail: Diplomat.tj94@mail.ru

**AZIZOV SOMON JURAKHONOVICH**

2-year Master student in International Relations at the ISPAEC of the NAST. Address: Dushanbe, st. Ismoili Somoni 14, 9 apt., Tel. 903-33-99-90. E-mail: azizovs138@gmail.com

*In this article, bilateral and multilateral relations between the Republic of Kazakhstan and the People's Republic of China are subjected to a comprehensive analysis and review in modern times. After gaining independence, the Republic of Kazakhstan has established friendly relations with the People's Republic of China, and both sides contribute to strengthening relations. The steady development of the economic relations of this country testifies to the good economic relations that have become the basis of other bilateral relations of neighboring countries. Also, bilateral cooperation between Kazakhstan and China is regulated by important bilateral documents, which are the basis of relations. The signing of the Declaration on Strategic Partnership between Kazakhstan and China in 2011 opened a new page in bilateral relations. Despite the presence of a number of minor negative factors in relations between the two countries, relations are developing. Statistics show that economic relations between Kazakhstan and China are developing after the signing of the Declaration on Strategic Partnership. The geographical and cultural commonality also plays a key role in the relations between the two countries and contributes to the strengthening of bilateral friendship between peoples. Mutual cooperation is also developing within the framework of regional and international organizations.*

***Keywords**: Kazakhstan, China, development, strategic partnership, economic partnership, multilateralism, friendship, agreement, financial benefit, Confucius Institute, development, development, integration, Shanghai Cooperation Organization, regional.*

## ҶАНБАҲОИ МУҲИМИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ИТТИҲОДИ АВРУПО

**НИГОРАИ НАРЗӢ**

унвонҷӯи шуъбаи Аврупо ва Америкаи ИОМДОА,АМИТ.Суроға:Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел:(992) 937732412, E-mail:nnazri@bk.ru

*Мақолаи мазкур ба ҷабҳаҳои муҳими ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо бахшида шуда, дар он муаллиф ин мавзуъро мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор додааст.*

*Дар мақола вижагиҳои хоси робитаҳои бисёрҷанба ва моҳияти ҳамкориҳои мутақобилан судманди байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо таҳқиқу пажӯҳиш ёфтааст.*

*Қобили қайд аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати мустақилонаи хориҷии худро пеш мебарад, ки мақсади он ҳифз намудани манфиатҳои геополитикӣ, мустаҳкам намудани алоқаҳои манфиатовари дуҷонибаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ ва фарҳангӣ бо кишварҳои Иттиҳоди Аврупо мебошад. Тоҷикистон ҳамчун субъекти баробаҳуқуқи байналмилалӣ дар ҳалли бисёр масъалаҳои сиёсии ҷаҳони муосир саҳм гирифта рӯз аз рӯз обрӯю эътибораш афзун гардидааст.*

***Калидвожаҳо**: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Иттиҳоди Аврупо, ҳамкориҳо, судманд, созишнома, равобити дуҷониба, соҳибистиқлолӣ, дипломатия.*

Мардуми тоҷик аз қадиммулайём соҳибдавлат буда, тӯли қарнҳои зиёд ба ҳамсоягон ва дигар кишварҳои дуру наздик муносибатҳои ҳасанаи иқтисодию тиҷоратӣ дошт. Таърихи ташаккули дипломатияи тоҷик назари фарогирро тақозо дорад. Имрӯз таърихи дипломатияи тоҷик ниёз ба омӯзишу пажӯҳиши фарогиру бештаре дорад. Халқи

тоҷик ва гузаштагонаш узви ҷудонашавандаи давлатдориҳои гуногун ва хурду бузурге буд, ки тайи асрҳои зиёд дар ин сарзамин арзи ҳастӣ кардаанд. Зимнан, метавон гуфт, ки дипломатияи тоҷик низ таърихи тӯлонӣ ва анъанаҳои омӯзанда дошта, имрӯз ҳам таҷрибаи гузаштагон дар давлатдории навин ба эътибор гирифта мешавад.

Дар заминаи таҷрибаи бойи таърихӣ ва истифодаи дастовардҳои гузаштагони хеш, Тоҷикистони соҳибистиқлол ин меросро боз ҳам густурда ва фарохтар гардонд. Имрӯзҳо кишвари соҳибистиқлоли мо бо аксари кишварҳои ҷаҳон равобити зичи иқтисодию тиҷоратӣ, дипломатию фарҳангӣ дорад. Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба аъзогии чандин созмону ташкилотҳои байналмилалӣ пазируфта шудааст. Маҳз, ба шарофати Истиқлол Ҷумҳурии Тоҷикистон имрӯз дар шумори кишварҳои дигар мавқеъву манзалати худро дар арсаи байналмилалӣ пайваста устувор менамояд. Сиёсати пешгирифтаи давлат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба қуллаҳои рушду шукуфоии беш аз пеши ҷумҳурӣ ба комёбиҳои назаррас мушарраф мегардад. «Ба туфайли сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар даврони соҳибистиқлолӣ мамлакат тавонист на танҳо бо ҷаҳони хориҷа муносибатҳои судманди тарафайнро ба роҳ монад, балки роҳи беназирро ба дипломатияи дар асоси ҳифзи манфиатҳои миллӣ ва эҳтироми арзишҳои умумибашарӣ бунёдшуда пеш гирад. Ин имкон медиҳад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масоили глобалӣ ҳамчун кишвари таъсиргузор ва фаъол бошад»[3].

Азбаски, Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати «Дарҳои боз»-ро пеша кардааст, барои Тоҷикистони соҳибистиқлол имконият фароҳам омад, ки дари рушду ташаккул ёфтан, ҳамкорӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, ширкати фаъолона доштан дар ҳалли масъалаҳои глобалӣ ба рӯяш боз гардад.

«Дарки амиқи мавқеи геополитикӣ ва аниқ муайян намудани самтҳои асосии сиёсати хориҷӣ имкон доданд, ки Тоҷикистон мавқеи худро дар ҷаҳони муосир дарёбад, онро зина ба зина мустаҳкам созад ва имкониятҳои ғании байналмилалиро барои ҳалли масъалаҳои дохилӣ равона намояд»[6].

Имрӯз кишвари мо бо аксари давлатҳои дунё муносибатҳои ҳасанаи дипломатию тиҷоратӣ, иқтисодию фарҳангиро барқарор намудааст. «Бо ҳидояти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишварамон, Тоҷикистони азизро ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф намудаанд ва то ба имрӯз беш аз 151 кишвари ҷаҳон давлати ҷавони Тоҷикистонро ба расмият шинохтааст ва то ба ҳол Ҷумҳурии Тоҷикистон бо 126 давлат муносибатҳои дипломатиро барқарор намудааст. Айни замон Ҷумҳурии Тоҷикистон аъзои фаъоли 51 созмони байналмилалӣ, минтақавӣ ва ниҳодҳои байналмилалии иқтисодӣ мебошад» [1,с. 285], ки яке аз онҳо Иттиҳоди Аврупо аст.

Иттиҳоди Аврупо яке аз шарикони муҳимми иқтисодӣ барои кишварҳои Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, тақвият бахшидани ҳамкориҳои судманди тиҷоратии муштарак, ҷалби сармоя ва дарёфти шарикони нав, ки ба пешрафти бахшҳои афзалиятноки иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд, барои давлатҳои Осиёи Марказӣ муҳим ва афзалиятнок аст.

«Тоҷикистон ҷонибдори густариш ва таҳкими робитаҳо бо Иттиҳоди Аврупо буда, онро ба сифати шарики муҳимми байналмилалии худ, ки пайваста ба ислоҳоти демократӣ дар кишвар, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон, ҷалби сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои авлавиятноки иқтисоди миллӣ, рушди иҷтимоӣ ва мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ба ҳамкориҳои минтақавӣ мусоидат менамояд, арзёбӣ менамояд» [7].

Иттиҳоди Аврупо иттиҳоди сиёсӣ ва иқтисодии кишварҳои Аврупо буда, дар охири садаи XX таъсис ёфтааст. Иттиҳоди Аврупо аз 1 ноябри соли 1993 фаъолият мекунад, ки ба ҳайати он 27 давлати Аврупоӣ шомил мебошад. Миёни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо муносибатҳои дипломатӣ ҳанӯз соли 1993 оғоз гардидааст. Соли 2001 Намояндагии доимии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар назди Иттиҳоди Аврупо ва соли 2004 Намояндагии Комиссияи Аврупо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ифтитоҳ гардида, ба рушди босуръати ҳамкориҳои дуҷониба заминаҳои мусоидро фароҳам овард.

«Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар заминаи ду ҳуҷҷати стратегӣ: 1. Созишномаи шарикӣ ва ҳамкорӣ (СШҲ) байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо, ки соли 2004 ба имзо расида, соли 2010 мавриди амал қарор мегирад. Ин ҳуҷҷат ҳамкории дуҷонибаи Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупоро ба танзим медарорад. Мавриди татбиқ қарор гирифтани созишномаи мазкур як қатор кумитаву шӯроҳои ҳамкории дуҷониба ба фаъолият оғоз намуданд, ки дар доираи онҳо имконоти бештари густариши ҳамкориҳо дар доираи муносибатҳои дуҷониба – иқтисодиву тиҷоратӣ, сиёсиву амниятӣ, иҷтимоиву гуманитарӣ ва байнипарлумонӣ фароҳам омадаанд.

2. Стратегияи нави Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ, ки соли 2019 қабул гардидааст, ба танзимдароварандаи робитаҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо мебошад» [8].

Яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо маҳсуб ёфта, қолабҳои гуногуни ҳамкорӣ дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи муносиботи тарафҳоро пеш мебаранд. Тайи солҳои охир робитаҳои гуногунҷанбаи Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо дар сатҳи сифатан нав қарор дорад. Идомаи татбиқи бештар фарогири Стратегияи Иттиҳоди Аврупо барои Осиёи Марказӣ ва бахусус аз ибтидои соли 2010 пурра эътибор пайдо кардани Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкорӣ байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо шаҳодати ин гуфтаҳо мебошанд. Дар давоми як соли мавриди татбиқ қарор гирифтани Созишномаи мазкур як қатор кумитаву шӯроҳои ҳамкории дуҷониба ба фаъолият шуруъ карданд, ки дар доираи онҳо имконоти васеътари густариши ҳамкориҳо дар ҳама соҳаҳои шомили рӯзномаи муносибатҳои дуҷонибаи тиҷоративу иқтисодӣ, сиёсию амниятӣ, иҷтимоиву гуманитарӣ ва байнипорлумонӣ фароҳам омаданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи якҷояи Кумитаи равобити байналмилалӣ ва ҳайати вакилони Парлумони Аврупо оид ба ҳамкорӣ бо кишварҳои Осиёи Марказӣ 6 июни соли 2011 дар шаҳри Страсбург суханронӣ намуда, қайд карданд, ки «Тоҷикистон ба ҳукми мавқеи ҷуғрофии худ дар саргаҳи интиқоли мухаддирот ба кишварҳои пасошӯравӣ ва интишори минбаъдаи онҳо ба Аврупо қарор гирифтааст ва солҳои тӯлонӣ аст, ки дар мубориза алайҳи ин таҳдиди глобалӣ, ҳамчунин қочоқи аслиҳа ва хатару чолишҳои дигари муосир нақши буфериро иҷро мекунад. Ин амр моро водор мекунад, ки чӣ бо ҷомеаи ҷаҳонӣ, чӣ бо кишварҳои

минтақа ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи васеъро ба роҳ монда, чораҳои муассир андешем» [9].

“Лозим ба ёдоварист, ки саноатикунонии босуръат яке аз ҳадафҳои муҳими Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардид ва барои татбиқи он фазои муфид фароҳам оварда шуда истодааст. Самтҳои афзалиятноки рушди саноати Тоҷикистон пеш аз ҳама саноати кӯҳӣ, сабук ва хӯрокворӣ, аз ҷумла коркарди кишоварзии аз ҷиҳати экологӣ тоза, металлҳо ва сангҳои қимматбаҳо, нахи пахта, пилла ва умуман, истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва ашёи хом ба ҳисоб меравад”[2, с. 64].

Амалияи пешбурди равандҳои демократӣ, ташаккули унсурҳои калидии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар кишвари мо, такмили фаъолияти низоми парлумонӣ, беҳсозии қонунгузории миллӣ, инчунин таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои башар аз он соҳаҳое ба шумор меравад, ки Иттиҳоди Аврупо метавонанд дар онҳо нақши боз ҳам васеътар дошта бошад.

Шӯрои ҳамкорӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо абзори асосии дуҷониба ба ҳисоб рафта, зимни нишастҳои он самтҳои калидии ҳамкории Тоҷикистон бо Иттиҳоди Аврупо дар мавзуоти сиёсӣ, амниятӣ, иқтисодӣ, гуманитарӣ, ҳуқуқи инсон ва масоили байналмилалию минтақавӣ баррасӣ мегарданд.

Ҳамчунин, ҳамасола ҷаласаҳои Кумитаи ҳамкорӣ ва Зеркумитаи рушди ҳамкорӣ, муколамаи ҳуқуқи инсон ва Кумитаи ҳамкории байнипарлумонӣ миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо мунтазам баргузор карда мешаванд.

Дар ин ҷаласаҳо густариши ҳамкорӣ дар соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, энергетика, муҳити зист, об, волоияти қонун, ҳуқуқи инсон ва раванди пайвастани Тоҷикистон ба Барномаи умумии имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупо (GSP+) баррасӣ мешаванд.

Стратегияи Иттиҳоди Аврупо дар Осиёи Марказӣ, ки моҳи июни соли 2019 қабул шудааст, равобити бисёрҷонибаи Иттиҳодро бо Тоҷикистон ва кишварҳои ҳамҷавор мушаххас мекунад.

«Соли 2005 Иттиҳоди Аврупо вазифаи намояндаи вежаи Иттиҳод барои Осиёи Марказиро таъсис дод, ки масоили ҳамкории ду минтақаро пеш мебарад. Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар доираи абзорҳои минтақавии Мулоқоти вазирони корҳои хориҷии кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо, Муколамаи сатҳи баланди сиёсию амниятӣ, Анҷумани иқтисодӣ ва Форуми ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ҳамасола барпо мегарданд» [10], ки дар натиҷа муносибатҳои дуҷонибаи судмандро ба роҳ мондаанд. Имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ ҳамчун кишвари пешбарандаи сиёсати хориҷии сулҳҷӯёнаву созанда эътироф гардида, эътибор пайдо кардааст.

Дар мулоқоти вазирони корҳои хориҷии Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупо ҷонибҳо ҳолати кунунии муносибот ва дурнамои таҳкими ҳамкорӣ байни Осиёи Марказӣ ва Аврупоро дар бахшҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, обу энергетика, амният, мубориза бар зидди терроризм ва ифротгароӣ, миҳити зист, тағйирёбии иқлим муҳокима карда, перомуни масоили умдаи байналмилалӣ табодули андеша мекунанд.

Муколамаи сатҳи баланди сиёсию амниятӣ ҳамкории кишварҳои Осиёи Марказӣ ва Иттиҳоди Аврупоро дар масоили сиёсиву амниятӣ, бахусус вазъи Афғонистон, мубориза бо таҳдиду чолишҳои амниятӣ, барномаҳои мудирияти сарҳадоту гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҳифзи муҳити зист дар бар мегирад. Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон қайд мекунанд, ки

«Тоҷикистон ҷонибдору ҳавасманди густариши ҳамёрии гуногунҷанба бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои аъзои Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки онҳо дар сиёсату иқтисоди дунёи муосир нуфуз ва нақши бузург доранд. Бинобар ин, зарурати беҳтару хубтар ба роҳ мондани барномаҳои мавҷудаву таҳияшаванда доир ба ҳамкории судманд бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико ва кишварҳои Иттиҳоди Аврупо аз вазифаҳои мубрами сиёсати хориҷии Тоҷикистон маҳсуб мешавад» [5].

Робитаҳои байнипарлумонии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо хеле хуб ба роҳ монда шудаанд. Кумитаи ҳамкории байнипорлумонӣ миёни Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Парлумони Аврупо ташкил дода шудааст, ки ҷаласаи нахустини он моҳи марти соли 2011 дар Брюселл доир гардид. Дар ҷаласаи мазкур аз ҷониби вакилони ҳарду тараф дар баробари масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пешбурди равандҳои демократӣ ва ислоҳоти сиёсию иҷтимоӣ, доираи васеи мавзуъҳои ҳамкориҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ муҳокима гардиданд. Иттиҳоди Аврупо, минҷумла сохтори парлумонии он дар омода сохтани фазои мусоид барои чунин ҳамкорӣ метавонанд саҳми боз ҳам фаъолтар дошта бошанд. Ҷониби Иттиҳоди Аврупо дар доираи татбиқи Стратегияи худ барои Осиёи Марказӣ ба масъалаҳои тақвияти ҳамкориҳои миёни кишварҳои минтақа, таҳким бахшидан ба фазои боварӣ ва эътимод, ба неруи тоза гирифтани муносиботи мутамаддин ва рафъи монеаҳо дар интиқоли молу сармоя, рафтуомади озоди одамон таваҷҷуҳи фарогир ва бештар зоҳир намояд. Дар баробари ин, Парлумони Аврупо, ки имрӯз инъикоскунандаи таҷрибаи ғании парламентаризми ин қитъаи ҷаҳон маҳсуб меёбад, метавонад кӯмаку мусоидати бештари худро дар самтҳои аъанавии ҳамкориҳои парламентарӣ расонад.

Парлумони Аврупо яке аз бонуфузтарин мақомоти намояндагӣ ва қонунгузории ҷаҳон ба ҳисоб рафта, дар густариши робитаҳои байнипарлумонӣ бо мамлакатҳои ҷаҳон кӯшиш ба харҷ медиҳад. Стратегияи Иттиҳоди Аврупо бо мамлактҳои Осиёи Марказӣ дар ибтидои асри XXI равиши нав пайдо намуд. Созишнома дар бораи шарикӣ ва ҳамкории байни Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо ба ин мисоли амиқ шуда метавонад. Имрӯзҳо асоси ин созишнома дар густариши ҳамкориҳо дар ҳамаи соҳаҳо муносибатҳои дуҷониба – тиҷоративу иқтисодӣ, сиёсиву амниятӣ, иҷтимоию гуманитарӣ ва байни парлумонӣ амалӣ шуда истодааст.

Дар ҳамкорӣ ин ташкилот масъалаҳои муҳимми рӯзмарра, ҳуқуқ ва озодиҳои инсон, пешбурди равандҳои демократӣ ва ислоҳоти сиёсиву иҷтимоӣ, доираи васеи мавзуъҳои иқтисодию тиҷоратӣ ва инвеститсионӣ муҳокима шуда истодааст. Барои ҳамин ҳам омӯзиши таърихи ташкилёбӣ, сохтори он, мавқеи имрӯзаи ҷаҳонии ин созмон аҳаммияти муҳим дорад.

Бо мақсади огоҳии бештар доштани мардуми Тоҷикистон оид ба Иттиҳоди Аврупо, ҳамасола “Ҳафтаи Аврупо” ташкил карда мешавад. Ин имкон медиҳад, ки фарҳанги Аврупо дар Тоҷикистон муаррифӣ шуда оид ба фаъолияти Намояндагии Аврупо маълумот пешниҳод гардад. Ғайр аз ин, бисёре аз донишҷӯёни тоҷик аллакай ба таҳсил тавассути барномаи Erasmus Plus муваффақ гаштанд, ки ин ба онҳо барои таҳсил кардан дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо имкон фароҳам меоварад.

Ҳамкорӣ бо Иттиҳоди Аврупо яке аз авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор рафта, қолабҳои гуногуни ҳамкорӣ дар сатҳҳои дуҷониба ва бисёрҷонибаи муносиботи ҷонибҳоро пеш мебаранд [2, 62].

Муносибатҳои иқтисодӣ ва савдо миёни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон дар чаҳорчӯбаи Созишнома оид ба шарикӣ ва ҳамкорӣ, ки октябри соли 2004 имзо шуда, 1 январи 2010 эътибор пайдо намуд, ба танзим даровардa мешаванд. Созишномаи мазкур шартномаи ғайриманфиатиро пешбинӣ мекунад, ки мувофиқи он тарафҳо ба ҳамдигар дар шароити тарифҳои гумрукӣ тартиби мусоидтарини миллиро (MFN) фароҳам меоваранд, дар тиҷорати дуҷониба маҳдудиятҳои миқдорӣ манъ карда мешаванд. Ғайр аз ин, Созишнома тадриҷан ба ҳам наздик шудани заминаи меъёрии ҳуқуқӣ ва амалияи кишвар бо муҳимтарин стандартҳои тиҷорати Иттиҳоди Аврупо, аз ҷумла регламенти техникӣ, талаботи санитарию фитосанитарӣ, ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ ва масъалаҳои гумрукро пешбинӣ мекунад. Ҳамаи ин дар амал бояд боиси афзоиши дастрасии молҳои истеҳсолшуда дар Тоҷикистон ба бозорҳои Иттиҳоди Аврупо гардад.

Инчунин Тоҷикистон иштирокчии Низоми умумишудаи имтиёзҳои Иттиҳоди Аврупо мебошад, ки он механизми савдои дуҷонибаест, ки тавассути он Иттиҳоди Аврупо барои воридоти молҳои истеҳсоли баъзе минтақаҳо ва кишварҳои тараққикардаистода ба бозори Иттиҳоди Аврупо тариқи боҷи арзон шароити мусоидро муҳайё мекунад. Имтиёзҳо барои воридоти молҳои Тоҷикистон ба Иттиҳоди Аврупо асосан ба ду соҳа, яъне маҳсулоти саноат чун фулузоти ранга ва маснуоти бофандагӣ бахшида шуданд.

«Бинобар маълумоти Комиссияи Аврупо дар соли 2021 ҳаҷми тиҷорат миёни Тоҷикистону Иттиҳоди Аврупо ба 401 млн. евро баробар шуд, ки 239 млн евроро воридот ба Тоҷикистон ташкил медиҳад. Тоҷикистон аз Иттиҳоди Аврупо мошинолотҳо ва қисмҳои эҳтиётӣ, маҳсулоти кимиёӣ ва пластикӣ, инчунин маҳсулоти тамоку ворид мекунад. Маҳсулоти содиротии Тоҷикистонро ба Иттиҳоди Аврупо дар маҷмуъ фулузот ва маснуоти саноати бофандагӣ дар ҳаҷми 162 млн евро ташкил дод»[11].

Мавзуи муносибатҳои иқтисодӣ аксар вақт дар рӯзномаи Шӯрои ҳамкории Иттиҳоди Аврупо бо Тоҷикистон қарор дорад, ки он ҳамасола бо муҳокимаҳои сатҳи баланд дар сатҳи Вазирони корҳои хориҷӣ баргузор мегардад. Муҳокимаҳои мазкур аҳамияти ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва афзоиши назаррасро дар савдои дуҷониба, ки Иттиҳоди Аврупо ва Ҷумҳурии Тоҷикистон шоҳиди он гаштаанд, таъкид менамоянд.

Шӯрои ҳамкорӣ байни Иттиҳоди Аврупо ва Тоҷикистон ҷаласаи нӯҳуми худро 19 феврали 2021 тавассути видеоконфронс байни Брюссел, Лиссабон ва Душанбе баргузор намуд.

Намояндагии Иттиҳоди Аврупо ҳамасола «Ҳафтаи Аврупо» дар Тоҷикистон барпо намуда, дар доираи он барномаҳои васеи рӯйдодҳои фарҳангиро амалӣ менамояд.

Хулоса, ҳамкориҳои бисёрҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди Аврупо дар ҳолати рушду густариш қарор дошта, вусъату тақвият бахшидани он аз ҷумлаи ҳадафҳои ҳар ду ҷониб аст.

**АДАБИЁТ:**

1. Ваҳдат, Давлат, Президент. – Душанбе: «Ирфон» 2021.-364 с.

2. Воҳидова С. Ҳамкориҳои бисёрсамтаи Иттиҳоди Аврупо бо давлатҳои Осиёи Марказӣ (Дар мисоли Ҷумҳурии Тоҷикистон) //«Осиё ва Аврупо», №4 (12), 2022. – с.62-201.

3. Ғафурзода А. Мавқеъ ва ташаббусҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ, Ҷумҳурият 13.01.2023, №16

4. Кавешников Н.Ю. Европейский союз история, институты, деятельность /Москва АспектПресс, 2021.-368 с

5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 23 апрели соли 2014, с.42-47 с.

6. Шарифзода А., З.Қосимӣ. Эмомалӣ Раҳмон ва ҷомеаи ҷаҳон. Душанбе: «Ирфон»-2011, с.6- 372

7. https://mfa.tj/tg/Brussels/view/6892

8. https://mfa.tj/tg/main/viev/160/munosibathoi-tojikisnon-bo-ittihodi-avrupo

9. http://jumhuriyat.tj

10. https://mfa.tj/tg/main/view/160/munosibathoi-tojikiston-bo-ittihodi-avrupo

11. https//mfa.tj/tq/Brussels

## ВАЖНЫЕ АСПЕКТЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И ЕВРОПЕЙСКОГО СОЮЗА

**НИГОРАИ НАРЗИ**

соискатель отдела Европы и Америки ИИПСАЕ, НАНТ. Адрес: Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки 33. Тел: (992) 937732412, E-mail: nnazri@bk.ru

*Данная научная статья посвящена важным аспектам сотрудничества между Таджикистаном и Европейским Союзом в который автор даёт подробный анализ многостороннего и взаимовыгодного сотрудничества между Таджикистаном и Европейским Союзом.*

*Республика Таджикистан проводит свою независимую внешнюю политику, целью которой является защита геополитических интересов, а также взаимовыгодных торгово-экономических и культурных связей со странами Европейского Союза. РТ внесла свой вклад в решении политических проблем современого мира, и его репутация возросла.*

***Ключевые слова:*** *Республика Таджикистан, Европейский Союз, взаимовыгодное сотрудничество, двустороннее соглашение, независимые отношения, дипломатия.*

## IMPORTANT ASPECTS OF COOPERATION BETWEEN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE EUROPEAN UNION

**NIGORAI NARZI**

Reseacher of the European and American Department of ISPAES NAST. Address: Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 33. Tel: (992) 937732412, E-mail: nnazri@bk.ru

*This article is dedicated to the important aspects of the cooperation between the Republic of Tajikistan and the European Union, in which the author has made this topic the subject of study and research.*

*The purpose of the article is to determine the characteristics of multifaceted relations and the essence of mutually beneficial cooperation between Tajikistan and the European Union.*

*The Republic of Tajikistan pursues its independent foreign policy, the purpose of which is to protect geopolitical interests in this turbulent world, to strengthen beneficial bilateral economic-*

*trade and cultural relations with the countries of the European Union. Tajikistan has contributed to the political issues of the modern world and its reputation has increased.*

***Keywords**: Republic Tajikistan, European Union, beneficial cooperation, agreement, bilateral relations, independence, diplomacy.*

## ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ КОРЕЯИ ҶАНУБӢ БО ТОҶИКИСТОН ВА ӮЗБЕКИСТОН

**ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА**
ходими илмии шуъбаи Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, ИОМДОА АМИТ. Суроға: 735025, Душунбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: 901228818. E-mail: Nigora.f94@mail.ru

*Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавии ҳамкориҳои иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Ӯзбекистон ва Тоҷикистон мавриди таҳқиқ ва баррасӣ қарор гирифтаанд. Самтҳои афзалиятноки муносибатҳои Кореяи Ҷанубӣ бо Ӯзбекистон ва Тоҷикистон муайян гардидааст. Дар замони муосир ва рақобати сиёсиву иқтисодӣ Кореяи Ҷанубӣ ҳамкориҳои сиёсиву дипломатӣ ва иқтисодӣ-тиҷоратии худро бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дуруст ба роҳ мондааст. Метавон қайд кард, ки Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон дар соли 2006 Эъломияи шарикии стратегиро қабул намуданд ва солҳои охир ин ҳамкориҳо ба сатҳи нави ҳамкориҳои шарикии стратегӣ мубаддал гашт. Инчунин қайд кардан зарур аст, ки ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон бештар дар самтҳои энергетика, нефту газ, техника ва канданиҳои фоиданок пайваста рушд менамоянд. Кореяи Ҷанубӣ яке аз сармоягузори асосӣ дар рушди иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон мебошад.*

*Солҳои охир муносибатҳои Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар самтҳои иқтисод, нақлиёт, энергетика ва илму техника пайваста рушд намуда истодааст. Метавон қайд кард, ки ҳамкориҳои иқтисоиву тиҷоратии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон то ин давра начандон хуб буд, вале натиҷаҳои солҳои охир нишон медиҳад, ки ҷонибҳо баҳри рушди пайвастаи ҳамкориҳо дар ҳамаи соҳаҳо талошҳои худро равона намудаанд. Ҳамзамон дар оянда метавонанд ширкатҳои истеҳсолии муштарак дар соҳаҳои мошинсозӣ, энергетикӣ, бофандагӣ, кишоварзӣ, химиявӣ гидроэнергетикӣ, таъсис дода, сармоягузорони ҷониби Кореяро ҷалб намоянд. Метавон гуфт, ки дурнамои ҳамкориҳои сиёсию иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Чумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон умедбахш буда, натиҷаҳои аз ин ҳам бештар дар назар аст.*

***Калидвожа:** Кореяи Ҷанубӣ, Ҷумҳурии Ӯзбекистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон, иқтисод, тиҷорат, энергетика, шарикии стратегӣ, муносибат, ширкатҳои муштарак, савдои хориҷӣ, сармоягузорӣ, саноат, нефту-химиявӣ, иқтисоди сабз, паркҳои ҳушманд, мошинсозӣ, металургияи сиёҳ.*

Дар шароити кунунӣ дуруст ба роҳ мондани ҳамкориҳои сиёсиву иқтисодӣ миёни давлатҳо, яке аз самтҳои афзалиятноки робитаҳои байни кишварҳо ба шумор меравад. Дар муносибатҳои байналмилалӣ ҳамкориҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳангӣ асоси рушди робитаҳои дуҷониба ва бисёрсамтаи кишварҳо мебошанд. Ҷомеаҳои пешрафта давлати худро маҳз тариқи сиёсат ва иқтисод дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намудаанд. Ҳамзамон зикр кардан ба маврид аст, ки солҳои охир рақобатҳо

миёни кишварҳои абарқудрат бештар дар сиёсат ва иқтисод ба назар мерасад. Кишварҳои абарқудрат дар майдони сиёсӣ баҳри ба даст овардани манфиатҳои миллии хеш пайваста дар рақобат мебошанд. Дар минтақаи Осиёи Шарқӣ се кишвари абарқудрат, аз қабили Ҷумҳурии Мардумии Чин, Япония ва Кореяи Ҷанубӣ ҷойгир аст, ки ҳар яке бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ, дар минтақа ҷойгоҳи худро доранд. Инчунин ин кишварҳо ба технологияҳои пешрафта дастрасӣ дошта, иқтисоди рушдкарда доранд ва дар минтақа таъсиргузор мебошанд.

Кореяи Ҷанубӣ ҳамчун бозингари сиёсӣ дар минтақа, ба гурӯҳи кишварҳои даҳгонаи палангон, яъне “Бабрҳои Осиё” шомил мебошад. Ин кишвар тавонист тариқи техникаву технологияҳои пуриқтидор ва иқтисоди пешрафтаи худ ба бозори ҷаҳонӣ роҳ ёбад ва ба яке аз кишварҳои мутараққӣ табдил ёбад. Кореяи Ҷанубӣ бо зиёда аз 191 кишвари дунё муносибатҳои дипломатӣ-сиёсӣ дошта, узви Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони ҷаҳонии тиҷорат (СҶТ), Organisation for Economic Co-operation and Development, ACEAN (Association of South East Asian Nations-Ассотсиатсияи давлатҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ), EAS (East Asia Summit-Саммити Осиёи Шарқӣ) ва G-20 мебошад. Инчунин яке аз бунёдгузори созмонҳои APEC/EAS (Asia-Pacific Economic Cooperetion/East Asia Summit-Созмони ҳамкории иқтисодии Осиё ва Уқёнуси Ором/Саммити Осиёи Шарқӣ) мебошад. [5]

Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои камомӯхташуда ба шумор меравад, ки солҳои охир кишварҳои абарқудрат ба ин минтақа таваҷҷӯҳ намудаанд. Аз ин рӯ, Кореяи Ҷанубӣ низ дар баробари Чин ва Япония ҳамкориҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳаргии худро бо ин минтақа ба роҳ мондааст. Зикр кардан ба маврид аст, ки минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои табиӣ, аз қабили нефту газ, об, канданиҳои фоиданок, сангҳои қиматбаҳо, кони ангишт ва ғайраҳо мебошад. Яке аз сабабҳои асосии таваҷҷӯҳи Кореяи Ҷанубӣ ба минтақаи Осиёи Марказӣ дар он аст, ки Кореяи Ҷанубӣ кишвари истеҳсолкунанда буда, ба ашёи хом махсусан ба канданиҳои зеризаминӣ ниёз дорад. Аз ин рӯ Кореяи Ҷанубӣ ҳамкориҳои иқтисодии худро бештар дар самтҳои энергетика, саноат, нақлиёт, технологияи рақамӣ рушд дода истодааст.

Тибқи гуфтаҳои дар боло зикргардида, Кореяи Ҷанубӣ истиқлолияти Ҷумҳурии Ӯзбекистонро 30-юми декабри соли 1991 эътироф намуд ва муносибатҳои дипломатӣ миёни ду кишвар 29-уми январи соли 1992 барқарор гардид. Ин муносибатҳо соҳаҳои сиёсӣ, дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ, илмӣ-фарҳангиро дар бар мегиранд. [7] Аз оғози барқароршавии ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрсамта миёни ду кишвар то соли 2006 мушкилотҳо ва костагиҳо мавҷуд буд. Вале барои бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта ҷонибҳо тасмим гирифтанд, ки Созишномаи шарикии стратегиро қабул намоянд.

Дар соли 2006 Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон Эъломияи шарикии стратегиро ба имзо расониданд. Пас аз имзо гардидани Эъломияи шарикии стратегӣ ҳамкориҳои сиёсӣ-дипломатӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва илмӣ-фарҳангӣ миёни ду кишвар тақвият ёфт. Дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратӣ Кореяи Ҷанубӣ яке аз сармоягузорони асосии Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба шумор меравад, зеро намояндагони ширкатҳои бузурги Кореяи Ҷанубӣ дар ин кишвар фаъолият намуда истодаанд. Зикр кардан ба маврид аст, ки дар Ӯзбекистон зиёда аз 138 корхонаи муштарак бо иштироки соҳибкорони Кореяи Ҷанубӣ таъсис гардида, намояндагиҳои 45 ширкати Кореяи Ҷанубӣ кушода шудааст. Ширкатҳои муштараке, ки дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон фаъолият

менамоянд инҳо мебошанд: HS CMT CO. LTD (ҶСП) (истеҳсоли молҳои химиявӣ); Samsung Electronics (истеҳсоли техникаҳои маишӣ); Seo Joong Logistics CO. LTD (Ширкати ҶСП); Export-Import Bank of Korea; Gst Korea CO. LTD (ҶСП); Hyundai Engineering & Constrution; Jinji Trading; KCP Heavy Industries CO. LTD (ҶСП); Korean Air Lins; LG Electronics; Pantos Logist Samsung Engineering; Pantos Logistics CO. LTD (ҶСП); Posco Daewoo Corporation; Road International; Shinhan Bank; Unico Logistics; Woojin Global Logistics; Yoon & Yang LLC; Inha University in Tashkent ва ғайраҳо. [1]

Тибқи маълумоти Кумитаи омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон, соли 2017 Кореяи Ҷанубӣ дар байни бузургтарин шарикони савдои Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо саҳми 5% -и ҳаҷми умумии гардиши савдои хориҷӣ дар ҷойи панҷум қарор дорад. Дар Ӯзбекистон ҳамагӣ 461 корхона бо иштироки сармояи Кореяи Ҷанубӣ, ки аз онҳо 386 корхонаи муштарак ва 75 корхонаи дигар бо сармояи 100%-и Кореяи Ҷанубӣ фаъолият менамоянд. Корхонаҳои мазкур дар соҳаҳои нафту газ, нафту химиявӣ, мошинсозӣ, саноати электротехникӣ ва нассоҷӣ, соҳаҳои техналогияҳои иттилоотӣ ва коммуникатсионӣ, логистика ва сайёҳӣ бомуваффақият фаъолият менамоянд. [12]

Санаи 6-уми июли соли 2019 дар Сеул вохӯрии муовини Сарвазир, вазири сармоягузорӣ ва савдои хориҷаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон Сардор Умурзаков бо Вазири савдо, саноат ва энергетикаи Корея Сун Юн Мо баргузор гардид. Ҷонибҳо тамоюлҳои рушди ҳамкориҳои сармоягузорӣ ва тиҷоратию иқтисодӣ, инчунин механизми тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳоро баррасӣ намуданд. Соли 2019 гардиши мол миёни Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Кореяи Ҷанубӣ 27 дарсад боло рафт, ки 2,7 милиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва ин баландтарин нишондод дар панҷ соли охир мебошад. Мувофиқи хулосаи умумии иштироккунандагони ин нишаст дар ҳоли ҳозир шароит барои то соли 2023 ба 5 миллиард доллар расонидани ҳаҷми савдои мутақобила мавҷуд аст. Дар ин замина дар бораи гузариши босуръат ба марҳилаи ҳамоҳангсозии байниидоравӣ лоиҳаи “Созишномаи тиҷорати озод”-ро ба имзо расониданд. [19]

Кореяи Ҷанубӣ раванди ислоҳот ва дигаргуниҳои демократӣ дар Ӯзбекистонро фаъолона дастгирӣ намуда, кӯмаки васеъи молиявӣ-иқтисодӣ ва техникӣ дар иҷрои барномаҳои муҳими тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар мерасонад. Кореяи Ҷанубӣ яке аз калонтарин сармоягузор ва шарики тиҷоратӣ дар Ӯзбекистон ба шумор меравад. Ҳаҷми сармоягузории ширкатҳои кореягӣ дар иқтисоди кишвар ба 1 миллиард доллари амрикоӣ баробар аст. Махсусан бо шарофати ин сармоягузориҳо дар Ӯзбекистон соҳаҳои мошинсозӣ, телекоммуникатсия, бофандагӣ ва дигар соҳаҳои иқтисодиёт ба таври динамикӣ бо суръат рушд карда истодаанд. Кореяи Ҷанубӣ бузургтарин қарздиҳандаи лоиҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар Ӯзбекистон мебошад. Тарафҳо болоравии ҳаҷми савдои мутақобиларо мусбат арзёбӣ намуда, инчунин хоҳони дар якҷоягӣ боз ҳам дар оянда тақвият бахшидани суръати рушди ин раванд ҳастанд. [6с127]

Дабири кулли Палатаи савдо ва саноати Созмони ҳамкориии иқтисодӣ Адем Кула (Туркия) дар мусоҳибаи худ оиди муносибатҳои сиёсию иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон чунин ибрози андеша менамояд: “Иродаи сиёсии роҳбарони Ӯзбекистон ва Кореяи Ҷанубӣ муносибатҳои ду кишварро ба дараҷаи баланд бардошт. Мехоҳам қабули Баёнияи муштарак дар бораи таҳкими муносибатҳои шарикии стратегӣ миёни Ӯзбекистон ва Кореяи Ҷанубиро қайд намоям. Дар доираи сафари Президенти Ӯзбекистон дар Кореяи Ҷанубӣ як қатор ҳуҷҷатҳои муҳим ба имзо расонида шуданд. Аз ҷумла “Созишномаи байниҳукуматӣ дар соҳаи тандурустӣ”, “Барномаи ҳамкорӣ бо

Агентии муносибатҳои байналмилалии Корея барои солҳои 2022-2024", "Барномаи ҳамкорӣ миёни вазоратҳои корҳои хориҷӣ барои солҳои 2022-2024, инчунин ёддоштҳо оид ба роҳандозии муколама дар соҳаи энергетика, ҳамкорӣ дар рушди шаҳрҳои "ҳушманд", сармоягузорӣ тариқи Фонди мусоидат ба рушди иқтисодӣ, дар соҳаи металҳои камёб, мис ва ғайраҳо". [4]

Инчунин оид ба муносибатҳои иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодии кишварҳои Шарқии Университети давлатии шарқшиносии Тошкент Тулкин Расулов андешаҳои худро чунин қайд намудааст: "Солҳои охир саноати Ӯзбекистон бо суръат рушд намудааст. Ба даст овардани нишондиҳандаи баланди ҳаҷм ва сифат қисман тавассути истифодаи таҷриба, сармоягузорӣ ва технологияи Кореяи Ҷанубӣ имконпазир гардид. Ҳамин тариқ ҳаҷми сармоягузории Корея ба иқтисоди дохилӣ дар айни ҳол беш аз 7 миллиард долларро ташкил медиҳад. Дар соли ҷорӣ дар маҷмуъ 320 миллион доллар азхуд карда шуд, ки ин нишондод нисбат ба соли 2020 20% дарсад зиёд аст. Сармоягузориҳо дар амалӣ сохтани лоиҳаҳои муштарак дар саноати химиявӣ, нефту-химиявӣ, нассоҷӣ, сохтмон ва кишоварзӣ фаъолият менамоянд. Инчунин Ӯзбекистон бо як қатор созмонҳои муштараки Кореяи Ҷанубӣ аз ҷумла Эксимбонки Корея ва Фонди рушди иқтисод ва ҳамкорӣ дар муддати солҳои тӯлонӣ самаранок ҳамкорӣ намудааст, ки тавассути он маблағгузорӣ то ба миллиард доллари амрикоӣ расонида шуд. Барои амалисозии лоиҳаҳои нав маблағгузориҳои иловагӣ равона карда мешавад. Дар солҳои оянда густариши кооператсияи саноатӣ ва бунёди технополисҳо дар Ӯзбекистон дар асоси таҷрибаи Корея таъмин хоҳад шуд. Чунин муассисаҳо тибқи қоида ба истеҳсоли маҳсулоти металлургӣ, мошинсозӣ, нефту-химиявӣ дар ҳамгирой бо истеҳсоли маҳсулоти металургияи сиёҳ махсус гардонида шудааст. Ӯзбекистон бо Корея барои васеъ намудани филилалҳои паркҳои технологии бофандагӣ ба нақша гирифтаанд. [14]

Зикр кардан ба маврид аст, ки муносибатҳои дуҷониба миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Ӯзбекистон аз замони барқароршавии ҳамкориҳои дипломатӣ то ба ҳол идома дорад. Ҳамкориҳои густурда дар самтҳои мошинсозӣ, техникӣ, техникаҳои калонҳаҷм ва ғайраҳо миёни ду кишвар хуб ба назар мерасад. Ҷумҳурии Ӯзбекистон истифода аз таҷрибаи рушди босуръати Кореяи Ҷанубӣ дар дохили кишвар тавонист, ки ширкатҳои муштараки истеҳсолии мошинсозӣ ва таҷҳизотҳои техникӣ бунёд намояд. Солҳои охир Ҷумҳурии Ӯзбекистон кишвари худро бо маҳсулотҳои техникӣ махсусан мошинҳои сабукрав ва мошинҳои гуногуни истеҳсоли ватанӣ таъмин менамояд ва дар ин замина воридоти мошинҳо аз хориҷи кишвар кам менамояд.

Дар саноати электротехникӣ ҳамкориҳои дарозмуддат бо ширкатҳои бонуфузи Кореяи Ҷанубӣ "Samsung Electronics" ва "LG" дар татбиқи лоилаҳои бунёди корхонаҳои муштараки нав, истеҳсоли техникаҳои навтарини маишӣ аз ҷумла: телевизорҳо, яхдонҳо, мошинаҳои ҷомашӯӣ, кондитсионерҳо дурнамои хубе доранд. Масалан ширкати "Samsung Electronics"- намудҳои нави телевизонҳои "Neo QLED, Micro LED Lifestyle"-ро ба роҳ мондааст, ки дар ҷаҳон мақоми доданд. Барои рушди саноати электротехникии Ӯзбекистон тариқи омӯхтани таҷрибаи Корея барои дастгирии сармоягузорӣ ба инноватсия ва харочот ба корҳои илмӣ-тадқиқодӣ ва конструкторӣ дар саноати электротехникӣ бисёр чизҳоро ба даст овардан мумкин аст. [10]

Қобили зикр аст, ки санаи 20-уми июли соли 2022 дар Вазорати сармоягузорӣ ва тиҷорати хориҷӣ мулоқоти солона баргузор гардид, ки масъалаҳои ҳамкориҳои молиявӣ

ва техникӣ бо Кореяи Ҷанубӣ баррасӣ гардид. Дар мулоқоти мазкур намояндагони Вазорати иқтисод ва молия ва Эксимбонки Кореяи Ҷанубӣ иштирок намуданд. Айни замон барои амалӣ сохтани панҷ лоиҳа дар соҳаи тандурустӣ, дорусозӣ ва саноати химиявӣ ба маблағи 548 миллион доллари амрикоӣ тариқи қарзҳои иммтиёзноки дарозмуддат аз ҷониби Кореяи Ҷанубӣ сармогузорӣ хоҳад шуд. Дар мулоқот вазъи кунунии лоиҳаҳое, ки бо Кореяи Ҷанубӣ аз ҳисоби қарзҳои имтиёзноки Фонди рушди иқтисодӣ ва ҳамкории Эксимбонки Корея амалӣ мегарданд, баррасӣ гардид. Инчунин тадбирҳои минбаъда оид ба лоиҳаҳои афзалиятнок барои соли 2022 баррасӣ гардид: "Бунёди кластери тиббӣ (383 миллион доллари амрикоӣ)", "Таъсиси ҷузъҳои тадқиқотӣ ва таълимии кластери инноватсионии фармасевтикии тадқиқотӣ ва истеҳсолии "Tashkent Pharma Park" (198,6 миллион доллари амрикоӣ)". Дар натиҷаи муколама рӯйхати лоиҳаҳои умедбахш барои солҳои 2022-2024 ва барои зудтар амалӣ сохтани онҳо тадбирҳои конкретӣ муайян гардид, ки ба мувофиқа расониданд. [11]

Ба нақша гирифтани лоиҳаҳои мазкур, инчунин амалӣ сохтани онҳо бо назардошти манфиатҳои миллии ҳар ду кишвар нишонаи он аст, ки дар ҳақиқат ҳамкориҳои дуҷониба махсусан дар бахши тиҷоратӣ-иқтисодӣ сол то сол рушд намуда истодааст. Метавон гуфт ки густариши ҳамкориҳо ва амалисозии лоиҳаҳои гуногун дар ҳамкориҳои дуҷониба имкониятҳои бештаре фароҳам меорад. Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон тариқи амалӣ сохтани лоиҳаҳои гуногуни иқтисодӣ имкониятҳои бузургеро дар ҳамкориҳои дипломатӣ ҷорӣ намоянд.

Таҳлилҳои оморӣ нишон дод, ки ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Кореяи Ҷанубӣ солҳои охир босуръат рушд кардааст. Гардиши савдои хориҷӣ соли 2016 1070,4 миллион доллар ва соли 2019 2767,7 миллион доллари амрикоӣ афзоиш ёфт, вале бо сабаби таъсири пандемия нишондодҳо каме коҳиш ёфт ва соли 2020 2150,7 миллион долларро ташкил дод. Афзоиш нисбат ба соли 2016 дар соли 2019 258,6% ва соли 2020 бошад 200,9%-ро ташкил дод. Агар дар соли 2016 ҳиссаи Кореяи Ҷанубӣ дар тиҷоратӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон 4,4%-ро ташкил дода бошад, дар соли 2020 аллакай ба 5,9% омада расид. Дар ин давра ҳиссаи воридоти Кореяи Ҷанубӣ дар тиҷорат бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 7,2% то 9,9% густариш ёфт. [18]

Ҷадвали 1. Гардиши савдои хориҷии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон(млн. дол. ИМА) (Манбаъ: Кумитаи Омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон **)**

| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
|---|---|---|---|---|---|---|
| **Гардиши савдо** | 1 739,6 | 1 070,4 | 1 387,6 | 2 159,1 | 2 755,3 | 2 142,3 |
| **Содирот** | 176,4 | 201,8 | 143,3 | 108,6 | 93,5 | 45,5 |
| **Воридот** | 1 563,2 | 868,7 | 1 244,3 | 2 050,5 | 2 661,8 | 2 096,8 |

Тибқи маълумотҳои Кумитаи Омори Ҷумҳурии Ӯзбекистон гардиши савдои хориҷӣ байни Кореяи Ҷанубӣ ва Ӯзбекистон дар соли 2020 2142,3 млн. дол. ИМА-ро ташкил мекард, ки аз он 45,5 млн. ба содирот ва 1872,7 млн. ба воридот рост меояд. Маҳсулотҳои асосии содиротии Ӯзбекистон ба Кореяи Ҷанубӣ асосан масолеҳи сохтмон (33,5%), тахта ва маҳсулотҳои тахтагӣ (20,6%), маҳсулотҳои бофандагӣ (13,4%), маҳсулотҳои кимиёвӣ (10,3%), қисмҳои эҳтиётӣ (6,2%), маҳсулоти хӯрока (4,3%), масолеҳи сохтмон (4,1 %), мевагӣ (2,6%) ва ғайраҳо ташкил медиҳад. [20]

Хулоса, метавон гуфт, ки ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамтаи Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, махсусан дар самти тиҷоратӣ-иқтисодӣ, пас аз имзо намудани Созишномаи шарикии стратегӣ босуръат рушд кардааст. Бунёди ширкатҳои муштарак, сармоягузориҳои дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати Кореяи Ҷанубӣ ба Ҷумҳурии Ӯзбекистон имконият дод, то тариқи истеҳсоли техникаҳои истеҳсолоти маҳаллӣ ба бозори ҷаҳонӣ роҳ ёбад ва иқтисоди кишварро баланд бардорад.

Дар баробари таҳлили ҳамкориҳои иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон, ҳамкориҳои иқтисодӣ-тиҷоратии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ метавон таҳлил намуд. Зеро Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз кишварҳои пасошӯравӣ ва тозаистиқлоли минтақаи Осиёи Марказӣ ба шумор меравад. Кореяи Ҷанубӣ истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият эътироф намуд ва миёни ду кишвар робитаҳои дуҷонибаву бисёрсамта ба роҳ монда шуд. Муносибатҳои дипломатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кореяи Ҷанубӣ 27 апрели соли 1992 барқарор гардидаанд. Аз оғози робитаҳои дипломатӣ ҳамкориҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ-тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, энергетикӣ, илмӣ – техникӣ ва маънавӣ – фарҳангӣ ҷараён доранд. Асоси тамоми ин ҳамкориҳо дар мулоқоти нахустини Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Кореяи Ҷанубӣ Ким Ён Сам, ки соли 1995 дар шаҳри Ню-Йорк баргузор гардид, гузошта шуда буд. Мавриди зикр аст, ки сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Кореяи Ҷанубӣ соли 2015 дар заминаи сафари Президенти кишвар ифтитоҳ гардид. [ 2 с100]

Бояд қайд кард, ки дар замони соҳибистиқлолӣ муносибатҳои Ҷумҳурии Тоқикистон ва Кореяи Ҷанубӣ рушд кардааст. Ба густариши ҳамкориҳои Кореяи Ҷанубӣ ва Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар бахши тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва сармоягузорӣ, инчунин робитаҳои башардӯстона мусоидат менамояд. То ин замон байни ду кишвар танҳо як Созишнома оиди ҳавасмангардонӣ ва ҳимояи мутақобилаи сармоягузорӣ имзо гардидааст. Дар натиҷаи ин созишнома корхонаҳои муштарак бо иштироки сармоягузории Кореяи Ҷанубӣ таъсис гардид. Ин ширкатҳо инҳо мебошанд: ҶСП “Таджик-Кабол-текстайлз”; ҶДММ “Маркази тиббӣ-ташхисии ш.Чкаловск”; Ширкати муштараки ҶДММ “Tea Bong Sunrise”; Ширкати муштараки ҶДММ “Барқ Кимган”; ҶММ“Авто Трейдинг”; ҶДММ“Кимган”; ҶДММ “Канг Хае Кван ҶСП”; ҶСП “Сеул”; ҶДММ “Тадж-Кор”. [16]

Бо дар назардошти ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамта Кореяи Ҷанубӣ бо кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ баҳри мустаҳкам намудани ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ дар соли 2007 муколамаи 5+1 яъне Осиёи Марказӣ+Кореяро роҳандозӣ намуд. Муколамаи мазкур ба ин кишварҳо имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои дуҷонибаву бисёрсамта, махсусан ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро густариш дода, манфиатҳои миллии хешро ба баст оранд. Дар доираи ҳамкориҳои иқтисодӣ баҳри таҳкими робитаҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ, Ҳукумати Корея “Форуми ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Корея”-ро соли 2007 таъсис дод. Мақсади асосии Форуми мазкур ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷонибаю бисёрҷониба миёни Кореяи Ҷанубӣ ва кишварҳои Осиёи Марказӣ, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳо ва омода намудани механизм барои ба низом даровардани ҳамкориҳо, баррасии масоили минтақавию байналмилалӣ, рушди муносибатҳо ва дар чаҳорчубаи Форум тақвият бахшидан ба рушди соҳаҳои мухталиф бо минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад. Самтҳои асосии Форуми мазкур нақлиёт, энергетика, саноат, тағйирёбии иқлим-ҳифзи муҳити зист, тиб-тандурустӣ, маориф-

фарҳанг, сайёҳӣ ва технологияи рақамӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки форуми мазкур соле як маротиба дар кишварҳои аъзои он дар сатҳи вазирони корҳои хориҷӣ баргузор мегардад. [21]

Метавон гуфт, ки "Форуми ҳамкориҳои Осиёи Марказӣ бо Ҷумҳурии Корея" ба минтақаи Осиёи Марказӣ имкониятҳои бештаре медиҳад, то бо Кореяи Ҷанубӣ ҳамкориҳои густурдаро дар самти тиҷорат ва иқтисод ба роҳ монанд. Форуми мазкур хусусияти иқтисодӣ дошта, бештар ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодӣ равона гардидааст. Тариқи ин Форум ҳар як кишвари аъзо метавонад, бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ робитаҳои зич ва густарда намуда, пайваста рушд намоянд. Кореяи Ҷанубӣ бештар ба энергетика, ва канданиҳои фоиданок таваҷҷӯҳ дошта, метавонад тариқи минтақаи Осиёи Марказӣ манфиатҳои худро ба даст овард. Минтақаи Осиёи Марказӣ дорои захираҳои табиӣ, канданиҳои фоиданок мебошад, ки ҳар як кишвари ин минтақа метавонанд аз имкониятҳои ҷойдошта истифода бурда, бо Кореяи Ҷанубӣ ҳамкорӣ намоянд ва ба натиҷаҳои назаррас бирасанд.

Дар таърихи муносибатҳои сиёсӣ миёни ду кишвар санаи 15-17-уми июли соли 2019 Сарвазири Кореяи Ҷанубӣ Ли Нак Ён бо ҳайати вакилони худ барои аввалин маротиба ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом доданд. Дар рафти вохӯрӣ вазъ ва дурнамои ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба миёни Тоҷикистону Корея дар соҳаҳои мавриди таваҷҷӯҳ баррасӣ гардид. Инчунин зикр кардан ба маврид аст, ки дар мулоқоти мазкур доир ба самтҳои манфиатбори муносибатҳои байнипарлумонии Тоҷикистону Корея, ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ, саноат, гидроэнергетика, молиявӣ-бонкдорӣ ва бахшҳои хусусӣ, сармоягузорӣ, кишоварзӣ, тандурустӣ, дорусозӣ, илму маориф, фарҳанг, муҳоҷират, сайёҳӣ ва бунёди корхонаҳои муштараки истеҳсолӣ дар заминаи минтақаҳои озоди иқтисодии Тоҷикистон, ҷонибҳо табодули назар намудаанд. [9]

Метавон гуфт, ки вохӯрии мазкур қадамҳои аввал дар рушди ҳамкорибҳои тарафайн ба ҳисоб рафта, барои дар оянда таҳким бахшидани муносибатҳои дуҷониба ва бисёрсамта нақши муҳим мебозад. Зеро дар ин мулоқот масъалаҳои муҳими ҳамкориҳои судманд баррасӣ гардида, бо дар назардошти манфиатҳои миллӣ рӯз то рӯз ҳамкориҳо миёни ду кишвар рушд карда истодааст.

Инчунин дар доираи сафари расмии Сарвазири Корея Ли Нак Ён "Форуми соҳибкорони Тоҷикистону Корея", бо максади мустаҳкам намудани ҳамкориҳо, фаъолгардонии робитаҳои тиҷоратию иқтисодӣ миёни корхонаҳо ва сармоягузорони Корея ва доираҳои тиҷоратии тоҷик баргузор гардид. Дар Форуми мазкур, ки санаи 16-уми июли соли 2019 дар шаҳри Душанбе баргузор гардида буд, созишномаҳои мазкур: Созишнома дар бораи таъсис додани ширкати муштараки ҶСП "Ҳумо" ва Ширкати Kaula International cooperation (Ҳамкориҳои байналмилалии Каула), Созишномаи ҳамкорӣ миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Инчон, Ёддошти ҳамкорӣ миёни ҶСК "Сифат Иннотех Инвест" ва Ширкати инноватсионии CNKFarma ва Gayanmiga, Созишнома миёни Kimechon farma ва Сифат фарма, инчунин Созишномаи ҳамкории ҶСК "Ғаюр" ва Gaia Energy ва дигар меморандуму созишномаҳо ба имзо расониданд. [15]

Санаи 1-уми апрели соли 2021 Раиси Парлумони Кореяи Ҷанубӣ Пак Бён Сок ба Ҷумҳурии Тоҷикистон сафари расмӣ анҷом дод. Дар ин нишасти самимӣ ба масъалаҳои муҳимтарини ҳамкориҳо ба хусус дар таҳкими муносибатҳои байнипарламентии

Тоҷикистону Корея таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуданд. Зикр гардид, ки фаъолияти минбаъдаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва густариши ҳамкорӣ бо Фонди рушди ҳамкории иқтисодӣ метавонад яке аз омили таҳкими ҳамкориҳо дар ин самт ва афзоиши ҳаҷми сармоягузорӣ байни ҷонибҳо гардад. Инчунин қайд гардид, ки истифодаи иқтидори бойи захираҳои табиии Тоҷикистон, таъсиси марказҳои логистикию тиҷоратӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодӣ, ҳамкорӣ дар соҳаи бонкдорӣ, ҷудо кардани қарзҳои имтиёзнок ба Тоҷикистон, аз самтҳои ояндадори таҳкими муносибатҳои ҳамкории ду кишвар мебошанд. Ҷонибҳо аз сатҳи ҳамкориҳои байни ҳукуматҳо, аз ҷумла фаъолияти пурсамари Агентии ҳамкориҳои байналмилалии Корея (KOIKA), изҳори қаноатмандӣ намуданд. [8]

Пас аз вохӯрӣ бо Роҳбари давлат Эмомалӣ Раҳмон, Раиси Маҷлиси миллии (Парлумони) Кореяи Ҷанубӣ Пак Бён Сок дар нишасти матбуотӣ чунин қайд намуд: “Дар вохӯрӣ бо Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо муколамаи созанда ва эҷодкорона доштем. Умедворем, ки ин боздид муносибатҳои дуҷониба миёни Кореяи Ҷанубӣ ва Тоҷикистонро ба сатҳи нав, аз ҷумла дар соҳаи иқтисод ва фарҳанг баланд хоҳанд бардошт.” Инчунин Пак Бён Сок назароти худро чунин қайд намуд: “Мо кӯшишҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати Тоҷикистонро барои таъмини сулҳу субот дар минтақаи Осиёи Марказӣ хело қадрдонӣ мекунем. Ҳамзамон хабар доданд, ки дар ин сол дар шаҳри Душанбе бинои Сафорати Ҷумҳурии Корея сохта хоҳад шуд. [13]

Дар соли 2022 сафоратхонаи Кореяи Ҷанубӣ пурра дар шаҳри Душанбе дари худро боз намуда, аввалин Сафири Кореяи Ҷанубӣ Квон Донг Сок дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман таъин гардид ва фаъолияти худро оғоз намуд. Ин қадами устувор ва боэътимод дар муносибатҳои дучониба ва бисёрсамта миёни ду кишвар мебошад, ки фаъолияти ҷонибҳо дар оянда боз ҳам қавӣ хоҳад гардид.

Ҳамкорӣ миёни мақомоти гумруки Тоҷикистон ва Корея дар сатҳи баланд ба роҳ монда шуда, дар заминаи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии бисёрҷонибаи Созмони умумиҷаҳонии савдо ва Созмони умумиҷаҳонии гумрук густариш меёбад. Дар заминаи ҳамкориҳои судманд дар шаҳри Душанбе “Системаи идораи таваккал” ифтитоҳ гардид. Қобили зикр аст, ки татбиқи лоиҳаи мазкур дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2019-2021 дар асоси Созишнома дар бораи содагардонии расмиёти савдои Созмони умумиҷаҳонии савдо вобаста ба расонидани кӯмаки техникӣ аз ҷониби кишварҳои мутараққӣ ба кишварҳои рӯ ба рушд амалӣ карда шудааст. Дар асоси созишномаи дуҷониба аз ҷониби Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ ёрии техникӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 4,2 миллион доллари амрикоӣ тасдиқ ва ҷудо карда шуд. Дар маросими ифтитоҳии “Системаи идораи таваккал” намояндаи ширкати “DATA World CoL/td” доир ба марҳилаҳои татбиқи лоиҳа, системаи идораи таваккал, ҳадаф, афзалият ва дурнамои он изҳори андеша намуданд. Ҳамзамон дар доираи муаррифии лоиҳаи мазкур мулоқоти дуҷонибаи Хадамоти гумруки Тоҷикистону Корея баргузор гардид. Дар доираи ҳамкориҳои дуҷониба ҳаҷми гардиши тиҷорати хориҷӣ байни Тоҷикистону Корея зиед шуда, соли 2020 гардиши тиҷорати хориҷӣ байни Тоҷикистону Корея ба 53,5 миллион доллари амрикоӣ расид. Ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 19, 6 миллион долари амрикоӣ ва ё 58% зиёд мебошад. Дар ҳашт моҳи соли ҷорӣ гардиши тиҷорати хориҷӣ миёни Тоҷикистон ва Корея ба 29,6 миллион доллари амрикоӣ баробар гардид. Воридоти бештари молҳо аз Кореяи Ҷанубӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷҳизоту

дастгоҳҳои истеҳсолию технологӣ, маҳсулоти фармасевтӣ, воситаҳои нақлиёт ва дигар намуди молҳоро ташкил медиҳад. [17]

Мавриди зикр аст, ки санаи 19 апрели соли 2022 вохӯрии Сардории Хадамоти гумруки назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Каримзода Хуршед Абдураҳмон бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Кореяи Ҷанубӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Дон Сок баргузор гардид. Ҷонибҳо дар рафти вохӯрӣ ҷонибҳо тақвияти ҳамкориҳо дар самти фаъолияти гумрукӣ, аз ҷумла ба имзо расонидани лоиҳаи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Кореяи Ҷанубӣ оид ба ёрии байниҳамдигарӣ дар фаъолияти гумрукӣ ва самаронокии истифодабарии зерсистемаи Идораи таваккали Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрукро баррасӣ намуданд. Ба имзорасонӣ ва амалӣ гардонидани Созишномаи мазкур тақвияти ҳамкориҳои мутақобилаи судмандро густариш дода, содагардонии амалиётҳои воридотию содиротӣ, додугирифти маълумотҳои гумрукӣ, пешгирии ҳолатҳои вайронкунии қоидаҳои гумрукӣ, расонидани ёрии амалии мутақобила ва оғози лоиҳаҳои дигари кӯмакҳои техникӣ дар самтҳои фаъолияти гумрукӣ шароити мусоидро фароҳам хоҳад овард. Қайд намудан зарур аст, ки зерсистемаи Идораи таваккали Системаи иттилоотии автоматонидашудаи ягонаи Хадамоти гумрук бо дастгирии молиявии Кореяи Ҷанубӣ таъсис гардида, санаи 16 сентябри соли 2021 бо ташрифи Сардори Хадамоти гумруки Кореяи Ҷанубӣ расман мавриди истифода қарор дода шудааст [3].

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои муқоисавии савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Кореяи Ҷанубӣ (млн. дол. ИМА). (Манбаъ: Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)

| Солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Савдои хориҷӣ | 13,5 | 15,9 | 27,5 | 33,9 | 53,5 |
| Содирот | 0 | 0 | 0 | 0 | 0 |
| Воридот | 13,5 | 15,9 | 27,5 | 33,9 | 53,5 |

Аз таҳлилҳои дар боло зикргардида чунин хулоса кардан мумкин аст, ки муносибатҳои сиёсию иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар замони муосир дуруст ба роҳ монда шудааст. Кореяи Ҷанубӣ нисбат ба Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бештар ширкатҳои муштарак бунёд намуда, сармоягузорӣ намуда истодааст. Зеро аз соли 2006 Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон эъломияи шарикии стратегӣ кабул намуда, ҳамкориҳои тиҷоратӣ-иқтисодиро пайваста рушд дода истодаанд. Ҷумҳурии Ӯзбекистон бештар истифода аз таҷрибаи рушди иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ намуда, имконияти баланд бардоштани иқтисоди кишвари худро ба даст овард. Ҳамзамон зикр кардан зарур аст, ки манфиатҳои Кореяи Ҷанубӣ бештар ба энергетика ва захираҳои табиӣ мебошад, ки солҳои охир Кореяи Ҷанубӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса намуда, ҳамкориҳои сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ миёни ду кишварро густариш дода истодаанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад тариқи ҷалби сармояи хориҷӣ махсусан ҷалби сармоягузорони ҷонибӣ Кореяи Ҷанубӣ ва истифода аз таҷрибаҳои рушди иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ, иқтисоди кишшварро баланд бардорад. Ҳамзамон дар оянда метавонанд ширкатҳои истеҳсолии муштарак дар соҳаҳои мошинсозӣ, энергетикӣ, бофандагӣ, кишоварзӣ, химиявӣ гидроэнергетикӣ, таъсис дода, сармоягузорони ҷониби Кореяро ҷалб намоянд. Метавон гуфт, ки дурнамои ҳамкориҳои сиёсию иқтисодии Кореяи Ҷанубӣ бо Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон умедбахш буда, натиҷаҳои аз ин ҳам бештар дар назар аст.

**АДАБИЁТ:**


1. “Seo Joong Logistics Co., Ltd” Представительство (Корея, SJ Logistics)-Ташкент,Узбекистан-Представительства южнокорейских копаний и фирм – Справочник предприятий и организаций Узбекистана (goldenpages.uz) https: // www. goldenpages. Uz / company / ?Id =5542&CatId= 102806 (санаи муроҷиат 12.10.2022)
2. Аслов, С. М. (зери наз.), 25 Қадам дар паҳнои олам. Душанбе: Ирфон, 2016, саҳ 100 https: // www.mfa.tj/uploads/main/2020/08/25-qadam-dar-pahnoi-olam-7-11-MB.pdf?ysclid=16y18oxhzq321164467 (санаи муроҷиат 18.08.2022).
3. Вохӯрии Сардори Хадамоти гумрук бо Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷкмҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (gumruk.tj) (санаи муроҷиат 20.04.2022).
4. Генеральный секретарь Торгово-промышленной палаты Организации экономического сотрудничества Адем Кула (Турция) Правда вастока №256 (29760) 19 декабри соли 2021( санаи мурочиат 12.08.2022).
5. Международные отношения Южной Кореи (wikidea.ru) https:// wikidea.ru/wiki/Foreign relation of South Korea(санаи муроҷиат 12.10.2022).
6. Мелибаева Г.А., Чон Дэ Ван, Муминов Н.Г “Внешне - экономические связи Республики Корея” Ташкент- 2011 саҳ127. 148с.
7. Министерство иностранных дел Республики Узбекистан (mfa.uz) https:// mfa.uz / ru/pages/with-asia-pacific (санаи муроҷиат 16. 08.2022).
8. Мулоқот бо Раиси Парламенти Ҷумҳурии Корея Пак Бён Сок/Президенти Тоҷикистон – President of Tajikistan-Президент Таджикистан (president.tj) https:// www.president.tj/node/25418 (санаи мурочиат 5.09.2022).
9. Мулоқот бо Сарвазири Ҷумҳурии Корея Ли Нак Ён / Президенти Тоҷикистон – President of Tajikistan-Президент Таджикистан (president.tj) https: // www. president. Tj / node /20682 (санаи муроҷиат 2.09.2022).
10. Обид Ҳамидов “Узбекистан–Корея: перспективы экономического сотрудничества – Review.uz” https: //review.uz/post/Uzbekistan-koreya-perspektiv-ekonomicheskogo-sotrudnichestva? Ysclid = 16ysq 2 ekcb 340758812 журнал “The Korea Post” (санаи мурочиат 18.08.2022).
11. Обсужден ход реализации совместных проектов в рамках двустороннего финансово-технического сотрудничества с Республикой Корея (mift.uz) https://mift.uz/ru/news/koreya-respublikasi-bilan-ikki-tomonlama-moliyaviy-texnik-hamkorlik-doirasida-qoshma-loyihalarni-amalga-oshirilishi-muhokama-qilindi (санаи мурочиат 17.10.2022)
12. Отношения между Узбекистаном и Республикой Корея — KMODS (interkomitet.uz) https://interkomitet.uz/glavnaya/otnoshenija-mezhdu-uzbekistanom-i-respu / (санаи мурочиат 16.08.2022)
13. Пак Бён Сок: «Мы высоко оцениваем усилия Президента Таджикистана Эмомали Рахмона по обеспечению мира и стабильности в регионе Центральной Азии» | НИАТ "Ховар" (khovar.tj) ( санаи мурочиат 5.09.2022)
14. Правда Востока, № 256 (29760), 19.12.2021 (санаи мурочиат 12.08.2022).
15. Предприниматели Таджикистана и Кореи подписали более 10 соглашений о сотрудничестве и Меморандумов о взаимопонимании | Новости Таджикистана ASIA-

Plus (asiaplustj.info) https: // asiaplustj.info/ ru/news /ta jikistan /economic/20190717/predprinimateli-tadzhikistana-i-korei-podpisali-bolee-10-soglashenii-o-sotrudnichestve-i-memorandumov-o-vzaimoponimanii?ysclid=l74k17p8f3770785494 (санаи муроҷиат 2.09.2022)

16. Таджикско-корейские торгово-экономические отношения 03-04-01-ru.pdf - Яндекс. Документы (yandex.ru) https: //medt. tj/ documents / add_menu / ved/ ru/03-04-01-ru.pdf ( санаи муроҷиат 25.08.2022 )

17. Таҳкими ҳамкории гумрукии Тоҷикистону Корея (gumruk.tj) санаи мурочиат 26.04.2022

18. Узбекистан – Корея: перспективы экономического сотрудничества - Review.uz https: // review.uz /post /uzbekistan-koreya-perspektiv-ekonomicheskogo-sotrudnichestva?ysclid=l9cd7a1iv7372055395 (санаи мурочиат17.10.2022)

19. Узбекистан–Корея: торговля, инвестиции, промышленная кооперация (mift.uz) https://mift.uz/ru/news/uzbekiston-koreja-savdo-investitsijalar-sanoat-kooperatsijasi (санаи муроҷиат16.08.2022)

20. Ўзбекистон ва Корея ўртасидаги ҳамкорлик натижалари https://review.uz/oz/post/ozbekiston-va-koreya-respublikasi-ortasidagi-hamkorlik-natijalari (санаи мурочиат17.10.2022)

21. Форуми 14-уми ҳамкории Осиёи Марказӣ-Ҷумҳурии Корея | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон (mfa.tj) https://www.mfa.tj/tg/main/view/9265/forumi-14-umi-hamkorii-osijoi-markazi-jumhurii-koreya (Санаи муроҷиат 25.08.2022)

## СРАВНИТЕЛЬНЫЙ АНАЛИЗ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ЮЖНОЙ КОРЕИ С ТАДЖИКИСТАНОМ И УЗБЕКИСТАНОМ

**ФАЙЗУЛЛАЕВА НИГОРА НЕГМАТОВНА**
научный сотрудник отдела Юго-Восточной Азии ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 735025, г. Душунбе, пр. Рудаки 33. Тел: 901228818. E-mail: Nigora.f94@mail.ru.

*В данной статье исследуется сравнительный анализ экономического сотрудничества Южной Кореи с Узбекистаном и Таджикистаном. Определены приоритетные направления отношений Южной Кореи с Узбекистаном и Таджикистаном. В современную эпоху политической и экономической конкуренции Южная Корея должним образом наладила свое политическое, дипломотическое и торгово-экономическое сотрудничество со странами региона Центральной Азии. Можна отметить, что Южная Корея и Республика Узбекистан приняли Декларацию о стратегическом партнерстве в 2006 году, и в последние годы это сотрудничество перешло на новой уровень стратегического партнерства. Также необходимо отметить, что сотрудничество между Южной Кореей и Республикой Узбегистан постоянно развивается в сферах энергетики, нефти и газа, технологий и полезных ископаемых. Южная Корея является одним из основных инвесторов в экономическое развитие Республики Узбекистан.*

*В последние годы отношения между Южной Кореей и Республикой Таджикистан напрерывно развиваются в сферах экономики, транспорта, энергетики, науки и техники. Можно отметить, что торгово-экономическое сотрудничество между Южной Кореей и Республикой Таджикистан до этого периода была не очень хорошим, но итоги последних лет показывают, что стороны сосредоточили свои усилия на постоянном развитии сотрудничества во всех сферах. В то же время в будущем могут быть созданы*

*совместные производственные компании в области машиностроения, энергетики, текстиля, сельского хозяйства, химии и гидроэнергетики, чтобы привлечет корейских инвесторов. Можно сказать, что перспективы политического и экономического сотрудничества Южной Кореи с Республикой Таджикистан и Республикой Узбекистан многообещающие, и ожидается еще больше результатов.*

***Ключевые слова:*** *Южная Корея, Республика Узбекистан, Республика Таджикистан, экономика, таргoвля, энергетика, стратегическое партнерство, отношение, совмемтные предприятия, внешняя торговля, инвестиции, промышленность, нефтехимический, зеленая экономика, автомобильный, черная металлургия.*

## COMPARATIVE  ANALYSIS OF SOUTH KOREAN ECONOMIC COOPERATION WITH TAJIKISTAN AND UZBEKISTAN

**FAIZULLAEVA NIGORA NEGMATOVNA**
researcher, Department of  South-East, ISPAEC NAST. Address: 735025, Dushanbe, Rudaki avenue, 33, E-mail: Nigora.f94@mail.ru. Tel: 901228818.

*This article explores comparative analysis of South Korean economic cooperation with Tajikistan and Uzbekistan. The priority directions of South Korea's relations with Uzbekistan and Tajikistan have been determined. In the modern time of political and economic competition, South Korea has properly established its political, diplomatic, trade and economic cooperation with the countries of the Central Asian region.  It can be noted that South Korea and Republic of Uzbekistan adopted the Declaration on strategic partnership in 2006 and in recent years cooperation has moved to a new level of strategic partnership. It should also be noted cooperation between South Korea and the Republic of Uzbekistan is constantly developing  in  fields of energy, oil and gas, technology and minerals. South Korea is one of the main investors in the economic development of the Republic of Uzbekistan.*

*In recent years, relations between South Korea and Republic  Tajikistan have been continuously developing in the fields of economy, transport, energy, science and technology. It can be noted that trade and economic  cooperation  between South Korea and Republic  Tajikistan before this period was not very good, but the result of recent years  show that the parties  have focused their efforts on the continuous development of cooperation in all areas. At the time, joint manufacturing companies in the fields of machinery, energy, textiles, agriculture, chemistry and hydropower may  established  in the future to attract Korean investors. It can be said  that the prospects for South Korea's political and economic cooperation with the Republic  of  Tajikistan and Republic  of  Uzbekistan are promising and even more results are expected.*

***Keywords:*** *South Korea, Republic Uzbekistan, Republic  Tajikistan, economy, trade, energy, strategic partnership, attitude, joint enterprise, international trade, investment, industry, petrochemical, green economy, automotive, ferrous metal.*

***ШАРҚШИНОСӢ***

# АРАБЫ В СТИХАХ МУХАММАДА ИКБАЛА

**МАРДОНИ ТАДЖИДДИН НУРИДДИН**
*профессор, доктор филологических наук,*
*главный научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ*

*Здесь затронута арабская тематика в поэтических творениях Мухаммада Икбала, особенно в той их части, которая создана на языке фарси. Данную тематику можно расчленить на несколько разделов, каждый из которых может включить в себя различные темы, например: а) арабская лексика в стихах поэта; б) персонажи и герои арабской поэзии; в) упоминания реалий арабской природы и арабских географических названий; г) мотивы арабской классической поэзии; д) непосредственные стихотворные посвящения арабам; е) обращения к арабским поэтам, видным деятелям и всем арабским народам и так далее.*

***Ключевые слова:*** *Арабы, Мухаммад Икбал, поэзия, борьба, свобода, независимость, победа.*

*Песня моя в Аджаме уж воспламенила*
*тот древний огоиь.*
*Арабам же страстные мелодии моей души*
*все еще неведомы.*

Этими строками завершает одно из своих лирических стихотворений - газелей один из величайших поэтов и мыслителей современного Востока, верный и незабвенный сын Индии и Пакистана Мухаммад Икбал ал-Лахури (1877-1938 гг.) Быть может, эти его слова были справедливы по отношению к тому периоду, в который он жил. Однако в наши дни, благодаря арабским переводам с оригинала или других языков, с его поэтическими произведениями знакомы довольно широкие массы образованных читателей во многих арабских странах. Его творчество обрело уже широкую известность среди почитателей лирической философской поэзии благодаря появляющимся из под пера арабских ученых - литературоведов многочисленным статьям в арабской периодической печати и отдельным исследованиям.

Во всех этих работах авторы достаточно полно знакомят арабского читателя с вехами биографии и творческого пути Мухаммада Икбала, развернуто и всесторонне анализируют идейно-тематическое содержание его поэтических творений, раскрывают глубокий социальный и философский смысл, вкладываемый им, казалось бы, в уже многократно осмысленные и изложенные многими поколениями поэтов жизненные явления и понятия, его собственную своеобразную их интерпретацию и оценку, представляющие эти явления и понятия в совершенно неожиданном новом свете, освещают его нравственные и этические позиции, философские взгляды и суждения. Поэтому мы не видим необходимости возвращаться в этой статье вновь к данным проблемам жизни и творчества великого поэта. Здесь мы хотели бы обратить внимание лишь на один весьма важный аспект литературного наследия Мухаммада Икбала, не нашедший, к сожалению, до сих пор почти никакого отражения в посвященных ему литературоведческих исследованиях, написанных как западными, так и восточными, в том числе арабскими учеными, хотя последних, казалось бы, данный аспект должен заинтересовать в первую очередь.

Этот аспект - арабская тематика в поэтических творениях Мухаммада Икбала, особенно в той их части, которая создана на языке фарси, ибо его урдуязычные стихотворения в настоящее время нам недоступны из-за незнания языка урду. Данную тематику можно расчленить на несколько разделов, каждый из которых может включить в себя различные темы, например: а) арабская лексика в стихах поэта; б) персонажи и герои арабской поэзии; в) упоминания реалий арабской природы и арабских географических названий; г) мотивы арабской классической поэзии; д) непосредственные стихотворные посвящения арабам; е) обращения к арабским поэтам, видным деятелям и всем арабским народам и так далее.

Но более целесообразным, кажется, было бы деление его стихов, связанных с арабской тематикой, на стихи лирического, социально-политического и философского содержания, что в гораздо большей степени отражало бы многообразие аспектов этой тематики в его поэтических произведениях на фарси.

При чтении стихотворений Мухаммада Икбала, в первую очередь, бросается в глаза красочность и богатство его языковой палитры, где часты разнообразные арабские слова и выражения, большую часть которых, разумеется, нет необходимости иомментировать и пояснять неарабскому, в данном случае фарсиязычному читателю, ибо они с давних пор уже составляют неотъемлемую часть словарного и лексического фонда его родного языка. Однако есть у него и такие арабские слова и выражения, уяснить которые читателям без специальной филологической и языковой подготовки представляется делом нелегким, отчего нередко им приходится прибегать к помощи словаря. Это, главным образом, свидетельствует о его высокой языковой культуре, глубине эрудиции и широте лингвистических познаний в области арабского языка н арабской литературы. Известно, что Мухаммад Икбал получил первоначальное традиционное мусульманекое образование, штудировал исламскую религиозную и философскую литературу, в юном возрасте выучил наизусть Коран. Позднее, став учеником друга своего отца, видного ученого и литератора того времени Мавлави Мирхасана, он изучает у него языки урду и фарси, арабский язык и историю арабской литературы. Именно Мавлави Мнрхасан советует Мухаммаду Икбалу писать свои стихн не на родном его пенджабском языке, а на языках урду и фарси, которые уже тогда имели широкое распространение в Индии и Пакистане как языки науки и литературы.

По окончании политехнической школы в родном городе Сиялкуте индийского штата Пенджаб в 1896 году и высшего государственного колледжа в Лахоре в 1899 году, где Мухаммад Икбал удостаивается звания магистра философии, он некоторое время преподает экономику и философию в лахорском востоковедческом колледже. В этот период он знакомится с профессором кафедры философии данного колледжа англичанином Томасом Арнольдом, с которым впоследствии у него завязываются тесные дружеские отношения. В 1904 году Томас Арнольд возвращается в Англию, а в 1905 году туда же направляется и Мухаммад Икбал. преисполненный стремления продолжить образование и заняться сравнительным изучением восточной и западной философии и литерагуры. В Кембридже он знакомится с известнымп английскими учеными-востоковедами, иранистами и арабистами Э.Брауном. Р.Никольсоном, М.Теггертом и другими.

В годы пребывания в Лондоне М.Икбал всецело отдается изучению философскмх воззрений и творческого наследия ал-Кинди, Абунасра ал-Фараби, Абулала ал-Маарри, Абуали ибн Сина, Абурайхана ал-Бируни. Ибн Рушда и других средневековых ученых и мыслителей, труды которых написаны на арабском языке. О его достижениях и обширных познаниях не только в области арабоязычной философии, но и арабской литературы и арабского языка свидетельствует хотя бы тот факт, что, когда после блестя-щей защиты

докторской диссертации по философии в Мюнхенском университете Мухаммад Икбал вознамерился вернуться в Лахор, то упомянутый выше Томас Арнольд, уже профессор арабской кафедры Лондонского университета, приглашает его в 1908 году преподавать арабский язык и арабскую литературу студентам этого известного учебного заведения, на что Мухаммад Икбал отвечает согласием и работает там некоторое время в должности преподавателя. Второй раз его приглашают для преподавания истории арабской литературы в Оксфордском университете в 1934 году, но состояние здоровья вынуждает его отказаться от этого предложения и возвратиться в Индию.

Все это свидетельствует о том, что Мухаммад Икбал считался не только выдающимся поэтом и ученым - философом, но и пользовался авторитетом глубокого знатока и специалиста в области арабского языка и арабской литературы. И поэтому, конечно же, обширные познания в области арабского языка, древней арабской поэзии и устного народного творчества арабов, их средневековой и современной истории, а также его отношение ко многим происходившим в его эпоху политическим. социальным и культурным событиям в арабских странах не могло не отразиться в его художественном наследии, в его поэтических творениях.

В первую очередь, в его стихах довольно часто встречаются образы героев древней арабской повести, которой нет печальнее на свете-Меджнуна и Лейлы. Эти образы, олицетворяющие верность и преданность несчастных влюбленных, чистоту и кристальность их любви, приносящей им в то же время неимоверные страдания и муки, в стихах Мухаммада Икбала находят несколько иную интерпретацию и наполнены совершенно другим содержанием. Это не описание любовных мук Кайса и Лейлы, стенаний и томлений их сердец и душ, и это не уподобление чувств поэта их переживаниям и даже не сравнение несчастий, выпавших на его долю, со страданпямп, испытаннымн легендарными влюбленными в том виде, как они изображены в многочисленных одноименных произведениях «Лейли и Меджнун». принадлежащих перу целой плеяды средневековых поэтов мусульманского Востока. В большинстве случаев, это - противопоставление мотивам знаменитой повести, как, например, в этом:

*Если Кайс уныло бродит по пустыне,*
*Значит, надеется встретить паланкин Лейли.*
*Но поскольку моя Лейли является горожанкой,*
*То не несут меня ноги в пустыню.*

Или же в этом:

*Не стал мой Кайс бредить паланкином Лейли*
*И не впал он в полное любовное безумство.*
*Он просто погас, как свеча, уйдя в небытие*
*Ведь что толку от витающих в небесах грез?*

Разумеется, данные примеры нельзя рассматривать только как обыгрывание известных всем средневековых мотивов на фоне совершенно иных временных и социальных условий, противопос-тавление им новых понятий. Их нельзя вообще рассматривать в отрыве от того контекста, которым наполнены стихотворения, откуда взяты данные примеры. Так, обращаясь к людям, не задумывающимся над смыслом своего бытия, над предназначением человека в жизни, не пытающимся утвердить свои принципы и волю к достижению лучшей жизни для своего народа и потому отстающим от стремительных изменений, происходящих в окружающей их действительности, Мухаммад Икбал говорит:

*Эй ты, чей осел хромает на трудной дороге жизни,*
*Но не ведает страсти к сражениям за жизнь!*

*Спутники твои давно дошли до искомых целей,*
*Унеся с собой, к Лейли из паланкипа, тот смысл,*
*что ищешь ты!*
То соли 1969 Свот бахше аз иёлати қабилаи Юсуфзайҳо, ки соли 1849 аз ҷониби Охунд Абдулғафур, ки бештар бо номи Саидубобо маъруф буд, идора мешуд буд, ки чун як давлати шоҳзодаҳои худмухтор фаъолият карда, баъди истиқлолият аз ҳукмронии Британиё ба Покистон ҳадя гардид [25].

Дар соли 1970 Свот чун як ноҳияи кӯҳистонӣ сабт гардида, марказаш шаҳраки Сайду Шариф бо шарофати Охунд Абдулғафур, ки аз суфиёни ҳукмрони ин минтақа буд тайин шуд, ки мардумони зиёде пайваста ба хотири боздид аз оромгоҳи ӯ дидан мекунанд.

Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки соли 1834 Саидубобо бо Дӯстмуҳаммад Баракзай дар ҷанги зидди сикҳо ҳамкорӣ кардааст.Дар ин зимн, Саидубобо бо Сайид Маъруф Бай, ки аз ҷониби Британиё дастгирӣ меёфт, дар муноқиша буд.Зеро ӯ бо Дӯстмуҳаммад Баркзай дар набард алайҳи сикҳо мухолифат мекард. (Haroon, Sana (2011). Frontier of Faith: Islam, in the Indo-Afghan Borderland. Hurst Publishers. ISBN 978-1849041836.)

Дертар соли 1863 Саидубоба ба Юсуфзай ва дигар гурӯҳҳо дар набард дар ағбаи Амбела бар зидди нерӯҳои британиёӣ ширкат карда, нақшаи тахти ягонаи Свотро пешниҳод намуд.Пас аз марги Акбаршоҳ дар соли 1857, Саидубобо то замони вафоташ дар соли 1878 идораи давлатро ба ӯҳда дошт [18].

**Мафҳуму маънои мафҳуми Свот**

Тибқи дарёфтҳо маънои Свот ҳамчун Сувасту дар Ригведа зикр шудааст, ки маънояш "манзили одилона"-ро ишорат шуда, аммо дар забони санскритӣ маънои «оби кабуди шаффоф»-ро ифода мекунад [21].

**Масоҳат ва ҷойгиршавӣ**

Масоҳати умумии минтақаи Свот 5,337 километри мураббаъ буда, аз рӯи тақсимоти маъмурӣ, он аз ғарб бо Читрал, Дири боло ва Дири Поён, дар шимол Гилгит-Балтистон ва дар шарқ ва ҷанубу шарқ мутаносибан Куҳистон, Бунер ва Шангла иҳота шудааст. Дертар дар соли 1991 ба Бунер мақоми ноҳияи алоҳида дода шуд.

**Гурӯҳҳои этникӣ ва забонҳо**

Гурӯҳҳои этникии минтақаи Свот иборат аз қабоили паштунҳо, дуррониҳо (Абдолӣ),Юсуфзайҳо,гуҷҷарҳо (Гурҷар ё Гуҷҷор қавми этникӣ бодиянишин, кишоварзӣ ва чарогоҳӣ мебошанд, ки асосан дар Ҳиндустон, Покистон ва Афғонистон умр басар мебаранд),Торвалисҳо (Мардуми Торвалӣ як гурӯҳи этнолингвистии ҳинду ориёӣ мебошанд). Торвалиҳо нақл кардани афсонаҳои мардумӣ ва мусиқиро, ки бо ситор садо медиҳанд, қадр мекунад.

Мардуми Гаврӣ ё Коломи (Гаврӣ (ګاورى), ки бо номи Коломӣ (کالامي) ё Бошкарик низ маъруфанд, аз табори ҳинду ориёӣ буда, дар Кӯҳистони Свот, қад-қади водии дарёи Панҷкора, Дири боло ва Хайбар зиндагӣ карда, бо ин забон такаллум мекунанд.

**Мавқеи ҷуғрофӣ ва сайёҳии Свот**

Чи тавре ки зикр шуд, масоҳати ҷуғрофии Свот хело фаровон буда, аҳолиаш зиёда аз 2 миллион нафарро ташкил дода, аз савумин калонтарин ноҳияҳои Сарҳад-Хайбар Пахтунхваи Покистон аст, ки дар самти шимоли инҷо минтақаи Чатрол, дар ҷануб ноҳияи Бунир, дар шарқ ноҳияи Шонгла, дар ғарб Деровар Малоканд Эҷенси ва дар қисмати ҷануб-шарқ Дарбанд ҷойгиранд. Минтақа ба се бахш Своти болой, Своти поёнӣ,Своти куҳистонӣ тақсимбандӣ шудааст.Оиди мавқеи стратегии Свот лектори Донишгоҳи Пешовари Покистон Муҳаммад Али Динахел таҳқиқот бурда, мақолае зери унвони “Минтақаи Свот ва ҳаракати болшевикҳо” навишта аст, ки дар маҷаллаи “Central Asia Journal No. 85, Winter 2019” аз саҳифаи 95 то 117 ба чоп расидааст [6].

Шоёни зикр аст, ки гардишгарону дӯстдорони табиат барои сайру гашт ба манотиқи Моламҷабба, Догӣ, Кабал, Сийду Шариф, Шарифобод, Хоза хайла, Баҳрайн, Мадян, Колом, Ҷоргу обшор, Кабинҷаба, Милго ва Хазона сафар карда, аз зебоиҳои табии он ва боду ҳавояш ҳаловат мебаранд. Мингора яке аз калонтарин шаҳраки Свот аст.

Бояд қайд кард, ки Свот дорои деҳаҳоест, ки барои сайёҳон ва гардишгарон тамоми шароит муҳаё ва дастрас аст. Яке аз ин деҳаҳо Догӣ аст, ки дар водии Свот ҷойгир буда, зебоманзар аст. Инҷо аз шаҳри Кабал 2 км фосила дорад. Занони он бо ҳунарҳои дастӣ ва касбии худ касро ба ҳайрат меоранд. Аксари ҷавонони Догӣ босавод ва таълимёфта буда, дорои мактабҳои замонавӣ ва олӣ мебошанд. Дар мавсими гармо ва сармо дар ин минтақа фестивалу чорабиниҳои ҷолиб ба монанди чавгонбозӣ, аспсаворӣ ва рақси аспҳо, парашутбозӣ, кӯҳнавардӣ, барфбозӣ ва оташбозӣ (дар шаб) ташкил ва фароҳам мешавад, ки солона сайёҳони дохилию хориҷӣ аз он истифода мекунанд.

Хулоса, минтақаи Своти Покистон дар музофоти шимолии вилояти Сарҳад қарор дошта, яке аз макони сайёҳии ин кишвар аст, ки солона ҳазорон сайёҳҳони дохилию хориҷӣ аз ин маҳал дидан ба амал меоваранд [8].

Ин минтақа аз ҷониби Хайбар Пахтунхво идора мешавад ва яке аз манотиқи куҳистонӣ аст, ки ба буҷети давлат ҳазорон фоидаи иқтисодӣ ворид мегардад. Тибқи омор зиёда аз 35 дар сади даромади он сайёҳӣ ва 30 дар сади он аз зироат аст.

Мамлакати габроиҳо як давлати бузурги Империяи Ғуриҳо буда, дар ибтидо аз Кобул ва Ҳиндукуш, то Қаракорамҳо ва дарёи Ҷеҳлум ва Барамула мудирият мекард. Дар Покистон ҳудуди он аз Баҷаур, Моҳманд, Хайбар, Куррам, Дир, Читрал, Гилгит, Кӯҳистон, Свот, Бунер, Малаканд ва ноҳияҳои водии Пешовар дар шимоли дарёи Кобул, Чарсада, Мардон, Сваби якҷоя бо ноҳияи Ҳазораи саросари Ҳинд иборат буд.

Султон Баҳром дар аввал пойтахти худро дар деҳаи Папин, воқеъ дар доманаи қаторкӯҳҳои Сафед-Коҳ (Спин Ғар) дар Нингарҳори Афғонистон таъсис дод, дар ҳоле ки бародараш Султон Пакҳал заминҳои дар шарқ, то дарёи Ҷеҳлумро забт карда, пойгоҳи худро дар Манглаур дар водии Свот ташкил намуд.

Аммо Султон Баҳром бармаҳал аз олам даргузашт ва писаронаш бо ҳам ихтилоф карда, якдигарро куштанд. Амаки онҳо Султон Пакҳал маҷбур шуд, ки ба Папин рафта, барои барқарор кардани ҳукумати нав бо онҳо биҷангад.

Дар соли 1342 минтақаи Кашмир ба дасти Шоҳ Мир (баъдтар Султон Шамсуддин) аз табори Гибариҳо, ки қаблан дар онҷо иқомат мекард, гузашт ва баъдтар як салтанати алоҳидаи бузургро таъсис дод. Давлатдории аслии Гибарҳо аз ҷониби Пакҳли Саркар (маъруф бо номи Шоҳигарии Свот) ислоҳот ворид карда, ба тобеияти Салтанати калони Кашмир табдил ёфт. Баъдтар дар соли 1386, султони Кашмир мавқеи худро боз ҳам мустаҳкам карда, ба он қитъаҳои васеи Потоҳар дар ҷанубу шарқро илова кард.

Басо равшан аст, ки тоҷикон дар Вахон ва Ҳиндукуш вуҷуд доштанд. Ин боз аз он шаҳодат медиҳад, ки Гандҳара дар тӯли тақрибан 1000 сол пеш аз ислом як вилояти Форси Императорӣ боқӣ мондааст.

Он вақтҳо дар ин минтақа як қабилаи паштунҳо низ вуҷуд дошт, ки он замон ягона қабила буданду бо номи Дилазоқ паҳн шудаанд. Бештари афғонҳои Дилазак хеле дертар аз тарафи дарёи Ҳинд ба минтақаҳои Ҳазора ва Чочҳ аз ҷониби Юсуфзайҳои истилогар ва муттаҳидони онҳо, ки имрӯз ҳастанд, бадарға шуданд. Бештари онҳое, ки дар ақиб мондаанд, бо қабули номи қабилаи хешовандии Хаттак, ки дар ҷануби Пешовар воқеъ аст, ҳуввияти худро дигар карданд.

Дини Ислом бори нахуст тавассути Маҳмуди Ғазнавӣ ба минтақаи Гандҳора паҳн гардида, дар замони ҳукмронии Своти-Гибари тоҷикон ба водиҳо ронда шуданд, ки осораш то ҳол боқӣ мондааст. Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ исломро дар Кашмир тарғибу муаррифӣ кард, аз шахсони боэътимоди султонҳои Ҷаҳангири Свот буд. Ҳамин тариқ,

гибриҳову ҳиндуҳову мусалмонҳо якҷо дар раванди ташкили ҷомеа тахту тоз карда,мубориза мебурданд.

Дар соли 1398 Амир Темур сарзаминҳои канори рӯди Гангро ишғол карда, дар ин қисмати қаламрави салтанати шоҳзодаҳои тоҷик салтанати наверо бо номи "Поклӣ-Ҳазора” бунёд гузошт. Баъди юриши Темур қаламрави салтанати тоҷикон бо минтақаҳои Боҷаур, Дир, Читрол, Гилгит, Свот, Бунер, Маломканд, кӯҳистон ва водии Пешовар маҳдуд шуда, ба 4 вилояти Боҷаур, Свот, Бунер ва Ҳаштнигор тақсим шуд.

Подшоҳии тоҷикони Пакҳли Саркор дар натиҷа ба поён расид. Муҳоҷиратҳои оммавӣ ин минтақаро фаро гирифтанд, ки аз ҷануби Афғонистон ва қабилаҳои гуногуни паштуни қисмати Сарабонии Шарқӣ бо сарварии Юсуфзайҳо, ки бо иқдомоти сиёсии Темуриён барангехта буданд, фаро гирифта шуданд. Дар ҳамин вақт шоҳзодаи дигари темурии Фарғона Заҳируддини Бобур низ ба Ҳиндустон ҳамла кард. Ӯ дар соли 1519 ба Шоҳигарии Свот ҳамла карда, онро забт кард.

Сипас дар соли 1586 Кашмир низ ба дасти наберааш Акбар гузашт. Қабилаҳои паштуни Сарабонӣ, ки ба таври оммавӣ омаданашон дар ғарби Ҳинд мавзеъро зери об монда буданд, тақрибан дар ҳамон замоне, ки Бобур омада буд, тадриҷан дар сарзаминҳои Шоҳигарии Свот маскан гирифта, баъд дар ин минтақа ҳукмронии худро барқарор карданд. Ҳарчанд Шоҳигарии Свот дар соли 1519 сарнагун карда шуд, ба итмом расидани ғасби сарзаминҳои он аз ҷониби Юсуфзайҳо ва муттаҳидони онҳо дар тӯли 70 сол сурат гирифтааст. Ин раванд дар соли 1481 аз ҷониби Мирзо Улуғбек-шоҳзодаи Темуриён-сарони қабилаҳои онҳо дар Кобул оғоз ёфт, ки боиси хуруҷи оммавии онҳо ба самти шарқ гардид. Улуғбек амаки Бобур ва ҳокими Кобул буд.

Фатҳи водии Свот дар охири ҳамон сол аз ҷониби Юсуфзайҳо сурат гирифта, омехтаи фитнагарӣ, фиребу найранг ва таҷовузро ба кор бурда, губернатори вилояти Хаштнагарро пеш карданд.

Аммо дар бораи салтанати тоҷикони тобеи онҳо, ки дар тамоми манотиқи шимолии Покистон ва инчунин як бахши қобили мулоҳизае аз шимолу шарқи Афғонистон фаро гирифта шудааст, таҳқиқоту баррасиҳо кам сурат гирифтааст.

Шоҳигарии габриҳо ва султонҳои онҳо дар якчанд манобеъи илмӣ ба мисли «Табақат-и Носирӣ», «Тузуки Темурӣ», «Бобурнома», «Оини-акбарӣ», «Ҷаҳонгирнома», «Шоҳҷаҳонама», «Оламгирнома» ва «Сияр-ул-мутоҳириён» зикр шудааст. Дар ин зимн, Султонҳои Ҷаҳонгири ва замони онҳо аз ҷониби нависандагони барҷастаи мустамликавии Британиё, аз ҷумла Ҳ.Г.Раверти низ оварда шудаанд.

Аз тарафи дигар, донишманд ва таърихшиноси покистонӣ марҳум доктор Аҳмад Ҳасан Донӣ, гарчанде ки ӯ ба минтақаҳои шимолӣ тааллуқ дошт, ҳар гуна ёдоварӣ дар бораи Шоҳигарии Свотро рад карда, ба истиснои чанд ишорае, ки ӯ аз муаллифи англис иқтибос овардааст.

Ҳамин тариқ, ҳукмрониҳои Юсуфзайҳо, дар китобҳое чун “Таворих”-и Ҳофиз Раҳматхонӣ ва китобҳои ориф Охунд Дарвезо, аз қабили “Тазкиратул Аброр вал Ашъор” ба таври фаровон зикр шудаанд.

**Хулоса ва натиҷагирӣ**

Аз натиҷаи баррасиҳо метавон чунин хулосабарорӣ кард, ки минтақаи Осиё Ҷанубӣ аз ҷумла Покистон тоҷикон зиндагӣ ва ҳумронӣ кардаанд. То ба имрӯз дар кишвар мардумоне зиндагӣ мекунанд, ки бо доштани ному насаб ба монанди Мирзо Адиб, Аҳмад Бухорӣ, Хон, Охунзода, Бону Қудсия ва сабти пасванди “Тоҷик” дар номҳо ба мисли Суҳайл Ҳабиб Тоҷик ба таври возеҳ ба назар мерасад.

Бо истинод аз Ориф Охунзода, пажуҳишгари тоҷиктабори муқими Чорсадаи Покистон ва муаллифи мақолаи "Тоҷикҳои гумшудаи Покистон” дар инҷо ҳаракате ба номи “Тоҷик қавмӣ мувмент” ташкил шудааст, ки раҳбарии онро Нур Ҳабиб Свотӣ пешбурда, рӯзномае низ бо номи “Daily Anjam” чоп мешавад [20].

Ба андешаи ӯ то асри XV тоҷикон дар қаламрави ин кишвар ҳукумат дошта, бозабони модариашон гуфтугу мекарданд. Ба гуфтаи ӯ, дар ҳуҷуми сулолаи Темуриён тоҷикони зиёде кушта шуданд ва бархе ба кӯҳистон фирор карда, дар натиҷа забонашонро аз даст дода, бо забони “ҳиндко”, як забони наздик ба пашту суҳбат мекунанд. Дар минтақаҳои шимолии Покистон маҳаллаҳои Чорсада, Боло Ҳисор, Мардон ва деҳае дар шоҳроҳи Исломобод ба самти Пешавар қавмҳои тоҷиктабор умр ба сар мебаранд, ки имрӯз бо забони ба истилоҳ “кӯҳистонӣ” ҳарф мезананд.

Муаррихи покистонӣ изофа мекунад, ки тоҷикҳои бозмонда аз "мамлакати гибор” то ҳол дар Покистон буда, бештар бо "свотӣ” маъруфият доранд.

Ориф Ҳасан Охундзода дар хулосаи матлабаш меафзояд, ки ҳарчанд тоҷикҳои Покистон дар байни паштуҳо "гум” шуданд, вале таҳқиқоти анҷомшуда ва ҳатто ташхисҳои генетикӣ нишон медиҳанд, ки бархе қабилаҳои пашту, аз ҷумла қабилаҳои саробонӣ ва қабилаи ғалчӣ решаҳои рӯшани тоҷикӣ доранд ва зоҳиран бозмондаҳои он тоҷикҳои шалмонианд, ки дар 8 аср қабл дар ҳудуди Покистони имрӯза як салтанати бузурги шоҳзодаҳои тоҷикро бунёд карда буданд.

Тибқи сомонаи ББС ҷаҳонгарди тоҷиктабор аз Русия Саидаҳмад Давлаҳмадов Давлаҳмадов, ки дар нерӯҳои мусаллаҳи Иттиҳоди Шӯравӣ ва сипас Русия ба ҳайси дарёнаворд хидмат карда, аз соли 1979 дар шаҳри Владивостоки Русия, воқеъ дар Шарқи Дур, ба сар мебарад, ба бисёре аз кишварҳои осиёӣ, аз ҷумла Виетном, Куре ва Чин сафар карда ва маълумотеро дар бораи тоҷикони муқим дар ин кишварҳо ҷамъоварӣ кардааст. Саидаҳмад Давлаҳмадов мегӯяд, ки дар маркази қадимии фарҳангии ҷаҳон, аз ҷумла дар осорхонаҳои Эрон, Юнон ва бархе аз кишварҳои урупоӣ дар бораи тоҷикон иттилоъоти зиёде маҳфуз аст ва пайдо кардани онҳо аз аҳдофи аслии сафараш ба ин кишварҳост.[12]

Дар ниҳоят бояд таъкид кард, ки омӯзиши таърих ва қавму миллиятҳои он, аз ҷумла тоҷикон бо тамаддуну фарҳанг ва корнамоиҳову ҷасораташон дар партави китоби “Тоҷикон” муҳим арзёбӣ мегардад. Зеро бо чунин натиҷагириҳои омӯзишӣ метавон ҷомеа ва наслиояндаи онро ба сӯи маърифату худшиносӣ ҳидоят намуд.

**АДАБИЁТ:**


1. Mansour Shaki, "Gabr", in Encyclopædia Iranica, December 15, 2000
2. Ғӯриҳо.Ghurids", C.E. Bosworth, Online Edition, 2006
3. Давлатҳои аъзои созмони минтақавии СААРК https://www.saarc-sec.org/index.php/about-saarc/about-saarc (санаи муроҷиат 12.01.2023)
4. Донишномаи Маздисино دانشنامۀ مزدیسنا، اوشیدری، ۴۰۶
5. Душанбе ва Исломобод бародаршаҳр шуданд. Рӯзномаи Садои мардум.15.12.2022 ( https://sadoidushanbe.tj/archives/17296 санаи муроҷиат 07.08.2022)
6. Минтақаи Свот ва ҳаракати болшевикон. Journal “Central Asia” Volume No. 85/ Issue No. Winter 2019.pages 95-117
7. Мирсаид Раҳмонов. Аз ганҷинаи ниёгон ва таърихи миллат.Маҷаллаи “Осиё ва Аврупо”.№3,(7)2021.саҳ.190-199.
8. Мирсаид Раҳмонов. Нигоҳе ба макони саёҳатии тоҷикони Покистон https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/component/k2/item/443-nigo-e-ba-makoni-sajo-atii-to-ikoni-pokiston
9. Мирсаид Раҳмонов. Пайвандҳои потенсиалӣ ва геоэнергетикӣ ва коммуникатсионии Осиёи Миёна ва Ҷанубӣ. Рӯзномаи Фараж.02.08.2022 (https://farazh.tj/sahifai-asosy/jahon/pajvandhoi-potensialii-geojeenergetiky-va-kommunikatsionii-osijoi-mijona-va-anuby/ санаи муроҷиат 05.08.2022)
10. Муаррифии нашри урдуи китоби “Тоҷикон дар оинаи таърих” дар Лоҳур. Сомонаи Радиои Тоҷикистон. (https://radiotoj.tj/?p=13363)
11. Паёми Айнӣ ба писараш Камол.Азия плюс. 7.12.2022

12. Сурофи тоҷикон дар чаҳор сӯйи ҷаҳон. Сомонаи ББС. https://www.bbc.com/tajik/news/2009/01/090105_if_turist (санаи муроҷиат 10-уми январи 2023)
13. Таҷлили Рӯзи Иқбол дар ДМТ. (https://tnu.tj/index.php/tj/ta-lili-r-zi-i-bol-dar-dmt/ санаи муроҷиат 12.фев.2023)
14. Чашмандозе ба тоҷикони Покистон. Рӯзномаи "islamabad post" https://islamabadpost.com.pk/an-overview-of-the-pakistani-tajik-community/ (санаи муроҷиат 17 январи 2023)
15. Шарҳи ибораи мард ё mard" in David Neil MacKenzie (1986), *A Concise Pahlavi Dictionary*, London: Oxford University Press
16. Шарҳи ҳолӣ Элфинстон. https://en.wikipedia.org/wiki/Mountstuart_Elphinstone (санаи муроҷиат 15 январи 2023)
17. Ақаллиятҳо дар Покистон.The Express Tribune.2 September 2012
18. Haroon, Sana.Frontier of Fait: Islam in the Indo-Afghan borderland.2011.Hurst Publishers.
19. Mohiuddin, Yasmeen Niaz (2007). Pakistan: A Global Studies Handbook. ABC-CLIO. ISBN 9781851098019
20. Рӯзномаи Pakistan daily Anjam https://pakistaninewspaperlist.com/details.php?id=930
21. Susan Whitfield (2018). Silk, Slaves, and Stupas: Material Culture of the Silk Road. University of California Press. p. 136. ISBN 978-0-520-95766-4.
22. Abu'l-Fazl, 16-17th century. tr. H.S. Jarrett, v 2, p 397 (1891)
23. Иброҳим Усмон.Сарнавишти "Тоҷик".Душанбе-2015.саҳ.8
24. Муҳаммад Ахтар. "Тоҷик Своти ва мамлакати габр таърих ке оина ме"(Тоҷикони свот ва мамлакати габриҳо дар масири таърих. Карочӣ: "ЭС-ЭМ принтерз", 2002саҳ. 306).
25. Fredrik Barth, Features of Person and Society in Swat: Collected Essays on Pathans, illustrated edition, Routledge, 1981
26. Муҳаммад Ахтар "Тоҷик Своти ва мамлакати габр таърих ке оина ме"(Тоҷикони свот ва мамлакати габриҳо дар масири таърих. Карочӣ: "ЭС-ЭМ принтерз",2002саҳ. 368

## AN OVERVIEW ABOUT PLACE AND STATUS OF TAJIKS OF PAKISTAN
**(in honor of the 115th anniversary of Allama Babajan Gafurov)**

**RAHMONOV MIRSAID**
Seniour researcher at Institute of Asian and European studies, NAST.Address: Dushanbe, Rudaki avenue 33, Mob: 919293105, E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk

*In the following article, the author reviews the place and status of Tajiks in Pakistan and providing information that also mentioned in the book "Tajikon" by Babajan Ghafurov.*

*Thus, the researcher brought his reviews from various sources, including the book of the Pakistani writer Muhammad Akhtar about the Tajiks of the Swat region, and concluded his research accordinly.*

*Keywords: Tajiks, Babajon Gafurov, place and status, Swat, region, statehood, leadership, gibar, country, history.*

## ВЗГЛЯД НА МЕСТО И СТАТУС ТАДЖИКОВ ПАКИСТАНА
**(в честь 115-летия Аллама Бабаджана Гафурова)**

**РАХМОНОВ МИРСАИД**
старший научний сотрдник отдел Юго-Восточной Азии ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: г.Душанбе, просп. Рӯдакӣ33. Тел: 919293105. E-mail: esrp_mirsaid@yahoo.co.uk

*В настоящей статье автор рассматривает место и статус таджиков в Пакистане и приводит информацию, которая также упоминается в книге «Таджики» Бабаджана Гафурова.*

*Таким образом, исследователь привел свои обзоры из различных источников, в том числе из книги пакистанского писателя Мухаммада Ахтара о таджиках района Сват, и соответственно завершил свое исследование.*

*Ключевые слова: таджики, Бабаджон Гафуров, место и статус, Сват, регион, государственность, лидерство, гибар, страна, история.*

## ТӮРАҚУЛ ЗЕҲНӢ - МУҲАҚҚИҚ ВА МУНАҚҚИДИ ЗАБОНИ РӮЗНОМАИ «ОВОЗИ ТОҶИК»

**МАЙСАРА ҚУРБОНОВА**

Корманди Сафорати Ҷумҳурии Қазоқистон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Тел.: +992 93 180 31 42. E-mail: maisara-71@mail.ru

*Масъалаҳои ба вуҷуд омадани матбуоти тоҷик, худшиносӣ ва масоили забони адабии тоҷикон, забони рӯзномаи “Овози тоҷик” ва ислоҳу такомули он мавриди тадқиқ қарор гирифтааст. Дар мақола забони рӯзномаи “Овози тоҷик” ва хизмати Тӯрақул Зеҳнӣ дар таҳлилу баррасиҳои забони ин рӯзнома баррасӣ шудааст. Ба вуҷуд омадани нашрияҳои чопӣ, мубоҳисаҳо дар атрофи аз куҷо гирифтани асоси забони тоҷикӣ, таъкиди ҷиддии Зеҳнӣ дар бобати мавҷудияти забони мукаммал барои давраи нав ва насли ҷадид, нақши шахсиятҳои барҷаста дар ҳалли ин масъалаҳоро муаллиф бо намунаҳои равшан нишон додааст. Дар натиҷа, ба кору хизматҳои Тӯрақул Зеҳнӣ чашмандози наве карда, маслиҳату машваратҳои пурарзиши ӯ барои рӯзноманигорону забоншиносон ва саҳми ӯ дар пешрафти матбуоти тоҷик таъкид мегардад.*

***Калидвожаҳо**: забон, матбуот, расонаҳо, “Овози тоҷик”, ислоҳи забон, услуб, истилоҳ, забони чопагӣ*

Дар оғози солҳои 20-уми асри XX дар муҳити адабии Бухоро ҷунбишҳои ислоҳотхоҳона ба вуҷуд омаданд, ки он нишонаи бедории фикрии мардум буд. Тақсимбандии марзиву миллии Осиёи Миёна ва поягузории фарҳангу адабиёт ва рӯзномаву маҷаллаҳо ҳамзамон заминаро барои омӯзиши фароху амиқи забону адабиёт, таъриху ҷомеашиносӣ, ҷуғрофияву кишваршиносӣ, иқтисоду саноат ва ғайра фароҳам меовард.

Дар ин давра заминаҳо ва омилҳои мухталифи таъсиргузор барои пайдоиш ва ташаккули матбуот – рӯзномаю маҷаллаҳо ба вуҷуд омада буданд.

Рӯзномаҳо, маҷаллаҳо, дар ҳаёти ҳар халқ барои бедории фикрии мардум, расонидани навиду навгониҳо ва афкори пешқадам ба омма нақши бузурге доранд. Дар Осиёи Миёна бо кӯшишҳои фарзандони ҷоннисори тоҷикон ва бо таъсири фарҳанги аврупоӣ дар муҳити аморати Бухорои шариф дигаргуниҳо ба миён омад ва дар натиҷаи ҳаракати озодихоҳӣ расонаҳои тоҷикӣ пайдо шуданд. Дар солҳои 20-30-юми асри XX барои ташкил шудани рӯзномаҳо, эҳёи миллати тоҷик ва забони он аз ҷониби фарзандони баномус ва шарифи тоҷик муборизаҳо ба миён омаданд ва дар натиҷаи ин муборизаҳо матбуоти тоҷик бунёд гардид.

Дар ин давра нашрияҳои наве ба забони тоҷикӣ ба монанди “Овози тоҷик” (1924), “Бедории тоҷик” (1925), “Мулло Мушфиқӣ” (Ширинкор) ва “Дониш ва омӯзгор” (1926), “Раҳбари дониш” (1927) ба вуҷуд омаданд, ки нашри силсилаи адабиёти соҳаҳои мухталифро ба забони тоҷикӣ, кӯшишҳои ҷиддиву пайваста дар сохтмони забони адабӣ ва тағйири хату алифбо, таърихи шаклгирии илму адабиёт ва фарҳанги миллии нави тоҷикиро дар давраи пас аз инқилоб бозгӯ мекунанд.

Шаҳрҳои Тошканд ва Самарқанд, ки пештар бо таъсири фарҳанги Русияи подшоҳӣ барои хондан шароити мусоид доштанд ва толибилмони мадрасаҳо ва ҷавононаш нисбат ба минтақаҳои дигар бедортар буданд. Ҳатто рӯзномаю маҷаллаҳое, ки дар минтақаи Қафқоз ва Русияи подшоҳӣ, Туркия ва Эрон чоп мешуданд, дар Самарқанд ва Тошканд бештар нуфуз пайдо мекарданд.

Ҳамин ҷараён дар тарбияи насли нави инқилобӣ, ки аз руҳияи худшиносии миллӣ бархурдор буданд, саҳми бештар дошт. Дар арафаи Инқилоби Октябр аз даҳсолаи аввали асри XX дар Самарқанд ташкили рӯзномаҳои маҳаллӣ тадриҷан фаъол ба назар мерасид. Ташкили рӯзномаҳои “Бухорои шариф”, “Овози Самарқанд”, маҷаллаи “Туркестанские ведомости” дар Тошканд тавонист аз ҳисоби зиёиёни рӯшанфикри Самарқанд насли рӯзноманигорони наверо ба вуҷуд орад.

То ба вуҷуд омадани ин падидаи миллӣ рӯзномаю маҷаллаҳои “Бухорои шариф” (1912),”Ойина” ва “Самарқанд” (1917) “Шуълаи инқилоб” (1919) заминаи ба вуҷуд омадани рӯзномаи “Овози тоҷик” (1924), “Дониш ва омӯзгор” (1926), “Раҳбари дониш” (1927) буда, дар муаррифии тоҷикон ва даъвои сиёсию фарҳангии ин миллати куҳанбунёд асос гузоштааст.

Фарзандони шарафманди тоҷик Чинор Имомов, Шириншоҳ Шоҳтемур саъю талош ба кор бурданд, то ки мактабҳои тоҷикӣ бунёд шуда, китобҳои дарсию рӯзномаҳо ба забони тоҷикӣ нашр шаванд. Моҳи декабри соли 1923 онҳо ба Кумитаи Марказии Ҳизби Коммунистии Туркистон нома навишта, пешниҳод карданд, ки бо забони тоҷикӣ рӯзнома таъсис дода шавад. “Дар вақти ҳозира ба забонҳои ҳамаи халқҳои сернуфузи Туркистон рӯзномаҳо нашр мешаванд... Фақат бо забони тоҷикӣ ягон чиз чоп намешавад, ҳол он ки тоҷикон қисмати басе назарраси аҳолии Туркистон, бахусус вилояти Самарқандро ташкил медиҳанд”, - навишта шуда буд дар номаи онҳо [2.].

Ҳамин тариқ, 25-уми моҳи августи соли 1924 бо қарори КМ ВКП дар шаҳри Самарқанд бо номи “Овози тоҷики камбағал” шумораи аввалини ин рӯзномаи тоҷикӣ ба чоп расид.

Рӯзномаи “Овози тоҷик”, ки соли 1924, баъд аз чор соли Инқилоби Бухоро ба вуҷуд омад, як гурӯҳ рӯшанфикронеро, ки дар давраи пеш аз инқилоб таҷриба андӯхта буданд, дар дафтари худ ҷамъ овард. Дар замоне, ки дар Самарқанд, ин шаҳри бостонӣ маҳдудкунии ҳуқуқи тоҷикон зиёд мегардид, ташкили чунин рӯзномае бо номи “Овози тоҷик” ҷасорати баланди озодихоҳии миллиро тақозо менамуд.

Аввалин сармуҳаррири он Ҳасани Ирфонӣ буд. Сармуҳаррирони дигар Қурбӣ, Муҳаммадҷони Ҳасанӣ, Садрулин ва ғ. буданд. Устод Садриддин Айнӣ, Нисор Муҳаммад, Т.Зеҳнӣ, А. Муҳиддинов, С.Ализода, А.Сатторӣ ва дигар рӯшанфикрону маорифпарварон бо “Овози тоҷик” фаъолона ҳамкорӣ мекарданд ва мақолаҳо менавиштанд.

Бояд қайд намуд, ки дар ташкили ин рӯзнома тоҷикони минтақаҳои гуногун аз ҷумла, Шириншоҳ Шотемур (Бадахшон), Чинор Имомов (Панҷакент), Тӯрақул Зеҳнӣ

(Самарқанд), Б.Азизӣ (Истаравшан) ва дигарон саҳм доштаанд. Минбаъд онҳо дар нуфуз ва ташаккули ин рӯзномаи миллӣ бо ҷасорату талоши рустамона манфиатҳои мардуми тоҷикро дар саҳифаҳои ин рӯзнома ҳифз менамуданд.

Рӯзномаи "Овози тоҷик" дар муддати кутоҳ тавонистааст, ки гурӯҳи калони адибон ва ноқидони замонро дар атрофаш ҷамъ созад. Адибони шинохта С.Айнӣ, А. Лоҳутӣ, П.Сулаймонӣ, С.Ҷавҳаризода, Б. Азизӣ, Р.Ҳошим, Т.Зеҳнӣ ва дигарон ба ривоҷи ин рӯзнома ва тарғиби масъалаҳои адабиёт ва накди адабӣ хеле назаррас аст [25.].

Дар нашрияҳое, ки солҳои 20-уми асри XX ба вуҷуд омаданд, таваҷҷуҳ ба адабиёт ва афкори навин, масъалаҳои расму одати тоҷикон ва шаклгирии забони адабии тоҷик, табдили хату алифбо хеле зиёд ба назара мерасанд.

Устод Айнӣ зимни таҳияи китоби таърихии «Намунаи адабиёти тоҷик» (саҳ. 200-212) аз маводи рӯзномаи «Овози тоҷик» фаровон истифода намуда, чунин менигорад: «Мо аз ашъоре, ки дар ин рӯзнома дарҷ ёфта, намунаҳо нақл хоҳем кард»[13.7]. Дар шумораҳои гуногуни ин рӯзнома, ки аввалин нашрияи ҳаррӯзаи тоҷикӣ будааст, намунаҳо аз шеърҳои Абулқосими Лоҳутӣ, Ҷавҳарии Истаравшанӣ, Асадуллоҳи Кошонӣ, Тамҳиди Самарқандӣ ва дигарон дарҷ гардидаанд.

Бояд гуфт, ки рӯзномаи "Овози тоҷик" сарчашмаи беҳамтои шинохти асарҳои назмиву насрии адибони солҳои 20-ум ба шумор меравад.

Рисолати ин нашрияҳо низ ҳалли масъалаҳои мубрами он замон, ба монанди наздик кардани забони адабӣ ба забони омма, табдили алифбо ва хат, шиносонидани намунаҳои назму насри онвақта ба одамон, расонидани навгониҳо ба мардум ва инъикоси рӯйдодҳои замона буд. Ин нашрияҳо, алалхусус, нашрияи "Овоз тоҷик" рисолати худро ба хубӣ иҷро карда тавонист.

Рӯзномаи "Овози тоҷик" дар ин рӯзҳо аз чанд ҷиҳат манфиатҳои мардуми тоҷик ва бедории миллии минтақаҳои тоҷикнишинро инъикос менамуд.

1. Забони тоҷикӣ дар саҳифаҳои "Оаози тоҷик" мавҷудияти худро нишон медод;
2. Расму оини мардуми ин сарзамин ва идҳои миллии тоҷикон дар мақолаҳои кормандони рӯзномаи "Овози тоҷик" батафсил нишон дода мешуд;
3. Маводи адабию таърихӣ дар саҳифаҳои ин рӯзнома аз мавҷудияти ин миллати куҳанбунёд шаҳодат дода, тоҷиконро ба гуфтаи Устод Айнӣ, ҳамчун "қавми муаззам ва соҳибтамаддун" муаррифӣ мекард

Ин нуктаҳо бештар дар мақолаҳои илмию адабии Устод Садриддин Айнӣ, Тӯрақул Зеҳнӣ, Собит Манофзода, Азизӣ, Фитрат, Раҳим Ҳошим, Обид Исматӣ, Одилзода ва дигарон ба назар мерасанд.

Ин шахсиятҳои фарҳангию адабӣ аз зумраи зиёиёне мебошанд, ки аз таҷрибаи рӯзноманигорони русию туркӣ баҳраманд шуда, дар ташкили рӯзномаи "Овози тоҷик" саҳми намоён доштанд.

Дар солҳои 20-уми асри XX бо масъалаи забони адабии тоҷикӣ хеле муҳим гардид. Мунаққид ва муҳаққиқ Абдухолиқ Набавӣ дар ин бобат навиштааст: "Дар Осиёи Марказӣ, ки тоҷикон халқи аз ҳама қадим ва сернуфуз ба шумор меомаданд, якбора пас аз хоби шаби баъди ду инқилоб безабону таърих ва беҳувият шуда хестанд. Бинобар ин якчанд муддат ба ин забон аз ҳар тараф ҳамлаҳо мешуд, пеши роҳи ба воситаи матбуот интишор доданаш баста мегардид, дар доираҳои расмӣ онро эътироф намекарданд, ё форсии эронӣ медонистанд ё яҳудӣ мехондандаш..." [4.].

Дар масъалаи забони адабии тоҷик асосан ду ақида пешниҳод шуда будааст, як гурӯҳ тарафдори қабул кардани забони умумии форсӣ ё ин ки байналмилалчиён ва гурӯҳи дигар тарафдори хостани забони содаи авоми тоҷик будаанд.

Муҳаққиқ Абдухолиқ Набавӣ ин равандро ба мушоҳида мегирад ва ҷонибдории устод Айниро дар нисбати забони мардум таъкид менамояд: “ Устод Айнӣ худро ҷонибдори забони омма эълом дошта навишта буд: “Худи ман тарафдори фикри дувумӣ (хостани забони содаи авоми тоҷик) ҳастам” [4.].

Забони мардум таваҷҷуҳи бисёр муҳаққиқонро ба худ кашид ва боиси ихтилдофоти зиёде ҳам гардид. Тӯрақул Зеҳнӣ дар ин муборизаҳо ба тарафдории фикри Устод Айнӣ бархоста, муҳимоти ин масъаларо бо чунин андешаҳо асоснок мекунад: “Забон меваи зиндагонии иҷтимоӣ аст. Бинобар ин, бояд забони адабӣ мувофиқи руҳу табиати ҳамон халқе, ки онро пайдо кардааст, наздик бошад. Вагарна халқ ба ҷойи ин ки аз он баҳра ва фоида бардорад, баръакс нафрат мегирад ва аз он дур мешавад” [19.].

Вазъи он рӯзи мубоҳисаҳо дар байни аҳли илму адаб баҳсу мунозираҳоеро ба вуҷуд овард, ки имрӯз ҳам дар атрофи онҳо андеша кардан ба манфиати забону фарҳангу забони миллат хоҳад буд. Нурмуҳаммад Одинаев вазъи онрӯзаи забони адабиро ба мушоҳида гирифта, ҳар яки моро дар нисбати манфиатҳои миллӣ масъул медонад: “Чунин вазъ донишмандонро барои интихоби забони адабӣ вогузор кард ва баъд аз мақолаи устод Айнӣ дар атрофи ин масъала мубоҳисаҳои зиёд ба вуҷуд омад. Бояд қайд кард, ки ғайр аз Мунзим дигар ҳама донишмандон мисли устод Айнӣ, Икромӣ, А.Муҳиддинов, Зеҳнӣ, Н.Бектош, Азизӣ ва дигарон ба он ҷонибдор буданд, ки забони адабӣ аз ҳисоби забони омма ва маҳалли муайян интихоб шавад. Дар ин масъала гуфтугузорҳои зиёде шуда бошанд ҳам, ба ягон хулосаи даркорӣ омадан ғайри имкон буд. Баҳс ба дараҷае расид, ки як гурӯҳ лаҳҷаи Бухоро ё Самарқандро асос гирад, гурӯҳи дигар онро аз сабаби зери забонҳои туркӣ-арабӣ будан қабул намедоштанд”.(4)

Масъалаи ба миён омадани забони содаи оммафаҳм бо масъалаи худшиносии мардуми тоҷик робитаи бевосита дошт.

Минбаъд, забони адабии ҷорӣ дар асоси «забони одии мардум» (истилоҳи Зеҳнӣ) ва ё ба истилоҳи С.Айнӣ «забони содаи авоми тоҷик» аз ҷониби аҳли илму фарҳанги Тоҷикистони онрӯза қабул гардид.

Маҳз дар ҳамин давра ба вуҷуд омадани рӯзномаи “Овози тоҷик”, ба гуфтаи устод Айнӣ, омили муҳиме барои ба гӯш расидани “овози тоҷик” гардид. “Овози тоҷик” минбари зиёиён барои баёни фикру ақида, мубоҳисаву баррасӣ ва муҳокимаи масъалаҳои худшиносии миллӣ ва забону адабиёти тоҷикӣ шуд. Дар саҳифаҳои рӯзномаи “Овози тоҷик” зиёда аз 50 мақолаву мубоҳисаҳо оид ба забони адабии тоҷикӣ ва хату алифбои нав ба табъ расидааст.

Дар ин бобат Устод Айнӣ, Раҳими Ҳошим (Мим), Аминзода, Бухорӣ, Б.Икромӣ, Муъинзода, Мунзим, Сухарева, Баҳлулзода, Шаҳристонӣ, Деҳотӣ муаллифони фаъол буда, мақолаҳояшон дар рӯзнома чоп шудааст.

Тӯрақул Зеҳнӣ ҳамчун яке аз муаллифони доимии “Овози тоҷик” мақолаҳои зиёде навишта, фикрҳои худро дар масъалаҳои баҳсии забону адабиёти тоҷик, забони рӯзнома, камбудиҳо дар баёну услуб ва ҷумлабандиҳои мақолаҳо, озодии забони рӯзнома, дар бораи алифбои нав ва забони адабии тоҷик иброз доштааст.

Дар силсилаи мақолаҳои Зеҳнӣ, ки дар солҳои 1925-1928 дар рӯзномаи «Овози тоҷик» ба табъ расидаанд, масъалаи тарғиби худшиносии миллӣ мавқеи калидӣ дорад.

Дар ин солҳо зиёда аз 20 мақолаи Зеҳнӣ чоп шудааст, ки зикри номи баъзеи онҳоро лозим медонем:

1. Саёҳат ба Тоҷикистон, соли 1925, 4 июн;
2. Бузургшоири нахустини тоҷикон - устод Рӯдакӣ, соли 1925, 13 август;
3. Аҳамият ба деҳот бидиҳед, соли 1925, 9 сентябр;
4. Тамом кардани бесаводӣ аз байни халқ, соли 1925, 28 сентябр;
5. Масъалаи бисёр муҳими тоҷикон, соли 1926, 5 август;
6. Курси педагогии такрории тоҷикон, соли 1926, 10 август;
7. Тоҷикон фаромӯш нашаванд. Ба муносибати ройюнсозӣ, соли 1926, 21 август
8. Мубоҳиса дар бораи забон ва адабиёт, соли 1926, 25 май, 6,9,17,19 июн
9. Базму тамошои тоҷикон, соли 1926, № 98
10. Забони “Овози тоҷик”, соли 1926, №100,
11. Забони “Овози тоҷик” соли 1928, 26 август
12. Вазифаи матбуоти тоҷикӣ дар бораи забон, соли 1928, 26 ноябр
13. Дар бораи алифбои нав, соли 1928, 30 сентябр
14. Фикри ман дар бораи забони чопагӣ, соли 1928, 4 ва 6 декабр

Зеҳнӣ асоси худшиносиро дар саводнокии мардум ва бедории фикрии онҳо мебинад: Дар ҷойи дигаре Зеҳнӣ қувваи азими худшиносӣ ва худогоҳии миллиро дар босаводии мардум ва худфидоии муаллимони кишвар мебинад: «Ҳақиқатан, имрӯз касе, ки худро муаллими сурхи шӯрой гуфта, даъво мекунад, бе ҳеҷ узру баҳона муаллимии деҳотро ба гардан мегирад ва деҳотиёнро, ки фарсангҳо аз шаҳр ақиб монда, дар пастии нодонӣ ва ҷаҳолат афтодаанд, аз рӯи меҳрубонӣ ва инсонпарварӣ ба канори шафқати таълим ва тарбияи сурх мекашад. Аз чоҳи ҷаҳл ва аз гирдоби хурофот берун меоварад. Димоғи ононро бо зиёи дониш ва биниш равшан ва мунаввар мегардонад» [8.].

Тӯрақул Зеҳнӣ ба масъалаҳои ҷашнҳо ва урфу одатҳои тоҷикӣ низ дахл карда, дар бораи қадимиву ориёӣ будан ва бо забони ширини тоҷикӣ гап задани мардуми Хуҷанд дар мақолаи «Базм ва тамошои тоҷикӣ» чунин навиштааст: «… шаҳри Хуҷанд, яке аз шаҳрҳои кӯҳнаи тоҷикон аст. Хушҳавое ва дилкушое, иқлими ӯ дар китобҳои кӯҳна бисёр зикр мешавад. Халқи даруни шаҳр ба ҷуз аз се чаҳор гузар саропо ҳама тоҷиканд ва мансуб ба ирқи ориё ҳастанд…забонашон сирф тоҷикист. Шакли калимаҳоро хеле накӯ нигоҳ доштаанд...» [16.].

Зеҳнӣ ба масъалаҳои забони адабии чопагӣ таваҷҷуҳи хосаву алоҳида нишон дода, дар рӯзномаи “Овози тоҷик” якчанд мақолаҳо навиштааст.

Ӯ махсусан ба забону услуби рӯзномаи “Овози тоҷик” диққат дода, фикрҳои худро баён менамояд, дилсӯзона камбудиву мусоҳилакориҳоро нишон медиҳад, барои рафъи ин норасоиҳо маслиҳату машварат медиҳад.  Ба муносибати дусолагии “Овози тоҷик” соли 1926 ва ҳам чорсолагии он соли 1928 таҳти унвони “Забони “Овози тоҷик” мақолаҳо навишта, ҳусну қубҳи забони онро батафсил таҳлил мекунад.

Зеҳнӣ менависад, ки мақсад аз ин таҳлилу баррасиҳои забони рӯзнома ин аст, ки бояд кӯшиш ба кор бурда як забони сабуки адабии асрии форсии авомфаҳм дар Шарқ ба вуҷуд оварда ва хонандагони рӯзнома ба омӯхтани қоидаҳои арабӣ ва донистани калимаву истилоҳҳои он маҷбур набошанд. “Бояд акнун забони мо як қадам аз бандигӣ ба бандагии забонҳои бегона озод бошад” [4.].

Ӯ аҳли суханро ба  ба муҳокима мекашад ва аз аҳли забони ин минбари муҳими зиёиёни тоҷикро дилсӯзона  ба риояи меъёрҳои забони адабӣ даъват мекунад: “Дар

давраи рафиқ Қурбӣ забон монанди ҷиҳатҳои дигари рӯзнома лангу лол буд. Вақтҳое меомад, ки ҳар як мақола ва хабар бо як забони махсус ва услуби алоҳида дар саҳифаҳои рӯзнома намоён мешуд, ҷумлаҳои сахт ва мушкил, луғату истилоҳҳои арабии ноошно ва вайрон ба кор мерафт.

...Дар давраи Муҳаммадҷони Ҳасанӣ монанди тарафҳои дигар рӯзнома, дар забон ҳам хелеислоҳот ба амал омад. Аз нависандагони устоди тоҷик барои ислоҳи забон рафиқ Ҳоҷӣ Муъин таъин карда шуд. Як вақтҳо ман ва устоди муҳтарам рафиқ Айнӣ рӯзномаро аз назар гузаронида, дар ҳар ду ҳафта дар маҷлис танқид ва ислоҳи хатоҳоро арз ва тақдим менамудем ва дар ин бора музокира мерафт...

Имрӯз давраи рафиқ Садрулин ба назар ҷилва мекунад. Мебинем, ки монанди тарафҳои дигар дар забон хеле осонӣ ва сабукиҳо ҳосил гаштааст... хатоҳо дуруст карда, душвориҳо осон мегардад..” [19.].

Аз навиштаҳои Зеҳнӣ маълум мегардад, ки рӯзномаи “Овози тоҷик” дар аввал мушкилоти зиёде доштааст, аз услубу ҷумлачинии бесарунӯг ва чигил, таъбиру луғатҳои бегона ва ноошно пур шудааст. Ва кор ба ҷое расидааст, ки бисёре аз ҷавонони тоҷик ҳам аз хондани он нафрат карда, дурӣ гузиданд. Аммо бо шарофати тадбирҳои зиёиён, ба вижа, устод Айнӣ ва шогирдонаш, ба кори рӯзнома таҳриргарони хуб ҷалб шуда, забону услуб ва техникаи рӯзнома ҳам рӯз то рӯз беҳтар шудааст.

Дертар Зеҳнӣ дар саҳифаҳои ин рӯзнома дар бобати забону услуб ва ифодаи маҷаллаи “Раҳбари дониш”, камбудиву комёбиҳои он  низ андешаҳои худро рӯи коғаз меорад.

Ӯ ба муҳаррирони вақти рӯзнома маслиҳат медиҳад, ки забони рӯзнома бо як услуби муайян пеш бурда, дар мақолаҳо ҷумлаю ибораҳои кӯтоҳу соддаю равон истифода шаванд, якрангӣ дар истилоҳҳо риоя гардад, истилоҳҳои нав аз забони зинда ба миён оварда ва мувофиқи қоидаи забон дуруст карда шаванд. Зеҳнӣ ба масъулони рӯзнома чунин тавсияҳо медиҳад:

1.Ҷумла ва ибораҳои кӯтоҳ, содда, равон, ҳамафаҳм ва ширин бошад;

2. Якрангӣ дар истилоҳҳо, чунонки дар як ҷо нест кардани бесаводӣ ва дар як ҷои дигар маҳви бесаводи навишта нашавад;

3. Дар бораи зоёндани истилоҳҳо ба забони зинда муроҷиат карда, мувофиқи қоидаи забон дуруст карда шавад;

4. То як андоза ба маҳалгариҳои танг роҳ дода нашвад;

5.Бо услуби вайрони одии халқ рафта нашавад.

6. Забони рӯзнома бо як услуби муайян, бо ифодаи равшан пеш бурда шавад. (19)

Ӯ менависад “Мақсад аз наздик кардани забон ба халқ он аст, ки мо чӣ қадар аз халқ нуктаҳои муҳими забонро ба кор андохта, забони чопаро бой кунем, ҳамон қадар ҳам бояд мо ба халқ услуб, ифода, луғат ва истилоҳ ёд диҳем. Халқро ба забони чопа наздик кунем. Бинобар ин, агарчи забон аз зиндагонии иҷтимоӣ ҳосил шуда бошад ҳам, дар айни замон барпокунандаи зиндагии иҷтимоӣ шумурда мешавад... Фақат ҳиммат аз ҷавоннависандагони тоҷик буда, дар ин майдон қалами худро ба ҷавлон даронанд” [22.].

Бояд бигӯем, ки эродҳое, ки Тӯрақул Зеҳнӣ ба ин рӯзнома гирифтааст имрӯз ҳам ҷон доранд ва ҳоло ҳам баъзе рӯзномаҳои кишвар аз ин камбудиҳое ки устод номбар кардаанд, орӣ нестанд ва агар аз тавсияҳои Зеҳнӣ истифода мекарданд, бар фоидаи корашон мебуд.

Устод Зеҳнӣ ҳамеша барои бардоштани обрӯю нуфузи забони тоҷикӣ, соддаю равон будани он, ба мардуми одӣ наздик ва фаҳмо будани забон кӯшиш мекард.

Зеҳнӣ дар мақолаи худ "Фикри ман дар бораи забони чопагӣ" дар бораи масъалаҳои баҳсталаби забон чунин менависад:

"Қисми бузурге тарафдори содда кардан, ба халқ наздик будани забони чопаи ҳозираро лозим дониста, дар ин бобат мегуфтанд: "Забони адабии ҳозираро аз таъсири ҷумлабандӣ, гуфтугузори эронӣ халос кардан лозим, нуктаҳои муҳими шева ва лаҳҷаҳои гуногуни тоҷикро ба кор даровarда забони чопаро бой ва фарох кардан даркор аст"... Ман тарафдори фикри охирин будам." [23.].

Аз ин метавон хулоса намуд, ки дар ҷабҳаи қабули «забони содаи авоми тоҷик» чун забони адабӣ Зеҳнӣ ҳамфикри устод С. Айнӣ буда, ҳар ду барои ба забони адабии нав бештар ворид шудани унсурҳои забони гуфтугӯии тоҷикӣ мекӯшиданд.

Дар баробари ин барои таъини роҳу усул ва истифодаи забон аз гузашта, аз саргаҳу оғози маънавии худ мадад меҷӯяд ва ба омӯзиши гузашта ҳидоят мекунад. Зеҳнӣ гуфтааст: «Барҳақ забон ва истилоҳ оинаест, ки тафаккури миллатро дар фосилаи муайяни таърих дар худ инъикос мекунад» (16).

## АДАБИЁТ:


1. Айнӣ С. Намунаи адабиёти тоҷик. – Москва:Чопхонаи нашриёти марказии халқии Ҷамоҳири Шӯравии Сусиёлистӣ, 1926. - 626 с.
2. Мавод аз Википедиа дар бораи "Овози тоҷик". Муроҷиат 12.03.2023.
3. Гулмуродзода П. Биё биншину бишнав овози тоҷик – Душанбе: Эҷод, 2007. - 64 с.
4. Забони тоҷикӣ дар мабнои мубоҳисаҳо. /Маҷмӯаи мақолаҳои солҳои 20-ум, Душанбе: Ирфон, 2007. - 715 с.
5. Зеҳниева Ф., Олимова П. Зеҳнӣ дар дилу дидаи дӯстон, (хотираҳои аҳли сухан дар бузургдошти Т. Зеҳнӣ) – Душанбе: Ирфон, 2007. - 216 с.
6. Зеҳнӣ Фарзона. Зиндаёд // «Омӯзгор», 2003, 2 май.
7. Зеҳнӣ Т. «Шоири бузурги нахустини тоҷикон». /Дар бораи Рӯдакӣ// «Овози тоҷик», 1925, 7, 12 август.
8. Зеҳнӣ Т. Аҳамият ба деҳот бидиҳем // «Овози тоҷик», 1925, 11 сенябр.
9. Зеҳнӣ Т. Тамом кардани бесаводӣ дар байни халқ // «Овози тоҷик», 1925, 28 сентябр.
10. Зеҳнӣ Т. Муаллими 25-солаи тоҷикон. /Дар бораи Шакурӣ// «Овози тоҷик», 1925, 15 октябр.
11. Зеҳнӣ Т. Мусиқанавози панҷоҳсолаи тоҷикон. /Дар бораи Хоҷа Абдулазиз// «Овози тоҷик», 1926 , 31 май.
12. Зеҳнӣ Т. Мусоҳиба дар бораи забон ва адабиёт // «Овози тоҷик», 1926, 25 май, 5, 17 июн, 9 июл.
13. Зеҳнӣ Т. Масъалаи бисёр муҳими тоҷикон // «Овози тоҷик», 1926, 5 август.
14. Зеҳнӣ Т. Курси педагогии такрории тоҷикон // «Овози тоҷик», 1926, 10 август.
15. Зеҳнӣ Т. Тоҷикон фаромӯш нашаванд. Ба муносибати роюнсозӣ // «Овози тоҷик», 1926, 21 август.
16. Зеҳнӣ Т. Базм ва тамошои тоҷикӣ // «Овози тоҷик», 1926, 24 август.
17. Зеҳнӣ Т. Дар атрофи маорифи тоҷик // «Овози тоҷик», 1926, 28 сентябр.

18. Зеҳнӣ Т. Ба муносибати округи Хуҷанд // «Овози тоҷик», 1926, 5 октябр; Зеҳнӣ Т. Маҷаллаи ҳаҷвии Мулло Мушфиқӣ. /тақриз// «Овози тоҷик», 1926, 14 октябр.

19. Зеҳнӣ Т. Забони «Овози тоҷик» // «Овози тоҷик», 1928, 26 август.

20. Зеҳнӣ Т. Маҷлиси ботантанаи чаҳорсолагии «Овози тоҷик»// «Овози тоҷик», 1928, 30 август.

21. Зеҳнӣ Т. Дар бораи алифбои нав. / Ба муносибати анҷумани нави тоҷик // «Овози тоҷик», 1928, 30 сентябр.

22. Зеҳнӣ Т. Вазифаи матбуоти тоҷикӣ дар бораи забон // «Овози тоҷик», 1928, 26 ноябр.

23. Зеҳнӣ Т. Фикри ман дар бораи забони чопагӣ // «Овози тоҷик», 1928, 4, 6 декабр.

24. Зеҳнӣ Т. На сих сӯзад на кабоб. / Дар бораи забон // «Овози тоҷик», 1929, 21 январ. / Ҷавоб ба мақолаи Обид Исматӣ. «Забони адабии тоҷик чӣ гуна мешавад» // «Овози тоҷик», 1929, 1 январ.

25. Шакурӣ М. Хуросон аст ин ҷо! Маънавият, забон ва эҳёи миллии тоҷикон/М.Шакурӣ. – Душанбе: Оли Сомон, 1997.

## ТУРАКУЛ ЗЕХНИ ИССЛЕДОВАТЕЛЬ И КРИТИК ЯЗЫКА ГАЗЕТЫ “ОВОЗИ ТОДЖИК”

**МАЙСАРА КУРБОНОВА**
Сотрудник Посольства Республики Казахстан в Республике Таджикистан
Тел.: +992 93 180 31 42. E-mail: maisara-71@mail.ru

*Изучению вопросы возникновения таджикской прессы, самопознаниее и вопросы литературного таджикского языка, языка газеты «Голос таджика» и его реформирования и совершенствования посвящается эта статья. В статье рассматривается язык газеты «Голос таджика» и вклад Туракула Зехни в анализе и обзорах языка этой газеты. Появление печатных изданий, дискуссии о том, где взять основу таджикского языка, серьезный акцент Зехни на существование полноценного языка для новой эпохи и нового поколения, роль выдающихся личностей в решении этих вопросов, показаны на понятных примерах. В результате, по-новому внимание придается работам и услугам Туракула Зехни, освещаются его ценные советы и консультации для журналистов и языковедов, его вклад в прогресс таджикской прессы.*

***Ключевые слова****: язык, пресса, СМИ, «Голос Таджика», языковая коррекция, стиль, термин, печатный язык.*

## TURAKUL ZEHNI RESEARCHER AND LANGUAGE CRITIC OF THE NEWSPAPER "OVOZI TOJIK"

**MAISARA KURBONOVA**
Employee of the Embassy of the Republic of Kazakhstan in the Republic of Tajikistan
Tel.: +992 93 180 31 42. E-mail: maisara-71@mail.ru

*This article is devoted to the study of the emergence of the Tajik press, self-knowledge and questions of the literary Tajik language, the language of the newspaper "Voice of Tajik" and its*

*reform and improvement. The article discusses the language of the newspaper "Voice of Tajik" and the contribution of Turakul Zehni in the analysis and reviews of the language of this newspaper. The appearance of printed publications, discussions about where to take the basis of the Tajik language, Zehni's serious emphasis on the existence of a full-fledged language for a new era and a new generation, the role of prominent personalities in solving these issues are shown with understandable examples. As a result, new attention is given to the works and services of Turakul Zehni, his valuable advice and consultations for journalists and linguists, his contribution to the progress of the Tajik press are highlighted.*

***Keywords**: language, press, mass media, "Voice of Tajik", language correction, style, term, printed language.*

## ПРЕДПОСЫЛКИ РАЗВИТИЯ КУЛЬТУРНЫХ И ЛИТЕРАТУРНЫХ СВЯЗЕЙ В ПЕРИОД НЕЗАВИСИМОСТИ

**КАРИМОВА ШОХОНА ТОЛИБОВНА**
научный сотрудник Института изучения проблем стран Азии и Европы НАНТ. Адрес: 734025. г. Душанбе, проспект Рудаки, 33 ; тел: 918-77-88-77 e-mail: mehrofarin@list.ru

*В данной статье говорится об основах развития литературных и культурных связей между Таджикистаном и арабскими странами за последние 30 лет. На самом деле, в период независимости Таджикистана развивались таджикско-арабские литературные, культурные и научные связи, факторы формирования которых перечислены в настоящей статье.*

*Основной причиной развития этих отношений является официальная встреча Лидера нации уважаемого Эмомали Рахмона с главами арабских государств и обсуждение вопросов укрепления двусторонних отношений. После таких встреч Таджикистан провел свои дни культуры в нескольких арабских странах, а также в Таджикистане прошли дни культуры нескольких арабских стран, о которых можно прочитать в этой статье.*

*Также проведение совместных конференций, семинаров, литературно-политических встреч с интеллигенцией Таджикистана и арабских стран, перевод, интерес исследователей этих стран к литературе друг друга привели к развитию отношений между Таджикистаном и арабскими странами.*

***Ключевые слова:** культурные связи, литературные связи, период независимости, Саудовская Аравия, Кувейт, Катар, ОАЭ, Египет, Палестина, дни культуры, официальная встреча, цивилизация.*

В период обретения Республикой Таджикистан независимости одним из факторов развития международных связей и сотрудничества в различных областях общественной жизни стало признание более чем 170 странами мира суверенитета Таджикистана. В соответствии с Декларацией о независимости Республики Таджикистан: «Республика Таджикистан как самостоятельный субъект международного права устанавливает дипломатические, консульские, торговые и иные отношения с иностранными государствами, осуществляет обмен полномочными представителями и заключает международные договоры» [3, 94].

По сути, именно в период Независимости Таджикистана истории развития таджикского народа, межкультурные взаимосвязи и взаимоотношения с другими

странами, в том числе с арабским Востоком, вышли на качественно новый уровень, о чем свидетельствуют ряд важных для страны политических и общественных событий, к которым можно отнести открытие посольств ряда крупных арабских стран, таких как Саудовская Аравия, Катар, Объединённые Арабские Эмираты и Палестина в столице Таджикистана – Душанбе, и с другой стороны открытие посольств Республики Таджикистан в Саудовской Аравии, Катаре, Кувейте, в Объединённых Арабских Эмиратах и Египте, сыгравшие конструктивную роль в интенсификации этих отношений.

Ключевым событием в развитии таджикско-арабских литературных взаимосвязей стал визит Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона по случаю 50-летия Генеральной Ассамблеи ООН в Нью-Йорк, а также его встреча с официальным представителем Короля Саудовской Аравии Султаном ибн Абдулазизом [12, 35]. Благодаря этому визиту 22 февраля 1992 года были установлены дипломатические отношения между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовской Аравии (КСА), которое признало суверенитет Республики Таджикистан 11 января 1992 года и стало одной из первых стран, признавших независимость Республики Таджикистан.

Открытие Посольства Республики Таджикистан в Эр-Рияде в сентябре 2008 года и назначение Заробиддина Косими Чрезвычайным и Полномочным Послом Республики Таджикистан в Королевстве Саудовской Аравии и Постоянным представителем Республики Таджикистан при Организации исламского сотрудничества (с 2020г. – по настоящее время эту деятельность осуществляет Акрам Карими), а также открытие Посольства Королевства Саудовской Аравии в Республике Таджикистан, первым Чрезвычайным и Полномочным представителем, которого стал Бандар Мухаммад Джамиль Махмуд, (с сентября 2016 г. по февраль 2021 г. –Мухаммад аль-Бади, и с февраля 2021г, по ныне доктор Валид аль-Ришайдан является Чрезвычайным и Полномочным послом КСА в Республике Таджикистан) сыграло значимую роль в расширении политических и общественных взаимодействий, и на этой основе в создании благоприятных условий для развития научных, литературных и культурных связей арабских стран с Таджикистаном.

Вслед за открытием Посольства Саудовской Аравии в Душанбе, 29 марта 2013 года в Национальной библиотеке Таджикистана при участии заместителя министра иностранных дел Королевства Саудовской Аравии Амира Абдулазиза ибн Абдулла ибн Сауда открылся культурный уголок посольства, в котором, начиная с 2 сентября 2013 г., были представлены более 3200 наименований книг на арабском языке, включая словари, книги по географии и истории, учебники арабского языка и многое другое [7,1]. Также, в 2013-2021 гг. здесь было организовано бесплатное обучение арабскому языку для желающих изучить этот язык.

На очередной встрече, посвящённой «20-летию Шанхайской организации сотрудничества», было подписано соглашение, согласно которому Королевство Саудовская Аравия присоединилось к Шанхайской организации сотрудничества в качестве партнера по диалогу. Следует отметить, что помимо ШОС в качестве партнеров по диалогу к ОБСЕ присоединились и другие арабские государства как Катар и Египет. Это историческое событие можно назвать важнейшим шагом в дальнейшем развитии всесторонних отношений, в том числе культурных и литературных, между названными арабскими странами и Таджикистаном.

В деле укрепления культурных взаимоотношений Таджикистана с другими странами наряду с организацией и продвижением деятельности культурных уголков, в

частности арабского, значимую роль играют общества и учреждения, среди которых наибольшую активность проявляет «Общество Дружбы и культурных связей Республики Таджикистан с зарубежными странами», при котором 10 июля 2012 года с целью укрепления научных и культурных связей Таджикистана с арабскими странами было организовано общество «Таджикистан - Саудовская Аравия».

По инициативе председателя Общества дружбы «Таджикистан- Саудовская Аравия» известного таджикского арабиста Таджиддин Мардони было организовано ряд встреч таджикских ученых-арабистов с арабскими деятелями науки и литературы. Например, в апреле 2013 года был проведен конкурс среди студентов арабского отделения Таджикского исламского института имени Имама А'зама - Абуханифы Ну'мана ибн Сабита (ТИИ имени Имама А'зама), на котором декламировались стихи на арабском языке. Также этим центром инициирован республиканский конкурс чтецов Корана под названием «Заучивание и чтение Священного Корана», прошедший с 10 по 12 мая 2013 года. Подробную информацию о деятельности Общества дружбы «Таджикистан-Саудовская Аравия» можно найти в журнале «Дусти» и на сайте Таджикского общества дружбы и культурных связей с зарубежными странами (ТОДКС) - www.friendship.tj [17,1].

Посольство Саудовской Аравии в Душанбе также предпринимает действенные шаги по расширению и укреплению литературного сотрудничества. Так, в мае 2017 года в ходе встречи с послом Саудовской Аравии в Душанбе Абдулазизом аль-Бади в Институте изучения проблем стран Азии и Европы Национальной академии наук Таджикистана, был рассмотрен ряд политических, научных, литературных и культурных аспектов таджикско-арабских взаимоотношений. В рамках этих встреч были достигнуты договорённости с институтами Королевства Саудовской Аравии по научным и культурным программам с целью дальнейшего усовершенствования знаний сотрудников института в области арабистики.

Одним из движущих факторов активизации межкультурного диалога является проведение международных конференций с участием представителей литературы и науки обеих стран, в ходе которых происходит обмен научным и творческим опытом. Так, в апреле 2017 года по инициативе кафедры восточных языков Таджикского государственного университета языков имени Сотима Улугзаде и при участии посла Королевства Саудовской Аравии в Таджикистане Абдулазиза ибн Мухаммада аль-Бади и посла Катара в Республике Таджикистан Али Мубарака аль-Муханнади состоялась научно-практическая конференция на тему «Навруз в творчестве арабских и персидских литераторов» [14, 48-49], в ходе которой ученые и литераторы рассматривали вопросы, связанные с историей, литературой, культурой и ценностями национальной культуры, а это в свою очередь является доказательством признания литературной, философской и культурологической мысли таджиков арабскими странами.

В последние годы участились официальные визиты представителей посольства КСА в государственные учреждения Таджикистана и проведение литературных встреч, оказавших влияние на развитие социально-политических, экономических и культурных взаимосвязей Таджикистана с арабскими странами. Одним из важнейших шагов в этом направлении является проведение Дней культуры Королевства Саудовской Аравии в Таджикистане, состоявшиеся 3 мая 2018 года в г. Душанбе, в рамках, которого творческая делегация из арабских стран смогла познакомиться с достижениями таджикского народа в различных областях культуры, литературы и искусства.

5 мая 2018 года состоялась встреча Министра культуры Республики Таджикистан Шамсиддина Орумбекзаде с главой официальной делегации Дней культуры Королевства Саудовской Аравии в Республике Таджикистан, начальником Управления культуры и информации Министерства культуры и информации Королевства Саудовской Аравии Ахмадом-аль-Музейадом, который, отмечая значимость литературных взаимосвязей для дружественных народов, заявил: « Мы народы двух стран, имеем много общего в языке, музыке и поэзии, и проведение Дней культуры нашей страны в Таджикистане расширит рамки этих общностей» [15, 2]. На этой встрече было подписано Соглашение о культурном сотрудничестве между Республикой Таджикистан и Королевством Саудовской Аравии, согласно которому стороны в дальнейшем будут обмениваться мнениями и опытом в рамках фестивалей и культурных диалогов обеих стран.

В рамках этого мероприятия 5 мая 2018 года в Государственном театре оперы и балета имени Садриддина Айни была организована выставка народных промыслов и концертная программа арабских артистов, на которой Ахмад аль-Музейад, подчеркивая значение проведения дней культуры для развития литературных связей, отметил: «Дни культуры Саудовской Аравии в Таджикистане являются первым шагом, предпринятым Саудовской Аравией в рамках программы Дней культуры Саудовской Аравии за рубежом. Этот шаг является доказательством заинтересованности руководства нашей страны в расширении сотрудничества с Таджикистаном» [8, 5].

В расширении сферы взаимодействия литератур большое значение имеет и развитие переводческого процесса, посредством, которого происходит творческое усвоение художественного опыта литературы одного народа другим. Понимая значимость этого процесса для развития литературных связей и соединения культур таджикского и арабского народов, при Союзе писателей Таджикистана был открыт центр переводов, одной из сфер деятельности, которого является перевод художественной литературы. Встречу председателя Союза писателей Таджикистана Низома Косима 28 января 2020 года с послом Саудовской Аравии Абдулазизом ибн Мухаммад аль-Бади, в ходе которой рассматривались различные аспекты литературных связей между двумя странами, также можно назвать действенным шагом в укреплении литературных связей. Отмечая важность таджикско-арабских литературных связей для укрепления дружбы и сотрудничества обеих народов, Низом Косим в частности отметил, что в создании бесценных сокровищ персидско-таджикской литературы арабский язык сыграл немаловажную роль, поскольку многовековые связи таджикской и арабской цивилизаций способствовали развитию данного феномена [6,5]. Также было отмечено, что в развитии литературных взаимосвязей и укреплении дружбы народов Азии и Африки, в том числе с арабским миром, неоценимый вклад внесли выдающиеся таджикские литераторы Садриддин Айни и первый председатель Комитета солидарности с народами Азии и Африки - Мирзо Турсунзаде [6, 5]. Абдулазиз аль-Бади также выразил удовлетворение созданием центра переводов при Союзе писателей и деятельностью арабского сектора и сообщил, что и в дальнейшем будет содействовать организации двусторонних литературных мероприятий и развитию переводческого процесса в обеих стран [6, 5].

Об активизации двусторонних литературных связей в период независимости Таджикистана свидетельствует также издание исторических книг и произведений арабских литераторов в Таджикистане, примером чему является издание в 2009 году в Эр-Рияде Саудовской Аравии сборника статей лидера нации Эмомали Рахмона под названием «Взгляд на наследие великого имама Абу Ханифы Ну'мана»[21] в арабском

переводе доктора Абдулваххаба Аллуба, Назрулло Назара, Акрама Карими и Салохиддина Насриддина, а также издание произведений современных арабских писателей Халида аль-Фейсал и Аиза Карани в переводе на таджикском языке свидетельствует о развитии взаимосвязей в двух странах.

Республика Таджикистан в период обретения независимости наряду с Королевством Саудовской Аравии установила литературные и культурные связи и с другими арабскими странами. К числу арабских стран, одной из первых признавших независимость нашей страны, относится Кувейт, дипломатические отношения с которой были установлены 31 марта 1995 года. Важным этапом в развитии литературно-культурных взаимосвязей между Республикой Таджикистан и Государством Кувейт стало открытие Посольства Республики Таджикистан в Кувейте (24 июня 2013 года), посредством, которого осуществлялись регулярные политические и культурные диалоги, ставшие важным инструментом последующего расширения отношений между двумя странами [10,1]. Об обоюдном стремлении стран к укреплению межлитературного сотрудничества свидетельствуют следующие факты:

1. Важным событием в культурной жизни двух стран стал официальный визит Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона (16 мая 2016 года) в Кувейт и участие главы государства в презентации книги «Таджики в зеркале истории». Издание четвёртой части книги Лидера нации Эмомали Рахмона «Таджики в зеркале истории» (в переводе на арабский язык Акрама Карими под редакцией Назруллы Назара) [16,1].

2). Проведение Дней таджикской культуры в Кувейте. В годы независимости Дни культуры Таджикистана в Кувейте впервые были проведены 2 апреля 2015 года по случаю 20-летия установления дипломатических отношений между двумя странами, второй раз с 24 по 28 марта 2016 года. Проведение концертных программ с участием фольклорных ансамблей (20 ноября 2018 г.), и организация выставок картин фотографий и народных промыслов таджикского народа в театре имени Абулазиза Абулриза в столице Кувейта при участии представителей дипломатического корпуса, свидетельствуют о признании таджикской литературы и культуры, в особенности в арабском мире.

3). Проведение Дней культуры Кувейта в Республике Таджикистан совпало с 25-летием установления дипломатических отношений между Таджикистаном и Кувейтом. Официальное открытие Дней культуры Кувейта в Таджикистане состоялось 15 октября 2019 года в Театре оперы и балета им. С.Айни с участием руководителя официальной делегации Дней культуры Государства Кувейт в Республике Таджикистан, заместителя генерального секретаря Национального совета культуры, литературы и искусства Государства Кувейт Бадра аль-Дувайши, во время которой официальная делегация Кувейта представила картины кувейтских художников и исторические картины, в которых отразились дружба и сотрудничество между Таджикистаном и Кувейтом [10,1].

16 октября 2019 года в Таджикском национальном университете состоялась выставка книг, изданных при поддержке Совета культуры, литературы и искусства Кувейта. Также в рамках дней культуры была проведена встреча студентов факультета «Азии и Европы» Таджикского национального университета с известным кувейтским поэтом Ибрагимом аль-Халиди и кувейтской делегацией, на которой состоялся обмен мнениями между таджикскими и арабскими литераторами и почитателями литературы по вопросам творческого освоения национальными литературами эстетических богатств и литературных тенденций, на котором приняли участие народные поэты Таджикистана Гулрухсор, Гульназар и известный таджикский арабист Назрулло Назар [18,1].

4. Издание произведений таджикских писателей в арабских странах. В 2006 году в Кувейте вышел сборник стихов известных таджикских поэтов Гулрухсор и Гульназара под названием «Гули рухсор ва гули назар» [23], посредством которого арабский читатель смог познакомиться с современной таджикской поэзией.

В 2019 году в Кувейте вышел в свет поэтический сборник таджикского поэта Доро Наджота под названием «Хаёлвораи шеър» («Поэтические мысли») [20] на арабском языке в переводе Н. Назара. Также дважды (впервые в Душанбе (1998 г.) [1] и второй раз в Москве (1999 г.) [2] издавался сборник стихов известного кувейтского поэта Суада ас-Сабаха «Хаймаи қудсии сухан» («Шатер святого слова») в таджикском переводе Н. Назара и Гульназара. Следует подчеркнуть, что издание переводных произведений в рамках культурного обмена между двумя странами - Кувейтом и Таджикистаном, является одним из мощных стимулов сближения и взаимообогащения литератур.

Кувейтские журналы также принимают активное участие в представлении произведений современных таджикских писателей и поэтов арабскому читателю. Так, в кувейтском журнале «аль-Баян» под рубрикой «Два поэта из Таджикистана» опубликованы образцы поэзии таджикских поэтесс – Гулрухсор и Фарзоны в арабском переводе Н. Назара [4,3]. Или же в кувейтской газете «Кабас» представлены два стихотворения Исфандиара Назара в арабском переводе Н Назара. [19,1].

Из чего можно заключить, что после обретения Таджикистаном независимости культурные связи двух стран вступили на качественно новый этап, в результате которого была создана благоприятная среда для последующего расширения и углубления литературных взаимосвязей между Таджикистаном и Кувейтом в этой сфере.

В период независимости нашей страны культурные взаимоотношения Таджикистана укреплялись и с Государством Катар, дипломатические отношения с которым были установлены 13 декабря 1994 года. Двусторонним связям способствовало открытие в городе Душанбе Посольства Государства Катар (ноябрь 2012г.) и Посольства Республики Таджикистан в Дохе (май 2013г.).

8 февраля 2018 года с целью обсуждения перспектив развития дипломатических и культурных взаимосвязей между двумя странами Посол Таджикистана в Катаре Хисрав Сохибзаде встретился с советником эмира Катара и заместителем премьер-министра, доктором Хаммадом ибн Абдулазизом аль-Кавари, в ходе которой были достигнуты соглашения по проведению Дней таджикской культуры в Катаре (с 22 по 28 ноября 2018 г.). В рамках этой программы творческая делегация Таджикистана ознакомилась с деятельностью Национальной библиотеки Катара [9].

Примечательно, что таджикский арабист Саидрахмон Сулаймони занял первое место на Международной конференции переводчиков, состоявшейся 11 - 12 декабря 2018 года, которая прошла в Дохе при участии эмира Катара Шейха Хамада.

С.Сулаймони является членом-корреспондентом Академии арабского языка в Каире (Арабская Республика Египет) и посвятил 22 года своей жизни подготовке «Арабско-таджикского словаря», [13] получившим признание Египетской научной организации.

Следует подчеркнуть, что на высоком уровне находятся и литературные взаимосвязи Таджикистана с Арабской Республики Египет. Египет тоже является одной из первых стран, признавших независимость Республики Таджикистан в 1992 году. Дипломатические отношения между двумя странами были установлены 1 апреля 1993 года. Таджикско-арабские литературные связи особое развитие получили в годы, когда

послом Таджикистана в Египте был Н. Назар (2007 -2015 гг.). В настоящее время эту миссию выполняет Заробиддин Косими.

Важное место в развитии культурных связей занимает проведение культурных мероприятий на различном уровне. Следует отметить, что издание целого ряда книг таджикских литераторов в Египте также можно назвать одним из факторов укрепления двухстороннего сотрудничества стран в области литературы. В этом плане издание четырехтомного труда Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Таджики в зеркале истории» [11] в арабском переводе известного арабиста Н.Назара можно назвать фактом большого научного и культурного значения. Следует отметить, что три тома этой книги в арабском переводе дважды (2009 и 2011гг.) издавались в Египте. Четвертый том книги также был издан в Каире (2013 г.) и в Кувейте (2014 г.). Таким образом, историческая книга Президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона сначала была издана в Египте, а затем в Кувейте. В 2017 году в Каире вышел в свет сборник стихов, подготовленный Н. Назаром под названием «Парокандабаргхо», (Рассыпанные листья) [22], в котором представлен арабский перевод поэтических сочинений таджикских поэтов современного периода.

В плане развития и укрепления межкультурных взаимоотношений с арабскими странами большой интерес представляют литературные взаимосвязи Таджикистана с Объединенными Арабскими Эмиратами. Дипломатические отношения между Таджикистаном и Объединенными Арабскими Эмиратами (ОАЭ) были установлены 18 декабря 1995 года. Посольство Таджикистана в ОАЭ открылось в 2011 году, а 17 марта 2007 года в Дубае приступило к работе Генеральное консульство Республики Таджикистан. С 18 мая 2016 года Чрезвычайным и Полномочным Послом Республики Таджикистан в ОАЭ является Баходур Шарифи, а с 21 ноября 2017 года в Республике Таджикистан в качестве Чрезвычайного и Полномочного Посла ОАЭ осуществляет свою деятельность Мухаммад Султан аль-Джабер. Проблемы сотрудничества двух стран в области науки, образования и культуры стали предметом обсуждения в 2014 году на заседании Межправительственной комиссии Республики Таджикистан и Объединенных Арабских Эмиратов, в ходе которой были установлены пути и формы плодотворного взаимодействия литератур.

В частности, событием культурного значения можно назвать приезд в Таджикистан делегации арабских писателей, поэтов и профессоров Национального университета Дубая и их участие в литературной встрече, состоявшейся 27 сентября 2017 года в Национальном университете Таджикистана, где они выступили со своими поэтическими и прозаическими сочинениями[5, 600].

Такая же большая официальная творческая делегация из Объединенных Арабских Эмиратов в составе Мухаммада Камиля аль-Муайни – директора Академии культуры в Дубае, Насыра аль-Захири - писателя и члена Союза писателей ОАЭ, Марьям аль-Шиноси – директора издательства «Ясамин», Фатимы аль-Накби - главы Департамента культуры Шарджи, и представителей крупных туристических компаний Объединенных Арабских Эмиратов посетила Таджикистан 8 мая 2018 года [5, 600].

Следует подчеркнуть, что благодаря провозглашению Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном 2009 год – «Годом Великого Имама Абу Ханифы» взаимный интерес арабских стран и Таджикистана обрел большие масштабы.

В целом, можно сделать вывод, что с обретением Таджикистаном независимости таджикско-арабские литературные и культурные связи значительно укрепились и вступили на новый качественный уровень, поскольку именно в этот период Республика

Таджикистан стала развивать многовекторные отношения и связи с арабскими странами, в том числе с Саудовской Аравией, Катаром, Кувейтом, Объединенными Арабскими Эмиратами, Египтом, Палестиной и др. Подписание соглашений между двумя странами, проведение Дней культуры и Дней открытых дверей, создание и развитие деятельности обществ и переводческих центров, проведение официальных визитов и научных конференций, а также литературных встреч с участием ученых и писателей обоих народов – все это способствовало усилению межлитературных связей. В расширении литературных взаимосвязей большую роль сыграло и издание книги президента Республики Таджикистан Эмомали Рахмона «Таджики в зеркале истории» [11], в Египте и Кувейте, перевод на арабский язык и издание научного труда главы государства «Взгляд на наследие великого имама Абу Ханифы Ну'мана»» в Эр-Рияде, а также перевод и издание произведений современных таджикских поэтов в Египте и в Кувейте. Одним из важнейших факторов активизации литературных взаимосвязей стало обращение ученых и литературоведов обеих стран к изучению и научной интерпретации истории, научных, литературных и культурных достижений народа, с которым связывает общность судеб, мировоззренческие тенденции, скрепленные многовековыми культурными связями.

Таким образом, теоретическое осмысление проблем взаимосвязи и взаимовлияния литератур таджикского и арабского народов показывает, что расширение литературных взаимосвязей таджикского и арабского народов обусловлены их мировоззренческими, контактными и типологическими связями.

**ЛИТЕРАТУРА:**


1. Ас-Сабоҳ Суод. Хаймаи қудсии сухан. (аз арабӣ ба тоҷикӣ тарҷумаи Гулназар Келдӣ ва Назруллоҳи Назар).-Душанбе: Сурушан, 1999.-73с.
2. Ас-Сабоҳ Суод. Хаймаи қудсии сухан. (аз арабӣ тарҷумаи Гулназар Келдӣ ва Назруллоҳи Назар).-Москва: Трансдорнаука, 1999.-62с.
3. Каримова Ш. Т. Робитаи фарҳангии Тоҷикистон бо Арабистони Саудӣ. // Паёми Суғд. – Хуҷанд: Ношир, №10, 2020. –106с, с. 94.
4. Каримова Ш. Т. Нашри шеъри ду шоира аз Тоҷикистон дар Кувайт. // Гулистони дониш. №4 (49), 2022, саҳ.3.
5. Қаландарзода С. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Амороти Муттаҳидаи Араб дар соҳаҳои илму маориф ва фарҳанг. // "Тоҷикистон дар масири таърих: истиқлолият, дастовард ва дурнамо" // Маводи симпозиуми байналмилалӣ (қисми 2)- Душанбе: Дониш, 2021. - саҳ.595-603.
6. Мирзозода А. Суҳбат бо сафир / Адабиёт ва санъат, 30-юми январи соли 2020, №5 (2028), саҳ. 5.
7. Нусратуллоева Раъно, АМИТ "Ховар", Душанбе, 13 сентябри соли 2013, www.khowar.tj.
8. Намоиши фарҳангии тамаддуни арабҳо дар Душанбе. // рӯзномаи ИмрӯзNews, 7 майи 2018, саҳ. 5.
9. Пудинаев У. Дурнамои ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Қатар. Маводи симпозиуми байналмилалӣ (қисми 2)- Душанбе: Дониш, 2021. -745с, с. 642-648.
10. Пудинаев Умед. Тоҷикистону Кувайт: дурнамо ва роҳҳои густариши ҳамкориҳо. https://osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi ilmi/maqolaho/item/739-to-ikistonu-kuvajt-durnamo-va-ro-oi-gustarishi-amkori-o.

11. Рахмонов. Э. Таджики в зеркале истории: От Арийцев до Саманидов. Книга первая. – Лондон: Флинт ривередишнс Грит Британйн, 1999. -240с.

12. Саидов З. "Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявление политики "открытых дверей", - Душанбе, 2015.- 315 с, с. 35.

13. Сулаймонӣ Саидраҳмон. Фарҳанги арабӣ – тоҷикӣ. Чопи дуюми ислоҳшуда ва иловашуда. –Душанбе: Эр–граф, 2016. –1564с.

14. Тиллоев Ф. Ҷавонон - таъмингарони равобиту дӯстӣ. Маҷаллаи Дӯстӣ, № 1-2, соли 2017, саҳ. 48-49.

15. Файзалӣ Фарзона. Рӯзҳои фарҳангии Шоҳигарии Арабистони Саудӣ дар Тоҷикистон / Ҷумҳурият, 7 майи соли 2018, № 89 (23432) –саҳ. 2.

16. www.president.tj

17. www.friendship.tj

18. www.vfarhang.tj

19. www.albayan.ae/paths/books.

**Литература на иностранном языке:**

20. Doro Najot. Mukhayalata-l-masoid.– Kuweyt: Almajalisu-l-watani lilsaqofati wa-l-funun wa-l-odob. – 2019, 72p.

21. Rahmon Emomali. Nazaratu ila turosi Imomu-l-a'zam abi Hanifa Nu'mon. Murojia wa mutobiqatu bi-l-asli: Nazrullo Nazar. – Riyoz: "Doruttayyiba", 2009 – 90p.

22. Nazrullo Nazar. Awroq mutafarriqa. – Qohira: «Shamsu linnashru wa-l-a'lom», 2018 – 235p.

23. Wardatu fi-l-khud wa ukhro finnazar. Qasoidu sho'ir Gulnazar wa sho'ira Gulrukhor min Tojikiston. Tarjama: Nazrullo Nazar. –Kuwait, 2006, -82p.

## ЗАМИНАҲОИ ГУСТАРИШИ РАВОБИТИ ФАРҲАНГӢ ВА АДАБӢ ДАР ДАВРАИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

**КАРИМОВА ШОҲОНА ТОЛИБОВНА**

ходими илмии Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупои АМИТ, Нишонӣ: 734025, ш. Душанбе, проспект Рудакӣ, 33; тел: 918-77-88-77 e-mail: mehrofarin@list.ru

*Дар мақолаи мазкур сухан роҷеъ ба заминаҳои густариши равобити адабиву фарҳангии Тоҷикистон бо мамолики Араб дар 30 соли охир меравад. Воқеан, дар давраи Истиқлоли давлатии Тоҷикистон равобити адабиву фарҳангӣ ва илмии тоҷику араб тарвиҷ ёфт, ки омилиҳои ташаккули ин равобит дар мақолаи ҳозир дарҷ гардидаанд. Сабаби асосии рушду нумӯи ин равобит беш аз пеш мулоқоти расмии пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо сарони давлатҳои Араб ва баррасии масоили таҳкими муносибатҳои дуҷониба аст. Баъди чунин вохӯриҳо Тоҷикистон рӯзҳои фарҳангии худро дар якчанд кишварҳои арабӣ барпо намуд ва ҳамунин, рӯзҳои фарҳангии чандин давлатҳои араб дар Тоҷикистон доир гардиданд, ки дар ин бора метавон аз мақолаи мазкур маълумоти кофӣ пайдо намуд. Ҳамчунин, баргузории конфронсҳои муштарак, семинарҳо, вохӯриҳои адабиву сиёсӣ бо аҳли зиёи Тоҷикистон ва кишварҳои арабӣ, тарҷума, таваҷҷуҳи муҳаққиқони ин кишварҳо ба адабиёти якдигар боиси рушду нумӯи муносибатҳои Тоҷикистон бо мамолики Араб гардиданд.*

***Калидвожаҳо:*** *робитаҳои фарҳангӣ, равобити адабӣ, давраи Истиқлолият, Арабистони Саудӣ, Кувайт, Қатар, Аморoти Муттаҳидаи Араб, Миср, Фаластин, рӯзҳои фарҳангӣ, мулоқоти расмӣ, тамаддун.*

## GROUNDS FOR DEVELOPMENT OF CULTURAL AND LITERARY RELATIONS DURING INDEPENDENCE

**KARIMOVA SHOHONA TOLIBOVNA**
scientific researcher of The institute for studying the issues of Europe and Asia in National Academy of Science Tajikistan, Addres: 735025, Dushanbe city, Rudaki, Avenue 33, tel: 918-77-88-77 e-mail: mehrofarin@list.ru

*This article talks about the foundations of the development of literary and cultural relations between Tajikistan and Arab countries in the last 30 years. In fact, during the period of Tajik independence, Tajik-Arab literary, cultural and scientific relations developed, and the factors of the formation of these relations are listed in the present article.*

*The main reason for the development and growth of these relations is the official meeting of the leader of the nation, Honorable Emomali Rahmon, with the heads of Arab states and the discussion of strengthening bilateral relations. After such meetings, Tajikistan held its cultural days in several Arab countries, and cultural days of several Arab countries were held in Tajikistan, about which you can find enough information from this article. Also, the holding of joint conferences, seminars, literary and political meetings with intellectuals of Tajikistan and Arab countries, translation, interest of researchers of these countries to each other's literature led to the development of relations between Tajikistan and Arab countries.*

***Keywords:*** *cultural relations, literary relations, period of Independence, Saudi Arabia, Kuwait, Qatar, United Arab Emirates, Egypt, Palestine, cultural days, official meeting, civilization.*

УДК: 8 т.82+1/14

## АВВАЛИН ПАЖӮҲИШИ ОСОРИ САҲОБИИ АСТАРОБОДӢ

**БАЁНОВ МАҲМАДНАБӢ БАЧАҶОНОВИЧ**
Аспиранти Институти забон ва адабиёти ба номи А.Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, х.Рӯдакӣ, 33. Тел.: (+992) 918-26-80-92. E-mail: bayoni@mail.ru.

*Дар ин мақола аввалин бор осори шоир ва ориф Саҳобии Астарободӣ мариди таҳқиқ қарор гирифтааст. Саҳобӣ дар жанрҳои ғазал, рубоӣ ва маснавӣ қувваозмоӣ намуда, аммо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун рубоисарои шаҳир сабт гардидааст. Агарчи осори шоир ҳанӯз ба хатти кириллӣ дастраси хонандагон нест, аммо хушбахтона, то замони мо омада расидаанд. Муаллифи мақола қайд мекунад, ки дар дасти ӯ 6 255 рубоӣ, 535 ғазал ва маснавиҳои шоир маҳфуз аст. Ба хатти кириллӣ баргардонии рубоиёт ва ғазалиёти шоир оғоз гардида ва то ба имрӯз 180 ғазал ва 300 рубоии ӯ баргардон шудааст.*

*Таҳқиқот дар сарчашмаҳои гуногун нишон додааст, ки зиёда аз 40 дастхатти маҷмуаи осори Саҳобии Астарободӣ бо теъдоди гуногуни рубоиёту ғазалиёт ва ҷойгиршавии маснавию рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар китобхонаву осорхонаҳои*

*Ҳиндустон, Покистон, Британия ва Эрон мавҷуданд. Ашъори шоир ишқи поку беолоиш, некиву накукорӣ, дӯст доштани ватан, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардани инсонҳоро бозгӯ мекунанд.*

***Калидвожаҳо:*** *Осор, Саҳобии Астарободӣ, шоир, ориф, девон, рубоӣ, ғазал, маснавӣ, дастхат, китобхона, осорхона, ашъор, маҷмӯа*

Саҳобии Астарободӣ шоири соҳибдевон аст. Соҳибдевон буданашро худи ӯ низ таъкид карда, ҳатто назми худро «низоми олам» ва девони худро «айвони шаҳи ишқ» медонад. Чунончи:

Низоми олам аст ин назм, бикшо дидаи маънӣ,
Ки айвони шаҳи ишқ аст девоне, ки ман дорам [6, 468].

Агарчи осори шоир ҳанӯз ба хатти кириллӣ дастраси хонандагон нест, аммо хушбахтона, то замони мо омада расидаанд. Мо “Девони ғазалиёт” ва зиёда аз 300 рубоии шоирро ба хатти кириллӣ баргардон намудем, ки бо даст додани фурсат девони шоир чоп карда мешавад.

Нусхаҳои қаламии ашъори адиб дар осорхона ва китобхонаҳои Покистон, Ҳиндустон, Британия ва Эрон маҳфузанд. Дар ин осорхонаҳо «Девони рубоиёт», «Девони ғазалиёт», «Шарҳи рубоиёт», «Куллиёт» ва маснавиҳои Саҳобӣ, аз ҷумла маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидааш ва рисолаи «Урват-ул-вусқо»-и ӯ нигаҳдорӣ мешаванд. Хусусан, рубоиёти шоир ба хатти настаълиқ дар осорхонаи Британия мавҷуд аст [2, 3804].

Дар Эрон қисме аз рубоиёт ва ғазалиёти Саҳобӣ ба чоп расидаанд. Аз ҷумла, соли 1347 (соли 1969 мелодӣ) ба кӯшиши яке аз адибони эронӣ Ҷавоҳирӣ ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ дар Машҳад интишор гардид, ки дар охири он 65 рубоии шоир низ ҷой дода шудааст. Сипас соли 1387 (соли 2009 мелодӣ) «Девони ғазалиёт»-и шоир аз рӯйи китоби таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ ба кӯшиши Акбари Беҳдорванд дар Теҳрон, бо муқаддимаи қаблан навиштаи Ҷавоҳирӣ ва пешгуфтори Беҳдорванд ба чоп расонида шуд, вале дар охири нашри навбатии «Девони ғазалиёт»-и шоир 64 рубоӣ ба назар мерасад, ки эҳтимолан ҳангоми нашр як рубоӣ афтодааст. Ва он рубоии афтода ин аст:

Ман, к-аз ту на меҳри худ ба ҷон андозам,
Ҳошо, ки назар ба ину он андозам.
Чашме, ки назораи ҷамоли ту кунад,
Ҳайфам ояд, ки бар ҷаҳон андозам [8, 183].

Ҷавоҳирӣ яке аз он шахсонест, ки «Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ»-ро аз дастнависи худи шоир бознависӣ ва чоп кардааст. Дар муқаддимаи ин девон менависад, ки «Саҳобӣ хатти зебо надошт» [6, с. 43] ва онҳо як нусха хатти Саҳобиро дар «Девон» [8, с. 4] нашр кардаанд, то хонандагон бидонанд, ки дар бознависӣ кардани ғазалиёти ӯ ҳамроҳи Маҳмуди Фаррух ба мушкилоти зиёде мувоҷеҳ гардидаанд. Бояд тазаккур дод, ки худи шоир низ ин нуктаро тасдиқ карда, дар мақтаи як ғазалаш чунин мегӯяд:

Шеъри ту, эй Саҳобӣ, муҳтоҷи хатти хуш нест,
Рӯйи накӯ чӣ ҳоҷат бо хатту хол дорад? [6, 342].

Беҳдорванд кӯшиш ба харҷ дода, то бархе аз абётеро, ки дар нашри аввали таҳиякардаи Ҷавоҳирӣ бо ҳар сабаб ғалат оварда шудаанд, ислоҳ намояд.

Ҷавоҳирӣ дар хусуси нашри «Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ» менависад, ки аз солҳои қабл нусхае аз девони Саҳобии Астарободӣ дар бахши кутуби хаттии китобхонаи ҷаноби оқои Маҳмуди Фаррух мавҷуд аст, ки дар пушти сафҳаи аввали он ин иборат дида мешуд: «Девони Саҳобии Астарободӣ, соҳиби рубоиёт ба хатти Саҳобӣ,

104 варақ, ҳар варақ бист байт, ғайр аз рубоиёт». Фузало ва ошноён ба хатти Мавлоно Соиби Табрезӣ гувоҳӣ медоданд, ки иборати ду сатри фавқ хатти Соиб аст [6, 17]. Яъне, Соиби Табрезӣ (1603-1677) яке шоирони бузурги даврони Сафавиён, ашъори Саҳобиро мутолиа карда, ба ашъори шоир эҳтироми хоссае доштааст, ки ҳатто дар дасти ӯ девони Саҳобӣ нигаҳдорӣ мешудааст. Вобаста ба хатти Соиб Ҷавоҳирӣ мегӯяд, ки аз он ҷумла шоири фозил ва хаттоти шаҳир Суҳайли Хонсорӣ бо хатти настаълиқи зебои худ ин мавзуъро гувоҳе фармудаанд, ки гировир (гравюра дар назар аст. – Б.М.)-и хатти эшон дар ин муқаддима дида мешавад. Пас аз интишори девони Соиб (аз интишороти Анҷумани осори миллӣ), ки намунаҳое аз хатти Соиб дар он гировирҳо ба хубӣ маҳсус аст ва низ Маҳмуди Фаррух дар зайли ҳамон ду сатр чунин ёддошт кардаанд: «Яке аз қароин, ки ду сатри фавқ хатти Соиби Табрезист ва ин девон (Девони Саҳобӣ. – Б.М.) дар тасарруфи ӯ (Соиб.–Б.М.) буда, ин аст, ки дар «Сафина»-и Соиб, ки дар Исфаҳон мавҷуд аст, мукаррар аз ғазалҳои Саҳобӣ нақл шуда ва тасреҳ карда, ки аз рӯйи хатти мусанниф» [6, 17].

Ҳамзамон, маълум мегардад, ки шоири маъруфи он давр Соиб ашъоре аз ӯро ба хатти худ бознависӣ кардааст. Аз «Сафина»-и Соиб ашъори зиёде дар маҷаллаи «Армуғон» дар Эрон ба кӯшиши муассиси ин маҷалла шодравон Ваҳиди Дастгирдӣ нашр шудааст.

Дар маҷаллаи «Армуғон» 32 шоҳбайт аз ғазалиёт ва 2 рубоии Саҳобӣ аз «Сафина»-и Соиб бо сарлавҳаи «Саҳобии Астарободӣ-соҳиби рубоиёт» ва зерсарлавҳаҳои «Соиб менигорад» ва «Аз девони ба хатти мусанниф нақлшуда» оварда шудааст, ки зикри чанде аз онҳоро бамаврид медонем:

Ишқи лайливаши ман ҷуз ба мани маҷнун нест,
Шамъ аз доираи партави худ берун нест [3, 638].

****

Дида пӯшидам, чу дар дил ёфтам дилдорро,
Дар бибандад, ҳар ки ӯ дар хона ёбад ёрро [3, 639].

****

Қад барафрохтию рафт қарор аз мани зор,
Сарв чун ҷилва кунад, соя намонад бақарор [3, 638].

****

Зи дасти ишқ олам бар тариқи хос мерақсад,
Ба ҳар роҳе, ки мутриб мезанад, раққос мерақсад [3, 638].

****

Навбаҳорон, ки гул аз турбати ман сар бар зад,
Ҳар ки афтод бар он гул назараш, бар сар зад [3, 638].

****

Бар умеди он ки ӯ як дам табиби ман шавад,
Ҳар куҷо дардест, мехоҳам насиби ман шавад[3, 638].

Рубоии Саҳобӣ:

Ғам нест накӯ, вале асарҳош накӯст,
Торикии шаб баду саҳарҳош накӯст.
Олам пайи он хуш аст, к-осори вай аст,
Даллола накӯ нест, хабарҳош накӯст [3, с. 639].

Мисраъҳои болоро Соиби Табрезӣ аз дастхатти «Девони ғазалиёт»-и Саҳобии Астарободӣ интихоб ва дар «Сафина»-аш ҷой намудааст. Таҳқиқот маълум намуд, ки

«Девони Саҳобӣ», ки Ҷавоҳирӣ аз Маҳмуди Фаррух дастрас ва чоп кард ва Акбари Беҳдорванд соли 2009 дигарбора тасҳеҳ ва мунташир намудааст, имрӯз дар дастраси мост, воқеан аз Соиб ба мерос мондааст, зеро он мисраъҳое, ки Соиб дар «Сафина»-аш ҷой додааст, дар ин нусха мавҷуданд. Хушбахтона, соли 2011 дар Эрон ба кӯшиши Ҳиво Ҳасанпур рубоиёти Саҳобӣ аз ҳарфи «Алиф» то «Ҷим» тасҳеҳ ва интишор ёфт.

Айни ҳол мо «Девони ғазалиёт»-и шоирро, ки ба кӯшиши Беҳдорванд дар Эрон нашр шудааст ва иборат аз 535 ғазал (2800 байт) аст, дар ихтиёри худ дорем. Мутаассифона, девони рубоиёти Саҳобӣ то ба ҳол пура нашри полиграфӣ нашудааст. Ҳамчунин, нусхаи электронии дастхатти Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободиро, ки таҳти №74664 дар Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон маҳфуз аст [10] ва ду дастхатти дигари девони ӯро, ки дар китобхонаи мазкур таҳти №87382 [9] ва 1087 [7] нигоҳдорӣ мешаванд, дар даст дорем. Дастхатти Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллӣ (таҳти №74664) аз 535 ғазал ва 65 рубоӣ иборат аст, ки бо девони нашркардаи Беҳдорванд комилан мувофиқат мекунад ва бо ин байтҳо оғоз мегардад:

То гашт ишқ хусрави мулки вуҷуди мо,
Овардаанд хайли малоик суҷуди мо.
То аз кафи ту соғари ишрат гирифтаем,
Хун мехӯрад зи ғусса дамодам ҳасуди мо [10, 1].

Девони мазкур бо ин рубоӣ анҷом меёбад:

Дар ҳар кӣ расид сайри мустаъҷили ман,
Ҷӯёи вафо шуд дили беҳосили ман.
Ҳарчанд, ки ин матоъ дар олам нест,
Дарди талабаш намеравад аз дили ман [10, 157].

Дастхатҳои №87382 ва №1087-и китобхонаи мазкур иборат аз рубоиёт, маснавии ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидаи шоир ва рисолаи «Урват-ул-вусқо»-и ӯ мебошанд. Дастхатҳои дастрасгардида бо хатти хеле зебо хаттотӣ шудаанд. Дигар, аз сатрҳое, ки дар девони Саҳобӣ ба хатти Соиби Табрезӣ навишта шудаанд, бармеояд, ки зиёда 2800 байт аз ғазалиёти ӯ то замони мо расидааст.

Маснавие, ки дар ишқи ирфонӣ ба номи шоҳ Аббос бахшидааст ва дар аввали куллиёти [9] ӯ ҷойгир аст, дар шумори байти тазминшудаи «Бишнав аз най...», аз маснавии Мавлавӣ аз 343 байт иборат буда, бо байтҳои зер оғоз мегардад:

Дар ҷаҳонанд мушти хомтамаъ,
Кайди худро ниҳода ном вараъ.
Ҳар як аз дигарест зоеътар,
Пайи исме, ки ҳаст шоеътар [9, 1 а].

Мазмуни маснавии мазкур фалсафию ахлоқист. Чунончи:

Ҳотифе гуфт бо касе шаби тор,
Ки туӣ дидаву туӣ дидор.
Буд ғофил аз он мақом он мард,
Байзаи мурғ кори мурғ накард [9, 6 а].

Ва ё:

Маърифат кори ҳар риёӣ нест,
Худшиносӣ ба худнамоӣ нест.
Ҳастии хеш зери по овар,
То шавӣ мулки дайрро довар [9, 3 а].

Одатан шуарои гузашта ашъори ситоишии худро ба шоҳону амирон ба хотири инъому икром мебахшидаанд. Аммо маснавие, ки Саҳобӣ ба шоҳ Аббос бахшидааст, аз

ҷониби мо мавриди таҳқиқ қарор гирифт ва дар он васфи шоҳ Аббос нарафтааст. Мазмуни асосии маснавии мазкур фалсафӣ ва пандуахлоқӣ мебошад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки Саҳобӣ чоплусию маддоҳиро хуш надошта, шеърро воситаи ризқу рӯзӣ қарор надодааст, балки мақсади асосии ӯ панд додану тарбия кардани ҷомеа будааст. Абёти зер аз маснавии мазкур аст:

Дар биёбон расид он бетоб
Ба сари чаҳ пайи кашидани об.
Пойафзори хеш аз тангӣ
Дошт дар дасту бо фалак ҷанге.
Мекашид об, к-аз қазо ногоҳ
Пойафзори ӯ фитод ба чоҳ.
Бас набуд ин бало, ки шуд он дам
Боди тундею гарди сахте ҳам.
Монда ҳайрону оҷиз он мискин,
То шуд он гарду бодро таскин.
Побараҳна зи роҳ метарсид,
Қадаме чанд чун равон шуд, дид,
Ки шуда раҳ зи гард ҳамчу намад,
К-ӯ ба осоиши қадам бичамад.

Насиҳат

Бигзар аз қайди ҳар таманное,
К-ин ҷаҳон нест ҷуз тамошое.
Гулу ин рангу бӯ, ки судаш нест,
Гарчи дорад намуд, будаш нест.
Дафтари санъат аст, агар бинӣ,
Нест ҷуз ҳасрате, гараш чинӣ.
Нест ҷуз як дам ин ҳама хуру хоб,
Гарчи мадде кашад чу барқ шиҳоб [9, 4 б].

Рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар дастхатти №1087 Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллӣ дар аввал ва дар дастхатти №87382 ҳамин муассиса баъд аз маснавии ба шоҳ Аббос бахшидаи шоир омадааст. Оғози рисола чунин аст:

Бисмиллоҳи-р-Раҳмони-р-Раҳим
Тири шиҳоб аст ба деви раҷим [9, 18 а].

Рисолаи мазкур бо назму наср дар чаҳор фасл иншо гардидааст. Ҳар як фасл чунин номгузорӣ шудааст:

1. Дар бебасарист;
2. Дар илҳом аст ва он ҳам дар басорати тамом аст;
3. Шароб ва кайфияти зуҳури ӯст;
4. Дар риҷъат ба Аллоҳи таборак ва таоло.

Рисола дар такя ба оятҳои қуръонӣ навишта шудааст. Дар баробари оёту наср беш аз 600 байти мутааллиқ ба худи шоир дар он мавҷуд аст. Бештар аз жанри рубоӣ дар ин рисола истифода шудааст.

Тавре ки зикр карда шуд, Саҳобӣ рубоисарои хеле машҳур аст. Сируси Шамисо барҳақ зикр мекунад, ки аз қарни VIII ба баъд, ки давраи таназзули сабки ироқист, ба рубоӣ таваҷҷуҳ нашуд. Ҳатто аз Ҳофиз низ ба монанди Саъдӣ рубоиёти хубе дар даст нест. Дар сабки ҳиндӣ низ рубоӣ ҷилвае надошт, зеро шоирони ин сабк бештар ба ғазал ва муфрадот таваҷҷуҳ доштанд ва дар банди он буданд, ки абёти парокандаи баланд

биофаранд. Ҳол он ки рубоӣ шеъри ваҳдат аст ва ҳар чаҳор мисраи он дар хидмати як мазмун аст. Бо ин ҳама дар ин давра исми Саҳобии Астарободӣ дар рубоипардозӣ маъруф аст [13, 46].

Дар эҷодиёти ӯ рубоӣ мавқеи асосиро ишғол мекунад, агарчи дар жанрҳои ғазал, маснавӣ ва ҳатто наср низ қувва озмудааст, вале асосан бо рубоиёти ошиқонаву орифонааш машҳур аст ва дар кулли сарчашмаҳо ҳамчун рубоисаро номбар мешавад ва гоҳе дар баробари рубоисарои машҳур таъкид шудан, ғазалсароияш низ таъкид гардидааст. Бояд тазаккур дод, ки аксари орифон андешаҳои ҳакимонаи худро тавассути рубоӣ баён доштаанд, зеро қолаби рубоӣ барои изҳори андешаҳои орифона мувофиқ ва мутобиқ аст. Ҳамин аст, ки Саҳобӣ дар даврони чандон гарм набудани бозори рубоӣ рӯ ба ин жанри адабӣ овардааст. Дар бораи миқдори рубоиёти ӯ андешаҳо мухталифанд. Шумораи рубоиёти ӯро 6 000 [9, 127], 12 000, 20 000, 50 000 [5, 860] ва ҳатто аз 70 000 то 170 000 [14, 97] навиштаанд. Шояд 170 000 рубоӣ эҷод кардани шоир аз муболиға орӣ набошад, аммо он осоре, ки тибқи ривоятҳое, ки дар боло ҳам гуфтем [4, 780] дар об ғарқ кардааст, ба мо маҷол медиҳад, ба пуршеърии шоир бовар намоем ва ӯро яке аз шоироне бидонем, ки дар таърихи адабиёти мо рубоиёти зиёд суруда, бо рубоии зиёд гуфтан машҳур гаштааст. Бо вуҷуди ин ҳама аз ӯ зиёда аз 6 000 рубоӣ мерос мондааст, ки дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ аз ҷиҳати ҳаҷм беназир аст [9]. Воқеан, дар муқаддимаи девони Саҳобии Астарободӣ омадааст, ки Мир Тақиюддин Муҳаммадҳусайни Кошӣ, соҳиби тазкираи «Хулосат-ул-ашъор ва зубдат-ул-афкор» бо дӯсташ шоир Нотиқии Астарободӣ, ки аз ҳамзамонони Саҳобӣ мебошанд, соли 990 ҳиҷрӣ ба зиёрати Мавлоно Саҳобии Астарободӣ ба Наҷафи ашраф рафта, суҳбати ӯро дарёфтаанд. Барои равшан шудани матлаб аз қавли Кошӣ иқтибос меоварем: «Ашъори он ҷаноб (Саҳобӣ. – Б. М.) аз рубоӣ, ки беҳтарини манзумот ва бештарини воридоти табъи ӯст, қариб ба шаш ҳазор байт ба назар расид ва Мавлоно худ мегуфт, ки дувоздаҳ ҳазор байт рубоиёт дорам ва ғазал низ бисёр гуфтаам, аммо он чи дар он рӯзи мулоқот сурати таҳрир пазируфт, ҳамин аст» [6, 20]. Акбари Беҳдорванд дар пешгуфтори «Рубоиёт»-и Зуҳурии Туршезӣ овардааст, ки Саҳобии Астарободӣ рубоиёти фаровон дорад, ба тавре ки адади онҳоро дар порае аз маохиз шаш ҳазор ва дар бархе дигар дувоздаҳ ҳазор ва дар баъзеи онҳо ба шумораи беш аз инҳо зикр кардаанд [1, 67]. Ин ҳама ҳадсу гумонҳоро таҳқиқи мо дар куллиёти Саҳобии Астарободӣ, ки дар Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон таҳти №1087 маҳфуз аст, исбот намуд, ки воқеан Саҳобӣ рубоиёти зиёд сурудааст. Дар ин дастхат 6 255 рубоии шоир мавҷуд буда, дар аввали он рисолаи «Урват-ул-вусқо» ва дар охири он маснавии кӯтоҳе мавҷуд аст. Ин девони рубоиёт аз 265 саҳифа иборат мебошад [7].

Дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ иддае аз шоирон ба сабаби зиёд будани рубоиёташон ё ба сабабҳои дигар, девони махсуси рубоиёт тартиб додаанд. Масалан, Аттори Нишопурӣ бо номи «Мухторнома» девони рубоиёт дорад. Ҳамчунин, Авҳадуддини Кирмонӣ маҷмуаи рубоиёти алоҳида дорад, ки аз маҷмуаи рубоиёти ӯ нусхаҳои башумор мондааст ва ахиран соли 1366 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба кӯшиши Абумаҳҷуб чоп шудааст. Ва ё Зуҳурии Туршезӣ маҷмӯаи махсуси рубоиёт дорад, ки соли 1388 ҳиҷрӣ дар Теҳрон ба тасҳеҳи Акбари Беҳдорванд рӯйи чоп омадааст. Саҳобии Астарободӣ низ девони рубоиёташ ҷудо аз девони ғазалиёташ аст. Девони ғазалиёти шоир соли 1347 ҳиҷрӣ баробар ба соли 1969 мелодӣ ба кӯшиши Ҷавоҳирӣ дар Машҳад мунташир гардидааст. Саҳобӣ дар баробари девони рубоиёт ва девони ғазалиёташ, инчунин, рисолае бо назму наср дар такя ба оятҳои қуръонӣ бо номи «Урват-ул-вусқо»

навиштааст. Ҳамчунин, маснавии ирфоние ба шоҳ Аббоси Сафавӣ бахшидааст, вале тавре ки қайд кардем, ӯ бо рубоиёташ машҳур аст. Ҳерман Этте дар китоби «Таърихи адабиёти форсӣ» дар бораи Саҳобӣ чунин мегӯяд: «Саҳобии Астарободӣ (мутаваффои 1010 ҳ), гузашта аз маҷмуи бузурги рубоиёт, як маснавӣ дар ишқи ирфонӣ, ки онро ба номи шоҳ Аббос карда, аз ӯ боқӣ мондааст» [12, 140]. Ризоқулихони Ҳидоят дар «Риёз-ул-орифин» чунин мегӯяд: «...Илова бар ғазалиёт шаш ҳазор рубоии муҳаққиқона фармудааст» [9, 127].

Лозим ба ёдоварист, ки фаъолияти эҷодии Саҳобӣ ба давраи охири сабки ироқӣ ва пайдоиши сабки ҳиндӣ рост меояд. Бино бар ин, ашъори ӯ то андозае аз вижагиҳои сабки ҳиндӣ низ бархурдор аст:

Аз ҷони мани сӯхтадил дуд баровард,
Ин шамъи барафрӯхта аз анҷумани кист? [6, 96].

Ё ин ки:

Чи аҷаб зоҳид агар ишқ надонист, ки ҳаст
Зулмату нур яке дидаи нобиноро [6, 10].

Акбари Беҳдорванд дар муқаддимаи китоби «Рубоиёт»-и Зуҳурии Туршезӣ Саҳобиро дар раддаи аввали рубоигӯёни асри XVI-и сабки ҳиндӣ дохил кардааст. Мавсуф менигорад, ки «Ин қарн (асри XVI.– Б.М) қарни шоирони сабки ҳиндист. Шоирони рубоигӯи маъруфи ин давра иборатанд аз Саҳобии Астарободӣ (в/ 1010 ҳ.), Маҳвии Ҳамадонӣ (в/1020 ҳ.), Назирии Нишопурӣ (в/1021 ҳ.), Сӯфии Мозандаронӣ (в/1035 ҳ.), Толиби Омулӣ (в/1036 ҳ.), Сармади Кошонӣ (в/1073 ҳ.), аммо аз Соиб (в/1081 ҳ.) ва Калим рубоии маъруф дида нашуд» [1, 67].

Дар идома Беҳдорванд зикр мекунад, ки Саҳобӣ рубоиёте ба тарзи ирфонӣ дорад ва чанде аз рубоиёти шоирро овардааст, ки яке аз онҳо ин аст:

Соҳибназарон, ки зиндаву ҷовиданд,
Вораста зи биму фориғ аз уммеданд.
Дар ҳар чи назар кунанд, ӯро бинанд,
Зарроти ҷаҳон, оинаи хуршеданд [1, 67].

Ба ақидаи Беҳдорванд, Саҳобии Астарободӣ аз шоирони сабки ҳиндист. Ӯ менависад, ки мушаххасоти ин сабкро бо мазомини ирфонӣ дар ҳам омехтааст ва ин рубоиро меорад:

Эй ишқ, ба дарди ту саре мебояд,
Сайди ту зи ман қавитаре мебояд.
Ман мурғи ба як шуъла кабобам, бигзор,
К-ин оташро самандаре мебояд [1, 67].

Сируси Шамисо дар китобаш «Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ» менависад: «Валҳақ бархе аз рубоиёти ӯ латиф аст» ва ду рубоии Саҳобиро истинод кардааст:

На меҳри ту дар дили ҳазин меғунҷад,
На номи ту дар ҳеҷ нигин меғунҷад.
Ҷонат хонам, агарчи бешӣ, чӣ кунам,
Дар қолаби гуфтор ҳамин меғунҷад.

****

Эй даъвииишққарда, оини ту ку?
Қатъи назар аз ақл дилу дини ту ку?
Эй дам зада аз доғи сафо лоласифат,
Пироҳани чок-чоки хунини ту ку? [13, с. 107].

Саҳобӣ дар жанрҳои ғазал, рубоӣ ва маснавӣ қувваозмоӣ намуда, аммо дар таърихи адабиёти форсии тоҷикӣ ҳамчун рубоисарои шаҳир сабт гардидааст. То замони мо 6 255 рубоӣ, 535 ғазал ва маснавиҳои ӯ расидаанд. Таҳқиқоти мо дар сарчашмаҳои гуногун нишон дод, ки зиёда аз 40 дастхатти маҷмуаи осори Саҳобии Астарободӣ бо теъдоди гуногуни рубоиёту ғазалиёт ва ҷойгиршавии маснавию рисолаи «Урват-ул-вусқо» дар китобхонаву осорхонаҳои Ҳиндустон, Покистон, Британия ва Эрон мавҷуданд. Ашъори шоир ишқи поку беолоиш, некиву накукорӣ, дӯст доштани ватан, дар роҳи ҳақ ва ҳақиқат зиндагӣ кардани инсонҳоро бозгӯ мекунанд. Гуногунии мавзӯъу мундариҷаи ашъори Саҳобӣ далели он аст, ки ӯ соҳиби табъи хуби шоирӣ будааст.

## АДАБИЁТ:


1. Зуҳурӣ, Туршезӣ. Рубоиёт / Зуҳурии Туршезӣ; Ба тасҳеҳи А.Беҳдорванд. – Теҳрон: Мавло, 1388. – 188 с.
2. Мунзавӣ, Аҳмад. Феҳристи нусхаҳои хаттии форсӣ / Аҳмади Мунзавӣ. – Теҳрон: Муассисаи фарҳангии минтақавӣ, 1369. – Ҷ.5. – 3929 с.
3. Мулло Саҳобии Астарободӣ соҳиби рубоиёт // Армуғон.–соли ҳаждаҳум.–№ 9–10.–С.638-639.
4. Озар, Лутфалибеки Бекдилӣ. Оташкада / Лутфалибек Озари Бекдилӣ; Ба тасҳеҳ, таҳия ва таъликоти Ҳ. С. Носирӣ. – Теҳрон: Амири Кабир, 1337. – 944 с.
5. Сафо, Забеҳуллоҳ, Таърихи адабиёт дар Эрон. Бахши 2 / Забеҳуллоҳи Сафо. – Теҳрон: Фирдавс, 1373. – Ҷ.3. – 1461 с.
6. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт / Саҳобии Астарободӣ; Ба кӯшиши А. Беҳдорванд. – Теҳрон: Заввор, 1387. – 602 с.
7. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони рубоиёти Саҳобии Астарободӣ: Дастхат / Саҳобии Астарободӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон. –№1087.
8. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёти Саҳобии Астарободӣ / Саҳобии Астарободӣ; Ба кӯшиши Ҳ.Ё. Ҷавоҳирӣ. – Машҳад: Чопхонаи Тӯс, 1348. –184 с.
9. Саҳобӣ, Астарободӣ. Куллиёт. Дастхат / Саҳобии Астарободӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси Шӯрои миллии Эрон. –№87382.
10. Саҳобӣ, Астарободӣ. Девони ғазалиёт. Дастхат / Саҳобӣ. – Маҳфуз дар Китобхонаи Маҷлиси шӯрои миллии Эрон. –№74664.
11. Ҳидоят, Ризоқулихон. Риёз-ул-орифин / Ризоқулихони Ҳидоят; Ба кӯшиши Меҳралӣ Гургонӣ. – Теҳрон: Захро, 1344. – 631 с.
12. Ҳерман, Э. Таърихи адабиёти форсӣ / Э. Ҳерман; Тарҷумаи Ш. Ризозода. – Теҳрон: Бунгоҳи тарҷума ва нашри китоб, 1337. – 361 с.
13. Шамисо, Сирус. Сайри рубоӣ дар шеъри форсӣ / Сируси Шамисо.– Теҳрон: Интишороти Фирдавс, 1374.– 392 с.
14. Яздонӣ, Н., Муҳаммадӣ, А. Рубоиёти Саҳобӣ / Н. Яздонӣ, А. Муҳаммадӣ // Садои Шарқ. – 2015. – №2. – С. 97–102.


## ПЕРВОЕ ИССЛЕДОВАНИЕ ПРОИЗВЕДЕНИЙ САХОБИ АСТАРОБОДИ


**БАЁНОВ МАХМАДНАБИ БАЧАДЖОНОВИЧ**

аспирант Института языка и литературы им. Рудаки НАНТ.

Адрес: Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33.

Тел.: (+992) 918-26-80-92. E-mail: bayoni@mail.ru.

*В этой статье впервые были изучены произведения поэта и мыслителя Сахоби Астарободи. Сахоби пробовал свои силы в жанрах газели, четверостишия и маснави, но он вошел в историю таджикско-персидской литературы как великий поэт жанра рубаи. Хотя произведения поэта на кириллице пока недоступны для читателей, но, к счастью, они сохранились до наших дней.*

*Автор отмечает, что им собрано более 6255 четверостиший, 535 газелей и маснави. Начался перевод газелей поэта на кириллицу и на сегодняшний день были переведены 180 газелей и 300 четверостиший.*

*Исследования различных источников показали, что более 40 рукописей собраний сочинений Сахоби Астарободи с различным количеством повествований и газелей, а также оригиналы текста трактата «Урват-ул-вуско» находятся в библиотеках и музеях Индии, Пакистана, Великобритании и Ирана. В стихах выражается истинная любовь, гуманизм, любовь к Родине, стремление жить в справедливости.*

***Ключевые слова:*** *Труды, Сахоби Астарободи, поэт, мыслитель, рубаи, сборник, произведения.*

## THE FIRST SEARCH ON SAHOBI ASTAROBODI'S WORKS

**BAYONOV MAHMADNABI BACHAJONOVICH**
Graduate student of Rudaki Institute of Language and Literature, NAST. Address: Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Tel.: (+992) 918-26-80-92. E-mail: bayoni@mail.ru.

*For the first time, the works of the poet and scholar Sahobi Astarobodi are studied in this article. Sahabi competed in the genres of ghazal, rubai and masnavi, but in the history of Tajik Persian literature it is recorded as the famous rubai singer. Although the works of the poet in Cyrillic script are not yet available to the readers, but fortunately, they have preserved up to these days. The author notes that he keeps 6,255 rubais, 535 ghazals and masnavis of the poet. Converting of the the poet's rubai and ghazals in Cyrillic script has begun, and up to now, 180 ghazals and 300 rubais have been converted.*

*Research in various sources has shown that there are more than 40 manuscripts of the collection of Sahabi Astarabadi works with different numbers of rubais and ghazals, as well as the location of the text and treatise "Urvat-ul-Vusko" in libraries and museums of India, Pakistan, Britain and Iran. The poems of the poet express the pure love, kindness and benevolence, love of the homeland, living in the way of truth and truth.*

***Keywords:*** *works, Sahabi Astarabodi, poet, sage, devon, rubai, ghazal, masnavi, manuscript, library, museum, poems, collection*

***ИҚТИСОДЁТИ ҶАҲОНӢ***

# АМНИЯТИ ОЗУҚАВОРӢ ДАР ДАВЛАТҲОИ АВРУОСИЁ: МУШКИЛОТ ВА РОҲҲОИ ҲАЛЛИ ОН

**ҚИЁМИДИНОВ ҲУСЕНБОЙ**
н.и.и., ходими пешбари илмии ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: +(992)935196500. E-mail: husseyn46@mail.ru.

**АШУРОВ БАҲРИДИН**
докторанти ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025. ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: +(992)935196500. E-mail: husseyn46@mail.ru.

*Дар марҳилаи кунунӣ, масъалаи таъмини амнияти озуқаворӣ аҳамияти миллию байналмилалиро касб менамояд ва дар бисёр давлатҳо на танҳо ҳамчун масъалаи иқтисодию иҷтимоӣ ҳисобида мешавад, балки ба яке аз мавзуи сиёсии минтақа ва кишварҳои алоҳида табдил ёфта истодааст. Ин масъала дар шароити таъсири ногувори пандемия (COVID-19), нооромиҳои сиёсӣ дар баъзе аз кишварҳои дунё ва давом ёфтани бухрони иқтисодию сиёсӣ боз ҳам ба яке аз масъалаи якумдараҷа табдил ёфта истодааст.Ҷумҳурии мо, дар шароити яку якбора болоравии нархҳои истеъмолӣ, камчинии маводи озуқа ва душвор гардидани дастрасии озуқаворӣ бо сабаби маҳдуд гаштани воридоти баъзе маҳсулотҳои озуқа, бояд талаботи аҳолиро бо маҳсулоти озуқаи худӣ қонеъ гардонида тавонад.*

***Калидвожахо***; *амнияти озуқаворӣ, дастрасии озуқаворӣ, комплекси агросаноати, Осиёи Марказӣ, авруосиё,худтаъминкуни.*

Муносибатҳои байни ҷамъият ва иқтисодиётро инкор кардан мумкин нест ва азбаски ҷомеа дар як ҷо намеистад, аҳолӣ меафзояд, ба ҳамин сабаб талабот ва майл ба ғизо зиёд мегардад. Аз ин рӯ, бо ҳар як гардиши нави таърихӣ, ҳатто бо ҳар як соли нав саволе ба миён меояд, ки «одамонро чӣ тавр бо маводи ғизоӣ таъмин намоем? Аз ҳамин сабаб масъалаи мазкур барои иқтисодиёти ҳар як давлат ва ҷаҳонӣ тезу тундтар мегардад. Охир, иқтисодиёт бояд имконият дошта бошад, ки ба дигаргуниҳо ҷавоб дода, амнияти озуқавориро таъмин намояд. Дар айни замон, амнияти озуқавориро метавон ба мушкилоти дорои хусусияти глобалӣ рабт дод.

Амнияти озуқаворӣ ҷузъи ҷудонашавандаи амнияти миллии кишвар ба ҳисоб меравад, зеро ҳеҷ як давлат бидуни қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба ғизои босифат наметавонад ба амнияти миллӣ, аз ҷумла иқтисодӣ ноил шавад. Ба ин муносибат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амнияти озуқавориро вазифаи сеюми стратегии кишвар эълон карданд (1, 2).

Субот дар бахши озуқа мушкили глобалии ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад. Вай афзалиятҳои сиёсати миллии ҳамаи давлатҳои ҷаҳонро беистисно муайян мекунад. Афзоиши босуръати аҳолии кураи замин дар шароити маҳдуди иқтидори истеҳсолии хоҷагии кишлоқ, истеъмоли аз ҳад зиёди озукаворӣ якҷоя бо афзудани талафот ва исрофкорӣ боиси хеле зиёд шудани нуқтаи баргардондани истифодаи захирахо гардид.Дар бисёр мамлакатҳо истеъмоли озуқаворӣ назар ба захираҳои худи онҳо якчанд

баробар зиёд аст (масалан, дар Аморати Муттаҳидаи Араб — 12 баробар, Япония — 7 баробар, Хитой — 2,2 баробар).

Амнияти озуқаворӣ ин қобилияти худуде мебошад, ки бо захираҳо ва кафолатҳои дахлдор, новобаста аз шароити берунӣ ва дохилӣ, қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ба маҳсулоти муҳимтарини озуқаворӣ дар ҳаҷм ва сифати барои рушди ҷисмонӣ ва иҷтимоии шахс зарурӣ, беҳтар намудани шароити мусоид барои таъмини амнияти озуқаворӣ, саломатӣ ва вусъат додани такрористеҳсолкунии аҳолӣ мебошад.

**Амнияти озуқа аз се ҷузъ иборат аст:**

-*дастрасии ҷисмонӣ:* мавҷудияти ҷисмонии озуқаворӣ ва имконияти хариди он, таъмини устувори аҳолӣ бо озуқаворӣи хушсифати тамоми давлатро дорад;

- *дастрасии иқтисодӣ:* сатҳи кофӣ ва динамикаи даромади хонаводаҳои ҳамаи категорияҳоро дар сатҳи аз ҷиҳати иҷтимоӣ қобили қабули нархҳои озуқаворӣ дар назар дорад;

- истеъмоли оқилона: маданияти истеъмолро дар хоҷагӣ, банақшагирӣ ва сарфи маблағ ташкил мекунад.

Амнияти озуқаворӣ дар як вақт дар якчанд сатҳ таъмин карда мешавад:

-глобалӣ - (Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид, Созмони Ҷаҳонии Тиҷорат, Кумитаи ҷаҳонии амнияти озуқаворӣ);

-байнидавлатӣ - (ташкилотҳое, ки як қатор кишварҳоро муттаҳид мекунанд: Иттиҳоди Аврупо,Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё ва ғ.);

-миллӣ (давлатӣ), гурӯҳҳои аҳолӣ ва оила.

Дар марҳилаи ҳозира Ташкилоти озуқаворӣ ва хоҷагии кишлоқи Созмони Милали Муттаҳид (FAO) ба як қатор мушкилоти глобалӣ дучор меояд.

**Мушкилоти демографӣ.** Дар мамлакатҳои аз чиҳати иқтисодӣ тараққикарда шумораи аҳолӣ суст меафзояд ва дар баъзе мамлакатҳо кам мешавад. Дар баробари ин дар бисёр мамлакатҳои рӯ ба тараққӣ, ки дараҷаи зиндагонии онхо ниҳоят паст аст, аҳолӣ бо суръати тез меафзояд. Дар ин кишварҳо инчунин ҳаракати баланди муҳоҷират дида мешавад. Бо назардошти он, ки афзоиши солонаи аҳолии ҷаҳон (1,4%) аз афзоиши истеҳсоли маводи ғизоӣ (0,9%) зиёдтар аст, ҳар як сокини чаҳоруми сайёра метавонад бо мушкилоти гуруснагӣ рӯ ба рӯ шавад.

**Мушкилоти экологӣ.** Барои таъмини аҳолии афзояндаи ҷаҳон то соли 2050 истеҳсоли ғизо бояд 60% афзоиш ёбад. Чунин афзоиши истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро бидуни осеб ба амнияти экологӣ таъмин кардан душвор аст, зеро:

- захираҳои табиӣ кам мешаванд;

- аз сабаби интенсификатсияи системаҳои кишоварзӣ экосистемаҳо осеб мебинанд ва гуногунии биологӣ аз даст меравад;

- тағйирёбии иқлим ба амал меояд.

Ҳар сол дар натиҷаи таназзули муҳити зист аз 5 то 10 миллион гектар замин аз муомилоти ҷаҳонӣ гирифта мешавад, дар натиҷаи рушди саноат ва бозори амволи ғайриманқул 19,5 миллион гектари дигар барои эҳтиёҷоти ғайрикишоварзӣ истифода мешавад.

Бухронҳо, задухӯрдҳои мусаллаҳона, ҷангҳои гражданӣ ба ҳалли мушкилоти озуқаворӣ таъсири калони манфӣ расонда, маблағу воситаҳои зиёдеро аз худ мекунанд.

Мушкилоти ғизо аксар вақт ба оқибатҳои ҷиддии сиёсӣ, ба мисли «баҳори арабӣ» дар соли 2011 оварда мерасонад. Ба эътиқоди бисёре аз коршиносони байналмилалӣ, яке

аз сабабҳои аслии инқилобҳои қарни 21 дар Тунис, Миср, Либия ва дигар кишварҳои арабӣ афзоиши шадиди қимати маводи ғизоӣ будааст. Ҳукуматҳои баъзе кишварҳои арабӣ натавонистанд нархи дастраси ғизоро таъмин кунанд, ки боиси эътирозу намоишҳои оммавӣ ва дар ниҳоят ба таҳаввулоти сиёсӣ оварда расонд. Чунин холат холо дар мамлакатхои Аврупо бо сабаби чанги Россия бо Украина ба амал омадааст.

**Мушкилоти камбизоатӣ**. Қобилияти пасти харидории аҳолӣ ба он оварда мерасонад, ки қисми зиёди он ба норасоии маводи ғизоӣ ва гуруснагӣ дучор мегарданд.

Ҳисоботи охирини Созмони озуқа ва кишоварзии Созмони Милали Муттаҳид (FAO) нишон медиҳад, ки гуруснагӣ дар ҳоли коҳиш аст ва шумораи гуруснагони музмин бештар аз 800 миллион нафарро ташкил дод. Аммо дар ҷаҳон аз ҳар 9 нафар як нафар аз гуруснагӣ азоб мекашад ва дар як шабонарӯз то 1000 ккал истеъмол мекунад (воқеан, ин сатҳи ғизо боиси таназзули ҷисмонии организм мегардад).

Шакли нави гуруснагӣ қайд карда шудааст - камғизоӣ дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ, ки ба зиёда аз 2 миллиард нафар одамон таъсир мерасонад, ки дар як рӯз ҳамагӣ 1000-1800 ккал истеъмол мекунанд, ФАО меъёри ғизои 2400-2500 ккалро тавсия медиҳад.Танҳо 40% сокинони ҷаҳон бо ғизои хуб таъминанд.Дар ҳамин ҳол, беш аз ним миллиард аҳолии ҷаҳон аз фарбеҳӣ азият мекашанд.

Аз соли 2012 сармуҳаррирони маҷаллаи бритониёии The Economist шохиси ҷаҳонии амнияти ғизоиро тартиб додаанд. Ҳама давлатҳо дар рейтинг аз рӯи се меъёри асосӣ арзёбӣ мешаванд:

-дараҷаи мавҷудият ва истеъмоли маҳсулоти хӯрокворӣ;

-мавҷудият ва кофӣ будани ғизо;

- сифат ва бехатарии озуқаворӣ (3).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Қонун ва Консепсияи амнияти миллии озуқаворӣ мавҷуд аст, ки дар он мақсадҳои стратегии амнияти озуқаворӣ, меъёрҳо, нишондиҳандаҳо ва параметрҳои истеҳсоли маҳсулоти худӣ ифода ёфтаанд. Дараҷаи таъмини амнияти озуқавории давлат аз рӯи маҳсулоти таъминкунандаи ҳаёт (нон ва маҳсулоти нонӣ, шир, гӯшт, тухм, сабзавот, картошка, шакар, равғани растанӣ, меваю буттамева) баҳо дода мешавад.

Худтаъминкунии ғизо дар се сатҳ чен карда мешавад:

оптималӣ - барои қонеъ гардонидани талаботи бозори дохилии озуқаворӣ (дар арзёбии энергетикӣ - 3500 ккал ба як нафар дар як шабонарӯз) аз ҳисоби истеҳсоли худӣ 80-85% кифоя аст.

нокифоя – сатҳи истеҳсоли маҳсулоте, ки ба талаботи бозори дохилӣ бештар аз 60 фоиз, вале камтар аз 80 фоиз ҷавобгӯ мебошад;

танқисӣ- дараҷаи истеҳсолот, ки дар зери он суст шудани амнияти иқтисодӣ меистад. Бо фикру акидаи мутахасисон ва олимон, вазъияти кунуни Точикистон дар сатхи нокифоя арзёби гардидааст.

Дар ҳалли мушкилоти озуқавории Барномаи давлатии тараққиёти устувори деҳот барои оянда муҳимтарин мебошад, ки он дараҷаи худтаъминкунии чумхуриро бо навъҳои асосии ашьёи хоми хоҷагии қишлоқ хеле баланд бардошта, иқтидори калони содиротиро ташкил бояд дод.

Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз бисёр ҷиҳат нисбат ба нишондодҳое, ки дар кишварҳои узви Иттиҳоди

иқтисодии АвруОсиё (ЕАЭО) ба даст оварда шудаанд, камтар аст. Масалан, дар солҳои охир дар Белорусия ҳаҷми истеҳсоли махсулот ба ҳар сар аҳолӣ инро ташкил дод:

ғалла - 1010,1 кг (ба 1 сокини ЕАЭО - ба ҳисоби миёна 774 кг);

сабзавот - 183,1 кг (121 кг); картошка - 663,3 кг (242 кг);

гӯшт - 113 кг (77 кг); шир - 708,2 кг (248 кг); тухм - 417 дона. (290 дона) (5).

Тавозуни захираҳое, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021 ба даст овардааст, амалан ба сатҳи ҳадди ақали худтаъминкунии озуқаворӣ мувофиқат мекунад. Аз соли 2010 таъмини амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон хело беҳтар гардидааст: талаботи дохилӣ ба озуқаворӣ ба таври умум қонеъ карда мешавад, калориянокии ғизои аҳолӣ меафзояд, гуруснагӣ амалан истисно карда мешавад, аммо камғизоӣ боки мондааст (4).

Ҳангоми арзёбии дастрасии ҷисмонӣ дар Тоҷикистон меъёрҳои истеъмоли тиббӣ барои баъзе намудҳои ғизои ҳаётбахш таъмин карда нашудаанд.Яке аз роҳҳои муайян кардани ноамнии озуқаворӣ ва кифоятии ғизо ин ҳисоб кардани истеъмоли килокалорияҳо барои як хонавода барои як нафар дар як рӯз мебошад.

Дар нимсолаи аввали соли 2022 истеъмоли нон ва маҳсулоти нонӣ дар ҷумҳурӣ 77,8 кг-ро ташкил дод,ба ҳисоби миёна истеъмоли картошка ба ҳар сари аҳолӣ -19,2 кг, сабзавот ва маҳсулоти полезӣ -50,4 кг, шир ва маҳсулоти ширӣ -22,1 кг, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ 9,9 кг, равғани растанӣ ва дигар равғанҳо — 9,2 килограмм, тухм — 81 дона, қанд ва маҳсулоти қаннодӣ — 7,8 килограмм ва мева — 14,2 килограммро ташкил дод (4).

Дар низоми таъмини амнияти озуқаворӣ ғизои оқилона, ки он ғизоест талаботи организми инсонро ба энергия ва моддаҳои ивазнашавандаи ҳаётан муҳим дар шароити мушаххаси фаъолияти ҳаётии он бештар қонеъ мегардонад, нақши муҳим дорад. Натиҷаҳои тадқиқот нишон медиҳанд, ки дар хӯроквории хонагиҳои сокини як қатор шаҳру деҳот истеъмоли шир ва маҳсулоти ширӣ, гӯшт, инчунин меваю буттамева кам аст. Омили маҳдудкунанда қобилияти харидории даромади пулии вокеъии аҳолӣ мебошад, ки барои зиёд кардани истеъмоли маҳсулоти пурқимат имкон намедиҳад.

**Дар натиҷаи таҳлил хулосаҳои зерин баровардан мумкин аст**

1. Таҳлили нишондиҳандаҳои истеъмоли миёнаи навъҳои асосии маҳсулоти хӯрокворӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар кишварҳои ИА нишон медиҳад, ки вазъи таъминот ва истифодаи маводи хӯрока дар байни давлатхо гуногун мебошад ва меъёрҳои қабулшудаи дастрас будани он барои аҳолӣ иҷро нашуданд: дар Русия - барои меваҷот, маҳсулоти ширӣ, сабзавот; дар Белоруссия - барои маҳсулоти моҳӣ, тухм ва маҳсулоти коркарди ғалла; дар Қазоқистон — барои маҳсулоти ширӣ, тухм, мева, сабзавот ва картошка; дар Арманистон — барои маҳсулоти ширӣ, моҳӣ ва картошка; дар Қирғизистон — барои гӯшту шир, тухм, мева, сабзавот ва картошка, канд. Сатҳи бадастомадаи арзиши энергетикии парҳезӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар ҳама кишварҳои ИА, ба истиснои Қирғизистон, захираҳои озуқаворӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои устувор кофӣ мебошанд, гарчанде ки номутаносибии ғизо боқӣ мемонад (бо афзалияти маҳсулоти арзонтари растанӣ) (4).

2. Дар сохтори хароҷоти истеъмолии аҳолии мамлакатҳои иттиҳоди ЕАЭО хароҷоти миёна ба озуқа аз 30 дар сад зиёд аст (ҳатто бо назардошти он, ки нишондиҳандаҳои воқеии истеъмоли озуқа аз меъёр паст аст). Ин аз қобилияти харидории пасти даромадҳои аҳолӣ ва нокифоя будани истехсоли маҳсулоти хӯрокворӣ

дар ҳаҷм ва навҳои зарурӣ шаҳодат медиҳад. Дар Русия ҳиссаи хонаводаҳое, ки хароҷоти истеъмолӣ аз меъёр камтар аст (мувофиқ ба нишондодҳои мақсадноки истеъмоли озуқаворӣ) 45-50 дар сад, дар Белорусия 40-45 дар сад, дар Арманистон 65-70 дар сад, дар Қазоқистон ва Қирғизистон — 70—70 дар сад, 75 дар сад (бо дараҷаи пасти истеъмол дар Арманистон ва Қирғизистон).

3. Вобастагии нисбатан баланди бозори дохилӣ аз воридот боқӣ мемонад: дар Русия - барои мева, маҳсулоти ширӣ, равғани растанӣ ва сабзавот; дар Белорусия - барои мева, равғани растанӣ ва сабзавот; дар Қазоқистон - барои қанд (аз ҷумла хом), меваҳо, равғанҳои растанӣ ва маҳсулоти гӯштӣ; дар Арманистон - барои ғалла, равғани растанӣ, қанд (аз ҷумла хом), маҳсулоти гӯшту шир, мева; дар Қирғизистон — барои равғани растанӣ, қанд, мева. Дар баробари ин, қисми асосии воридот ба воридот аз кишварҳои узви СХШ рост меояд. Вобастагии нисбатан баланд аз воридот аз кишварҳои сеюм танҳо аз меваҳо, инчунин равғани растанӣ (барои Русия ва Беларус) ва шакар (барои Қазоқистон ва Арманистон) мушоҳида мешавад (4).

Дар робита ба ин, зарур аст, ки саъю кӯшишро пеш аз ҳама ба баланд бардоштани дастрасии иқтисодии маҳсулоти озуқа барои аҳолӣ ҳам тавассути ҳавасмандгардонии модернизатсияи сохторӣ ва технологии истеҳсолоти ватании кишоварзӣ ва ҳам тавассути татбиқи барномаҳои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва ёрии иҷтимоӣ ба гуруҳҳои камдаромади аҳолӣ.мақсаднок равона созем.

Гузаронидани сиёсати ҳамоҳангшудаи муттасил ё ягона дар бахшҳои иқтисодиёт. Бо идомаи пандемия ва маҳдудиятҳои давомдори тиҷорат, сохтори занҷирҳои байналмилалии истеҳсолӣ тағир ёфта, минтақавӣ мегардад. Аз ин рӯ, барои рушди занҷирҳои истеҳсолии минтақавӣ имкониятҳо мавҷуданд, таҳкими робитаҳои мо имкон медиҳанд, ки истеҳсолот ва корхонаҳои муштарак таъсис дода шаванд.

Талабот ба ҳалли масъалаҳои амнияти озуқаворӣ аз вазъи ноустувори озуқаворӣ дар ҷаҳон ва хатари вайроншавии эҳтимолии занҷири ҷаҳонии таъминот бинобар бӯҳрони давомдори эпидемиологӣ дар кишварҳои ҷаҳон вобаста аст.

Маҳз маҳдудиятҳои тиҷорӣ дар давраи пандемия ба бад шудани вазъи ғизо дар бисёре аз кишварҳои ҷаҳон, ки барои таъмини амнияти озуқавории аҳолӣ сахт вобастагӣ доранд, оварда расонид. Чунин мушкилот аз бисъёр кишварҳо, бахусус кишварҳои Осиёи Марказӣ низ канор нагузаштааст. Аллакай дар моҳи июни соли гузашта коршиносони Бонки Ҷаҳонӣ аз хатари ноустувории нархҳо барои баъзе навъҳои ғизо ва коҳиши дастрасии гурӯҳҳои осебпазири Осиёи Марказӣ  ба он ҳушдор дода буданд.Илова бар ин, ҷойҳои корӣ ва ММД дар кишварҳои минтақа ба кишоварзӣ сахт иртибот доранд. Масалан, дар Ӯзбекистон қариб 27 фоизи қувваи корӣ дар хоҷагии қишлоқ, қариб 40 фоиз дар Туркманистон ва қариб 48 фоиз дар Тоҷикистон кор мекунанд (5).

Дар ҳамин ҳол, ҳиссаи хароҷоти аҳолии кишварҳои Осиёи Марказӣ ба маводи ғизоӣ 40-60 фоизро ташкил медиҳад, ки мардумро ба ҳар гуна тағйирёбии нархҳо хеле ҳассос мекунад.Дар чунин шароит аҳамияти рушди ҳамкорӣ дар соҳаи таъмини амнияти озуқаворӣ дар доираи созмонҳои гуногун, аз ҷумла ЕАЭО меафзояд. Амалҳои ҳамоҳангшудаи ҳамаи давлатҳо дар ин самт ба манфиати рафъи оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии пандемия беш аз пеш зарур аст.

Дар ин замина бояд гуфт, ки дар доираи ЕАЭО масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ ва ҳамкорӣ дар бахши кишоварзӣ афзалавиятҳои рӯзафзун пайдо мекунанд. Барномаи ҳамкории оид ба амнияти ғизоӣ тасдиқ шуда буд.Вале айни ҳол онро бо

тадбирҳои амалӣ сер кардан лозим аст. Ҳамин тариқ, пешниҳодҳои Ӯзбакистон оид ба ворид намудани тадбирҳои мушаххас барои кам кардани зарар аз вайроншавии занҷири таъминоти озуқа байни кишварҳо,инчунин истифодаи самараноки иқтидори мавҷуда дар ин соҳаро кобили дастгирист.

Ворид намудани чорабиниҳои мушаххас дар доираи нақшаи пешниҳодкардаи Ӯзбекистон инчунин тадбирҳоро оид ба суръат бахшидан ба ташаккули нуқтаҳои рушди соҳа, ба монанди кластерҳои муосири кишоварзӣ ва агропаркҳо бо таваҷҷӯҳ ба истифодаи технологияҳои муосири инноватсионӣ, интиқоли технологияҳои пешрафтаро дар назар дорад. Технология дар соҳаи обёрӣ ва ба вуҷуд овардани шабакаи тафтиши мол низ зарур мебошад.Дар натиҷа кооператсия(хамкори) дар соҳаҳои мухими кишоварзӣ такони иловагӣ мегирад. Дар байни онҳо, дар шароити нави иқлимӣ, пешбурди кишоварзии «ақл» махсусан муҳим дониста мешавад, ки андешидани тадбирҳои возеҳи муштаракро ҷиҳати ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ барои таъмини гузариши босуръати кишварҳои ЕАЭО ба кишоварзии «сабз» тақозо мекунад.Дар ин замина бояд қайд кард, ки кишоварзии «ақл» имрӯз ба бахши муҳимтарини саноати кишоварзӣ табдил меёбад, зеро истифодаи технологияҳои интеллектуалӣ барои баланд бардоштани ҳосилнокӣ ва кам кардани хароҷоти истеҳсолот мусоидат мекунад. Ба гуфтаи коршиносони FutureMarketInsights, ин бозор то соли 2026 то 40 миллиард доллар афзоиш хоҳад ёфт ва ҷорӣ кардани технологияҳои нав ҳосилнокии ҷаҳонии кишоварзиро то соли 2050 70% афзоиш медиҳад.

**Ҳалли мушкилоти озуқаворӣ марҳалаҳои иҷрои онро пешбинӣ мекунад.**

**Давраи якум** бо ба амал баровардани тадбирҳои фавқулодда оид ба рафъи таназзули истехсолот, пардохти карз дар назди деҳот, бо техника, нуриҳои маъданӣ ва воситаҳои муҳофизати растаниҳо, сӯзишворӣ, равғанҳои молиданӣ ва дигар маводҳо таъмин намудани истеҳсолкунандагони деҳот алоқаманд аст.

Дар **марҳалаи дуюм** муътадил гардондани вазъияти хоҷагии қишлоқро таъмин кардан лозим аст. Дар ин давра бояд инфраструктураи бозор ташаккул ёбад. Роҳбарии маъмурӣ бояд комилан бо идоракунии иқтисодиёт иваз карда шавад, дар айни замон алоқаи сектори аграрӣ бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ беҳтар карда, барои тараққиёти сотсиалии деҳот шароити иқтисодӣ фароҳам оварда шавад.

**Марҳалаи сеюм -** афзоиши истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқро дар асоси истифодаи технологияи навтарини самарабахш, ҳалли мушкилоти озуқаворӣ ва ноил шудан ба дараҷаи оптималии фаъолияти иқтисодии беруниро дар назар дорад.

Ҳар яке аз ин марҳилаҳо самтҳои худро барои ташаккули захираҳои ғизоӣ доранд:

* истеҳсолкунандагони мол маҳсулотро дар асоси фоидаи иқтисодӣ мефурӯшанд;

* ҳукумат ва мақомоти иҷроияи маҳаллӣ квотахои харидро барои эҳтиёҷоти давлат муайян мекунанд, хариди маҳсулотро аз рӯи шартномаҳо ва нархҳое, ки ба истеҳсолкунандагон даромад медиҳанд, кафолат медиҳанд (5).

Дараҷаи таъминоти озуқаворании ҷумҳуриро дар солҳои охир баҳо дода, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки вай дар минтақаи «кофӣ» мебошад. Мушкилоти озуқаворӣ ҳанӯз ҳам аз мушкилоти аввалиндараҷа мебошад, ки ҳалли онҳо андешидани тадбирҳои таъмини танзими самарабахши давлатии тараққиёти комплекси агросаноатиро ҳамчун манбаи асосии ташаккули фонди озуқаворӣ пешбинӣ мекунад.

**АДАБИЁТ:**

1.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26-уми декабри соли 2020 /рӯзномаи Садои Мардум аз 3-юми январи соли 2020. - С.3-4

2.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 26 январи соли 2021 / рӯзномаи Минбари халқ аз 28-уми январи соли 2021. - С.3-4.

3.Барномаи бехатарии маҳсулоти озуқавории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2019-2023, аз 29 декабри соли 2017, таҳти №АП-984 бо амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шудааст. -Душанбе, 2017. - С. 2-3.

4.Совместные прогнозы развития агропромышленного комплекса, балансы спроса и предложения государств – членов Евразийского экономического союза по сельскохозяйственной продукции, продовольствию, льноволокну, кожевенному сырью, хлопковолокну и шерсти на 2020-2021 годы. [Электронный ресурс]Режим доступа:https://eec.eaeunion.org/upload/medialibrary/33f/Sovmestnye-prognozy.pdf – Дата доступа: 08.12.2022

5. Статистический сборник. Продовольственная безопасность и бедность /Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. -2019. -№4. - 208 с

6. ТағоевБ.Д., Исайнова,М.Х. Современные проблемы продовольственной безопасности и их последствия для Республики Таджикистан [Текст] /М.Ҳ. Исайкова // Вестник ТГУПБП. Выпуск 2. - Ходжент, 2022. (91). – С. 44-53.

## ПРОДОВОЛЬСТВЕННАЯ БЕЗОПАСНОСТЬ ГОСУДАРСТВ ЕВРАЗЭС: ПРОБЛЕМЫ И ПУТИ РЕШЕНИЯ

**КИЕМИДИНОВ ХУСЕНБОЙ**

к.э.н., ведущий научный сотрудник ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. Тел: +(992)935196500. E-mail: husseyn46@mail.ru.

**АШУРОВ БАХРИДИН**

|окторант ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, пр. Рудаки 33. Тел: +(992)935196500. E-mail: husseyn46@mail.ru.

*Обеспечение продовольственной безопасности является одной из центральных проблем в системе решения задач социально-экономического развития любого государства. В Таджикистане для решения данной проблемы принятии мери, реализации которых позволило, улучшит продовольственное обеспечение населения, однако в этом направлении имеются резервы и возможности. В нынешних условиях в обеспечение продовольствием особую актуальность приобретает такое направление развития агропромышленного комплекса Республики Таджикистан, как удовлетворение потребностей жителей республики в продуктах питания за счет насыщения отечественного рынка высококачественной продукцией, собственного производства, а также кооперация с странами Центральной Азии.*

***Ключевые слова:*** *продовольственная безопасность, продовольственное обеспечение, продовольственный рынок, агропромышленный комплекс.*

**FOOD SECURITY OF THE EURASEC STATES: PROBLEMS AND SOLUTIONS**

**KIYOMIDINOV HUSENBOY**
candidate of economical sciences, leading researcher at the ISPAEC of the NAST. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Tel: +(992)935196500. E-mail: husseyn46@mail.ru.

**ASHUROV BAHRIDIN**
Doctoral student of ISPAEC of the NAST. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue 33. Tel: +(992)935196500. E-mail: husseyn46@mail.ru.

*Ensuring food security is one of the central problems in the system of solving the problems of socio-economic development of any state. In Tajikistan, to solve this problem, the adoption of measures, the implementation of which will improve the food supply of the population, however, there are reserves and opportunities in this direction. In the current conditions, in the provision of food, such a direction in the development of the agro-industrial complex of the Republic of Tajikistan as meeting the needs of the inhabitants of the republic in food by saturating the domestic market with high-quality products, own production, as well as cooperation with the countries of Central Asia, is of particular relevance.*

***Keywords**: food security, food supply, food market, agro-industrial complex.*

**УДК 339.9**

**ДУРНАМОИ РУШДИ ИҚТИСОДИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ФАЗОИ МУОСИРИ ҲАМГИРОИИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ**

**ҲАБИБОВ АБДУРАҲМОН ҲАКИМБОЕВИЧ**
номзади илмҳои иқтисодӣ, котиби илмии ОИМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

*Дар замони муосир масъалаи ҳамгироии ҷаҳонӣ ва минтақавӣ дар madди аввал қарор дорад. Минтақаи Осиёи Марказӣ, ки миллатҳои гуногунро дар бар мегирад, барои равандҳои ҳамгироӣ, пеш аз ҳама иқтисодӣ асосҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ-иқтисодӣ мавҷуд аст. Рушди бомуваффақияти иқтисодӣ бояд тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва расидан ба сатҳи нави рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро дар бар гирад.*

*Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси принсипи “дарҳои боз” сиёсати хориҷии худро амалӣ намуда, бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ва сохторҳои байналмилалии молиявӣ муносибатҳои дӯстонаву шарикӣ, ҳамкориҳои судманд ба роҳ мондааст. Кишвари мо ба масъалаҳои баланд бардоштани хусусияти бисёрсамтӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, раванди рақамикунонии иқтисодиёт, татбиқи “иқтисоди сабз”, саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, ҳамчун самтҳои афзалиятнок дар ҳамгироии минтақавӣ мешуморад.*

***Калидвожаҳо:** Осиёи Марказӣ, ҳамгироӣ, рушди иқтисодӣ, савдои хориҷӣ, самтҳои ҳамкорӣ.*

Равандҳои ҷаҳонишавӣ дар ҷаҳони имрӯза имкониятҳои ҳамгироии иқтисодиро васеъ намуда, ба ташаккул ва рушди созмонҳои минтақавӣ ҳамчун омилҳои муҳимтарини ташаккули ҷаҳони бисёрқутбӣ мусоидат намуда, дар навбати худ боиси афзоиши ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ мегардад. Ҳамгироии минтақавӣ муҳимтарин самти рушди муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ ба ҳисоб меравад.

Ҳамгироии бомуваффақияти хоҷагии халқ ба созмонҳои муосири минтақавӣ аз бисёр ҷиҳат рушди самарабахши онро на танҳо дар минтақа, балки дар тамоми ҷаҳон муайян мекунад. Дар шароити инкишофи пешрафти илмию техникӣ ва қувваҳои истеҳсолкунанда ташкил ёфтани созмонҳои байналхалқии минтақавӣ натиҷаи табиии тақсимоти байналхалқии меҳнат мебошад. Аз ин рӯ, субъектҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ дар шароити вобастагии мутақобила аз пешрафти ҷаҳонӣ ба афзалиятҳои худ такя намуда, барои иштироки фаъолона дар равандҳои ҳамгироӣ саъй менамоянд [11].

Аз ин лиҳоз, Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар мавқеъи ҷуғрофии худ бе баромад ба уқёнуси ҷаҳонӣ ва релйефи умдатан кӯҳистонӣ, ки дар татбиқи барномаҳои рушди иқтисодӣ онро маҳдуд мекунад, бояд дар равандҳои ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ ширкат варзида, манфиатҳои худро пешбарӣ намояд. Ва бояд гуфт, ки вай аз ин истифода мебарад.

Кишвари мо дар асоси принсипи “дарҳои боз” сиёсати хориҷии худро амалӣ намуда, бо кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ва сохторҳои байналмилалии молиявӣ муносибатҳои дӯстона, ҳамсоягии нек, шарикӣ, ҳамкориҳои судманд барқарор ва инкишоф медиҳад.

Дар ин самт метавон гуфт, ки Тоҷикистон имрӯз бо 130 давлати дунё равобити тиҷоративу иқтисодӣ дошта, узви комилҳуқуқ ва фаъоли Созмони Милали Муттаҳид, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Паймони Амнияти Дастаҷамъӣ, Созмони Амният ва Ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар сохторҳои бонуфузи ҷаҳонӣ ва минтақавӣ мебошад [7].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сиёсати хориҷии худ ҳамеша ба рушди минбаъдаи муносибатҳо бо кишварҳои узви Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, шарикони стратегӣ – Федератсияи Россия, Чин ва дигар шариконаш, аз қабили Иттиҳоди Аврупо, Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, кишварҳои Амрикои Лотинӣ, мамлакатҳои Осиё, Шарқи Наздик ва давлатҳои дигар минтақаҳо аҳамияти махсус медиҳад.

Вазифаҳои асосии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамгироии минтақавӣ инҳоро дар бар мегирад:

- фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва соҳибкорӣ;
- баланд бардоштани мавқеъ ва нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар системаи муносибатҳои байналмилалии иқтисодӣ;
- вусъат додани равандҳои ҳамгироӣ;
- истифодаи самараноки захираҳои табиӣ, аз ҷумла, захираҳои гидроэнергетикӣ;
- таъмини амнияти иқтисодӣ дар минтақа;
- ташаккул ва ҳифзи фазои ягонаи иқтисодӣ бо давлатҳои минтақа ва таъмини рушди устувор дар оянда [5].

Рушди бомуваффақияти иқтисодӣ бояд тавсеаи минбаъдаи ҳамкориҳо дар соҳаи иқтисодӣ, татбиқи лоиҳаҳои муштарак ва расидан ба сатҳи нави рушди ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодиро дар бар гирад.

Рушди устувори иқтисодӣ дар дарозмуддат аз рушди бомуваффақияти ҳамкориҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ вобаста аст.

Иштироки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар равандҳои минтақавӣ ба рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ ва иштироки фаъолона дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сармоягузорӣ мусоидат мекунад. Муносибатҳои тиҷоратию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама ба ҳамкориҳои васеи байналмилалӣ нигаронида шудаанд. Аз ин рӯ, дар шароити афзоиши шаффофияти иқтисодӣ зарурати таҳкими ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ бо муҳимтарин шарикони стратегии рушд ба миён меояд [1].

Ҳамин тариқ, таҳлили гардиши савдои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 (4557,8 млн. доллари ИМА) нишон дод, ки беш аз нисфи ҳаҷми умумии он ба кишварҳои ИДМ рост меояд, ки дар онҳо маҳсулоти хӯрокворӣ, маъданӣ, маҳсулоти саноати химия ва мошинсозӣ афзалият доранд [9]. Саҳми кишварҳои Осиёи Марказӣ дар гардиши савдои хориҷӣ 28,3 фоизро ташкил дод. Бояд гуфт, ки дар ҳаҷми умумии гардиши савдои берунии ҷумҳурӣ давлатҳои Қазоқистон ва Ӯзбекистон ҷойҳои дуюм ва панҷумро ишғол мекунанд. Дар гардиши савдои хориҷии ҷумҳурӣ низ саҳми шарикони дигар дар равандҳои ҳамгироӣ дар минтақа – Русия ва Чин назаррас аст. Дар баробари ин робитаҳои иқтисодӣ бо Эрон, Ҳиндустон ва Покистон фаъолона барқарор карда мешаванд. Аммо дар содирот ва воридоти хизматрасониҳо асосан хизматрасонии нақлиётӣ қарор дорад, ки диверсификатсияро тақозо мекунад. Бо мақсади байни ноҳияҳои мамлакат таъмини ҳаракати бемамониати мусофирону борҳо ва кишварамонро аз бунбасти коммуникатсионӣ бароварда, ба транзитӣ табдил додан як қатор лоиҳаҳои сармоягузориро амалӣ шуданд. Дар натиҷа якпорчагии инфрасохтори нақлиётӣ ва пайвастан ба кишварҳои ҳамсоя ва тавассути онҳо ба дигар давлатҳо тавассути долонҳои нақлиётӣ таъмин гардид.

Қобили зикр аст, ки равандҳои ҳамгироии кишварҳои Осиёи Марказӣ дар марҳилаи аввал қарор доранд ва ҳанӯз анҷом наёфтаанд. Аммо мавҷуд будани сарватҳои табиӣ, ҷойгиршавӣ ва тафаккури монанди халқҳои минтақа аз дараҷаи баланди имконоти ҳамгироӣ ба иқтисодиёти ҷаҳон шаҳодат медиҳад. Аз назарияи иқтисодӣ ва амалияи хоҷагидорӣ бармеояд, ки сабабҳои асосии монеъ шудан ба рушди муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ парокандагӣ ва ҳамкории сусти минтақавӣ мебошад.

Ин сабабҳоро дар тамоюли имрӯзаи ҳамкориҳои тиҷоратӣ дар фазои минтақа мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар равобити тиҷорати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилот ба вуҷуд меорад. Ин равандҳои парокандагӣ бо омилҳои сиёсӣ алоқаманданд, ки бо гуногунсамтии манфиатҳои кишварҳои минтақа дар раванди ташаккули сохтори муносибатҳои иқтисодии берунӣ вобастаанд. Омилҳои гуногуни парокандашавӣ миқёс ва самаранокии тамоми системаи робитаҳои иқтисодии беруниро дар Осиёи Марказӣ, аз ҷумла дар сиёсати тиҷорати хориҷии ҷумҳурӣ, коҳиш медиҳанд [6].

Кишварҳои минтақа ба таъсири бӯҳронҳои молӣ ва дигар равандҳои ҷаҳонӣ хеле осебпазир буда, робитаҳои иқтисодӣ аз бесуботӣ ва низоъҳо дар минтақа зарар мебинанд. Аксарияти онҳо дар мавқеи номусоиди ҷуғрофӣ қарор доранд, ки ин равандҳои ҳамгироии тиҷоратиро дар миқёси ҷаҳонӣ ба таври назаррас мушкил мекунад. Илова бар ин, онҳо аз соҳаи кишоварзӣ сахт вобастаанд, ки ин маънои онро дорад, ки онҳо ба тағирёбии иқлим бештар осебпазиранд ва пайвастан ба занҷирҳои

истеҳсолӣ-тиҷоратии ҷаҳонӣ душвор аст. Бо ҳамаи ин сабабҳо дурнамои пешрафти онҳо хеле каманд.

Барои ноил шудан ба рушди босуръати иқтисодӣ, ин кишварҳо бояд ба омилҳои дохилӣ ва берунии рушди иқтисодӣ, инчунин роҳҳои коҳиш додани хатар таваҷҷӯҳ зоҳир кунанд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ба масъалаҳои баланд бардоштани хусусияти бисёрсамтӣ ва рақобатпазирии иқтисоди миллӣ, раванди рақамикунонии иқтисодиёт, татбиқи “иқтисоди сабз”, саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди неруи инсонӣ афзалият дода, дар ҳамин асос рушди устувор ва босифати хоҷагии халқро таъмин мекунад.

Тоҷикистон берун аз қаламрави худ метавонад аз омилҳое, ба монанди воридшавӣ ба раванди тиҷорати ҷаҳонӣ ва ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ барои ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ истифода кунад. Ҳамин тариқ, сарфи назар аз таъсири бемории сироятии COVID-19, дар соли 2021 сармояи хориҷӣ ба соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ ба маблағи умумии беш аз 6,8 миллиард сомонӣ, аз ҷумла 2,5 миллиард сомонӣ сармояи мустақими хориҷӣ ҷалб карда шуд, ки нисбат ба соли 2020 мутаносибан 42 ва 39 фоиз зиёд аст. Зимнан, дар 20 соли ахир ба кишвар беш аз 150 миллиард сомонӣ сармояи хориҷӣ, аз ҷумла 59 миллиард сомонӣ сармояи мустақим ҷалб шудааст, ки зиёда аз 35 миллиарди он ба рушди соҳаи саноат равона карда шуд.

Дар шароити фаъолияти пурсамари ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи лоиҳаҳо ва иттиҳодияҳо татбиқи лоиҳаҳои муштарак оид ба коркарди захираҳои табиии кишварҳои Осиёи Марказӣ, инчунин дар соҳаи тиҷорат ва сармоягузорӣ муваффақтаринҳост. Татбиқи лоиҳаҳои муштарак оид ба рушди иқтидори гидроэнергетикӣ ҳам барои сармоягузорон ва ҳам барои кишварҳои истеъмолкунанда кори фоидаовар аст. Рушди муштараки чунин чорабиниҳо ба таҳкими ҳамгироии кишварҳои минтақа мусоидат намуда, барои афзоиши ҳаҷми ҳамкориҳои иқтисодӣ шароити заруриро фароҳам меорад.

Дар ин бобат, албатта, аниқ кардани мақсади дарозмуддат муҳим ба назар мерасад, ки дар атрофи он метавон ҳамкории иқтисодиро дар доираи раванди ҳамгироӣ барпо намуд. Аксар вақт ҳадафи ҳамгироӣ ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ барои ҳаракати озоди сармоя, мол, одамон, ғояҳо ва донишҳо, татбиқи сиёсати ҳамоҳангшуда дар соҳаи назорати сарҳадӣ ва гумрукӣ, сиёсати мудофиа, табодули фарҳангӣ, ва гайра мебошад. Аммо, дар асл, чунин ҳадафҳо ё воситаҳои расидан ба ҳадафи воқеии дарозмуддат ва ё натиҷаҳое мебошанд, ки аз татбиқи стратегияи дарозмуддати ҳамгироӣ ба даст меоянд.

Тавсеа ва таҳкими ҳамкориҳои тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон ва дигар шарикон бояд ба фаъолсозӣ ва истифодаи бештари манфиатҳои ҳамкорӣ асос ёбад. Истифодаи оқилонаи бартариҳои ин гуна ҳамкорӣ ба ҷалби бомуваффақияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба равандҳои ҷаҳонии рушди байналмилалӣ ва таъмини рушди минбаъдаи фаъолияти иқтисодии кишвар мерасонад. Самти ояндадори рушд инчунин васеъгардонии шарикӣ бо дигар иттиҳодияҳои кишварҳост. Аз ҷумла, Ассотсиатсияи кишварҳои Осиёи Ҷанубу Шарқӣ, Ҳамкории иқтисодии кишварҳои Осиё ва ҳавзаи уқёнуси Ором, Ташкилоти ҳамкории иқтисодӣ, Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё аз ҷиҳати рақобат, табодули таҷриба ва шарикии имконпазир, аз ҷумла тавассути долонҳои нақлиётии Шимол-Ҷануб ва Роҳи бузурги абрешим манфиатнок мебошанд.

Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон нақш ва аҳамияти чунин давлатҳои бузург ба мисли Чин ва Русия аз нигоҳи шарики стратегӣ ва сармоягузори боэътимод хеле баланд аст. Мавқеи наздики ҷуғрофӣ, тафаккури муштарак ва равобити хуби сиёсӣ кишварҳои минтақаро шарикони муваффақ мегардонанд. Самтҳои афзалиятноки ҳамкорӣ дар баробари энергетика, нақлиёт, телекоммуникатсия, қарз ва бонкдорӣ, инчунин маориф, илм ва технологияҳои инноватсионӣ, тандурустӣ ва кишоварзӣ мебошанд.

Вобаста ба ин, зарур аст, ки барои ташкили корхонаҳои дорои технологияҳои муосир, паркҳои инноватсионию технологӣ, марказҳои коркарди иттилоот ва ба ин васила таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва ба роҳ мондани истеҳсоли маҳсулоти ниҳоии дорои арзиши баланди иловашуда тамоми чораҳои зарурӣ андешида шаванд.

Дар доираи ҳамкории байниминтақавии иқтисодӣ имконияти ташкили корхонаҳои нав, барқарор намудани иқтидорҳои мавҷуда, зиёд кардани ҳаҷми истихроҷ ва коркарди маъданҳо ва ба кор андохтани як қатор корхонаҳои калони коркарди ниҳоии ашёи хом имконпазир мегардад.

Самти муҳими ҳамгироӣ дар марҳилаи муосир рақамикунонӣ маҳсуб мешавад, ки онро тамоюли меҳварии рушди ҷаҳонӣ тавсиф кардан мумкин аст. Аз ин рӯ, кишварҳои ОМ ҷуз кӯшиши як қисми ин раванд шудан илоҷи дигаре надоранд. Вагарна берун аз моҷарои пешрафти илмию техникӣ монда, имконияти баланд бардоштани некӯаҳволии иқтисодиро аз даст хоҳанд дод.

Дар робита ба ин, барои ҳамгироӣ дар асоси рақамикунонӣ кишварҳои минтақаро зарур аст, ки ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ба фазои ягона ҷалби сармоягузорӣ, технологияҳои инноватсионӣ, рушди стартапҳо, эҷоди занҷирҳои арзиши иловагӣ дар соҳаи технологияҳои иттилоотӣ, гурӯҳҳои тадқиқотии бисёрҷониба, озмоишгоҳҳо ва марказҳои инноватсионӣ, ҷойҳои кории нави баландтехнологӣ, бозорҳо барои маҳсулоти нав таваҷҷӯҳ зоҳир намоянд. Баланд шудани некӯаҳволии умумии одамон ва ба вуҷуд омадани ширкатҳои нав сарчашмаҳои тавлид ва ҷамъшавии захираҳои назарраси молиявиро ба вуҷуд меорад, ки барои сармоягузорӣ ва гирифтани фоида ҷойгоҳҳои ояндадорро ҷустуҷӯ мекунанд.

Бо мақсади таъмини рушди босуръати раванди ҳамгироӣ ва татбиқи дурнамои эҳтимолии ҳамкориҳои иқтисодии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказӣ суръат бахшидан ба татбиқи лоиҳаҳои муштарак, азхудкунии муштараки захираҳои молиявӣ, энергетикӣ ва ғайра, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ ва самаранок истифода бурдани нерӯи илмию техникии кишварҳои минтақа тавсия дода мешавад.

Дар оянда як қатор масъалаҳоро аз рушди муносибатҳои тиҷоратию иқтисодӣ, ҳаракати озоди молҳо, хизматрасонӣ, қувваи корӣ, фаъолияти сармоягузорӣ то ташкили фазои ягонаи иқтисодӣ, таҳкими робитаҳои иқтисодӣ ҳам дар минтақа ва ҳам берун аз он ва ноил шудан ба ҳамгироии чуқуртар дар занҷираҳои истеҳсолӣ-тиҷоратии ҷаҳонӣ ҳал кардан мумкин аст.

## АДАБИЁТ:

1. Ашуров, И.С., Кинжаева, Р.Х. Основные направления развития интеграции Республики Таджикистан в региональных формированиях // Наука без границ. – 2016. – № 2(2).

2. Байдурин, М.С. Обеспечение экономической безопасности ЕАЭС на основе развития экономической интеграции стран СНГ. – Москва, 2017. – С. 335.

3. Доклад Всемирного банка «Перспективы мировой экономики: рост напряженности, спад инвестиций». 2019 г.

4. Кандыёрова, Д.О. Таджикистан: векторы евразийской интеграции // Таджикистан и современный мир. Научный журнал. – Душанбе: ЦСИПРТ, 2015. – № 4(47). – С.77-79

5. Мирбобоев, Р.М., Салиева, Н.Ш. Внешние факторы экономической интеграции государств-участников СНГ // Вестник РТСУ. – 2018. – № 4(64). – С. 56-69.

6. Мирсаидов А.Б., Неъматов И.У. Асосҳои консептуалӣ ва институтсионалии татбиқи сиёсати тиҷорати хориҷии Тоҷикистон дар ИДМ. Ахбори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва иҷтимоӣ. - 2019. - № 2. саҳ. 35-41.

7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021.

8. Содиков М.С. Эффективность развития интеграционных процессов стран ЦА// Вестник Таджикского национального университета. – Душанбе, 2018. – № 7. – С.134-139

9. Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ/ маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. 702 с.

10. Фадеева, И.А. Экономические выгоды и потери стран ШОС // Вопросы экономики и права. – Москва, 2017. – № 2. – С. 196.

11. Шарипов С.Б. Основные направления углубления торгово-экономического сотрудничества стран ШОС (на материалах Республики Таджикистан). Дисс. ... доктора философии (PhD). ТГФЭУ, Душанбе – 2022. 164 с.

# ПЕРСПЕКТИВЫ ЭКОНОМИЧЕСКОГО РАЗВИТИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В СОВРЕМЕННОМ ИНТЕГРАЦИОННОМ ПРОСТРАНСТВЕ ЦЕНТРАЛЬНОЙ АЗИИ

**ХАБИБОВ АБДУРАХМОН ХАКИМБОЕВИЧ**
кандидат экономических наук, ученый секретарь ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, г. Душанбе, проспект Рудаки, 33. Тел.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

*Сегодня на первый план выходит вопрос глобальной и региональной интеграции. Регион Центральной Азии, включающий в себя различные народы, имеет исторические и социально-экономические основания для интеграционных процессов, прежде всего экономических. Успешное экономическое развитие должно включать в себя дальнейшее расширение сотрудничества в экономической сфере, реализацию совместных проектов и выход на новый уровень развития торгово-экономического сотрудничества.*

*Республика Таджикистан реализует свою внешнюю политику на основе принципа «открытых дверей» и установила дружественные и партнерские отношения и взаимовыгодное сотрудничество с зарубежными странами, международными и региональными организациями и международными финансовыми структурами. В нашей стране приоритетными являются вопросы повышения многовекторности и конкурентоспособности национальной экономики, процесса цифровизации экономики, реализации «зеленой экономики», ускоренной индустриализации, использования инновационных технологий, развития человеческого потенциала, которые продвигаются как приоритетные направления региональной интеграции.*

***Ключевые слова:*** *Центральная Азия, интеграция, экономическое развитие, внешняя торговля, направления сотрудничества.*

## PROSPECTS FOR THE ECONOMIC DEVELOPMENT OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE MODERN INTEGRATION SPACE OF CENTRAL ASIA

**HABIBOV ABDURAHMON HAKIMBOEVICH**
candidate of economic sciences, scientific secretary of the ISPAEC of the NAST. Address: 734025, Dushanbe, Rudaki Avenue, 33. Tel.: 901080144. E-mail: habibov@bk.ru

*Today, the issue of global and regional integration comes to the fore. The region of Central Asia, which includes various nations, has historical and socio-economic foundations for integration processes, primarily economic ones. Successful economic development should include further expansion of cooperation in the economic sphere, implementation of joint projects and reaching a new level of development of trade and economic cooperation.*

*The Republic of Tajikistan implements its foreign policy on the basis of the principle of "open doors" and has established friendly and partnership relations and mutually beneficial cooperation with foreign countries, international and regional organizations and international financial structures. In our country, the priorities are the issues of increasing the multi-vector and competitiveness of the national economy, the process of digitalization of the economy, the implementation of the "green economy", accelerated industrialization, the use of innovative technologies, human development, which are promoted as priority areas of regional integration.*

***Keywords:*** *Central Asia, integration, economic development, foreign trade, areas of cooperation.*

## СОҲИБКОРӢ ҲАМЧУН ШАКЛИ ШУҒЛИ ЗАНОН

**НАБИҶОНОВА МАҲФУЗА РАҲМАДҶОНОВНА**
**мудири шуъбаи курсҳои тайёрии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ (ш. Хуҷанд, Тоҷикистон). Тел.: 92-800-02-46. E-mail: mahfuz_a@mail.ru**

*Дар мақолаи мазкур масъалаи шуғли занон, муайян намудани омилҳои ба он таъсиррасон ва мушкилоти онҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Аз ҷумла, омилҳои овардашуда ба берунӣ ва дохилӣ ҷудо карда шуда, гуруҳбандӣ гардидаанд. Ҳамчун яке аз соҳаҳоиояндасози ин ҷода соҳибкории занон пешниҳод шуда, масъалаҳои бо ин вобаста таҳлили худро ёфтаанд. Хусусиятҳои рушди соҳибкории занон ва ҷанбаҳои иҷтимоию иқтисодии он қайд шудаанд. Самтҳои асосии дастгирии давлатии соҳибкории занон оварда шудааст. Оид ба тақвият бахшидан ба фаъолияти сохторҳои дастгирии иқтисодӣ, иттилоотӣ, ҳуқуқӣ, равонӣ ва ғайраи соҳибкории занон пешниҳод шудааст.*

***Калидвожаҳо***: *шуғл, зан, соҳибкорӣ, омил, рушд, дастгирӣ, хусусият, мушкилот.*

Сарфи назар аз тамоюлҳои мусбати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-фарҳангии рушди ҷомеа, ки ба тавсеаи амалӣ намудани неруи худ барои занон мусоидат мекунанд, онҳо дар соҳаи шуғли аҳолӣ нисбат ба мардон мавқеи камтар мусоидро ишғол мекунанд. Илова бар ин, дар ҷаҳони муосир мушкилоти шадиди шуғл бо муборизаи рақобатӣ барои ҷойҳои корӣ, ки касбият, дониш ва маҳоратро талаб мекунанд, вуҷуд дорад.

Дар баробари ин, баъзе дигаргуниҳои иқтисодиёти кишвар барои пурратар зуҳур ёфтани неруи иқтисодии занон имкониятҳои муайян фароҳам оварданд. Яке аз роҳҳои

ҳалли мушкилоти шуғли занон рушди соҳибкории иҷтимоӣ ва ҷалби занон ба тиҷорати хурд мебошад. Дар айни замон он майлҳои занон, ки дар таърихи пештараи инкишофи муносибатҳои гендерӣ ташаккул ёфта буданд, талабот пайдо карданд. Занҳо ба корҳои хона машғул шуда, таҷрибаи назарраси ташкилотчигӣ ва соҳибкорӣ ҷамъ кардаанд ва имрӯз онро на танҳо дар оила васеъ истифода бурдан мумкин аст. Тибқи тамоюлҳои ҷаҳонӣ, соҳибкории хурд ояндаи шуғли занон аст. Он торафт бештар ба соҳаи фаъолияти занон табдил меёбад.

Дар шароити муосир, дар қаламрави ҷумҳурӣ тамоюли талабот ба неруи баланди таълимӣ ва касбии занон вуҷуд дорад. Онхо қисми зиёди бекоронро ташкил медиҳанд, ки ин боиси оқибатҳои манфии иҷтимоӣ мегардад. Дар бораи иқтидори бузурги соҳибкории занон сухан рондан мумкин аст, ки онро танҳо бо дастгирии муайяни давлат амалӣ кардан мумкин аст. Инкишофи соҳибкории занон ҳам яке аз самтҳои муҳимтарини пешрафти иқтисодиёт ва пешомади коҳиш додани нобаробарии мардону занон дар соҳаи бо кор таъмин кардан ба ҳисоб меравад.

Консепсияи шуғли занон мушаххасоти мафҳуми умумии шуғл аст, аммо дар айни замон мазмуни мустақил дорад. Н.И. Кунгурова мафҳуми «шуғли занон»-ро ҳамчун тақсимоти занон дар маҳалҳо, соҳаҳо ва касбҳое, ки ба хусусиятҳои истифодаи меҳнати занон комилан мувофиқанд, ва инчунин истифодаи амалии онро инъикос менамояд, пешниҳод карда буд [4].

Ин таъриф хусусияти муносибатҳои меҳнатии занонро дар давраи муосир ифода намекунад. Фаъолияти касбӣ имрӯз яке аз ҷойҳои аввалро ишғол намуда, аҳамияти мустақилона, пеш аз ҳама ҳамчун соҳаи худшиносӣ пайдо мекунад, гарчанде ки он ҳавасмандии иқтисодиро истисно намекунад. Категорияи «шуғли занон» манфиатҳои ҷамъиятро инъикос намуда, аз ҷониби мо ҳамчун шуғли марбут ба истифодаи меҳнати занон фаҳмида мешавад, вақте ки фаъолияти меҳнатии онҳо на танҳо ҳамчун як зарурати иқтисодӣ, балки ҳамчун воситаи ифодаи ҳисси шахсияти зан ва инкишофи вай баррасӣ мешавад. Категорияи «шуғли занон» ҳамчун системаи муносибатҳои таъмини ҷойҳои корӣ ва ҷалби қисми занони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол ба корҳои иҷтимоӣ буда, ба шарте ки занон дар интихоби шаклҳои фаъолияти меҳнатӣ бо назардошти дараҷаи мутобиқшавӣ ба шароити нави бозор ва рақобатпазирӣ озод бошанд. Ин манфиати худи занонро ифода мекунад.

Хусусиятҳои хоси рушди шуғли касбии занон дар давраи муосир инҳоянд: ҷалби аксарияти занон ба меҳнати ҷамъиятӣ вобаста ба талаботи марҳилаи баъдииндустриалии рушди ҷомеа, зарурати нигоҳ доштани сатҳи қобили қабули зиндагӣ барои оила, манфиатҳои худи занон; тамоюли афзоиши афзалияти меҳнати баландихтисоси занон, ки ба таҳкими мавқеи онҳо дар соҳаи шуғли аҳолӣ мусоидат мекунад; ташаккули модели тағйирпазири шуғли занон, ки дар кишварҳои пешрафта боиси бартарияти занҳое гардид, ки барои онҳо таҳсилот ва касбу кор аз оила ва фарзанддорӣ аҳамияти камтаре надоранд; тағйирёбии тафриқаи гендерӣ дар системаи меҳнати ҷамъиятӣ, ки дар норавшан шудани хатти байни соҳаҳои суннатии фаъолияти мардонаю занонаи татбиқи меҳнат зуҳур мегардад.

Дар таъмини шуғли занон омили ба истилоҳ тақсимоти гендерии меҳнат таъсири бузург дорад. Ба андешаи мо, ба «мардона» ва «занона» тақсим шудани касбҳо на бо мавҷудият ё набудани қобилияти равонӣ ва сифатҳои кордонӣ шарҳ дода намешавад, балки натиҷаи дидгоҳҳои суннатӣ оид ба нақшҳои иҷтимоии зану мард аст. Инро он

далел тасдиқ мекунад, ки маҷмуи касбҳои маъмулан "мардона" ва "занона" аксар вақт дар кишварҳои гуногун яксон нестанд. Дар ин маврид ғояҳо дар бораи даромаднокӣ ва обрӯю эътибор бартарӣ доранд. Ҳамин ки ҳар як кор содда гардад, обрӯю эътибор ва даромаднокиаш паст шавад, «занона» мешавад. Феминизатсияи касбҳо мақоми пасти ин намуди касбҳо, даромади шахсии пастро пинҳон мекунад.

Вазъияти шуғл дар ҳоли ҳозир ба нафъи занон нест. Мушкили шадидтарин ҷудокунии касбии гендерӣ мебошад, ки ба тамаркузи занон дар касбҳо ва соҳаҳои каммузд мусоидат намуда, боиси табъизи иҷтимоӣ, номутаносибии сатҳи музди меҳнати занон ва мардон, имкониятҳои мансаб ва иштирок дар қабули қарорҳои идоракунӣ мегардад.

Яке аз роҳҳои ҳалли мушкилоти бо кор таъмин намудани занон ҷалб намудани занон ба соҳибкории хурд мебошад. Шуғл дар шакли соҳибкорӣ мақоми шакли аз ҷониби ҷамъият эътирофшуда, монанди шуғли кироя пайдо мекунад. Соҳибкорӣ дар баробари мазмуни иқтисодӣ ҷанбаҳои иҷтимоиро равшан муайян кардааст. Аз нуқтаи назари нақши соҳибкорӣ дар системаи муносибатҳои иҷтимоӣ мафҳуми он ҳамчун шакли шуғл аник карда шудааст. Ин фаъолияти ба мақсад мувофиқ ба ташаббуси шахсӣ, мустақилият ва масъулият асос ёфта, ба даст овардани даромади меҳнатӣ нигаронида шуда, боиси худшиносӣ ва тасдиқи шахсият мебошад. Аҳамияти асосии ин шакли меҳнат дар он аст, ки диққати эҷодӣ, ташаббускорӣ, озодии ботинӣ ба руҳ ва принсипҳои иқтисоди бозаргонӣ мувофиқ аст.

Дар робита ба мутобиқшавии иҷтимоии аҳолӣ ба иқтисоди бозорӣ, соҳибкорӣ ба шахс имконият медиҳад, ки худро собит кунад ва даромад ба даст орад, аммо ин шакли шуғл бештар бо таваккал ва номуайянии вазъи оянда, ҳифзи сусти иҷтимоии аҳолӣ хос аст. Ба ин мушкилоти мушаххас — таъмини амнияти соҳибкорон ва моликияти онҳо илова мешавад.

Соҳибкории занон хусусият ва сабабҳои худро дорад. Ду гурӯҳи омилҳои рушди соҳибкории занонро ҷудо мекунанд: берунӣ ва дохилӣ. Ба зан ҳамчун субъекти фаъолияти соҳибкорӣ омилҳои умумӣ барои тамоми аҳолӣ, яъне баробар ба мардон ва занон таъсир мерасонад ва як қатор онҳо ба занон таъсири хос доранд.

Омилҳои беруна ба занон дар шакли ташаккули худи ниёз ба фаъолияти соҳибкорӣ ҳамчун шакли шуғл таъсир мерасонанд. Онҳо бавосита ва ғайримустақим амал мекунанд, дар шуури занон стереотипҳои муайян эҷод мекунанд. Ба онҳо омилҳои ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ дар бораи занон, фаъолияти ташкилотҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи меҳнат ва ҳифзи ҳуқуқи занон, инкишофи ҳаракати ҷаҳонии занон, паҳн намудани идеяҳои феминистӣ), омилҳои иҷтимоии фарҳангӣ (идеология ва маданияти ҷамъиятӣ, нақш ва мақоми занон дар шуури омма, мавқеи занон дар системаҳои тараққикардаи ҷамъиятӣ), омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ (рушди соҳаи хизматрасонӣ, ташаккули модели хизматрасонӣ ба мизоҷони муносибатҳои истеҳсолӣ, вазъи иқтисодӣ дар кишвар, сиёсати давлатии иҷтимоӣ ва сиёсати шуғл, ташаккули институтҳои бозори меҳнат) мансуб мебошанд.

Омилҳои ҳуқуқӣ ба ислоҳоти қонунгузорӣ дар соҳаи меҳнат ва маориф бо мақсади таъмини иштироки пурраи занон дар фаъолияти иқтисодӣ нигаронида шуда, барои рушди соҳибкории занон шароити объективӣ фароҳам меоранд.

Омилҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ба мавқеи иҷтимоии зан, мақоми ӯ дар ҳаёти шаҳрвандӣ ва сиёсӣ марбутанд. Дар тӯли солҳои охир, ҳудуди нақшҳои анъанавии

Муҳаққиқини тоҷик Т. Назаров ва А. Сатторзода дар китоби худ "Дипломатияи муосири тоҷик" вобаста ба муносибатҳо бо Чин чунин ибрози ақида намудаанд: "Ҷумҳурии Мардумии Чин аз бузургтарин ҳамсояҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад ва дар минтақа ва дунё нуфузи муассире дорад. Нуфузи вай марҳила ба марҳила бо болоравии иқтисодиаш ва иқтидори низомиаш афзоиш меёбад. Бинобар ин бо Чин доштани муносибати дипломатии устувор, ҳамкориҳои густурдаи тиҷоратӣ, иқтисодӣ, низомӣ ва фарҳангӣ ба манфиати Тоҷикистон буда, пеши роҳи ҳама гуна хавфу хатари эҳтимолиро хоҳад гирифт" [1, 82-83]

Бояд қайд намуд, ки Чин аввалин ва то ҳол ягона кишвари ҳамсояест, ки сарҳади Тоҷикистон бо ӯ аниқ ва дақиқ карда шудааст, ки аз ҷониби ҳарду кишвар эътироф карда шудааст. Дар ин замина қайд намудан зарур аст, ки дар солҳои охир ҳамкориҳои иқтисодӣ миёни Тоҷикистон ва Чин рушд ва тақвият ёфта истодаанд. Бешубҳа, Чин дар ҳоли имрӯз, бо афзоиши бесобиқаи иқтисодиаш дар ҷаҳон нақши муассиреро касб намудааст ва барои Тоҷикистон доштани равобити иқтисодӣ, бо чунин кишвари қудратманд, аз ҷиҳати иқтисодӣ ва ҳам сиёсию низомӣ ба манфиат мебошад.

Яке аз ҷиҳати фарққунандаи муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин он аст, ки аз оғоз ҳамвор ҷараён дошта, марҳила ба марҳила рушд ва густариш меёбанд. Ҳам Тоҷикистон ва ҳам Чин ба инкишофи ҳамаҷонибаи ҳамкориҳои иқтисодии судманд манфиат доранд. Дар сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Мардумии Чин шиори "ҳамсояҳои нек ва шарикҳои хуб" маълум мебошад. Муносибатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ин кишвари ҳамсоя бояд ҳамеша ба он мувофиқат намояд. [3, 82-83]

Бо бунёд ва ба истифода дода шудани як қатор шоҳроҳҳои мошингард ва боз гардидани гузаргоҳҳо монеаи асосӣ - набудани роҳ аз миён бардошта шуд. Дар натиҷа ҳаҷми тиҷорати хориҷӣ байни ду кишвари ҳамсоя якбора афзоиш ёфт. Дар ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Чин, ки рӯзҳои 18-25 июли соли 2004 баргузор гардидааст, нақшаи мушаххаси бунёди корхонаҳои муштарак барои истеҳсоли молҳои саноати афзалиятдори иқтисоди Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар гидроэнергетика ва саноати кӯҳӣ, танзим гардид. Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ворид гаштан ба бозори минтақавии Осиёи Марказӣ ва роҳ ёфтан ба манбаъҳои маводи сӯхти он, яъне нафту газ ва нерӯи барқ, аз ҷумла Тоҷикистон сахт ниёз дорад. Инро саноати босуръат пешравандаи ин кишвар талаб мекунад. [4, 130-132]

Дар ин ҷо суоле ба миён меояд, ки чӣ омилҳо боис гардиданд, ки Ҷумҳурии Мардумии Чин кишварҳои Осиёи Марказиро оҷилан ба расмият шинохта, бо онҳо робитаҳои дипломатиро ба роҳ монад:

- омилҳои сиёсӣ-геополетикӣ: баъди пошхӯрии Иттиҳоди Шӯравӣ дар Осиёи Марказӣ аз нигоҳи геополитикӣ холигии (вакууми) сиёсӣ ба амал омада буд, зеро тайи солҳои 90-уми асри XX Русияи нав аз ин минтақа рӯ метофт. Баръакси ин ҳолат ҳар кадоме аз кишварҳои абарқудрати ҷаҳон ба монанди Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Туркия, Ҷумҳурии Исломии Эрон ва ғайра талоши зери нуфузи худ даровардани минтақахои мазкурро менамуданд. Чин, ки ба ин минтақа ҳамсоя ва ҳаммарз буд, кӯшиш менамуд, дар талошҳои геополитикӣ дар канор намонад;

- омилҳои амниятӣ: оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон ва номусоид будани вазъияти сиёсӣ дар Афғонистон ба амнияти қисми ғарбии Ҷумҳурии Мардумии Чин таҳдид ба бор меовард. Зеро дар қаламрави он халқҳои уйғур, тоҷик, қирғиз, қазоқ, дунган бо теъдоди 40 ҳазор нафар умр ба сар мебаранд, ки дер боз дар талоши худмухторӣ мебошанд;

- омилҳои сарҳадӣ: Ҷумҳурии Мардумии Чин бо минтақаи Осиёи Марказӣ ҳудуди 3,2 ҳазор км хати сарҳадӣ дорад, ки баъзе қисматҳои он аз даврони Шӯравӣ то инҷониб ҳалли худро наёфта буданд. Бо истифода аз фурсати муносиб Чин ҷиҳати ҳал намудани минтақаҳои баҳсталаби сарҳадӣ бо кишварҳои минтақаи мазкур кӯшишҳо намуд;

- омили иқтисодӣ: Тоҷикистон дорои захираҳои бойи табиӣ, бахусус дорои захираҳои гидроэнергетикӣ мебошад. Масалан: имкони солонаи қувваи барқ дар Тоҷикистон 500 млрд кВт/соатро ташкил медиҳад. Ҳол он, ки барои эҳтиёҷоти дохила 28-30 млрд кВт соат кофист. Ё худ дорои нефту газро гирем, Чин ба он эҳтиёҷоти зиёд дорад;

- омилҳои тиҷоратӣ: Тоҷикистон бозори мувофиқ барои молҳои чинӣ аст, ки бар ин васила Чин метавонад молу маҳсулоти худро ба бозорҳои кишварҳои Осиё ва Аврупо интиқол диҳад. Ин ва дигар омилҳо водор намуд, ки ин кишвари абарқудрат ба минтақаи мазкур диққати махсус зоҳир намояд.

Маҳз натиҷаи ҳамин *"заминаи хуби муносибатҳо"*, ки аз оғоз дар байни Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ба вуҷуд омада буд, боиси он гардид, ки роҳбари ҷумҳурӣ нахустин сафари расмии давлатии худро ба Чин баргузор намояд, ин аломат аз нишонаи сулҳу манфиатҳои миллии ин ду кишвар буд.

Ҳусни тафоҳум ва муносибати дӯстонае, ки дар байни Сарвари Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Шӯрои давлатии мардумии Ҷумҳурии Мардумии Чин Тезян Тезэмин аз нахустин дидорашон ба вуҷуд омад, дар рушд ва густариши муносибатҳои давлатӣ ва ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳояшон нақши муассиру мусбат гузошт.

Пешвои муаззами миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баъд аз ин, моҳи сентябри соли 1996, 11 – 14 августи соли 1999 ва моҳи майи соли 2002, ба Ҷумҳурии Мардумии Чин сафари расмӣ кардааст, ки ин сафари расмӣ тамоми муносибатҳои тарафайнро дар соҳаи иқтисодию иҷтимоӣ ва сиёсӣ дарбар гирифта буд.

Дар навбати худ сафари расмии ҷавобии раиси Шӯрои давлатии Ҷумҳурии Мардумии Чин ба шаҳри Душанбе 3 – 5-уми июли соли 2000 сурат гирифт: "Ба истифода, аз фурсат мехоҳем, баъзе андешаҳои худро дар мавриди ин, ки мову Шумо дар шароити нави муносибатҳои байналхалқӣ чӣ корҳоро бояд анҷом диҳем, баён намоем" [1, 82-83].

Ба бунёди асосӣ ва истифода дода шудани шоҳроҳи мошингарди Душанбе – Кӯлоб – Мурғоб – Кулма ва боз гардидани гузаргоҳи Қаросу, 25–уми майи соли 2004 монеаи асосии роҳ аз миён бардошта шуд.

Дар ҷаласаи Комиссияи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкориҳои тиҷоратӣ ва иқтисодии Тоҷикистон ва Чин, ки рӯзҳои 18-25-уми июли 2004 баргузор гардид, нақшаи мушаххаси бунёди корхонаҳои муштарак барои истеҳсоли молҳои саноатӣ ва коркарди маводи хом, ҷалби сармояи чинӣ ба соҳаҳои афзалиятдори иқтисодии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, дар гидроэнергетика ва саноати кӯҳӣ, танзим гардид. Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ворид гаштан ба бозори минтақаи Осиёи Марказӣ ва роҳ ёфтан ба манбаъҳои маводи сӯхти он, яъне нафту газ ва нерӯи барқ, аз ҷумла Тоҷикистон сахт ниёз дорад. Инро саноати бо суръат пешравандаи ин кишвар тақозо мекунад [1, 82-83].

Солҳои 2005-2006 дар робитаҳои Тоҷикистон бо Чин ниёз ба як кафолати сиёсии эътимодбахш пайдо гардид, ки ҷонибҳо онро ба имзои Аҳдномаи бузург устувор намуданд.

15-уми январи соли 2007 ҳангоми сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шаҳри Пекин Раиси ҳамонвақтаи Ҷумҳурии Мардумии Чин Ху Сзинтао ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Аҳднома миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин дар бораи ҳусни ҳамҷаворӣ, дӯстӣ ва ҳамкориро ба имзо расониданд. Ин санади бунёдии сиёсӣ натоиҷи ҳамкориҳои 15 соли ҳамкориҳои ду давлати ҳамсояро ҷамъбаст намуда, натиҷаи воқеии сиёсии заминаи шартномавӣ-ҳуқуқие гардид, ки дар тӯли 15 сол ташаккул ёфтааст [2, 127-38].

Ба ин пойгоҳи ҳуқуқӣ зиёда аз 100 санади дуҷониба ворид гардиданд, аз ҷумла, 6 Эъломияи муштарак, 3 Баёнияи муштарак, 5 созишномаи байнидавлатӣ, 45 санади байниҳукуматӣ ва 34 санади байниидоравӣ. То ба имзо расидани Аҳдномаи мазкур дипломатҳои тоҷику чинӣ барои ба низом даровардани созишномаҳои мавҷуда корҳои зиёдеро анҷом доданд. Дар ин санади бузург бахшҳои мухталифи ҳамкориҳои дуҷониба дар бахшҳои сиёсӣ, ҳарбӣ, иқтисодӣ, тиҷоратӣ, фарҳангӣ - таълимӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Дар Аҳдномаи мазкур ҳамкориҳои иқтисодӣ мавқеи назаррасро ишғол намудаанд. Ҷиҳати густариши равобити дуҷонибаи иқтисодӣ-тиҷоратӣ, энергетикӣ, илмӣ-техникӣ, аграрӣ, гуманитарӣ, экологӣ ва робитаҳо дар соҳаи нақлиёт диққати махсус зоҳир шудааст.

5-уми июни соли 2012 дар ҷараёни сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин дар ҳузури сарони Тоҷикистону Чин ду санад ба имзо расид: Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкории техникию иқтисодӣ.

Бояд қайд намуд, ки дар ҳошияи сафари давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин 20-уми майи соли 2013 8 санади нави ҳамкорӣ ба имзо расид:

- Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба истиқрори муносибатҳои шарикии стратегӣ;
- Созишнома миёни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкории иқтисодию техникӣ;
- Протоколи ҳамкорӣ миёни Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи назорати сифат ва карантини Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба талаботи фитосанитарӣ барои содироти меваҷоти тару тоза аз Тоҷикистон ба Чин;
- Созишнома миёни Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Саридораи давлатии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиши Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш;
- Созишномаи қарзӣ миёни Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон Амонатбонк ва Бонки давлатии рушди Чин;
- Созишномаи қарзӣ миёни Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Бонки содироту воридоти Чин дар бораи маблағгузории лоиҳаи “Шаҳри бехатар” оид ба идораи шабакаи автоматии роҳи мошингард ва лоиҳаи навсозии зеристгоҳи барқии 500 киловолтаи Регар;

- Ёддошти ҳусни тафоҳум миёни Вазорати энергетика ва саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати Dong Ying Heli Investment and development co. Ltd – и Чин оид ба сохтмони корхонаи коркарди нафт дар ҷануби Тоҷикистон.

Тибқи созишномаи байниҳукуматӣ оид ба ҳамкории иқтисодию техникӣ ба Тоҷикистон дар ҳаҷми 200 миллион юан (32,2 миллион доллари амрикоӣ) грант ё худ кумаки бебозгашт расонда мешавад [2].

Ҳамчун натиҷаи калидии сафари мазкур метавон баимзорасии Эъломияи муштараки Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Мардумии Чин оид ба истиқрори муносибатҳои шарикии стратегиро ном бурд, ки санади мазкур шарикони стратегӣ будани Тоҷикистону Чинро тасдиқ менамояд.

Боиси тазаккур аст, ки соли 13-уми сентябри соли 2014 дар доираи аввалин сафари давлатии Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин ба Тоҷикистон сарони давлатҳои Тоҷикистону Чин Эъломияи муштарак оид ба таҳкими муносиботи шарикии стратегӣ ба имзо расонида, “Барномаи ҳамкориҳои иқтисодӣ то соли 2020”-ро қабул карданд.

Мулоқоти сатҳи олии навбатии сарони давлатҳои Тоҷиикистону Чин ҳангоми сафари кории Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ, Эмомалӣ Раҳмон ба Пекин рӯзҳои 1-3-юми сентябри соли 2015 баргузор гардид, ки дар натиҷаи он ҷонибҳо 3 санади муҳими ҳамкориро ба имзо расиданд.

Сафари навбатии давлатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин 31-уми августи соли 2017 ба амал омада, дар доираи он ҷонибҳо оид ба густариши ҳамкориҳо дар ҳошияи пешбурди ташаббуси “Як камарбанд, як роҳ” ибрози андеша намуда, 13 санади нави ҳамкориро ба имзо расониданд.

Байни Тоҷикистону Чин аллакай дар соли 1993 “Ёддошти тафоҳуми муштарак оиди истифодаи принсипҳои умумии ҳамкории тарафайн” ба имзо расида шуда буд. Дар доираи он 8 созишнома оиди ҳамкорӣ ба имзо расида шуда буданд: Созишома оиди қарзи давлатӣ барои таҳвили молҳо ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, Созишнома оиди пешниҳод намудани кумаки башардӯстона, Созишнома оиди ҳамкории тиҷоратӣ – иқтисодӣ, Созишнома оиди дастгирии тарафайн ва ҳимояи сармоягузориҳо, Созишнома оиди қарзи имтиёзнок ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 100 млн. юан, Созишнома оиди ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Илова бар ин, бо суръати баланд корхонаҳои муштарак ташкил карда шуда буданд, ки дар байни онҳо номбар намудан мумкин аст: «Точин-Л»: «Корвон ЛТД»: «Ришта» ва ғайраҳо. Дар баробари ин ҳамкорӣ дар соҳаи сохтмони роҳҳои автомобилгард амалӣ шудаанд (сохтмони роҳи Душанбе – Хуҷанд – Бӯстон - Чанак: нақби Шаршар ва ғ). Инчунин байни Тоҷикистону Чин аллакай роҳи автомобилгард вуҷуд дорад, ки он метавонад ба густариши ҳамкориҳо дар соҳаҳои гуногун мусоидат намояд.

Робитаҳои фарҳангӣ, илмию техникӣ байни Тоҷикистон ва Чин низ босуръат вусъат ёфта истодааст. Дар асоси Созишнома оид ба ҳамкории фарҳангӣ, илмию техникӣ, Ҳукумати ҶМЧ ҳар сол барои дохил шудан ба донишгоҳу донишкадаҳои олии ҶМЧ якчанд шаҳрвандони ҶТ квота ҷудо мекунад. Дар солҳои охир семинарҳо, симпозиумҳо ва конференсияҳо зиёд доир карда мешавад. Дар давоми солҳои 1993 – 2021 чандин сафарҳои дуҷонибаи ҳайатҳои олимон, мутахассисони соҳаи кишоварзӣ, тоҷирон, варзишгарон доир гашт [5, 30-34].

Бояд қайд намуд, ки дар ҳар як мулоқоти сатҳи олӣ сарони давлатҳои Тоҷикистону Чин масъалаҳои ҳадафҳои стратегии Ҷумҳурии Тоҷикистонро мавриди баррасӣ қарор

дода, ҷиҳати амалисозии он якҷоя чораву тадбирҳои зарурӣ андешидаанд, ки мо оид ба масъалаи мазкур дар бобҳои минбаъда муфассалтар ибрози андеша мекунем.

Таҳлилҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки робитаҳои иқтисодии мардуми ду давлати ҳамсоя, Тоҷикистон ва Чин таърихи хеле қадимаро доро буда, таърихи Роҳи бузурги Абрешим дар рӯзгори мо ҳамчун як таҷрибаи тиҷоратӣ ба ҳамдигар фоидаовар ва муносиботи сулҳомезу мутамаддини кишварҳо ва халқҳои гуногун арзёбӣ мешавад.

Ҳамзамон лоиҳаи "Як камарбанд, як роҳ" ҷиҳати татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат менамояд. Иштироки Тоҷикистон дар ин лоиҳа, ҳамчун кишваре, ки ба баҳр баромад надорад, ба рушди иқтидори транзитии он оварда мерасонад. Тоҷикистон ба иштироки ҷониби Чин дар татбиқи лоиҳаҳои бузурги сохтмони иншооти гидроэнергетикӣ дар кишвар, инчунин сохтмон ва таҷдиди инфросохторҳои нақлиётӣ, бунёди долонҳои транзитии нақлиётӣ ва ғ. манфиатдор аст ва барои ин лоиҳаҳо шароити мусоиди сармоягузорӣ муҳайё шудааст.

## АДАБИЁТ:


1. Алимов Р., Халифаев М., У. Ситсюй, Яо Шаочун. Таджикистан-Китай. Сборник основных документов (1992-2007 гг.). – Пекин: Международная жизнь, 2008. – С. 127-138.
2. Мирзоев Н.М., Мирзоев Ҳ.Т. Ҳамкориҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумиии Чин: мушкилот ва дурнамоии робитаҳо ( ISSN-2219-5408, Вестник Педагогического Университета, Душанбе-2019.№6 стр. 125-130.
3. Мирзоев Ҳ.Т. Взаимодействия Республики Таджикистан с Китайской народной Республики в сфере образования// Вестник Таджикского национального университета, сер. гум. наук. № 5, 2020. ISSN 2074-1847. Стр. 77-82.
4. Мирзоев Ҳ.Т. Ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии мардумии Чин дар доираи СҲШ (ISSN-2219-5408, Вестник Педагогического Университета, Душанбе-2019.№6 стр. 130-136).
5. Мирзоев. Ҳ.Т.Сотрудничество Республики Таджикистан и Китайской Народной Республики в области образования и науки.// Азия и Европа, научний журнал. Душанбе-2020. №2,(4), С. 34-40. (на тадж.яз.).
6. Мулоқоту музокироти сатҳи олии миёни Тоҷикистону Чин. http://www.president.tj/node/4398 (санаи муроҷиат: 22.10.2021).
7. Назаров Т., Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. – Душанбе: 2006. -С.82-83.
8. "Як камарбанд, як роҳ"-масири нави ҳамкориҳо.https://nematblog.wordpress.com/2019/05/10/yak-kamarband-yak-roh/ http://www.pamirgeo.ru/node/342 (санаи муроҷиат: 16.10.2021).
9. Отношение Таджикистана с Европейским Союзом. http://mfa.tj/?l=ru&cat=92&art=176 (доступ 2.05.2019).
10. Программа отмечает свой официальный старт. https://www.bomca-eu.org/ru/news/29-the-programme-celebrates-its-official-launch-ru ( доступ 2.05.2019).
11. Встреча Министра иностранных дел Таджикистана с Верховным представителем ЕС по иностранным делам и политике безопасности http://mfa.tj/index.php?l=ru&cat=8&art=3828 ( доступ 2.05.2019).
12. Гуманитарная помощь Евросоюза и гражданская защита в Центральной Азии: прошлые и будущие кризисы https://eucentralasia.eu/ru/2013/01/the-eus-humanitarian-aid-

and-civil-protection-policy-in-central-asia-past-crises-and-emergencies-to-come-ru ( доступ 2.05.2019)

## РАЗВИТИЕ РАЗНООБРАЗИЯ ОТНОШЕНИЙ ТАДЖИКИСТАНА С КИТАЙЕМ В ГОДЫ НЕЗАВИСИМОСТИ

**АБДУЛЛОЗОДА МАКНУНА МАШРАБ**
магистр 2 курса ИИПСАЕ НАНТ, Тел.: 004665665, E-mail: maknuna.abdulozoda@bk.ru

*В данной статье анализируется развитие двусторонних и многосторонних отношений между Республикой Таджикистан и Китайской Народной Республикой в период независимости. Стоит отметить, что Республика Таджикистан и Китайская Народная Республика являются всесторонними стратегическими партнерами, и укрепление этих отношений является одним из приоритетных направлений внешней политики Таджикистана.*

*Примечательно, что за тридцать лет независимости в рамках сотрудничества с Китайской Народной Республикой в Таджикистане были построены крупнейшие хозяйственные структуры, учреждения науки и культуры, которые вносят весомый вклад в решение стратегических задач республики, преодоление коммуникационного тупика и решение вопросов энергонезависимости. Обмен товарами между двумя странами быстро увеличивается, увеличиваются и объемы китайских инвестиций в инфраструктурные объекты Таджикистана. Гуманитарные отношения также расширяются как в двустороннем, так и в многостороннем порядке. Этот и другие вопросы двустороннего сотрудничества и успеха исследуются в статье.*

***Ключевые слова:*** *независимость, сотрудничество, объект, экономическое, учреждение, научное, культурное, республика, связь, инвестиции.*

## DEVELOPMENT OF THE DIVERSITY OF RELATIONS OF TAJIKISTAN WITH CHINA IN THE YEARS OF INDEPENDENCE

**ABDULLOZODA MAKNUNA MASHRAB**
master of the second year of the Institute of Asian and European studies of Academy of Sciences of the Republic of Tajikistan, phone: 004665665, e-mail: maknuna.abdulozoda@bk.ru

*This article analyzes the development of bilateral and multilateral relations between the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China during the period of independence. It should be noted that the Republic of Tajikistan and the People's Republic of China are all-round strategic partners, and the strengthening of these relations is one of the priorities of Tajikistan's foreign policy.*

*It is noteworthy that over the thirty years of independence, within the framework of cooperation with the People's Republic of China, the largest economic structures, institutions of science and culture have been built in Tajikistan, which make a significant contribution to the solution of the strategic tasks of the republic. , overcoming the communication impasse and resolving issues of energy independence. The exchange of goods between the two countries is rapidly increasing, and the volume of Chinese investment in the infrastructure facilities of Tajikistan is*

*increasing. Humanitarian relations are also expanding both bilaterally and multilaterally. This and other issues of bilateral cooperation and success are explored in the article.*

***Keywords:*** *independence, cooperation, facility, economic, institution, scientific, cultural, republic, communication, investment.*

## МУНОСИБАТҲОИ ИЛМӢ - ФАРҲАНГИИ ТОҶИКИСТОНУ ҲИНДУСТОН

**ОЛИМОВА НУШОФАРИН**
Магистри ИОМДОА АМИТ. Суроға: 734025, Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 33. Тел: (992) 93-540-06-03. E-mail: nushin_jan@mail.ru

*Дар мақолаи зерин оид ба самтҳои равобит миёни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон баъд аз барқарор намудани муносибатҳои дипломатӣ маълумоти мухтасар оварда шуда, диққати асосӣ ба равобити илмӣ-фарҳангӣ дода шудааст. Инчунин дар мақола фаъолияти марказҳои ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон, ки дар нашри китобҳо ва тарҷумаи асарҳои адибони машҳури Ҳинд саҳми арзанда доранд ва барномаҳои гуногуне, ки барои рушди муносибатҳои илмӣ-фарҳангӣ мусоидат мекунанд, мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.*

***Калидвожаҳо****: Тоҷикистон, Ҳиндустон, муносибатҳои илмӣ фарҳангӣ, тарҷума, марказҳои фарҳангӣ, ҳиндшиносӣ.*

Баъд аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, Ҷумҳурии Тоҷикистон бо аксар мамлакатҳои дунё муносибатҳои дипломатӣ барқарор намуд, аз ҷумла 28-уми августи соли 1992 бо Ҷумҳурии Ҳиндустон равобити дипломатӣ ба роҳ монд. Албатта, равобит миёни Ҳиндустону Тоҷикистони имрӯза ҳанӯз аз давраҳои қадим густариш дошт. Халқҳои тоҷику ҳинд дорои таъриху суннатҳои муштараки бою ғанӣ буда, ҳамкориву муносибатҳои гуногун байни ду халқи қитъаи Осиё таърихи беш аз дувуним ҳазор сола дорад. Хушбахтона, имрӯз низ ин равобити дӯстӣ дар асоси ҳамкориҳои нави барои ҳар ду ҷониб арзишманд рушду густариш меёбанд.

Ҷумҳурии Ҳиндустон яке аз аввалин кишварҳое буд, ки истиқлолияти давлатии Тоҷикистонро ба расмият шинохт ва соли равон 30-солагии барқарор шудани муносибатҳои дипломатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон ҳамчун воқеаи муҳими таърихӣ таҷлил гардид. Соли 1994 Сафорати Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Душанбе боз гардида, фаъолияташро оғоз намуд. Соли 2003 Сафорати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Деҳлӣ ба фаъолият шурӯъ намуд. Дар ҳоли ҳозир Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҷумҳурии Ҳиндустон Луқмон Бобокалонзода ва Сафири Фавқулода ва Мухтори Ҷумҳурии Ҳиндустон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Вираҷ Сингҳ мебошанд. То ба имрӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Ҳиндустон шаш маротиба — солҳои 1993, 1995, 2001 сафари расмӣ ва солҳои 2006, 2012 ва 2016 сафари давлатӣ анҷом додаанд [3]. Зимни ин сафарҳо чандин созишномаю санадҳои байнидавлатӣ дар бахшҳои гуногун: иқтисод, тиҷорат, тандурустӣ, кишоварзӣ, варзиш, сайёҳӣ, фарҳанг, маориф ва илму технология ба имзо расидаанд, ки ҷиҳати таҳкими дурнамои ҳамкории гуногунсоҳаи ҳар ду давлат мусоидат менамоянд. Инчунин Сафарҳои расмии

Президенти Ҷумҳурии Ҳиндустон (2009, 2018) дар рушди муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои мухталиф аҳамияти зиёд доранд.

Тоҷикистону Ҳиндустон ҳамкориро дар соҳаҳои иқтисоду тиҷорат, энергетика, кишоварзӣ, инфрасохтори роҳу нақлиёт, телекоммуникатсия, технологияҳои иттилоотӣ, дорусозӣ, фарҳангу маориф ва туризм, инчунин ҳарбӣ-техникӣ беш аз пеш тақвият дода, онҳоро аз самтҳои афзалиятнок ва ояндадори муштаракоти байнидавлатии Тоҷикистон ва Ҳиндустон арзёбӣ менамоянд.

Илму фарҳанг яке аз соҳаҳои афзалиятноки муносибатҳои байни ду кишвар мебошад. Фарҳанг ва расму оинҳои миллати тоҷику ҳинд ба ҳамдигар алоқамандии зиёд доранд. Чи тавре ки қайд карда шуд муносибат миёни ду халқ дар соҳаҳои гуногун аз давраҳои хеле қадим ба роҳ монда шуда буд, аз ҷумла муносибатҳои тиҷоратӣ тавасути роҳи бузурги абрешим. Ҳамин тариқ, муносибатҳои илмӣ фарҳангӣ, ки далели инкишофи он тарҷумаи асарҳои шоирону нависандагони бузурги форсу тоҷик мебошад, ин самтро қавӣ намудааст. Дар давраи нав тарҷума ва нашри асарҳои адибони тоҷик дар Ҳиндустон ва тарҷумаи асарҳои адибони ҳинд ба забони тоҷикӣ дар Тоҷикистон маҷрои дигаре пайдо намудааст, ки ин ҳам сол то сол қавитар шудани муносибатҳои фарҳангии ду кишварро ифода мекунад. Робитаҳои тиҷоратӣ, илмӣ ва фарҳангӣ дар асоси ҳурмату эҳтиром ба дину нажод ва урфу анъанаи ҳамдигар сурат мегирифт. Масалан, Ҳиндустон мамлакатест дорои дину мазҳабҳои гуногун ва мардуми он ба табақаҳо тақсим мешавад. Маъбадҳои буддоӣ дар ҷодаи абрешим дар назди корвонсаройҳо аз ҷониби савдогарони эътикодманди таълимоти буддоигирифтаи Ҳинд сохта мешуданд, ин маъбадҳо барои тоҷирони ҳинду хизмат менамуданд. Шоҳони ориёӣ-тоҷик як навъ интернатсионалист, демократ буданд ва нисбат ба дину оинҳои ҳамсоягон ва зердастон бо эҳтиром муносибат менамуданд, зеро паёмбари ориёиҳо Зардушт гуфтааст: “Аввал ба таълимоти ман шинос шавед ва онро озодона қабул намоед”, яъне дар оини маздаясно интихоби дин озод буд. Аз ҳамин лиҳоз Куруши Кабир бисёрдинии мардуми империяашро ба инобат гирифта, “Эъломияи башар”- ро пешниҳод намудааст. Азбаски дар замони Кушониён бахши шимолии Ҳинд ба империяи онҳо ворид буд, онҳо натанҳо ба буддизм, балки ба монизм, ҳиндуизм ва масеҳият дар ҳудуди давлаташон озодӣ додаанд [2,17]. Ҳамин тариқ равобит дар муҳити дустӣ ва ҳурмату эҳтиром нисбат ба дин, миллат ва касбу фаъолият сурат мегирифт.

Тарҷумаи асарҳо ва таълифи китобҳо яке аз омили асосии рушди муносибатҳои илмӣ, фарҳангӣ ва адабӣ байни ду давлат мебошад ва дар айни ҳол нисбат ба дигар соҳаҳо муносибати илмӣ- адабӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Ҳиндустон бештар рушд кардааст. То даврони истиқлолият асарҳои адибони ҳиндзабон аввал ба забони русӣ тарҷума гашта, баъд аз забони русӣ ба забони тоҷикӣ баргардонида мешуданд. Ҳабибулло Раҷабов дар яке аз мақолаҳои худ «Роҷеъ ба тарҷумаҳо ва тарҷумонҳои асарҳои адибони Ҳинд дар Тоҷикистон» чунин қайд кардааст: ‘Адабиёти бадеӣ ҳамеша сарчашмаи муҳими дарки зиндагии ин ё он мамлакат мебошад. Аз солҳои панҷоҳуми асри гузашта дар ҷумҳурии мо пайваста тарҷума намудани асарҳои адибони Ҳинд оғоз ёфт. Инро низ бояд гуфт, ки дар он солҳо тарҷумаи асарҳои адибони Ҳинд ва адибони дигар кишварҳои хориҷӣ, тавре болотар ишора кардем, танҳо аз забони русӣ буд, чунки дар Тоҷикистон ҳанӯз тарҷумонҳое набуданд, ки забонҳои ҳиндустониро донанд, то ин, ки мустақим асарҳои бадеиро аз забонҳои аслӣ тарҷума намоянд. Ҳамин тариқ, забони русӣ нақши забони миёнаравро миёни Ҳиндустону Тоҷикистон ва Покистону

Тоҷикистон иҷро менамуд' [9]. Аммо бо рушди ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон, махсусан бо ташаккули кафедраи Ҳинду Покистони Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тарҷумаи асарҳои адибони ҳинд, аз ҷумла ҳикояҳои Равиндранатҳ Тҳакур, Премчанд, Моҳан Ракеш, Упендранатҳ Ашк ва дигарон бевосита  аз забони ҳиндӣ ба забони тоҷикӣ тарҷума мегарданд.

Марказҳои илмӣ - фарҳангӣ

Бо барқарор намудани равобити дипломатӣ байни Ҷумҳурии Точикистон ва Ҷумҳурии Ҳиндустон санаду ҳуҷатҳои зиёде дар бораи рушди муносибатҳо дар соҳаҳои гуногун ба имзо расонида шуданд, ки яке аз ин самтҳо бахши илму фарҳанг буд. Имрӯз дар Тоҷикистон якчанд марказҳои фарҳангӣ ба омӯзишии забон ва адабиёти ҳиндӣ ва урду машғуланд. Инчунин барномаҳои таълимӣ барои донишҷӯёну магистрон аз ҷониби мутахассисон навишта шудаанд. Ҳамаи ин барои рушди маҳорату малака ва густариши равобити дуҷониба мусоидат мекунанд.

Маркази асосии ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон ин кафедраи филологияи Ҳинду Покистон дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон мебошад. Кафедраи филологияи Ҳинду Покистон соли 1983 таъсис ёфтааст ва то имрӯз дар ҷумҳурӣ маркази асосии тайёр кардани кадрҳои шарқшиносии маҳаллӣ доир ба забону адабиёти Ҳинду Покистон мебошад [7]. Саҳми яке аз асосгузорони ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон, гирандаи ҷоизаи "Падмашри" профессор Ҳабибулло Раҷабов дар рушди ҳиндшиносӣ дар Тоҷикистон калидӣ аст. Профессор Ҳабибулло Раҷабов муаллифи китобҳо ва мақолаҳои зиёди адабӣ, фарҳангӣ ва таълимӣ мебошад. Китобҳои машҳури Ҳабибулло Раҷабов ба монанди "Адабиёти ҳиндӣ дар давраи нав", "Ин аст Ҳиндустон", "Ташаккул ва инкишофи ҳикояи муосири ҳиндӣ", "Адабиёти қадимаи Ҳиндустон", "Ҷараёнҳои адабӣ дар адабиёти ҳиндӣ" ва ғайраҳо хонандаро бо адибон, ҷараёнҳои адабӣ, таърих, фарҳанг, забону адабиёт ва урфу анъанаҳои мардуми ҳинд шинос месозанд. Инчунин дар омӯзишу тадқиқи забон ва адабиёти ҳиндӣ саҳми устодон ва забоншиносон Раҳматуллоева Зарина, Нурова Марямбӣ, Ғаффорова Замира, Ёрова Сабоҳат, Латипов Алихон ва дигарон назаррас аст.

Маркази дигаре дар Институти омӯзиши масъалаҳои давлатҳои Осиё ва Аврупо – и Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунад, ки маркази фарҳангӣ ба номи олими бузург Раҳул Санкритяян мебошад. Ин марказ соли 2018 аз тарафи вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Ҳиндустон ифтитоҳ гардида буд ва имрӯз ҳамчун маркази тадқиқотӣ ва омӯзиши масъалаҳои гуногуни адабиёт, таърих, иқтисод ва сиёсати Ҳиндустон фаъолият мекунад. Кормандони ин марказ Мирсаид Раҳмонов, Нигина Душанбиева, Турсунмурод Турсунов ва дигарон дар соҳаи ҳиндшиносӣ тадқиқотҳо намуда, мақолаҳои худро пешниҳод мегардонанд. Маводҳои илмӣ ва мақолаҳои пешниҳодгардида на танҳо фарҳангиву адабӣ, балки соҳаҳои дигарро низ фаро мегиранд.

Кафедраи филологияи ҳиндӣ дар Донишкадаи давлатии забонҳо ба номи Сотим Улуғзода низ аз соли 2018 фаъолияти худро ба роҳ мондааст, ки ҳамасола донишҷӯёни зиёде ин Донишкадаро хатм мекунанд. Устодони ин кафедра дар баробари омӯзондани забону адабиёти ҳиндӣ ба донишҷӯён,  боз ба навиштани китобҳои дарсӣ ва тарҷумаи баъзе китобҳои ҳиндӣ машғул мебошанд. Бо дастгирии сафорати Ҳиндустон ва Ҷамъияти

дӯстии Тоҷикистону Ҳиндустон дар донишгоҳи шаҳри Панҷакент, Конибодом ва Хоруғ низ гӯшаҳои омӯзишии Ҳиндустон таъсис ёфта, фаъолият мекунанд [6].

Барои боз ҳам густариш додани равобити илмӣ-фарҳангӣ миёни ду кишвар Маркази фарҳангии Ҳиндустон ба номи Свами Вивекананда дар Душанбе фаъолияти худро ба роҳ мондааст, ки дар инҷо дарсҳои рақси катҳак (рақси класикии ҳиндӣ), табла, йога, забони ҳиндӣ ва санскрит аз ҷониби устодони ботаҷрибаи ҳиндустонӣ гузаронида мешаванд. Дарсҳои катҳак ва табла дар як ҳафта 5 маротиба баргузор гардида, хоҳишмандонро бо фарҳангу санъати Ҳиндустон ошно месозанд. Инчунин шогирдони ин марказ дар барномаҳои гуногуни фарҳангӣ иштироки фаъолона доранд. Курсҳои шашмоҳаи омӯзиши забони ҳиндӣ якчанд гурӯҳҳоро дар бар мегиранд аз ҷумла гурӯҳи русӣ, тоҷикӣ ва гурӯҳи пешрафта, ки дар як ҳафта се маротиба забони ҳиндиро меомӯзанд.[4] Аз ҷониби ICCR (Indian Council for Cultural Relations) устодони ҳиндӣ барои омӯзондани забон ва санъати ҳиндӣ ба ин марказ ҷалб мегарданд. Тавасути ICCR таълимгирандагони ин марказ имконияти дар донишгоҳҳо ва марказҳои илмӣ ва фарҳангии Ҳиндустон омӯхтани катҳак, табла ва забони ҳиндиро доранд. Инчунин зинаи бакалавр ва магистратура дар якчанд донишгоҳҳои Ҳиндустон барои довталабот ва хатмкардагони донишгоҳ ва донишкадаҳои Тоҷикистон ройгон ба роҳ монда шудаанд. То имрӯз миқдори зиёди донишҷӯёни донишгоҳҳо ва марказҳои илмиву фарҳангии Тоҷикистон курсҳои кӯтоҳмуддат ва дарозмуддатро дар Ҳиндустон гузашта таҷрибаи хуб гирифтаанд. Ғайр аз курсҳои омӯзишӣ дар Ҷумҳурии Ҳиндустон фестивали фарҳангии Сураҷкунд мунтазам баргузор мегардад, ки санъаткорону фаъолони маркази фарҳангии Ҳиндустон дар Тоҷикистон санъату фарҳанги миллати тоҷикро дар ин гуна фестивалҳо муаррифӣ мекунанд. Ҳамчунон дар доираи муносибатҳои дуҷониба санъаткорони машҳури Ҳиндустон дар Тоҷикистон намоишҳои гуногунро пешкаши дӯстдорони суруду мусиқӣ ва рақси ҳиндӣ мегардонанд. Ҳафтаҳои синамои ҳиндӣ низ чун солҳои пешин дар Тоҷикистон соли ҷорӣ гузаронида шуда буд, ки тули панҷ рӯз филмҳои машҳуру ибратомӯзи ҳиндиро пешкаши тамошобинон гардонида буд. Ҳамкории дигаре, ки тавасути барномаҳои он кормандони корхонаҳои гуногуни Тоҷикистон барои такмили ихтисос ба курсҳои кутоҳмуддати аз 1 то 6 моҳа ба Ҳиндустон сафарбар мешаванд, ин ITEC (Indian technical and economic cooperation) мебошад. Барномаи ҳамкории техникӣ ва иқтисодии Ҳиндустон (ITEC) соли 1964 ҳамчун як барномаи дуҷонибаи кӯмаки ҳукумати Ҳиндустон оғоз шудааст. Ҳоло ин барнома доираи васеи фаъолиятро дар бар мегирад, аз қабили ба номзадҳо аз кишварҳои шарики ITEC додани омӯзишҳо дар Ҳиндустон, иҷрои лоиҳаҳо ва фаъолиятҳои марбут ба лоиҳа, аз барномаҳои техникӣ-иқтисодӣ, гузаронидани сафарҳои омӯзишии коршиносон аз кишварҳои шарик ба муассисаҳои гуногун, марказҳои таълимӣ ва дигар ҷойҳои ҷолиби диққати Ҳиндустон ва расонидани кӯмак барои рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ. Дар доираи ин барнома, Ҳиндустон имрӯз зиёда аз 10,000 стипендияро бо фарогирии 47 муассисаи таълимӣ пешниҳод мекунад. Зиёда аз 140 кишвар ва даҳ созмони бисёрҷониба шариконы ITEC-и Ҳиндустон мебошанд, ки Тоҷикистон аз ҷумлаи онҳост [5]. Дар доираи ин ҳамкорӣ нафарони зиёде дар Ҳиндустон ба курсҳои кутоҳмудат фаро гирифта шуда такмили ихтисос намудаанд, ки ин ба рушду густариши муносибатҳои дуҷониба дар соҳаи илму фарҳанг мусоидат мекунад.

Шабакаи бурунмарзии “Овози тоҷик”, ки қаблан ҳамчун идораи барномаҳои бурунмарзӣ фаъолият дошт, моҳи октябри соли 1949 бо ташаббус ва дастгирии академик

Бобоҷон Ғафуров рӯи кор омад. Бояд гуфт, ки дар байни ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ Тоҷикистон аввалин шуда, шунавонидани барномаҳои бурунмарзиро оғоз намуд.[8] Аз соли 2007 дар Кумитаи Телевизион ва Радиои назди ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Радиои 'Овози Тоҷик' барномаҳои худро бо 8 забон ба роҳ мондааст, ки яке аз онҳо забони ҳиндӣ мебошад. Соли 2008 бахши ҳиндии радиои мазкур таъсис дода шуд, ки тули қариб 15 сол ҳамарӯза муддати 1 соат барномаҳоро бо забони ҳиндӣ пешкаши шунавандагон мегардонад. Радиои 'Овози Тоҷик' муарифгари дастовардҳои Тоҷикистону мардуми тоҷик дар соҳаи илму фарҳанг, иқтисодиёту иҷтимоиёт, сиёсати хориҷӣ, таъриху тамаддун ва дигар соҳаҳои муҳим мебошад. Бахши ҳиндии Радиои "Овози Тоҷик" шунавандагони дохилу хоричро бо хабарҳои тоза, шарҳу тафсир ва гуфторҳои адабии ҷолибу шуниданбоб бо забони ҳиндӣ ошно месозад. Инчунин дар доираи ин барномаҳо шарҳу тавзеҳҳои мутахассисон ва коршиносони соҳаҳои гуногун доир ба мавзӯи муайян пешниҳод мегарданд. Суҳбатҳо бо саёҳон ва санъаткорони ҳиндӣ низ дар рафти ин барномаҳо шунида мешаванд. Аз ҷараёни ин барномаҳо ва суханони ҳамсуҳбатон мушоҳида карда мешавад, ки санъату фарҳанг, забон ва урфу анъанаи мардуми тоҷику ҳинд ба ҳамдигар алоқамандии зич дошта, барои саёҳон, санъаткорон, мутахасисони ҳинд ва забоншиносону таърихшиносон хеле ҷолиб аст. Яке аз самтҳои асосии фаъолияти ин радио, пахши барномаҳои илмиву фарҳангӣ ба шумор меравад, ки барои боз ҳам густариш додани муносибаҳои илмӣ - фарҳангӣ нақши муҳим мебозад. Лозим ба ёдоварист, ки тавассути барномахои бахши ҳиндии шабакаи бурунмарзии "Овози тоҷик" оид ба тоҷикони муқими дигар кишварҳо, махсусан дар бораи тоҷикони муқими Ҳиндустон ва Покистон барномаҳо таҳия ва тақдим мегардад.

Зикр кардан зарур аст, ки дар рушди муносибатҳои илмӣ байди ду давлат таълиф ва тарҷумаи китобҳои бадеиву илмӣ нақши калидӣ доранд. Таълифу тарҷумаи китобҳо оид ба таърих, адабиёт, иқтисодиёт ва фарҳанги Ҳиндустон дар даврони Истиқлолият бешубҳа зиёд гаштаанд.

Ҳабибулло Раҷабов дар китоби худ «Ин аст Ҳиндустон» зикр кардааст: "Мо тоҷикон ифтихор мекунем, ки бо чунин кишвари бостонӣ ва таъриху маданияти ғанӣ дошта, аз давраҳои қадим муносибатҳои илмию фарҳангӣ дорем. Ин муносибатҳо дар давраи шӯравӣ такмил ёфтанд ва дар давраи соҳибистиқлол шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон оҳанги тозаеро касб карданд" [1,75].

Хулоса, мардуми тоҷику ҳинд дар тули таърих, таъриху фарҳанги муштарак ва монандии зиёде ба ҳам доштанд, ки ин наздикӣ ва робитаи дерина дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дубора густариш пайдо намуд. Ҳоло низ ҳамкориҳои Тоҷикистон ва Ҳиндустон дар тамоми соҳаҳо, аз ҷумла, тиҷорат, фарҳанг, илм, тандурустӣ, сайёҳӣ ва ғайра дар ҳоли рушду густариш қарор доранд.

**АДАБИЁТ**:


1. Раҷабов Ҳ. "Ин аст Ҳиндустон." - Душанбе 2007
2. Ҳиндустон Тоҷикистон: 25 соли дӯстӣ (Лексияҳои ҷашнӣ 2017- 2018) -Душанбе "Эр- граф" 2018
3. https://mfa.tj/ru/main/view/26/otnosheniya-tadzhikistana-s-indiei
4. https://www.eoidushanbe.gov.in/page/iccr-activities/
5. https://www.eoidushanbe.gov.in/page/itec-training-programmes/
6. https://www.eoidushanbe.gov.in/page/bilateral-relations-and-visits/

7. https://zoa.tnu.tj/tj/kafedrai-filologijai-indu-pokiston/
8. http://www.ktr.tj/
9. https://www.osiyoavrupo.tj/index.php/mavodhoi-ilmi/maqolaho/item/1342-ro-e-ba-tar-uma-o-va-tar-umon-oi-asar-oi-adiboni-indu-pokiston-dar-to-ikiston

## НАУНО-КУЛЬТУРНЫЕ ОТНОШЕНИЯ ТАДЖИКИСТАНА И ИНДИИ

**ОЛИМОВА НУШОФАРИН**
Магистр ИИПСАЕ НАНТ. Адрес: 734025, Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 33.
Тел: (992) 93-540-06-03. E-mail: nushin_jan@mail.ru

*В данной статье приведена сокращённая информация о направлениях отношений между Республиками Таджикистан и Индия после установления дипломатических связей, где основное внимание уделяется научно-культурным отношениям. Также в работе рассматривается деятельность центров индологии, функционирующих в Таджикистане, которые вносят значительный вклад в издание книг и перевод произведений известных индийских писателей, и организации различных программ, способствующих развитию научно-культурных целей.*

***Ключевые слова**: Таджикистан, Индия, научные и культурные связи, перевод, культурные центры, индология.*

## SCIENTIFIC AND CULTURAL RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN AND INDIA

**OLIMOVA NUSHOFARIN**
MA student of the ISPAEC NAST. Adress: 734025, Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki Avenue 33.
Tel: (992) 93-540-06-03. E-mail: nushin_jan@mail.ru

*This article provides brief information about the directions of relations between the Republic of Tajikistan and the Republic of India after the establishment of diplomatic ties, where the main attention is paid to scientific and cultural relations. The work also examines the activities of Indology centers operating in Tajikistan, which make a significant contribution to the publication of books and the translation of works written by famous Indian writers, and the organization of various programs that contribute to the development of scientific and cultural goals in the period of independence.*

***Keywords**: Tajikistan, India, scientific and cultural relations, translation, cultural centers, Indology.*

# ҚОИДАҲОИ НАШРИ МАҚОЛАҲО БАРОИ МУАЛЛИФОН

Маҷалла мақолаҳоро бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ дар ҳаҷми то 16 саҳифа пазируфта, ҳамроҳи мақола фишурдаи он низ ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ талаб карда мешавад. Фишурдаи мақолаҳо набояд аз 1 саҳифа зиёд бошад. Матни мақола бояд дар принтер бо ҳуруфи андозаи 14 дар як рӯяи коғази сафеди андозаи стандартӣ (А4) чоп шуда, ҳар саҳифаи навишта аз 28 сатр (бо шумули замима ва ҳошияҳо), зиёд набошад. Ҳошияҳои дастнавис: аз боло ва поён – 2,5 см, аз чап ва рост – 3 см. Андозаи фосилаи байни сатрҳо – 0,5 см.

Ба дастнависҳо замима мегарданд:

а) маълумот роҷеъ ба муаллиф (ном, номи падар, номи хонаводагӣ, дараҷаи илмӣ, унвон, ҷойи кор, вазифа, нишонии ҷои зист, шохис (индекс)-и шуъбаи почта, рақами телефони хона ва кор, нишонии почтаи электронӣ (агар мавҷуд бошад);

б) Мақолаи дар компютер чоп шуда, ҳамроҳ бо нусхаи электронӣ пешниҳод мешавад, ки дар он маводи муаллиф ба сурати парванда дар вожапардози Word анҷом шудааст; агар ҳуруфи лотинӣ ё дигар аломатҳо истифода шуда бошад, бояд онҳо бо нишондоди номашон ирсол гарданд.

Сарлавҳаи мақола бо ҳарфҳои хурд ва аз матн бо фосилаи се сатр ҷудо карда мешавад. Иқтибосҳо бо сарчашма дақиқ муқоиса карда шуда, дар охири саҳифа асли онҳо аз ҷониби муаллиф оварда мешаванд.

Феҳристи манобеъ дар охири мақола (бо тартиби алифбо – нахуст ба хатти кириллӣ, сипас бо дигар забонҳои хориҷӣ оварда мешавад; осори як муаллиф дар тартиби хронологӣ дарҷ мешавад) бо шуморагузорӣ ва нишон додани маълумоти зайл оварда мешавад:

а) барои китобҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи асар, шаҳр ва соли нашр, теъдоди умумии саҳифаҳо мисли:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) барои мақолаҳо – ному насаби муаллиф, номи пурраи мақола, номи маҷмӯаи мақолаҳо, китоб, рӯзнома, макони нашр, шаҳр (барои китоб), сол ва шумораи рӯзнома, маҷалла, мисли:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис "Ғуломи озод" // Илм ва ҷомеа", № 2 (10), 2018. –с. 70-78.

Дар дохили матн истинод ба манбаъ дар дохили қавси мураббаъ дода шуда, аз ҳам тавассути вергул ҷудо карда мешавад, мисол: [1, с. 75]; шумораи саҳифаҳои иқтибос бо воситаи вергул ё тире нишон дода мешавад, мисол: [2, с. 72-80].

Дар мақола аз тарафи муаллиф ё муаллифон бояд имзо гузошта шавад.

Дастнавис бояд бодиққат хонда шуда, бидуни ғалат пешниҳод гардад.

Дастнависҳое, ки бидуни риояи талаботи мазкур таҳия шудаанд, баррасӣ намешаванд.

Ҳайати таҳририя дар ҳолатҳои зарурӣ ҳуқуқ дорад мақоларо кӯтоҳ, таҳриру ислоҳ кунад ва ё ба муаллифон ҷиҳати ислоҳ баргардонад. Муаллифон пас аз саҳифабандии мақола онро хонда ризояти худро барои чоп ба таври хаттӣ тасдиқ мекунанд.

Масъулияти ақида ва муҳтавои мақолаҳо бар дӯши муаллифони онҳост.

## ПРАВИЛА ПУБЛИКАЦИИ ДЛЯ АВТОРОВ

К публикации в журнал принимаются статьи объемом не более 16 страниц на таджикском, русском и английском языках. Статьи сопровождаются резюме на таджикском, русском и английском языках, объем которого не должен превышать 1 страницы.

Текст должен быть отпечатан на принтере – размер шрифта 14 – с одной стороны белого листа бумаги стандартного формата (А4). На странице рукописи должно быть не более 28 строк, отпечатанных через два интервала (это относится также к примечаниям и сноскам).

Поля рукописи: верхнее и нижнее – 2,5 см, левое и правое – 3 см. Размер абзацного отступа – 0,5 см.

К рукописи прилагаются:

а) сведения об авторе (фамилия, имя, отчество, ученая степень, звание, место работы, должность, домашний адрес, индекс почтового отделения, номера служебного и домашнего телефонов, при наличии – адрес электронной почты);

б) статья должна быть отпечатана на компьютере и представлена редакции одновременно с CD, содержащей файл авторского материала, выполненного в текстовом редакторе Word; шрифты, если таковые использовались для латинских или иных символов, с указанием их названия.

Заглавие статьи печатается строчными буквами и отбивается тремя интервалами снизу от текста.

Цитаты тщательно сверяются с первоисточником и визируются автором на оборотной стороне страницы. Литература, на которую даются ссылки в тексте, приводится в конце статьи (в алфавитном порядке – сначала на кириллице, затем на иностранных языках; произведения одного автора даются в хронологическом порядке, начиная с более ранних), с нумерацией и указанием следующих выходных данных:

а) для книг – фамилия, инициалы автора, полное название книги, город и год издания, Осиё ва Аврупо № 2, 2019 141 общая число страниц например:

Муллоаҳмадов М. Осори эроншиносӣ, ч.1, Душанбе: Дониш, 2018, - 563 с.

б) для статей – фамилия, инициалы автора, полное название статьи, название сборника, книги, газеты, журнала, где опубликована статья, город (для книг), год и номер газеты, журнала, например:

Раҷабов Ҳ. Тасвири бархӯрдҳои мазҳабӣ дар ҳикояи Иброҳим Ҷалис “Ғуломи озод” // Илм ва ҷомеа”, № 2 (10), 2018. С. 70-78.

Ссылки на литературу в тексте даются в квадратных скобках через запятой, например: [3, с. 272]; при цитировании указываются страницы через запятую или тире, например: [4, с. 272-280].

Статьи должны быть обязательно подписаны автором, а при наличии нескольких авторов – всеми соавторами.

Рукопись должна быть тщательно вычитана и сдана без опечаток. Рукописи, оформленные без соблюдения указанных требований, не рассматриваются.

Редакционная коллегия оставляет за собой право при необходимости сокращать статьи, подвергать их редакционной правке и отсылать авторам на доработку. Авторы читают готовую верстку статьи и в письменном виде подтверждают свое согласие на публикацию.

Ответственность за подбор, точность фактов, цитат, и данных несут авторы опубликованных материалов.

Ба матбаа _____________ таҳвил гардид. Чопаш _____________
ба имзо расид. Коғази офсет. Андозаи 60x84 1/8.
Ҷузъи чопии шартӣ 23,0. Адади нашр 100 нусха.
Супориши № 03

Дар матбааи ҶДММ «МУЛКВАР» ба табъ расидааст.
mehr1981@mail.ru